НЕЪМАТ БОБОЧОН

# ЗИНДАЯТИМ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2005

ББК 84 тоҷик 7-4
Б-74

Муҳаррир ***Гурез Сафар***

Б-74 ***Неъмат Бобоҷон***. **Зиндаятим:** *қисса ва ҳикояҳо*.
— Душанбе: «Адиб», 2005. 256 саҳ.

Дар маҷмӯа қиссаҳои «Хонаи умед», «Зани аскар», «Зиндаятим» ва ҳикояҳои дар солҳои охир навиштаи муаллиф ҷой дода шудааст. Дар қиссаи «Хонаи умед» ҷавонон, ки қаҳрамони асосии асаранду аз душвориҳо наҳаросида, дар аз худ намудани даштҳои ташналаб ва ба бӯстон табдил додани як гӯшаи Тоҷикистони азиз меҳнат мекунанд, тасвир ёфтаанд.

«Зани аскар» бошад, ба мавзӯи солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ,бурду бохти рӯзгори он замон, рафтори номардонаи баъзе роҳбарон, меҳнати содиқонаи халқ дар ақибгоҳ, ғалабаи некӣ аз болои бадӣ бахшида шудааст. Ҳикояҳои нависанда низ ҳаётӣ буда, дар тарбияи хонанда аҳамияти калон хоҳанд бозид.

Б $\frac{4702540202\text{-}28}{\text{М-503}}$ -2005

© Неъмат Бобоҷон, 2005

# ЗИНДАЯТИМ
### *(Қисса)*

Фасли сармо. Ҳаво туф куну ях кун. Шаб аз нисф гузаштааст. Дар кӯчаҳои деҳот, ба қавле, пашша пар намезанад. Танҳо ҳар замон- ҳар замон уллос кашидану нолидани сагон ва дилу бедилон «ваҳ-ваҳ»гӯии онҳо ба гӯш мерасаду халос.

Аз зимистони сахти имсола бошандагони деҳаи Қалъача дар азобанд. Набудани ангишт, тез-тез мурда даргирифтани қувваи барқ, камии ҳезум онҳоро ба ташвиш андохтааст. Аз ин ҷиҳат бисёриҳо ҳамин, ки хӯроки бегоҳирӯзиашонро тановул намуданд, таги кӯрпаи бечорагиашон медароянд.

— Хайрият шаб ҳасту одам нафасашро рост карда, каме дам мегирад ва кӯрпа ҳаст, ки одам ба дарунаш даромада, болояшро бо ҷомакӯҳнаҳо дам карда гарм мешавад, -мегӯянд онҳо.

Дар шаби сард ҳавлии калон боз ҳам бадҳайбаттар метобад. Аз боди сахт вазида истода гӯё, ки манзиле месӯхта бошад дару тиреза, тарнобу шиферҳои бом қирс-қирсу чарс- чарс овоз бароварда, гармии рӯзона гирифтаашонро аз баданашон дур сохта, ях мекарданд. Махсусан ҳамон шаб, ки ҳаво софу осмон мисли оина каб-кабуд буду ситораҳои бешумор сӯи ҳамдигар чашмак зада ба ҳоли як нафар ғарибе ба деҳа баргашта, ба ҳоли як нафар нонзадаю худозада ва раъди маърака гашта нигариста табассум мекарданд. Ва ё кӣ медонад, шояд нафраташон омада ба ҳам мегуфтанд: Одамизотро шири хом хӯрда мегуфтаанд, рост будааст. Набошад, ҳоли ин намакзада то ба ин дараҷа намешуд. Инсона то аз худаш нагузарад, ношукрии неъматҳои парвардигор накунад, ба ӯ озор раво нест. Бар акси ин ҳолаш мо-

нанди ана ҳамин мард мешавад, ки мисли саги аз ҳавлӣ ронда таги дар то рӯз нола мекунад.

...Мансур то таги дари ҳавлиаш бо сад азоб расид. Чор рӯз аст, ки дар роҳ. Бале, чор рӯз пеш зани «нағз» дида аз пасаш рафтааш бе ягон сӯм кафши ӯро пеши пояш гузошта «чор тарафат қибла»гуфт. Барои Сумангулӣ Мансур дигар ҳамчун шавҳар даркор набуд. Охир барои зане, ки «мазза»-и чанд касро чашидаасту ҳоло ҳам аз ин кор дар канор нест, ҳамсари доимӣ чӣ лозим. Бори зиёдатӣ. Халалрасон. Ҳоло Мансур барои Сумангулӣ ҷомаи сиёҳи кӯҳнаеро мемонд, ки дар фасли гармо одам «арақ кардам» гӯён аз вазнинӣ аз танаш кашида ба рӯи сабзаи нами лаби ҷӯйбор чор қат карда ба тагаш мепартояду болояш нишаста, каме фароғат мекунад.

Мансур меларзид. Вай дасташро бо азобе бардошта то дарвоза, ки аз ӯ ҳамагӣ ним қадам дурӣ дошт, бурда бо тамоми қувваташ зад. Вале аз чӣ бошад, ки тақ-тақи дар шунавида намешуд. Шояд ин аз бемадории Мансур бошад. Паст-паст овоз баровардани дар соҳиби ҳавлиро бедор карда наметавонист. Аз ин ҷиҳат «мусофири» таги дарвоза нола менамуд. Ба девор сахт часпида гирифт то ҳар чӣ камтар шамол ба сару рӯи урёнаш расад. Аз хунукӣ дандон ба дандон мезад. Пойҳояш дар дохили туфлии даридаю намкашидааш лаблабу гашта, дигар хунукиро ҳис намекардагӣ шуда буд.

— Мемурам, мемурам, дарро кушо Салима. Наход баъди мурдани ман аз хоб бедор шавӣ. Са…а… — Мансур хост номи завҷаи аввалаашро гирифта фарёд карда оромии мардуми деҳаи сармозадаро халалдор намояд, аммо мадораш нарасид. Овозашро ҳатто худаш базӯр шунавид. Вай бо нохунҳояш деворро харошида ба замин нишаст. Кӯфтагии роҳ, гуруснагӣ, тунукии сару либос, сармои сахт корашро карда буд.

— Наход дар ҳамин ҷо, дар кӯча мурда монам? Наход касе бедор нашавад. Наход, наход…

Мансур то ин дам намехост ҳолу аҳволашро ягон нафар аз ҳамдеҳагонаш бубинад. Аммо ҳоло… Шояд

барои аз хунукӣ намурдан бошад, розӣ буд ягон савобҷӯе дасташро гирифта мадад кунад. Дар ин лаҳзаҳо дӯсту душман фарқ надошт. Душман ҳам дӯст шуда метавонад, ба шарте аз марг наҷот диҳад. Вале канӣ ҳамин хел дӯст, ҳамин хел одам? Фарз кардем шахсе дар чунин бевақтӣ ба коре аз кӯча гузашта чашмаш ба ин сиёҳӣ афтод. Омада магар «ту кӣ, чаро дар ин ҷо истодаӣ ё хоб кардаӣ»гӯён пурсида, дасти мадад дароз карда, сари бе ҳамин ҳам беҷанҷолашро ба ғавғо гирифтор менамояд? Ҳаргиз! Ҳозир мусулмонӣ ба номаш мондагӣ. Замоне шудааст, ки одамон чизи дидагиашонро надидам, шунавидагиашонро нашунавидаам мегӯянд. Кӣ сари беҷанҷолашро ба ҷанҷол мемонад?

Мусофири таги дарвоза мисли саги хунукхӯрда хеле нолид. Ларзон-ларзон як дасташро ба ҳалқаи дар, дигареро ба девор такя дода аз ҷояш хест, вале сонияе нагузашта мисли дарахти пӯсидаи аз шиддати шамол мешикаста гурсос зада афтид. Аз зарби ба дар задани сар, сипас китфи Мансур соҳибҳавлӣ Салима як қад парида бедор шуд. Чанд дақиқа сари кӯрпа нишаста фикр кард:

— Чӣ маро бедор намуда бошад? Замин ҷунбид ё дар хобам тарсидам? — Ва барои он ки дилаш бим накунад наберааш Мирзоҷонро бо дасташ ҷунбонида-ҷунбонида сипас:

— Мирзоҷон, о Мирзоҷон, хез берун бароем, — гӯён бедор намуд. Хоби бачагӣ ширин бошад ҳам, Мирзоҷон тез ҳушёр шуда:

— Ҳа, оча! — Ба берун барои чӣ? — гуфта пурсид.

— Хоби дадаат сахт бурдагӣ барин. Хез, ҳамроҳ гирди ҳавлиро як маротиба давр занем. Ба гӯшам овози гурсӣ карда чизе афтидагӣ барин даромад. Аз дӯст дида душман бисёр. Боз гуфта намешавад…

Модару набера рӯи ҳавлӣ баромаданд. Онҳо чанд қадам сӯи дарвоза рафта, гӯё аз чизе хавотир бошанд, хомӯш истоданд. Боз ҳамон оромӣ.Салима як-ду бор сулфаи сохта намуд. Сулфаи Салима мусофири таги дарвозаро ба худ овард.

— Ту кӣ?

— Занак, ин туӣ? Маро шинохтӣ? Ин ман, падари бачаҳоят. Дарро кушо.

Салима як-ду қадам наздиктар омада:

— Ту кӣ? — гуфта пурсид.

— Намешиносӣ?! Ин ман… Ман падари..

— Падари бачаҳои ман кайҳо мурда буд. Ҳа мурдагӣ, ту ин хел дурӯғ нагӯй. — Салима ҳарчанд баъди гузашти солҳо соҳиби овозро зуд шинохта бошад ҳам ба наберааш Мирзоҷон сир бой надода:

— Биё, рафтем, кадом арақ-парақ хӯрда роҳи ҳавлиашро гум кардагӣ барин. Биё тезтар, боз шамол назанад, — гуфта ӯро ба хона гирифта бурд.

Мирзоҷон даруни кӯрпа даромада «хунук будаасте» гӯён ба болояш ҷомаю кӯрпачаҳоро кашид ва чанд дақиқа нагузашта хур-хур овозаш баромад. Аммо хоб аз фарқи сари Салима парида буд. Вай рӯи кӯрпа печида нишаста ҳис намуд аъзои баданаш меларзад. Бале, тамоми вуҷудаш аз хунукӣ ва воқеаи ғайричашмдошт шунидани овози мардаки сангдилаш меларзид. Вай сарашро болои зонуяш гузошта фикр мекарду фикр мекард. Хаёлаш ба ҳар тараф мегурехт:

— Чӣ кор кунам? Баромада дарвозаро кушоям ё не? Охир дар берун, дар кӯча, шавҳари чашм кушода дидаам, ганда бошад ҳам, падари фарзандҳоям сагвор нола дорад. Илтиҷо мекунад, ки дарро кушоям. Ӯро ба ягон кунҷи ҳавлӣ ҷой диҳам. Албатта ӯро азоб сахт намебуд дар ин як поси шаби сармои зимистон ҳавлиашро кофта намеомад. Ҳарчанд чордаҳ сол боз ӯ шавҳари ман нест, вале одам-ку? Боз ду нафар «нишон»дорад. Рафту дар сармо, дар таги дар мурда монад, гуноҳи азим мешавад. Мардум хоҳ- нохоҳ маро айб мекунад.

Дили модар маҷбур сохт аз ҷояш хеста ихтиёран ба таги дарвоза равад. Ҳатто калидро аз мехи зангзадаи чанд сол пеш ба девор зада гирифта, хост қулфро кушояд. Аммо ҳамин ки навбати кушодани халқаи дар шуд, ӯ якбора худро ба қафо кашид:

— Ман чӣ кор карда истодаам? Охир, ду нафар фарзанди калону ду нафар келин дорам. Дарро кушоям,

ин мард ба ҳавлӣ медарояд. Баъд онҳо пагоҳ чӣ мегӯянд? Ба болои ин ҳаққу ҳамсоя, дӯсту душман ҳаст. Кошки онҳо аз паша фил насозанд.

Салима боз омада ба хона даромад. Чанд дақиқа болои кӯрпа нишаста дасту пояшро мулоим намуд. Ҳис кард ки дарвозаро касе мекӯбад, мехарошад. Дағалдағал овози нолааш мебарояд…

— Худо ҳақбин аст. Вай рафтору кирдори ҳар касро дида «мукофот»-и амалашро медиҳад. Аслан ба ӯ ин азоб ҳоло кам. Нонро пеши по зад. Савдогару чор танга пулёб шуда буд, ки қадаммониаш дигар шуд. Худоро худойбердӣ барин намешинохтагӣ шуд. «Фарбеҳгиро гӯсфанд мебардорад» мегӯянд, рост будааст. Набошад, ман аз кӣ кам будам. Шал не, кӯр не. Аз дастам ҳама кор меомад. Шукр ду нафар барра барин писар доштам. Вай аз бекасиям истифода бурда маро дар ҳавлӣ, назди мӯйсафедон танҳо партофта рафт.

Салима сарашро болои кӯрпае, ки ду зонуяшро пӯшида нарм менамуд гузошта, воқеаи дар тӯли наздик чордаҳ сол шуда гузаштаро як-як чун лентаи кино пеши назар овард...

Зиндагии рӯзҳои аввали ҳаёти якҷоя бад набуд. Мисли дигарҳо хоҷагӣ ба онҳо замин дод. Ба болои ин зану шавҳари ҷавон дар колхоз кор мекарданд. Маҳсули меҳнаташон онҳоро мехӯронд, мепӯшонд. Баъд онҳо соҳиби фарзанди нахустин гардиданд. Худо барра барин писарча дод. Ана –мана нагуфта Шӯҳратҷон дусола шуд. Дасти ӯро ҳалол накарда, худо Шокирҷонро дод. Хурсандӣ болои хурсандӣ. Ҳардуяшро якҷоя тӯй мекунем, — ният карданд зану шавҳари ҷавон. Вале барои ин маблағӣ иловагӣ лозим буд. Ҳамдеҳагиҳояш ҳамин тавр рафтор мекунанд: Ҳамин ки кӯдак се-чор моҳа шуд, карнаю сурнай монда, аз машриқ то мағриб ёру дӯстро хабар намуда, тӯй мекунанд. Дар ҷамъият зиндагӣ карда аз он берун буда наметавонӣ. Шаҳри якчашма равӣ, бояд якчашма шавӣ. Деҳа, орият. Дигарҳо тӯи ба салла кунанду ту накунӣ, оши дигарҳоро хурию ош карда надиҳӣ, фардо ягон бедаҳан ягон гап гуфта, ё таъна заданаш мумкин?

Мансур чор тарафи масъаларо фикр кард. Бо Салима маслиҳат намуда ба хулоса омад: Бо чунин даромаде, ки ҳозир оилаашон дорад, як умр кор кунанд ҳам, якашон ду намешавад. Нони хӯрдаю рӯзи гузашта.

— Шӯҳратҷон, — гуфт ӯ сӯи Салима, — бо ин аҳвол зиндагиро пеш бурдан мумкин нест. Дуруст аст, ки хонаю дар, тани сиҳат, як порча замин дорем. Лекин ҳамаи ин баъди ба дунё омадани Шӯҳратҷону Шокирҷон камӣ мекунад. Баъд мӯйсафедҳо пир шуда мондаанд. Мо ҳам падару модар, мисли дигарҳо дар дил умеду орзу дорем. То кай давлати падару модарро мехӯрем. Онҳо хонадор карданд, вазифаашон ичро. Аробаи онҳоро акнун мо бояд кашола кунем. Ба савдо машғул шудан даркор.

— Бо ин гапҳо, шумо, дадеш, чӣ гуфтанӣ?

— Хаёлам, бо ду –се нафар рафиқон ҳамроҳ шуда ба маркази вилоят равам. Он ҷо шаҳри калон. Хариду фурӯш карда, чор танга оқибандоз намудан мумкин.

— Худатон медонед. Агар ба чунин хулоса омада бошед, ман чӣ ҳам гуфта метавонам.

Ба ин фикр падару модар ҳам розӣ шуданд.

Баъди ин Мансур азми сафари шаҳри Хубон намуд. Азбаски масофа дур буд ӯ ҳафтае ё дар даҳ рӯз як маротиба, баъзан аз ин ҳам дертар ба хонааш меомад. Ва ҳар дафъа ба рӯзгораш майда- чуйда мекард, бо нияти тӯи писарчаҳо баъзе чизҳоро мехарид.

Дар тиҷорат кораш омад намуд. Як сол нагузашта Мансур қариб тамоми асбобу анҷоми тӯйро тайёр намуд. Як сар гӯсфанди чории наздик панҷоҳ кило гӯшту равған дошта ҳам харида монд. Пули карнайчӣ, санъаткоронро ҳам ҷудо кард.

— Баъди як –ду моҳи дигар тӯйро сар кунем, мешудагист, — маслиҳат намуд бо падару модар, бо Салима. — Охир, мегӯянд, ки дар рӯзи тӯй ҳам пули бисёр даркор. Ба нонвой, домуллоҳо, гузарҳо, хабарчӣ, ошпаз пул медиҳӣ. Пул чирки даст. Вай забон надорад. Сарф кунӣ бурафтан мегирад.

— Майлаш, — розӣ шуданд аҳли байт. — Худо барори коратро диҳад, — даст бардошта дуо намуд

падар. — ҳеҷ гап не, ду-се моҳ дер шаваду бамаънӣ шавад.

— Тӯи аввал душвор, — ба гап ҳамроҳ шуд Салима. — Зиёфати занҳо ҳаст. Ба ғайр аз ошу нон боз матоъ даррондан даркор.

— Ғам нахӯр, духтарам. Мӯлаш рафту камаш монд. Худо хоҳад ҳамааш мешавад. Ними хайра худоя худаш осон мекунад. Аз куҷо омада ба куҷо меравад, чӣ хел корат буд мешавад, надониста мемонӣ. Чӣ арзон, чит. Мансурҷон як бандашро гирифта биёрад, дидӣ, ки ба олам расидааст, — тасалло дод падарарӯсаш.

Салима нағз дар ёд дорад. Ин маслиҳати охирини аҳли байт буд. Баъди ин чашми бад расид ё касе онҳоро хунук намуд магар, ки аз ҳамдигар дур шудан гирифтанд. Айшу ишрати зиндагиашон талх гардид. Тӯй баъди ду-се моҳ не, балки баъди шашсола шудани Шӯҳратҷону чорсола гардидани Шокирҷон барпо гардид. Дасти набераҳоро маҷбур мӯйсафеди ҳафтоду панҷсола Мазбутбобо ҳалол намуд.

— Писарам мурдагӣ, -аз чаҳлу қаҳр мегуфт ӯ. — Ҳа, аз ин хел аҳвола мурад, ҳазор маротиба беҳтар. Одам як бор ё як сол месӯзаду ба тақдир тан медиҳад. Ҳоло бошад, ман ҳар рӯз дар азобам. Бефаҳм набошад, зану бачаҳои гул баринашро партофта, аз паси кадом як чал… меравад. На рӯи ману модари пираш гуфту на зану бачаҳояшро. Намедонам вай падарлаънат чӣ хел Мансурро ин қадар сахт ба худаш гарм карда гирифт. Пагоҳ-фардо Шӯҳратҷони гадоиям мактабрав мешавад. Вай фарзанди бандаи мусулмон. Шокирҷон ҳам чорсола шуд. Дасташонро ҳалол накунем, одамҳо, дӯсту душман чӣ мегӯянд. Бедаҳан бисёр.

Мазбутбобо келинашро чун фарзанд дӯст медошт. Қарсақ аз ду тараф будааст. Салима аз рӯзи аввал дар ин даргоҳ келин не, балки гӯё духтарашон буд. Аз дасташ ҳама кор меомад. Пухтупаз, шустушӯ, дӯзандагӣ. Ба замин кор кардан, нигоҳубини чорворо намегӯед. Ҳамаи ин як тараф буду рафтори хубу забони ширинаш як тараф. Ҳамсояҳо ҳавас мекарданд чунин келинро, ҳасад мебурданд бар чунин келин. Лекин ҳаётро бинед.

Бахти на ҳамаи хубону некон сафед мешудааст. Ин ба он монанд, ки аспи тозӣ бо мақсади шӯҳрат овардан ба соҳибаш худро ба ҷар ҳам ҳаво медиҳад, бехабар аз он ки пояш мешиканад. Ин ба он мемонад, ки бедонаи хушовоз ҳамеша дар қафасу баракси ӯро касе кордор нест. Ин ба он монанд, ки гулрухонро мардон зери чодар нигоҳ медоранду аз либоспӯшӣ, роҳгардиашон рашк мебаранд, аммо сабукпоёну бадрӯёнро касе кордор нест…

— Зиқ нашав духтарам, -мегуфт Мазбутбобо ба Салима, — то ману модарат зинда ҳастем, туро хор шудан намемонем. Як тӯи Шӯҳратҷону Шокирҷон бошад, қарзу қавола карда мегузаронем. Мансур ягон рӯз сараш ба девори лаҳад расад, мусулмон шуда, аз роҳи бадаш бармегаштагист. Баъд дидӣ, ки об ба лаби ҷӯй баробар шудааст, — тасалло медод мӯйсафед ба келину кампираш.

Салима чизе намегуфт. Ҳарчанд дили ҷавони ӯ шавҳар мекашид. Мехост мисли пештара фоидаи шавҳарашро бинад, нағз хӯрда нағз пӯшад, аз шавҳардорияш болад.

Тӯи хатна ҳарчанд бе камбудӣ гузашта бошад ҳам, ба назари Салима рӯзи азоро мемонд. Шӯҳратҷону Шокирҷони падардори бепадарро аз рӯи расми деҳа барои пӯшонидани либосҳои тӯӣ ба хонаи мӯйсафедон бурданд. Имоми деҳа, ки дар пешгаҳ менишаст, аз ҷояш хеста ба миёнатари хона омада ба шаҳбачаҳо тоқию ҷома, мӯзача пӯшонида ба сарашон сала баст ва миёнашонро бо рӯймолча аз рӯ баста дуои нек намуда, фотиҳа дод. Сипас Мазбутбобо Шокирҷонро ба бағал гирифта, набераи роҳравакаш Шӯҳратҷонро даст дошта рӯи ҳавлӣ баровард. Ёру дӯстон аз болои сари бачаҳо тангаю сӯм чошида «муборак шавад, муборак шавад» мегуфтанд. Бобо, ки аз вазнинии набераааш аллакай хаста шуда буд, Шокирҷонро ба дасти духтараке супорида, хост нафасашро каме рост намояд. Ногаҳон чашмаш ба Салима афтод. Дид, ки келинаш ба дасти писарчаҳояш пул дода истода, онҳоро як-як нарм –нарм бӯсида, ашк мерезад.

Пири ҳаётдида рамуз гирифт. Фаҳмид, ки ашки Салима ашки шодӣ нест. Рафтори келинаш боборо сахт мутаассир сохт. Дилаш чанд сония гӯё аз кор монд. Вуҷудашро араки сард пахш намуд. Саҳл монда буд сараш чарх зада, афтад. Асояш ӯро такядору мададгор гашт.

Ғурбати сахт одамро аз пой меғалтондааст. Бобо ҳаракат намуд ҳолашро дигарҳо нафаҳманд. Бохабар, ки гаштанд, мурдаро монда тутхӯрӣ барин, тӯй вайрон мешавад. Аз гулӯи касе ош намегузарад.

— Ё, худо, шарманда накун. Сиҳат саломат тӯй гузарад, ҷонамро гирӣ ҳам ман розӣ. Ба болои зиндаятимӣ набераҳо бе бобо монанд, чӣ мешавад? Тӯи онҳо ба азо табдил меёбад. Он вақт ҳолу аҳволи ин хонадонро дида мурғони ҳаво мегирянд. — Ин фикрҳо барқвор аз сари Мазбутбобо гузашт…

Мӯйсафед он бегоҳ бемору бистарӣ гашт. Ёру дӯсти дар тӯйхона монда аз ин ҳодисаи ғайричашдошт ба талвоса афтоданд. Онҳо худ ба худ ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Чанд нафар ҳамроҳи Салима, кампири мӯйсафед ба нигоҳубини бобо, даъват намудани духтур, дуруст кардани ҷои хоби ӯ машғул гашта бошанд, гурӯҳи дигар ба ғундоштани дастархону кӯрпача, кандани деги ош, пӯшидани оташдон, ҷамъ намудани хараку курсӣ ва кат овора буданд.

Баъзеҳо аз беморӣ ва бистарӣ гардидани мӯйсафед хавотир шуда:

— Мазбутбобо бекор шудагӣ. Сураташон одам. Ғами Мансур он касро аз пой афтонд. Илоҳим наму-ранд. Ба Салима мушкил мешавад, -мегуфтанд.

— Ҳоло он кас бақувват, -илова менамуд дигаре, -пирӣ, даву ғеҷи чандрӯзаи тӯй мумкин хаста карда бошад, имшаб нағз хоб рафта дам гиранд, худо хоҳад нағз шуда мехезанд.

Салима ба сари бистари бобо нишаста, бо рӯймол ҳар замон араки пешонӣ, ашки чашмони боборо тоза намуда, шамол медод. Оҳиста-оҳистаю вазнин-вазнин нафаскашии мӯйсафед дили Салимаро ба ҳар кӯча мебурд.

Мӯйсафед ҳар замон чашм кушода, гӯё чизе ё касеро ҷустуҷӯ мекарда бошад, ба чор тараф менигарист. Баъд худ ба худ пичирроси нофаҳмои зери лаб намуда, ишорати «об деҳ»-ро мекард. Назокат-апаю Салима боборо ҳароҳи болишт оҳиста бардошта як-ду қулт об нӯшонданд. Сипас мисли аввала сарашро озор надода ба болин монданд.

— Бобоят писарашон- Мансурро мекобанд, -гуфт пири ҳаётдида, ҳамсари мӯйсафед Назокат-апа. Дилкашолиашон ҳамон. Дар зиндагӣ як бор чашм ба чашм афтода, додою бачагӣ карданӣ. Ганда бошад ҳам, фарзанд. Торафт вазнин шуда истодаанд. Ягон касро ёфта ба суроғи Мансур фиристоданамон даркор. Набошад, мӯйсафед беҳуда азоб мекашанд.

— Дирӯз як кас ба хабари тӯй рафта омад. «Фалонӣ, биё, писарчаатро хатна мекардаанд»гуфта. Он кас ба рӯзи шодии фарзандҳояшон наомаданд. Имрӯз боз одам рафта «падарат бемор» гӯяд бовар мекарда бошанд? — гуфт Салима.

— Хабар надиҳем ҳам намешавад, духтарам. Як даҳон гӯем, шунавад, биёяд, набиёяд худаш медонад. Баъд айб аз мо намемонад. Ту камакак ба назди бобоят шин. Боз танҳо намонад. Ман як сари қадам ба хонаи Исҳокҷон рафта биёям. Онҳо ҷӯраи наздик буданд. Агар бошад, зорию тавалло мекунам. Шояд инсоф диҳаду равад. Вай равад, муаллим-дия, ҳамаи гапро ба ҷӯрааш фаҳмонида метавонад. Мансур кофир шуда бошад ҳам дар дилаш раҳм пайдо мешудагист. Наход дилаш ба падараш кашол шуда ҳамроҳи ҷӯрааш баромада наояд? Агар рафту ин дафъа ҳам наояд, баъд худаш медонад. Дигар суроғ намекунем. Ман мурам ҳам, хабар надеҳ. Насиҳати пешакии ман ҳамин. Аз ёд набарор, духтарам. Боз ба як ғариб ягон ғарибкаш ёфт мешудагист. Он вақт дидӣ, ки мисли бачаи Султони калта як умр аз деҳа бадарға барин мегардад. Мегардаду синну солаш ки ҷое расид, боз ҳамон қишлоқаш, боз ҳамон хонаи камбағалӣ суд мекунад. Бин духтарам, аҳволи ҳозираи Охунро. Аз гадои кӯча ҳам бадтар. Ягон кас «ту чуту кучукӣ»намегӯяд. Хешу табор, ёру дӯст ҳама безор.

«Рӯяш дар гӯр» мегӯянду афту башараашро дидан намехоҳанд. Танҳо хоҳараш ба бало мондагӣ. Хоҳар синаи раҳм-дия. Ҳамон гоҳ-гоҳ хабар гирифта, як коса-ним коса аз ризқи бачаҳояш зада, ба вай хӯроку нон бурда медодааст. Охунро кӣ ба ин аҳвол оварда расонд, шояд пурсӣ духтарам. Худаш мисли шавҳари ту нонро пеши по зад. Бачаи камбағал роҳравӣ, поймониаш дигар шуд. Чор сӯм ёфта буд, ки аз паси занҳои сабукпой рафт. Ин хел занҳо то пулатро тофта хӯрдану саломатиат нағз будана. Бечора падару модараш. Писари яккаю ягонаамонро аз роҳи бад гардонем гуфта таги дари ягон фолбину домулло намонд. Буду шудашонро сарф карданд. Ягонтоаш фоида накард

Модари Охун- Раҳимаой аҷаб занак буд. Духтари хоҳарашро «азони худ хор шуда ба дида назадааст» гӯён келин кард. Аҷаб духтараки зебо буд. Чор кас медидагӣ. Аслаш ин хел ҷавонҳо садқаи ҳамин хел зан шаванд. Як сол нагузашта худо тезу тунд ба қадаш дод. Мисли ту (Назокат апа сӯи Салима нигоҳ карда) бачадор шуд. Охуни кӯрнамак таваллуди занашро нигоҳ накарда монда рафт. Тӯй карданд, наомад. Бечора занаш азони худӣ, ки буд, як сол не, ҳашт сол хизмати падару модари Охунро кард. Интизор шуд. Аммо аз гӯрсӯхта Охун на хат буду на хабар. Хушдоману бобояш розӣ шуданд. Маҷбур баромада шавҳар кард…

Раҳимаой дар алами келини гавҳараш-духтари хоҳараш сӯхт, тоқат карда натавониста тез обу адо гашт. Дере нагузашта вафот кард. Охун ба гӯру чӯби модараш наомад. Баъди як сол падараш вафот намуд. Мӯйсафед, ба хаёлам, ба худаш марг талабида аз дунё гузашт. Намедонам, хабар доданд ё не, ҳаминаш маълум, ки дар ҷанозаи падараш ҳам набуд.

Як рӯз шунавем, Охун омадааст. Ман-ку надидаам, афту андоми ин хел одамҳоро хоки мазор панаҳ кунад, лекин дидагиҳо мегӯянд: башарааш худи зангиҳо барин. Пӯсту устухон, дар сар тоқии кӯҳна, дар тан нимтанаи зарди чиркини ҳар ҷо-ҳар ҷояш роға шуда, дар пояш мӯзаи резинӣ дарида доштааст. Чашмонаш ба

фарқи сараш нишастагӣ. Гап занад, аз харобӣ бошад ё камқувватӣ лабонаш ба ду тараф мегурехтааст.

Назокат-апа саргузашти Охунро ба келинаш нақл карда истода ҳар замон-ҳар замон аз Салима рустӣ гиребонашро дошта дар дилаш тавба мекард. Рафтори Мансур аз рафтори Охун бадтар.

— Наход... Наход воқеаҳои аз сари Раҳимаой гузашта ба сари ман ҳам ояд. Охир, ман ягон бор ба Раҳимаой осон надоштаам, ба ҳолаш нахандидаам ё таъна назадаам. Баракс дилам ба ҳоли ӯ месӯхт. Мори газанда он рӯзҳоро набинад, мегуфтам. Фарзанд калон карда оқибат гунаҳкор шавӣ. Фарзандат сабабгори маргат шавад. Э, худоҷон! Гуноҳи ману ана ин мӯйсафеди бечора чӣ? Фарзанд калон кардем. Буду шуд, нони даҳонангиаморо ба Мансурҷон додем. Шамол назанад, бемор нашавад гӯён дар бист қабат печонида, эҳтиёт намуда ба воя расонидем. Шояд гуноҳи падару модар ҳамин бошад. Дар пириамон асо гардад, гуфтем. Баракс, Мансур аҷали падар шуд. Шояд рӯзе аҷали ман ҳам гардад. Умри ин касро чандин сол кӯтоҳ кард. Мӯйсафед, ки ба орият буданд, мисли кундаи хушк дуд карда, тез дар гирифта, хокистар гаштанд. Имрӯз... Назокат апа хаёл карда монд, имрӯз аҳволи он кас ниҳоят вазнин. Кӣ медонад, боз чӣ қадар дону ризқашон мондагӣ. Танҳо як чиз маълум: Мӯйсафед дилкашолӣ доранд. Роҳи писарашонро мепоянд...

Модар баъди келинашро як бори дигар таъкид намуда «боз аз ҷоят наҷунбӣ, бобоятро танҳо намон-а» гуфтан аз хона баромад.

Ҳавлии Исҳок-ҷӯраи як вақтҳо ошхӯри Мансур он қадар дур нест. Ҳамагӣ панҷ-шаш дақиқа вақтро талаб мекунад.

— Писарам, Исҳокҷон, ман туро пушту паноҳ карда омадам, — бе шаф-шаф ба мақсад гузашт модар, - як фарзандӣ мекунӣ. Ё бо зорӣ, ё бо зӯрӣ Мансури ҷӯраатро гирифта набиёӣ, ҳоли амакат хароб. Чанд рӯз боз он кас дар азоб. Мушкилашонро худо осон накарда истодааст. Як дам ба ҳушу як дам бе ҳуш. Ҳамин, ки

ба худашон омаданд, писарашонро суроғ мекунанд. Мепурсанд, омад-мӣ мегӯянд.

— Ҳеҷ гап не, модарҷон, барои шумою амакам албатта меравам, — Исҳоқ сухани модарро ба замин нагузошт.

— Илоҳим барака ёб, аз фарзандонат бин. Хока гирӣ, зар шавад, — болои ҳам чанд дуои нек намуд Назокат апа.

Хубон шаҳри зебои замонавист. Мардумаш мисли номаш хушзабону некхислат, ободкор. Аҳлу тифоқ. Аммо гулистон бе хор намешудааст. Ҳар ҷо ҳабибест, дар паҳлӯяш рақибест. Исҳок- муаллим сабукравсавор фикр мекард: Мешудааст –дия. Ин хел занҳо дар шаҳри мо ҳам ҳаст. Бо рафтори ноҷояи худ чанд оиларо вайрон месозанд. Макри зан-дия. Набошад Мансур ҳам бо осонӣ ғуломи вай намешуд.

Исҳоқ- муаллим чанд ҳодисаи ба ҳам монандро пеши назар овард. Онҳо қариб якранганд. Чӣ ҷои пӯшидан. Ҷавонҳое ҳастанд, ки бо ду-се зан алоқа доранд. Дили ҳамаи онҳоро ёфта, таъминотро баробар намуда, ба лаб қулӯх молида гаштаанд. Ба одамон овоза намекунанд. Фарзандонашонро бинӣ ҳамеша сару либоси озодаю нав. Яке аз онҳо омӯзгори собиқ Кенҷаев. Зану фарзанд дошт. Аммо ба бевае ошиқ шуд. Онҳо солҳои зиёд рафту омад карданд. Инро ҳамсари вай хуб медонист, бохабар буд. Аммо ягон бор арбада накард. Агар ҳамсояҳо ё аз рӯи дилсӯзӣ ё бо мақсади низоъ андохтан дар байни зану шавҳар:

— Ба ҳафт пуштат раҳмат, Солеҳамоҳ. Бо ин хел шавҳар муросо карда гаштӣ. Ҳама дар ҳаваси ту. Ба болоят зан гирифту ягон бор овози баландат намебароядд. Ба ҷои ту дигар зан мебуд, ҳар рӯз як маротиба куртаканию идорабарой мекард. Аслаш гӯр ин хел мардаки гандагашт шавад. Ба роҳи ҳаром, ки рафт, на барака мемонаду на хайр. Ҳамаи зан як зан-дия. Шукр карда дар назди тую бачаҳоят шинад намешавад. Пулу либоси ба вай мехӯрондагию мепӯшондагиашро ба ту, фарзандҳояш сарф кунад, чӣ хел нағз, -гӯянд,

Солеҳамоҳ ҳамаи онҳоро бо тамкин гӯш карда, чанд дақиқа хомӯш истода сипас:

— Он кас мардак бошанд. Дилашон ҳаминро хоҳад, дигар аз дасти ман чӣ меояд. Ҷанҷол кадан қати ҳам чӣ? Ба ғайр аз шармандагӣ, таънасори дӯсту душман шудан, дигар фоидае надорад. Сонӣ, ман беҳуда чиба ба он кас ҷанҷол мекардаам. Бисёр вақт он кас дар хонаи худашон, дар назди фарзандҳо ба ману бачаҳояшон дилкаш-дилкаш анҷомҳоро харида меоранд. Рӯзгорамон, худоба шукр тинҷ. Ҳамин будагист-дия зандорию бачадорӣ. Падару модарашонро дар болои ҳафт қабат кӯрпача шинонда мондаанд.

— Дуои мӯйсафедонро гирем, худо хоҳад кам намешавем, — насиҳат мекунанд ба ман, — гуфта ҷавоб медод.

— Албатта, ҳар корро аз ӯҳдааш баромада тавонистан даркор. Лабу лунҷро наолонида хӯрок хӯрдан ҳам ҳунар аст. Мансур на танҳо лабу лунҷ, балки тамоми вуҷудашро олонид. Ба авлодаш нанг овард. Ин хел бадзотҳо кам мерӯянд. Ва хайрият, ки кам мерӯянд. Набошад… Фарзанди нолоиқ набошӣ, барои як нафар зани кӯчагарди гул карда суд намекардагӣ аз бахри падару модарат, аҳли байтат мебарой? Ин магар аз рӯи ҷавонмардист. Ҳунар дошта бошӣ, рӯи ҳар дуяшро баробар гӯй. Ба қавле, на сих сӯзад, на кабоб.

— Ба рафтан рафта истодам-куя, лекин илоҳо худо ноумед накунад. Инсофашро диҳаду ба гапам дарояд. Ҳамроҳ гирифта равам, бисёр кори савоб мешавад. Мӯйсафеди падараш аз азоб халос мегарданд. Рафту «не» гӯяд. «Ман намеравам» гӯяд, баъд кор чӣ мешавад. Шармандагӣ. Не-е, наход то ин дараҷа сангдил шуда, аз қатори одамгарӣ баромада бошад!? Ҳақиқати ҳолро мегӯям. Ин ҳамааш ҳоло хаёлҳои хому бофтаи ман. Кӣ медонад. Бемории падараш, вазнин будани он кас, ҳар лаҳза номи ӯро гирифта пурсида истодани Мансурро фаҳмад, хавотир шуда, қанот бароварда, ба ман нигоҳ накарда, пештар ҳаракат мекунад-мӣ. Илоҳим ҳамин тавр шавад, худоҷон.

Масофа то рафт кӯтоҳ мешуд. Исҳоқ муаллим аз оинаи сабукрав ба берун нигарист. Аз пеши чашми ӯ майдонҳои беканори пахта, карам, юнучқа, дарахтони тути дар қад-қади ҷӯйборҳо шинонда шуда, ки ҳамчун посбонони дашт меистоданд, тез-тез мегузаштанд. Симчӯбҳои сари роҳ дар давидан гӯё ба сабукрав мусобиқа дошта бошанд, чанд сония ё дақиқае нагузашта, яке ҷояшонро ба дигарашон мегузоштанд.

— Боз камтар монд, -зери лаб пичиррос зад Исҳоқ ба оби дарёи дар тарафи дасти чап буда нигариста.

Оби кӯлҳои барои шолӣ дам карда шуда аз шиддати бод мавҷ мезад. Моҳихӯракҳо болҳои хешро паҳн карда, паи сайд оҳиста парвоз намуда, омада сари мазраи қамишзор ё тунукобаи шолизор менишастанд «Об- ин ҳаёт» хонд Исҳоқ-муаллим дар пештоқи бинои дуқабатае, ки дар ҷазирачаи миёни шолизор қомат афрохта буд.

— Аҷоиботи табиатро бинед. Як тараф теппаи бегиёҳ. Паси он заминҳои ҳамвору зиёди беоби камсамар. Аз таги теппа роҳи мумфарши васеъ мегузарад. Тарафи дигар дарёи калон. Фоидаи онро халқи мо не, бисёртар бегонагон мебинанд. Аз оби дарёҳои мо бепул истифода бурда, миллионҳо тонна пахтаю сабзавот, зироатҳои полезӣ мегиранду раҳмати худоӣ намегӯянд. Боз ҳисси бадбинӣ доранд кӯрнамакҳо. Сабукрав аз ҳамгашти калон гузашта, ба дуроҳа баромад. Ронанда аз рӯи қоида ба роҳи тарафи рост, ки аз баландӣ омада ҳамроҳ мешуд, нигариста, ба бехавф будани ҳаракати нақлиёташ боварӣ ҳосил намуда, ба суръат суръат зам намуд.

— Шумо то куҷо меравед, -пурсид Исҳоқ- муаллим аз ронанда.

— Мо то «Автовокзал» гапзанон кардагӣ, — чашм аз роҳ наканда ҷавоб дод ронанда ва барои тасдиқи фикраш «ҳамин тавр не» гӯён ба мусофири дар паҳлӯяш нишаста мурочиат намуд.

— Ҳамин тавр, ҳамин тавр, -сар ҷунбонида тасдиқ намуд мусофир. Лекин, агар бемалол бошад, то бозор мебурдед, мушкили моро осонтар мекардед. Аз ин

мошин ба мошини дигар фаромадаю баромада сарсон намешудем. Албатта, ҳаққатонро мегиред.

Ронанда чизе нагуфт. Мусофирон нафаҳмиданд, ки гапашон ба ӯ маъқул шуд ё не.

Ба шаҳри Хубон Исҳоқ муаллим на як бору ду бор омадааст. Ҳамчунин панҷ соли донишҷӯӣ, таҳсилаш дар мактаби олӣ дар ҳамин шаҳри зебо гузашта буд. Аз ин ҷост, ки ҳар кӯчаю тангкӯчаи вай барояш чун деҳаи азизаш шинос. Аммо ҳоло ҳамаи ин барои ӯ аҳмият надорад. Мақсади вай ҳар чӣ тезтар бо ҷӯраи даврони бачагияш- Мансур вохӯрда ӯро аз роҳаш баргардонида, аз бемории падараш огоҳ намуда ҳамроҳ ба қишлоқ гирифта бурданӣ. Аз рӯи гуфти Назокат апа бемор дар дами марг. Танҳо барои дидори фарзандаш худо ӯро нигоҳ дошта истодааст. Ба қавли шоир «Интизорӣ аз камоли дӯстдорӣ мекашид».

Исҳоқ муаллим ба сабукрави дигари кирокаш савор шуда, рост ба бозори сабзавот рафт. Ба он ҷое, ки аз гуфти Назокат апа писараш дар он ҷо хариду фурӯш мекардааст. Ӯро борҳо низ ҳамдеҳагиҳояш дар ҳамин бозор дида будаанд. Кори Исҳок омад намуд. Ӯ Мансурро тез ёфт. Хайрият борашро фурӯхта ба хонааш нарафта будааст. Набошад, ёфтан мушкилтар мегардид.

Муаллим аз паси пештахта, ки он ҷо лингаҳои пурбори сабзию пиёз, картошка, карами деҳқонон фароварда ғарам карда шуда буд, гузашта назди Мансур омад.

Баъд оҳиста аз оринҷи ҷӯрааш дошта:

— Ҳа, Мансурҷон, мондаҳои зиндагӣ-гуфт.

— Э Исҳокҷон! Салом, салом! Чӣ хел омада мондӣ, ки ман надидам. Аз осмон афтидӣ ё аз таги замин баромадӣ? Шамоли куҷо парронд. Ҳа, боз ба шаҳрҳои мо? Ё ту ҳам барои фурӯш картошка-партошка овардӣ? Зиндагӣ душвор шуда монд. Махсусан ба шумо барин муаллимҳо мушкил, — паси ҳам гап мезад ӯ.

— Туро кофта омадам, -бе шаф-шаф якбора шафтолу гуфт Исҳоқ.

— Маро?! Тинҷӣ –мӣ? Боз якбора чашмат ба ман парида монд. Мабодо-ку аз ту қарздор-парздор набудам, -гапро ба шӯхӣ бурданӣ шуд Мансур.

— Падарат касали вазнин. Ниҳоят вазнин. Об чаконида истодаанд. Азобашон сахт. Лекин кадом қуввае ҷони он касро дошта истодааст. Мегӯянд, ки ҳамон қувва ту будаӣ. Зеро ҳамин, ки он кас каме ба худ омаданд нимшунавою нимфаҳмо номи туро гирифта: «Мансурҷони ман канӣ? Мансурҷони ман омад» гуфта мепурсанд. Барои ҳамин омадам, ки туро хабардор карда тезтар гирифта барам.

Хабари нохуш Мансурро ба таҳлуқа наафтонид, дар ҳайрат намонд. Баракс бепарвоёна:

— Ҳеҷ гап не, ҷӯра. Одам касал мешавад, боз нағз мешавад. Табиати инсон ҳаво барин гап. Бин дар як рӯз баъзан чанд бор ҳаво дигар мешавад. Як маротиба бинӣ димоғаш гирифтагӣ. Дафъаи дигар осмонро абри сиёҳ пахш мекунад. Лекин ҳар дафъа бориш намешавад-ку. Ё, гапам нодуруст? Ҳоло додои ман бақувват. Аз андак бемории он кас тарсида ба ҳамин қадар роҳ овора шуда омадӣ. Бемориашонро ман шунавида будам. Ду рӯз пеш Саиди ҳамдеҳагиамон гуфта буд. Вай ҳам айнан мисли ту воҳима кард: «Дадот мемуранд. Дадот вазнин. Касалиашон андак-мундак не. Ёру дӯст ҷамъ шуда нишастаанд. Албатта, рафтанат даркор. Наравӣ, баъд як умр пушаймон мешавӣ» гуфт. Маълум мешавад, ки ҳоло ҳам нағз будаанд. Э, ин мардум. Ин қадар воҳимачӣ. Одами сиҳатро хаёлашон, ки аз рӯзаш пеш кушанд. То бурда ба хок супоридан бесаранҷом. Гӯё, ки бемор ба онҳо вазнинӣ мекарда бошад. Гӯё ки вай нону оши дигарҳоро мехӯрда бошад. Хайр, худо дард медиҳад лозим шавад даъво мебахшад. Аз дасти инсон, ману ту, ҷӯраҷон, ҳеҷ чиз намеояд. Мо, ҳама, тамошобини ҳамдигарем. Майлаш, ҷӯра, модоме, ки овора шуда омадӣ, ман сухани туро ба замин намемонам. Лекин мебинӣ, Исҳоқҷон, ду линга картошкаи харидаам чор рӯз ин ҷониб ба фурӯш нарафта истодааст. Инро фурӯхтан даркор. Баъд ба хона, ба келин як даҳон нагӯӣ, намешавад. Барои ҳамин, агар корат зарур набошад, ист. Зарур бошад, майлаш ҷӯраҷон, ба ту ҷавоб. Ту рафта ист. Дераш то пагоҳ ё фардо ман ҳам расида меравам.

— Мансур, ту кала дорӣ ё не? Ё гапро намефаҳмӣ? Ба ту чӣ қиммат? Лингаи картошка ё дидори падар? Ман афсона не, ҳақиқати ҳолро гуфта истодаам. Агар мӯйсафед вазнин намебуданд, ҳоҷати ба ин қадар роҳ оворагии ман набуд. Бечора модарат бо чашми гирёну ашки равон саҳарӣ ба хона омада буданд. Омада, илтиҷо намуданд, ки аз куҷо набошад туро кофта, ёфта гирифта барам. Мақсад, падарат дар азоб намонанд, дар зиндагиашон як бор чашм ба чашм афтетон. Ту бошӣ, ман дар гӯям, девол гуфта, варсақихонӣ карда истодаӣ. Барои падари ман не, барои падари худат меравӣ, фаҳмидӣ. Он кас намебуданд, шояд ту ба дунё намеомадӣ. Аслан ту садқаи ҳамин хел падар шавӣ…

— Чаро тафсида рафтӣ, ҷӯра. Охир, ман «намеравам» нагуфтаам-ку. Меравам, албатта меравам. Танҳо ҳозир не. Ба хона маслиҳат кардан даркор. Мумкин янгет ҳам равад.

— Ҳамин гапҳоро як тараф мон, Мансур! Янга, янга. Бар падари янгат лаънат. Вайро бурда чӣ кор мекунӣ?! Худатро бузбозӣ анохта шармандаи деҳа кардан чӣ? Нағз медонӣ, ки решаи ҳама касофатҳо ҳамин янга. Бе ҳамин ҳам падару модарат, зану бачаҳоят дар ғами ҷудоии ту сӯхта гаштаанд. Ба мӯйсафеди бемор ту, фарзанди ягона, лозим на занат. Мумкин он кас бо ту якумрӣ хайру хуш кунанд. Дидор ба қиёмат монад хуб нест.

— Исҳоқҷон, гапро нафаҳмида оташин нашав. Гуфтам-ку янгаатро напурсида ман рафта наметавонам. Ту бояд маро фаҳмӣ?

— Ҳоло ин тавр гӯй. Шавҳар нашуда мур. Шавҳар ту не вай будааст-дия. Садқаи номи мардӣ шав.— Исҳоқ муаллим қариб буд як торсакӣ ба рӯи ҷӯрааш занад, вале худдорӣ намуд. Ҷои ҷамъиятӣ, мағал бардоштан аз рӯи одоб не, - андешид ӯ. Баъд худро ба даст гирифта:

— Худат медонӣ. Он кас падари ту. Равӣ, барои падарат меравӣ, ҷӯра. Ман қарзамро адо намудам. Ба қавли Саъдӣ.

*Муроди мо насиҳат буду гуфтем.*
*Ҳаволат бар худо кардему рафтем.*

Исҳоқ муаллим бо ҷӯрааш хайру хушро насия намуда тез аз наздаш дур шуд ва сари роҳи калонро пеш гирифт. Истгоҳ серодам буд. Барқасди ин автобусу сабукравҳои мусофиркаш пур шуда меомаданд. Баробари намоён гаштани нақлиёте гурӯҳи мусофирон сӯяш медавиданд, ба сабукравҳо даст мебардоштанд.

Худо мушкили Исҳоқ муаллимро осон намуд. Вай, ки ин аҳволро дида, зиқ шуда меистод, оҳашро гӯё худо шунавид. Паси ҳам чанд сабукрав омада монд. Дар байнашон як тақсии холӣ ҳам буд. Муаллим ба ишорати даст ӯро дошта дарашро кушода ба ронанда то «Автовокзал» мумкин гуфта пурсид.

— Шинед, -кӯтоҳ ҷавоб дод ронанда.

Баъди қариб як километр роҳро тай намудан ронанда ба оинаи пеши мошин нигоҳ намуда, дар он симои Исҳоқро диду пурсид:

— Мабодо-ку Уротеппа намеравед?

— Аз куҷо донистед?— хайрон шуд муаллим.

— Мо, ронандахо, ҳамшаҳриҳои худро аз бӯяшон мешиносем. Ба назарам гарм намудед. Гап ҳамин, ҳозир рост ба «Автовокзал» меравем. Шумо фаромада се нафар мусофир ёбед, тез меравем.

Дар сарои мошинҳо одам бисёр буд. Аз ин ҷиҳат баробари «Кӣ ба Уротеппа меравад» гуфта фарёд намудани Исҳоқ нафарони зиёд давида омада:

— Канӣ мошинатон, чӣ хел мошин, чанд нафар даркор?— гӯён саволборон намуданд.

— Се кас бошад мешавад.

Сабукрав ба роҳ даромад. Дохили мошин хомӯшӣ. Се нафар мусофири дар курсии оқиб нишаста аллакай чашм пӯшида пинак мерафтанд. Кӣ медонад, онҳо аз куҷо омада истода бошанд. Шояд кӯфтагии роҳ ё шабона дар мусофирӣ паи зиндагӣ шуда хоб накарданд. Аз ин ҷиҳат парвои фалак надоштанд: Мошин тез меравад ё суст. Ба куҷо омаданд. Дар роҳ онҳоро нозирон чанд бор нигоҳ доштанд.

Ронанда ҳам ба касе аҳамият надода, бо хаёли хеш ду чашм аз роҳ наканда бо суръати баланд мошин меронд. Танҳо Исҳоқ муаллим ба туғёни хаёлот гӯтта

задааст. Ӯро чизе азоб медиҳад. Барои ҳамин ҳар замон-ҳар замон оҳи вазнин аз сина бароварда «ё тавба» гуфта мемонад.

— Вай намеравад. Аз гапзаниаш маълум. Кадом писар барои дидани падар рафтан бо занаш маслиҳат кардааст. Ҷавон нашуда мур. Аҳмақе аҳмақ. Ба номи мардҳо иснод овардӣ. Ман ҳам содда набошам худамро хору зор намуда, назди вай ба илтимос омадам. Не-я, чиҳо гуфта истодаам. Ман барои вай не, барои Мазбутбобою ҳамсари он кас, рӯйхотири онҳо омадам. Қарзи ҷӯрагиамро адо намудам. Гумон намудам ин аҳмақ баробари шудавидани хабари бемории падар болу пар бароварда шояд хатто ба ман нигоҳ накарда, роҳи деҳаамонро пеш мегирад. Дар дақиқаҳои нафаси охирин мӯйсафедро ба оғӯш гирифта, бӯсида, ашк резонида, узру маъзур карда худро дар назди падар сафеду бегуноҳ мекунад. То он кас дилпур аз ин дунё чашм пӯшанд. Вале, афсӯс, кор ин тавр нашуд. Акнун ман ба.Назокат апа чӣ ҷавоб медиҳам? Ё Мансур баъди омадани ман аз рафтораш пушаймон шуда, худ ба худ андеша намуда ба хулосае меомада бошад?!

Ронанда, шояд хомӯшии дохили мошин ба дилаш зад, ки ба тарафи дасти рост, сӯи Исҳоқ муаллим нигариста:

— Ҳа, муаллим, ягон чӣ гӯед охир, хоби ман набарад.

Аз рӯи қоида мусофири дар паҳлӯи ронанда нишаста гап зада рафтанаш даркор. Шумо бошед, хаёл мекунеду халос. Гӯё, ки ба саратон ягон вазниние омада бошад.

—Вазнинӣ гуфтеду мондед, бародар. Аз ин ҳам бадтар. Ба як масъала омада будам, ҳал нашуд, хафа шудам. Ҳоло мо ҷавон, шояд бисёр чизҳоро нафаҳмем. Кӣ ҳаққу кӣ ноҳақ баҳо ҳам дода наметавонем. Аммо рафтори баъзе ҷинсҳои ба ном одам касро сахт хафа намуда аз дунё мебарорад.

— Тинҷӣ –мӣ, додарам, рафтори киро дар назар доред. Агар пӯшида набошад мо ҳам фаҳмем?

Исҳоқ муаллим, шояд барои гузаштани вақт бошад ё дилашро аз ғусса холӣ намудан, саргузашти мӯйсафеди бемор, зиндаятимии ду нафар кӯдак, рафтори Мансурро нақли батафсил намуд.

— Дар зиндагӣ ин хел фарзандҳо ҳастанд, -гуфт ронанда баъди шунавидани қиссаи Мансур, -онҳо ҳам номи худ ва ҳам номи падару модарро ба замин мезананд. Обрӯяшонро мерезанд, доғдор мекунанд. Бехуда «фарзанди бад оқибат меҳри падар гум мекунад» нагуфтаанд. Аз паси ин хел ҷавонписарони сангдил бисёр оилаҳо вайрон мешаванд, кӯдакон ятим мемонанд. Занҳои ҷавон барои зиндагӣ шуда ба ҳар роҳ мераванд.

— Дар гузари мо ҳам ба ҳамин монанд оилае ҳаст. Аҳволи зиндагии кӯдаконашро бинӣ гиряи кас меояд.

— Наход?!

— Бовар кунед, муаллим. Ҳоло ҳам модари ҷавони шумо нақл намуда зани вазнин, боақлу ботамиз будааст. Азоб кашад ҳам, фарзандҳояшро напартофта ҳам онҳо ва ҳам чолу кампирро нигоҳубин мекардааст. Маълум мешавад, ки фарзанди кадом одами нек, тарбия хӯрда будааст. Аммо дар оилае ки ман медонам, кӯдакон тамоман бесаробон. Пойлучу сарлуч мегарданд… Хайр, ҳар каса инсофаша диҳад. Хор карда, хоҳед нахоҳед як рӯз не, як рӯз хор мешавад. Ин исбот шудагӣ муаллим, -гуфт ронанда.— Дунё ҳамин хел…

Исҳоқ муаллим аз сабукрав фаромада рост ба ҳавлии Назокат апа омад. Модар ба пешвози ӯ баромад. Дид, ки муаллим танҳо, вазъиятро фаҳмидагӣ барин ӯро ба хонаи дигар гирифта бурд.

— Наомад чӣ, -аввалин пурсиши модар ҳамин буд.

— Наомад.Ҳарчанд фаҳмонидам, якравӣ кард.

— Кому забони ӯро занаш бастагӣ. Набошад, якбора ин хел намешуд.

— Исто, ки Исҳоқҷон, амакатро чӣ кор мекунем?! Он кас ҳар дам «Мансур омад-мӣ? Канӣ Мансур» гуфтагиашон гуфтагӣ. Баъди ту боз азобашон сахттар шуд. Ҳолашон ҳам вазнин. Ба хаёлам ҳозир Мансур биёяду чашм ба чашм афтанд, ҷон медиҳанд. Онҳо тарсида истодаанд ки одами гӯру чӯб мекардагӣ

нест. Дина маҷбур шудам ба он кас дурӯғ гуфтам. Хотиратонро ҷамъ кунед, Мансурҷон омада истода будааст. Имрӯз вазъияташон назар ба дирӯза боз ҳам вазнинтар. Чашм хира шуд, одамро намешинохтагӣ шуданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда бо овози нофаҳмою ишора писарашонро омад-мӣ суроғ мекунанд.

— Дигар ман чӣ кор кунам, модарҷон? Вай кӯдак набошад. Бо гапи нағз фаҳмонидам. Нашуд, маҷбур гапи сахт гуфтам. Таъсир накард. Барои омадан розигии занаш даркор будааст.

Дар ҳамин асно аз хонае, ки бемор хоб мекард, Салима давида баромада:

— Модарҷон, тез биёед, падарам ким-чӣ хел шуда истодаанд, гуфт. Назокат апа, аз паси ӯ Исҳоқ муаллим зуд ба назди бистари Мазбутбобо рафтанд. Мӯйсафед, ба қавле, аллакай ба кори худ шуда буд. Назокат апа пахтаро гирифта ба оби зулоли пиёла расонида лабони саробонашро тар карда истода, беихтиёр ашк рехт. Вале боз зуд ашки чашмонашро пок намуда;

— Мансурҷон, худатонро ҳушёр доред, писаратон омад. Вай дар болои саратон, -гуфт.

Бемор нимроғ чашм кушод. Маълум набуд, ки вай ҷавони дар назди бистараш рост истодаро шинохт ё не. Ба ҳар ҳол ӯ чанд дақиқа дида дӯхта, лабонаш майли табассум карданд. Ё, ин ба назар ҳамин тавр менамуд. Баъд... Баъд чанд дона ашк аз чашмони мӯйсафед ба рӯяш шорид. Ӯ охирин бор оҳи сард кашида бо ҳамин чароғи умраш хомӯш гардид.

— Соф шуданд, -гуфт Назокат апа манаҳи ҳамсари ҳаётиашро дошта истода.— Гиря накун, духтарам. Пешониамон будааст. Меистоданд, умрашон дароз мебуд, ризқу рӯзии мондагиашонро чинда мехӯрданд. Нону насибашон ҳамин қадар будааст. Хез, фиқ-фиқа бас карда аз сандуқча як метир суф гирифта даррон. Манаҳашонро бандем.

Салима бо вуҷуди ин ашк мерехт. Ӯ, ки то ҳол ягон маротиба мурдаро надида буд, як муддат аз сакароти ҷонбароии мӯйсафед тарсидагӣ барин худро

гум кард. Қадами монда, роҳи рафта, кори кардаашро намедонист.

— Чаро шах шуда мондӣ, духтарам, ман ба ту чӣ гуфтам. Суф гир, манаҳ наафтад, бандем. Мурда бӯи мушк. Ҳамин замон одамҳо фаҳмида даромада меоянд. Ману ту гиря карда нишастан гирем, мурдаи калонро кӣ саранҷом мекунад. Аҳволи шавҳаратро дидӣ.

— Кори нашуда шуд. Ту акнун Исҳоқҷон, ба ҷои писарам. Хама медонад, ки тую Мансурҷон акою уко барин будетон. Ба назди ҷӯраат рафтанатро бисёриҳо аллакай шунавидагӣ. Барои ҳамин мабодо дӯсту душман пурсад:

— Мансур касал, дар беморхона хоб карда будааст, гӯй.Ман ба вай «мӯйсафед касал» гуфтагиам не, набошад аз касалхона баромада меомад, -ҷавоб дех.

Мурдаи мӯйсафед албатта, дар кӯча намонд. Халқи бисёр ҷамъ шуд. Ҷасади ӯро бо иззату эҳтиром ба хок супориданд. Вале танҳо як чиз норавшан монд. Ин ҳам бошад, дар рӯзи гӯру чӯби падар ҳузур надоштани писар. Пешгӯии Назокат апа рост баромад. Одамони бисёр аз Исҳоқ муаллим аниқ карданӣ мешуданд:

— Шумо рафтед, писарашон наомад?

— Ба ягон ҷо рафта будааст?

— Писар нашуда мурад. Ҳоло вай ба як бурда нон зор мешавад. Дунё охир нашуда бошад, аз паси як ҷалаб шуда аз бахри падару модар мебарой?

Ба пурсишҳо Исҳоқ муаллим қариб, ки як хел ҷавоб медод, то ки дурӯғаш маълум нашавад. «Нағз шавад, мебиёяд. Ҳоло дар беморхона».

Лекин мардум он қадар содда не. Дурӯғ будани ҷавоби муаллимро дарров фаҳмиданд:

— Ҳамааш дурӯғ. Вай наомадагӣ. Дар тӯй ҳам набуд-ку. Шаъни ҷӯраам нашиканад гуфта тарафашро мегирад. Дирӯзакак Қурбон аз Хубон омад. Дида будааст. Нағз гаштааст, картошка фурӯхта истода буд, мегӯяд. — ин муҳокимаронии одамон буд.

Баъди як сол Назокат апаро ҳам Салима ба хок супорид. Мувофиқи насиҳати пешакии модар ӯ ин дафъа ба Мансур одам нафиристод. Ба ҷанозааш хабар накард.

Баъди ин байни сокинони деҳа обрӯи Салима даҳчанд афзуд.

— Кирои келин гуфтан. Шавҳараш партофта рафту як бор ба рӯи пиру кампир надавид, сухани сахт нагуфт. Баракс онҳоро дилбардорӣ менамуд. Дар замини рӯи ҳавлиаш шабу рӯз кор мекард то хор нашаванд. Аз фарзанди калон кардаашон ҳазор бор беҳтар. Дигар келин мебуд, кайҳо бачаашро партофта баромада шавҳар мекард. Раҳмат ба калон кардагиаш. Ба ҳафт пушташ раҳмат. Дуои неки мӯйсафедонро гирифт, худо хоҳад хор намешавад.

Салима ҷумлаи охиронро аз даҳони мардуми некхоҳ борҳо шунавида буд.

— Ту, духтарам, хор намешавӣ. Оқибати кори ту нек, худо хоҳад. Одами дуои нек гирифта якаш ҳазор мешавад.

Ва инак ӯ аз ҳеҷ чиз камбудие надорад. Шокирҷонро ҳам хонадор кард. Келинҳояш дасташро ба оби хунук задан намемонанд. Шӯҳратҷон, чашм нарасад, кори савдоро ёд гирифт. Хавлию хонаи бамаънӣ сохтанд…

То соли гузашта аз зинда ё мурда будани шавҳараш Мансур хату хабар набуд. Мешунавид, ки ӯ ба кадом шаҳри ҷумҳурии ҳамсоя кӯчида рафтааст. Танҳо соли гузашта, бале соли гузашта як рафиқи Шӯҳратҷон хабаре овард. Ӯ ба хона омада, як пиёда ҷой нӯшида, сипас гапро аз дур сар карда, гӯё қарзашро адо намуд:

— Шӯҳратҷон, як гап ба гардани ман қарз намонад. Омадам, ки ҳамонро гӯям.

— Ҳамин қадар муҳим?— пурсид Шӯҳратҷон.

— Муҳим, хеле муҳим. Гап ҳамин ки ба шаҳри Тошкент деҳқониро бурда будам. Дар он ҷо ногаҳон падаратро дида мондам. Аҳволашон хеле дар азоб. Рости гап гуфтанӣ набудам. Маҷбур гӯям. Садақа талабида гаштаанд.

— Маро шинохтед, -гуфта пурсидам.

— Не, писарам. Ту писари кӣ, аз куҷо?— пурсиданд.

— Ман аз Қалъача, аз деҳаи худатон. Ҷӯраи писаратон-Шӯҳратҷон. Номи дадоям Бӯстонбой. Ин тавр худатонро хору зор карда нагардед. Биёед, ман ба деҳа гирифта барам. О, ҳозир писарҳои шуморо дидагӣ одам ҳавас мекунад. Худоба шукр ҳама чиз доранд. Шумо бошед, дар ин ҷо гадоӣ карда гаштед, -таклиф намудам.

Он кас гиря карданд. Хеле гиристанд. Аҳволашонро дида дилам об шуд.

— Писарам, аз рафтан шарм мекунам. Дар вақташ беақлӣ карда ба ҷанозаи падару модар нарафтем. Бачаҳоро нигоҳ накардам. Имрӯз кӣ маро ба хона роҳ медиҳад. Биё, беҳтараш дар ҳамин ҷо мураму ҷасадамро зоғу занбӯр хӯрад, -гуфтанд…

Баъди шунавидани ин хабар Шӯҳратҷон борҳо бо модараш маслиҳат намуд. Хост ӯро розӣ кунонида рафта падарашро ёфта гирифта биёрад.

— Мон, азобашро кашад. Падар шуда ба шумоён нон дод, сару либос харида пӯшонид? Фарзанд шуда падару модарашро болои кӯрпача шинонд, бемордорӣ намуд, мурдаашонро гӯру чӯб кард? Раҳматӣ очаю бобоят аз ӯ норозӣ аз дунё рафтанд, -ҷавоб дод Салима.

— Модарҷон, гапатон дуруст, лекин фардо айбашон ба кӣ мерасад? Бедаҳон бисёр. «Камтар чизу мол куну падаратро рафта гирифта биёр. Аз гадоӣ халос кун», -гуфта таъна мекардагиҳо бисёр. Охир беҳуда «падарат хук бошад, хукбонӣ кун» нагуфтаанд.

— Гӯянд гуфтан гиранд. Падаратро ҳама медонад. Азоб кашида сараш ба деволи лаҳад расад, мӯъмину мусулмон мешавад. Ба қадри оила, фарзанд мерасад. Аз кори кардааш пушаймон шуда бошад, як рӯз не, як рӯз худаш даромада омада, тавбаю тазарро мекунад.

Шӯҳратҷон дигар модарашро ба гап даровардa натавонист. Модар ҳақ буд. Вайро фаҳмидан мумкин. Умри ҷавониашро хазон намуд. Ба чил надаромада мӯи сараш мисли ҳафтодсолаҳо сап-сафед гашт. Модари ҷавон чандин сол боз ҳам мард, ҳам зани хонадон буд…

Инак, гуфтаи Салима омад. Сари Мансур ба деволи лаҳад расид. На, дурӯғ шуд. Сари ӯ ба деволи лаҳад нарасидааст. Балки ӯ маҷбур шуд. Ӯро, ки зани

«нағз» дида аз пасаш рафтааш мисли саги пир аз хона бароварда ронд, чанд муддат садақа талабид. Дид, ки бо ин роҳ рӯзе дар кӯча мурда монданаш мумкин. Ҷон ширин-дия. Ба болои ин замона дигар шуд. Зиндагии одамон душвор гардид. Садақаталаб ба назари онҳо ҳоло бало барин менамояд. Аз ин ҷиҳат ҳамин, ки одамони дар кӯчаю паскӯча садақаталабро диданд;

— Ин қадар гадо бисёр шудааст. Ҳозир аҳволи зиндагӣ маълум. Ба сӯм худамон зор,— гӯён на ҳама садақа мекунад ва гадоёнро наҳ мезананд...

— Субҳ дамид. Биё дарро кушоям. Ҳамин қадар азоб барои ӯ бас будагист. Писаронам ҳам чӣ мегӯянд. Баръакс, онҳо хурсанд мешаванд, ки падарашон ба пои худаш даромада омад. Ганда бошад ҳам шавҳари ману падари онҳо-ку?

Салима бо ин ният аз ҷояш хеста калидро аз ҷои чанд соат пеш гузоштааш гирифта сӯи дарвоза рафт...

# ЗАНИ АСКАР
## *(Қисса)*

Эй деҳаи баландкӯҳу хушманзар. Бунафшаи накӯноми ман. Биё, қиссаро ёд орем. Бунафшаи аламдида ва шодиҳои ғалаба чашидаи ман! Имдодам кун, ки саҳв нашавад. Ту, ки ҳама ин воқеаро дидаю шунавида ва ба дӯши худ бардоштаӣ, онро аз ман хубтар медонӣ. Воқеан, вай ба хаёлам, ҳамин тавр оғоз ёфта буд...

— Зарина!

— Лаббай, модарҷон.

— Ту, духтарам, мабодо аз ман натарсӣ?

— Аз шумо? Чиҳо мегӯед? Кадом фарзанд аз модари худ тарсидааст?

— Як ба хаёл рафтам-да, бачем. Сабил монад ин бемори...

Зебо-хола чанд моҳ аст, ки сар ба бистар мондааст ва ба дил меандешад, ки аз бемори хестанаш гумон аст. Вагарна ин субҳ ба духтари яккаву ягонааш чунин савол намедод. Сонӣ дилаш об ҷуст, оби хунук.

— Оби хунук дилатонро мекобад, модарҷон, - хоҳиши ӯро рад кард Зарина, -чанд рӯз боз таом нахӯрдаед?Чои гарм монам, мағзу нон қатӣ хӯред, дармон мешавад.

Модар хоҳиши аввалро такрор кард. Духтараш об овард. Қулте нӯшиду магар каме рӯҳ гирифт, ки илова кард: акнун ман нағз бачаякам, дилам каме равшан шуд.

Инро гуфта гӯё андаке роҳат карда бошад, номаълум чашм пӯшид. Зарина хотирҷамъ шуда, ба саришта кардани хона пардохт. Зебо-хола баъди соате чашм кушод ва бо нигоҳи хира ба шифти хона, болору вассаҳо, дари яктабақаи даромад нигоҳ кардан гирифт. Лабонаш парида суханҳои берабт мегуфтанд: «ана омад, ҳозир ҷонамро мегирад, дафъ шаве, азроил ба ҷонам раҳм кун, духтаракам танҳо намонад». Зарина аз рафтори модар хайрон мешуд. Намефаҳмид, ки вай чӣ мегӯяд, бо кӣ гапзанон мекунад. Зебо-хола баъди сонияе чанд гӯё андаке нағз шуд. Ӯ дастони нарму мулоими духтарашро, ки ба сараш гузошта буд, дошта ба худ

наздиктар овард. Зарринa дарҳол рӯ ба рӯи модар монда бӯсид: «шукр, анча беҳтар шудед»-гуфт. Ба ҷои ҷавоб аз чашмони пиразан ашк рехт. Вай ба бемадориаш нигоҳ накарда, ҳаракат намуд нимхез шавад, натавонист ва боз бо овози паст нидо кард:

— Зарринa!

— Лаббай, модарҷон!

— Духтарам, -боз такрор кард модар, -ҳа, ту аз гапҳои ман натарс. Модарам хайрбод мекунад гуфта худатро гум накун. Ту акнун калон шудаӣ, ҳама гапро мефаҳмӣ. Одаму нафас мегӯянд. Аз дасти марг халосӣ набудааст, бачекам.

— Ин тавр нагӯед, модарҷон. Ҳоло шумо ба сад медароед. Маро танҳо партофта куҷо меравед?

—Не, намемонам, намемонам!!!

Зебо-хола муддате ба чашмони духтараш нигоҳ карда оҳи пурдарде аз сина кашид ва акнун бо оҳанги ҷиддӣ гуфт:

— Ту ин қадар ғусса махӯр, духтарам. Ба гапҳои ман бодиққат гӯш деҳ. Медонӣ, духтарам, туро ман ба Қобилҷон дар вақташ гаҳворабахш карда, нон шикастагӣ. Ӯро медонӣ-а, писари тағои худат. Чунон ки мегӯянд, азони худ хор шуда, ба дида нахалидааст. Баъди сарам ба гапи дӯсту душман даромада арвоҳи маро нотинҷ накун. Гапа мефаҳмӣ?

Дили Зарринa аз гапҳои модар якбора аз ғусса лабрез шуд. Вай фиқ-фиқ гирист. Фаҳмид, ки модар васият мекунад.

Зебо-хола дастони худро дароз карда зери болишт ишора намуд. Зарринa ба ишораи модар сарфаҳм рафт ва аз он ҷо латтапечеро берун овард.

— Ин камакак пул, - фаҳмонд модар бо овози ларзон, -эҳтиёт кун, даркор мешавад. Акнун хез, рафта Шарафбону очаатро гуфта биё.

Зарринa «хуб» гӯён аз ҷой хесту пешгаҳи хона рафта сарпӯши сандуқи чӯбини дар таҳмон истодаро кушода, латтапечро баҷо кард ва роҳи хонаи ҳамсоязанро пеш гирифт.

— Тинҷӣ.. модарат читу?

— Шуморо пурсида истодаанд.

— Маро!? — Шарафбонуи ҳаётдида чизеро пай бурдагӣ барин саросема шуд.

— Ту рав, ҷони оча, ман ҳозир меоям.

Заррина баргашта модарро хобида дид. Ба дилаш ваҳм ҷо шуд. Кафи дасти худро ба пешонаи модар гузошта, як-ду бор оҳиста-оҳиста «модарҷон», «модарҷон» гӯён овоз баровард. Хам шуда рӯй ба рӯй монд. Ё худоё, маро шармандаю даҳонамро талх накун. Ҳамин қадар азобам бас набуд, ки боз танҳо мегузорӣ. Заррина мисли шахси хунукхӯрда меларзид, намедонист чӣ кор кунад. Дасту по хӯрда монд.

— Модарҷон!!! — Якбора бо тамоми овозаш дод гуфт ӯ, —рӯзама сиёҳ кардед, модарҷон! Ғами мани танҳоя нахӯрдед, модарҷон! Бепадар будам, тамоман сағир шудам, модарҷон!

Доду фиғони Заррина ҳамсояҳои дуру наздикро ба ҳавлии Зебо-хола овард. Одил-тағои рӯи гарми хоҳарашро надида ҳам бо дарду алам месӯхт. Вай бо тамоми овозаш апаҷон, нишони модарам, апаҷон, гӯён мегирист.

Одамон рӯйканию мӯйкании Зарринаро дида, баробари ӯ ашк мерехтанд. «Худо раҳмат кунад, аҷаб одам буд-дия, раҳматӣ» гуфта афсӯс мехӯрданд. Дар ин лаҳза занҳои деҳа пушту паноҳи Заррина буданд. Вайро дилдорӣ медоданд. «Дами аз даст рафта дигар намеояд. Дар ин дунё на шоҳ мемонад, на гадо. Аз бобою бобокалонамон мондагӣ мерос. Одам ҳазор сол гардад ҳам, мемирад», -мегуфтанд.

Деҳа Зебо-холаро бо иззату икром гӯру чӯб кард. Ҳамин тавр, дар хонаи Зебо-холаи раҳматӣ фақат Одил-тағо, писараш Қобилҷон ва чор-панҷ нафар занҳои дигар монданду бас.

Ду-се рӯз нагузашта онҳо ҳам рафтанд. Одил-тағо ҳар гоҳ, ки ба ҳавлии хоҳараш ояд, Зарринаро насиҳатҳо мекард: «мурдани падару модар дар назди фарзанд мерос. Шукр кун, ки ту будию модаратро сару бар шудӣ ва имрӯз чароғи хонаашро дар гиронда нишастаӣ. Агар падару модар доғи фарзанд бинад,

инаш дарди бедармон аст. Акнун зиқ шуда, худро обу адо кардан фоида надорад. Фардо ту ҳам бемор шавӣ, баъд кӣ ба ҳолат нигоҳ мекунад? Ғаму андӯҳ одамро тез аз по меғалтонад».

Одил-таға дили ҷиянашро пур мекард, ки то ӯ ҳаст, ба пояш хоре намехалад. Ӯ ин суханҳоро ба Зарринa гуфтаву ӯро дилбардорӣ карда, дар айни ҳол ба худ меандешид: «Заррина калонакак шуда мондааст. Дӯст ҳаст, душман ҳаст. Махсусан шабона танҳо хоб кардани ӯ хавфнок аст. Ҳамин, ки чилу иди хоҳарам гузашт, дар зиндагиам сари Қобилҷонро дуто карда, баъд бо хотири ҷамъ пойҳоямро дароз мекунам…»

Одил –таға ба нияти некаш расид. Бо чашмонаш тӯи писарашро дид, вале роҳати ӯро надида, дере нагузашта аз олам чашм пӯшид.

❁ ❁ ❁

Модари пурбардорам Бунафша. Зиндагӣ аҷоиб будааст. Пастию баландиҳои вай танҳо ба ту маълум.

Раҳмат, ки ба ҳамааш сабру тоқат мекунию бо чашми умед ба фардо менигарӣ. Ёд дорӣ. Баъди чанд муддати ҳаёти ширин дидан Зарринаю Қобилҷон як умр аз ҳам ҷудо шуданд.

— Ёд дорам, фарзанди азиз, ёд дорам. Магар ин хел рӯзҳо аз хотири ман мебарояд. Ҳаргиз. Арӯсу домодии Заррианаю Қобилҷон як сол зиёдтар давом кард. Худо дар ин муддат ба хонааш файз бахшид. Гарму доғ фарзанддор шуданд. Заррина писарча таваллуд кард. Номашро ба хотири падар Додоҷон монданд. Вале тифл «додогӯяк» нашуда Қобилҷонро ба аскарӣ, ба ҷанг гирифтанд.

— Сонӣ чӣ, модари зорам Бунафша.

— Баъд… баъд боз ҷанг тамом шуд. Бисёриҳо баргаштанд. Аммо аз Қобилҷон дарак набуд. Зарринаи дирӯза бошад, имрӯз «холаю оча» шудааст. Вай яке аз занҳои барӯманди моён аст. Додоҷони рӯи падарро сер надида имрӯз падар гаштааст. Вай соҳиби нӯҳ нафар фарзанд. Ба қавле хонаи Заррина-апа пури набера.

Шукр дорад. Лекин як кунҷи дилаш, аниқтараш як гӯшаи ҳавлиаш то ӯ зинда, холист.

Заррина-апа магар суханҳои неки ҳамсараш, насиҳатҳои ӯро ба Додоҷони чор-панҷ моҳа, воқеаҳои мудҳиши он солҳоро аз хотир мебарорад.

— Ҳаргиз не. Инак, имрӯз ҳам Заррина ба ҳуҷрааш даромада, ба расми дар девор мисли зиндаҳо овехта шудаи Қобилҷон, ки Додоҷон чанд сол пеш калон карда гиронда буд, чашмаш афтод. Чашмаш афтоду хаёлан боз парвози он солҳо кард…

…Қобилҷонро дар моҳи декабр ба аскарӣ гирифтанд. Заррина кӯдакашро бардошта аз қафои шавҳараш то шаҳр рафт.

— Заррина, ба ин ҷойҳо омадани ту фоида надорад. Беҳтараш ба хона баргард. Додоҷонро эҳтиёт кун. Ана-мана нагуфта дидӣ, ки калонакаку дастёр шуда мемонад. Гард, баргашта рав!

Заррина ин суханҳоро гӯё ки намешунавид.

Не, дурусттараш мешунавиду эътиборе намедод. Дар он лаҳза ба ӯ на хунукӣ таъсир мекард ва на суханҳои пандомези шавҳар. Ӯ Додоҷонро сахт ба оғӯш кашида, аз рӯи хунук хӯрдаи баррааш мебӯсид. Донаҳои калон-калони ашки модар ба рӯи Додоҷон афтода, ӯро як қад мепарронд. Қатраҳои ашки Заррина гӯё Додоҷонро ҳушёр мекунонд. Бале, ҳамин тавр: «бедор шав, чашматро кушо, падаратро хайрбод гӯй».

…Ҳа, деҳаи азизам, Бунафша. Ту ҳам он рӯзи хайрбодро нағз ёд дорӣ, ёд. Ҷавонҳо аз кӯчаҳои морпечат гузашта мерафтанд. Онҳоро боғҳои зебо, токзорҳои беканорат гусел мекарданд. Дарахтони урёни қад-қади роҳ ба шоху панҷаҳои худ барфи дирӯз боридаро нигоҳ дошта сархам меистоданд. Онҳо ба боди сарди вазида истода хишир-хишир садо бароварда, гӯё ба забон омада пичиррос мезаданд:

Хайр, эй Қобилҷон, хайр, эй ҷавонон! Сафаратон бе хатар бод. Ҳар яки шумо дар майдон мисли Рустами достон баору номус бошед. Барои шаъну шарафи авлодон, ҳифзи хонадону Бунафша барин модарон

ҷангед. Шараф ва номуси занону модаронатон ба шумо вобаста аст. Бахту хандаи кӯдакони бегуноҳ ҳам. Роҳи сафед, Қобилҷон. Роҳи сафед, фарзандони сарбаланди Бунафша.

Заррина писарчаашро ба дасти падар дод. Қобилҷон аз рӯи Додоҷон бӯсае зад:

— О-ҳо! Туф-туф чашм нарасад. Каппа-калон шудааст-ку? Қобилҷон ҳарчанд борҳо Додоҷони кӯдакро дида бошад ҳам, ин дафъа ба назараш дигар хел менамуд. Дар симои вай марди хонадонро медид. Аз ин ҷиҳат:

— Канӣ, канӣ модарҷон гӯй-о, бале. Илтимос ҷӯра! Аз гапи модарат набаро, дастёр шав, хуб-мӣ?

Додоҷон гӯё чизеро фаҳмида бошад, якбора «вағ-вағ»гиря бардошт. Инро дида Қобилҷон ҳам худашро дошта натавонист. Ва барои он ки ашки чашмони ӯро завҷааш пай набарад, оби дидаашро бо парпечи писарчааш пок кард.

Деҳаи азизам, модари ҷон Бунафша, ту шоҳиди зиндаи он рӯзҳои. Ту таърихӣ. Дили васеъ дорӣ ту. Ба ҳамааш тоқат мекунӣ. Сухани некро ҳам мешунавию каломи бадро ҳам. Бо шодию ғами фарзандонат шарикӣ. Пас он лаҳзаҳоро ёд дорӣ?

— Фаромӯш нахоҳам кард.

— Раҳмат ба ту, Бунафша. Охир, ту барои Заррина баъди сари Зебо-хола модар будӣ. Имрӯз ҳам ятимон дар оғӯши ту ба камол мерасанду ҳам кабирон. Фарқ танҳо дар як чиз. Яке дилшикаста, яъсу маъюс, дигаре парвои фалак надорад. Болу параш расо.

Қобилҷон гарчӣ падар шудааст, дилшикаста. Ӯ ҳам мисли Заррина ғайр аз ту дигар кӣ дорад? Аз ин ҷо бо Додоҷони чор- панҷ моҳа мисли калонсолон дарди дил мегӯяд. Кош, модари ҷон Бунафша, кош Додоҷон чизе, бале ақаллан ягон ҳарфи сухани падарро мефаҳмид. Афсӯс… Шояд дертар модараш Заррина ба ӯ саргузашти ин рӯзҳоро чанд бор ҳикоя карда дода бошад, вале он рӯз… Не, не, дигар ҳоҷати баён нест.

Соати интизорӣ дар пункти даъваткунӣ он қадар тӯл накашид. Ҷавонҳоро як-як ном гирифта ба болои аробаҳои кӯҳна баровარданд. Қобилҷон охирон маротиба ба Заррина видоъ кард. Аз ду оринҷи завҷааш дошта «интизор шав, худатро, Додоҷонро эҳтиёт кун. Додоҷон бепадариашро ҳис накунад» - гуфт. Баъди шунавидани ин суханҳо Заррина бо тамоми овозаш дод гуфт. Додоҷон ҳамон гиря мекард. Вақте ки чархакҳои ароба ба гардиш даромаданд, издиҳом баробар доду фиғон сар кард…

Заррина он рӯз ба хона чӣ хел омад, худаш ҳам намедонад. Мондашавиашро баъди ба ҳавлӣ даромадан, сонӣ ҳис кард. Пойҳояш даруни кафш аз хунукӣ суп-сурх карахт шуда буданд. Дастони Додоҷони парпечро маҳкам доштааш дарақ-дарақ меларзид. Дарди ҷудоии рӯзҳои аввал он қадар маълум набуд. Ба назараш чунин менамуд, ки Қобилҷон пагоҳ-фардо аз ҷанг баргашта меомада бошад.

Рӯзҳо мегузаштанд. Рафта-рафта Заррина ҳисси ҷудоиро зиёдтар дарк мекард. Дар хона нишаста наметавонист. Дилаш бухс мекард. Касе гӯё ӯро аз хона меронд. Заррина кӯдакашро ба даст гирифта берун, таги дар мебаромад. Роҳи ҳар раҳгузарро мепоид..

Не, деҳаи азизам, Бунафша, ман андаке саҳв кардам. Заррина роҳи ҳар раҳгузарро не, балки шахсеро мепоид, ки бори аввал чашм кушода дидааст. Ӯ мехост фаҳмад, ки Турдӣ-бобои қосид аз шавҳараш чӣ хушхабаре оварда бошад. Соатҳои дароз интизорӣ кашида, ноумедона ба хонааш бармегашт. Ҳамин, ки шарфаи по шуд, ё касе бо каси дигар дар кӯча баланд-баланд гап зад, давида омада аз роғи дар нигоҳ мекард. Дар як рӯз ин ҳодиса на як бору ду бор такрор меёфт. Ба ин ҳама тоқат накарда, як сари қадам ба хонаи Турдӣ-бобо рафта фаҳмида меомад, вале бобо:

— Не, духтарам, ҳоло ҳеҷ гап не. Асло хавотир нашав, духтарам, иншооллоҳ ба пои Қобилҷони мо хор намезанад. Агар ягон хушхабар омада монад, ман онро аз ҳама пеш ба ту бурда мерасонам, -мегуфт.

❁ ❁ ❁

Зимистон кӯтоҳ омад. Вай ҳамагӣ дуним моҳ давом кард. Лекин зимистони кӯтоҳи туф куну ях кун буд. Ҳар рӯзи он барои Заррина мисли сол мегузашт. Дар як рӯзи кӯтоҳи зимистон чанд бор ба оташдон алови таппӣ карда, ба сандалӣ мегирифт. Эзорчаҳои Додоҷонро ки аз хунукӣ тез-тез тар мекард, шуста лаби пояи сандалӣ мегузошт, барфи рӯи ҳавлиро бел мекард, мерӯфт. Аз сойчаи деҳаашон, ки қариб сесад метр дурӣ дошту дар фасли сармо ях мебаст, рафта ба санги калон гурс-гурс зада, шикаста, сӯрохии сатилдаро карда, оби дар дарунаш яхпораҳо дошта, ки пиёлаи чои наботдорро мемонд, гирифта меовард. Чой мемонд, барои ду кас дами гарм мепухт. Аммо ҳеҷ не ки рӯз бегоҳ шавад.

Дар охири моҳи март якбора борони гарм борид. Вай дар як шабонарӯз ҳамаи барфҳоро «хӯрда», ҷомаи заминро аз танаш кашида гирифт. Танҳо каму беш дар сояҷойҳо ях ва дар пастхамиҳо барфҳои шамол ҷамъ карда монда буданду халос. Ёнаҳо, сари вотҳо кабуд шуданд. Ба бачаҳои деха худо дод. Онҳо ҳамин, ки ҳаво андаке мулоим шуд, роҳи саҳроро пеш мегиранд. Чилакбозӣ, зу-зу гӯяк мекарданд. Бозиҳои давраи бачагӣ лаззати дигар дорад. Аз ёнаҳои токзор «туфлак-туфлак» гӯён гулҳои нахустини баҳор-тағорашиканак, бойчечак меёфтанд. Онҳоро ба дари ҳар хонадон тӯҳфа бурда, мужда аз омадани арӯси сол расонида, сурудхонон чизе талаб мекарданд. Ҳар кас аз рӯи бозёфти бечорагиаш ба бачаҳо як гард орд, як бурда нон, каме чӯбдона ҳадя мекард. Навбат ҳамин, ки ба ҳавлии Заррина расид, бачаҳо дар охири сурудашон «Қобилҷон-ако то баҳори оянда сиҳат-саломат биёянд. Додоҷонро тӯй кунанд, тӯй хурем. Вай ҳам мо барин калон шавад, бойчечакгӯяк шавад» мегуфтанд. Аз шодӣ сари баъзеи онҳоро сила карда, «аз забонакатон гардам» гӯён ба онҳо ду каф орд медод.

Ёд дорӣ, деҳаи азизам. Бунафша! Пештар ту чӣ файзу шукӯҳе доштӣ? Кӯчаҳоят ҳамеша серодам, хушҳол буд. Имрӯз чӣ? Ту ба тамом ҳуввас карда мондӣ. Дар

кӯчаю саҳроҳоят танҳо пирон, духтарони болиғ, занҳои бева мондаанд. Аз ҷумла Заррина.

— Заррина, духтарам, -гуфт рӯзе бригадири колхоз Бону – апа ба ҳавлии ӯ омада, —дар хона зиқ шуда нишастан фоида надорад. Як сар бало сар гуфтаанд. Ба ту ҳам хӯрданию пӯшиданӣ даркор. Ба колхоз баромада кор кунӣ, зарар намебинӣ. Ба рӯзи меҳнатат ҳақ мегирӣ, ҳар бегоҳ як банд алаф ё ҳезум гирифта мебиёрӣ. Заҳри одамро одам мебардорад. Кам бошад ҳам рӯзона ба кор овора шуда ғами Қобилҷонро фаромӯш мекунӣ. Сонӣ як гапи дигар ҳамин, ки ман ба Оиша-холаат гапзанон карда розигишонро гирифтам.Он касро, духтарам, худат нағз медонӣ. Бечора дар як ҳавлии калон як худашон, танҳо зиндагӣ мекунанд. Салимҷони он кас ҳам ба монанди Қобилҷон ба аскарӣ рафтагӣ. Дар ин солу замона, духтарам, аз танҳо ҳамроҳ доштан беҳтар. Дӯст ҳаст, душман ҳаст. Ту арӯси нав. Ба поят ягон насақро пайвастанашон мумкин. Ёри танҳо худо мегӯянд, ҳамааш гап. Баъде, ки номат бад шуд, афсӯс фоида надорад... Барои ҳамин, духтарам, агар розӣ бошӣ, ҳардуятон якҷоя дар ҳамин ҳавлии ту зиндагӣ мекунетон. Оиша-хола Додоҷонро нигаҳбонӣ кунад, дасти ту холӣ мешавад. Ҳам кори худатро саришта мекунӣ, ҳам ба кори колхоз мебарой.

— Раҳмат, Бону –апа, барои дилсӯзӣ. Шумо, ки ҳама чизро мефаҳмед, ғами беваю бечораро мехӯред. Ин хел насиҳат мекунед. Канӣ ҳамин тавр шавад-ку ман ҷон-чон мегӯям. Бинед, апа, дирӯз номи бечора Офтобхонро бад карданд. Касе шабона ба хонааш даромадааст мегӯянд. Ба ҳар ҳол эҳтиёт-ними ҳаёт. Баъди ҳамин гапу калочаҳо, бовар кунед, шабона ягон дам мижа таҳ намекунам. Дилам ваҳм мекунад. Чароғро накушта то рӯз пастакак карда мемонам…

— Бовар мекунам, мурам, бовар мекунам…

Заррина ҳамроҳи доимӣ пайдо кард. Ӯ Оишахоларо модар меномиду хола ӯро духтари худ. Зиндагии якҷоя онҳоро наздиктар менамуд. Меҳр дар чашмдия. Додоҷон бошад, ягона шахсе буд, ки ғаму андӯҳи ин ду занро сабук мекард. Вай аз даст ба даст мегашт.

Намегузоштанд, ки пояш гард гирад. Забони ширини кӯдаки навакак ба гап даромада ду нафарро мафтун мекард.

Пагоҳии барвақт Турдӣ-бобои қосид дари ҳавлии Зарринаро кӯфт.

— Ман, ҳозир, -баробари шинохтани овози қосид Заррина берун баромад.

— Духтарам, шодиёна деҳ, хати Қобилҷону Салимҷонро овардам. Бобо даст-даст карда аз даруни халтаи латтагини сиёҳаш чанд мактубро берун овард. Сипас, бепарвоёна даст ба ҷебаки яктаҳи суфи сафеди аз чиркинӣ ё аз бисёр шуста пӯшидан бошад, ки рангаш гашта буд, бурда айнаки кӯҳна оинаҳояш зардча шударо гирифта, оҳиста ба чашмонаш монд. Аз ин рафтори бобо тоқати Заррина тоқ шуд. Вай хост ҳам шуда навиштаҳои рӯи мактубҳоро хонад.

— Не духтарам, ман худам. Ташвиш накаш, ҳозир ёфта медиҳам, -ҳозир-гӯён қосид аз паси айнак чашмонашро танг карда, ҳиҷҷа карда-ҳиҷҷа карда ному суроғаи чандтояшро хонда якбора «мана ёфтам» гӯён ду мактубро ба Заррина дароз намуд.

— Раҳмат бобо дароед, як пиёла чой хӯред,баъд меравед.

— Ягон вақт, ишоолоҳ, мехӯрем. Қобилҷон сиҳат-саломат биёяд бо оши палав зиёфат мекунӣ, албатта.

— Аз нияти некатон гардам.

Заррина баъди рафтани бобо дарро оҳиста пӯшида ба рӯи хати Қобилҷон бори дигар нигарист, ба сари синааш зер карда бӯсид.

— Модарҷон, хати Салимҷон акою…

— Канӣ, духтарам, худоё модарат доғатро набинад.

Оиша-хола баробари шунавидани муждаи нек гӯё болу пар баровард. Ӯ мактуби писари азизашро чанд бор гаштаю баргашта бӯсида баъд сӯи Заррина дароз кард:

— Хон, тезтар хон, духтарам. Канӣ Салимҷони ман чиҳо гуфтааст.

«Модари ба ҷон баробарам-навишта шуда буд баъди салому алейк ва аҳволпурсӣ-мо нағз, сиҳат саломат. Барои ҳар ваҷаб хоки Ватан мубориза давом дорад. Фашисти лаин ҷонсахт будааст. Хайр, ҳеҷ боке нест. Рӯзе мешавад, ки ҷонаш ҳам мебарояд. Модарҷон, ман хати навиштаи шуморо гирифтам. Мактуб бо дасти кадом оқила навишта шудааст. Аз он бисёр чизҳоро фаҳмида гирифтам. Дар Тоҷикистони азизам баҳор ҳукмфармоӣ мекардааст, аммо дар ин ҷо ҳоло ҳаво хунук. Аз ҳама муҳимаш фаҳмидам, ки ба шумо ҳамроҳ пайдо шудааст. Акнун хотирам ҷамъ. Хайр, модарҷон, ҳамеша саломат бошед. Фарзанди ба дилу дида баробаратон Салимҷон».

— Шукр, сад шукр, ки писарам сиҳат саломат будааст. Илоҳи дар куҷо бошад, умраша дароз кунад, чашми душмана кӯр кунад. Ҳа, духтарам, гӯр хотирам шавад, напурсидам, хати ту ҳам расидааст-мӣ?Қобилҷон чиҳо навиштааст?

— Хондам, модарҷон, хондам. Нағз будиянд, ба шумо саломи бисёр гуфта фиристоданд.

❁ ❁ ❁

Деҳаи азизам, Бунафша! Мегӯянд, ки аз як палак чанд хел харбуза мерӯяд, рост будааст. Фарзандони ту ҳам як хел набудаанд. Аз ин суханони ман наранҷ, агар саҳве карда бошам, бубахш. Ман раиси онвақтаи колхоз Мирсодиқ Бойҷонов, посбони идораи вай Ҳодӣ пучуқро дар назар дорам.

— Бале, ҳамин хел фарзандон доштӣ. Ҳарду ҳам дар синну сол баробар. Фарқ фақат дар ҳамин буд: яке ишкам тағораю дигаре чӯби хушк. Яке мӯйлаб, риши калта дорад, дигаре кӯса. Яке кулчарӯи бинидароз, дигаре бузрӯи биннипучуқ. Яке оқи падари мансабрасида, дигаре лагандбардори косалес. Табиати санъаткор онҳоро аз ҳама тараф муқобили ҳамдигар офаридааст. Танҳо нияту рафторашон ба ҳам маъқул, нияти ифлоси онҳо чанд нафар занҳоро бадном кард. Яке худро кушт. Навбат ба Заррина расида буд. Биё,

деҳаи азизам, беҳтараш ин воқеаро аз аввалаш ёд оварем.

Синни сардори бригада Бону-апа аз шаст гузашта, пойҳояш аз роҳгардии бисёр вараму андаке мелангидагӣ ва худаш хаставу бемадор шуда буд. Ӯ ҳар гоҳ, ки ба идораи правленияи колхоз ояд, албатта, бо раис Бойҷонов арбада мекард.

— Дигар мадорам намондааст. Монда шудам, мефаҳмӣ раис, монда. Як занак кор кунад, ҳамин қадар кор мекардагист-дия. Ба ман ин вазифаро мӯҳру васиқа карда додагӣ не-ку? Ҷавонҳо ҳастанд. Бигузор, онҳо кор кунанд.

— Сабр кун, Бону, -раис гарчанде даҳ сол аз бригадир хурд бошад ҳам, ба вай «ту» гуфта муроҷиат мекард. -Мо аввало ягон касро ёбем. Замонаро худат медонӣ. Бо ин чорта маҷрӯҳу бевазанҳои ҳавоӣ чӣ кор карда мешавад?

Қаҳри Бону –апа дурусттар омад. Ӯ сӯи раис сахт шӯрид «Бо ин чорта маҷрӯҳу бевазанҳои ҳавоӣ чӣ кор карда мешавад, мегӯяд? Ӯ ноодаме! Бевазанҳо акнун ҳавоӣ шудаанд-дия?! Кӯрнамакӣ ҳам ба ҳисобаш. Магар ҳамин «ҳавоиҳо» аробаи хоҷагиро накашида истодаанд? Шукр кун, ки онҳо кор мекунанду ту дар аспи тавила тоқӣ сари қош монда мегардӣ. Ба ҳар ҳол худат эҳтиёт бош. Ҳа, боз мабодо зани худат ҳавоӣ нашавад», -гуфту дарро ба шаст пӯшида баромада рафт. Раис бошад, хост ба воситаи Ҳодӣ-пучуқ, ки тез сӯи идора меомад, Бону-апаро аз роҳаш гардонаду адабашро диҳад. Вале инро ба худ муносиб надонист.

— Ҳа, рафиқ Бойҷонов, тинҷӣ-мӣ,таъбатон хираю ҳавосатон парешон? Ин қадар суп-сурх шуда рафтед. Ё саломатиатон мазаш не? — пурсид Ҳодӣ пучуқ баъди ба идора даромада бо раис салому алейк кардан.

— Аз даҳонат шамол барад, Ҳодибой. Ҳа, боз касалии маро орзу карда истодаӣ ё дар ҷоям раис шуданиӣ?

— Не-я, раисҷон, худо нигоҳ дорад. Мо кучою раисӣ куҷо! Ба худатон насиб кунаду аз сояи давлататон моро дур накунед, шуд. Бинам, ки табъатон сахт хира, пурсидам-дия. Аробакаш тавба кардааст.

— Боз ҷанҷоли Бону. Дигар бригадирӣ намекунам мегӯяд.

— Хайр, накунад не-дия. Нон бошад нонхӯр сад-то. Ба ҳамин ҳам диққат шудед. Шикамаш сер шуд-дия. Аслан, хафа нашавед-ку, айби шумо ҳам калон, раис. Аввалҳо таъриф карда, таъриф карда, фӯкашро ба осмони ҳафтум баровардед.

— Таъриф кунӣ кор мекунад-дия, содда. Лӯлия хараша об деҳу пулаша гир.

— Э, раисҷон, занака худаш чӣ ки, кораш бошад. Худо ба шумо қувват диҳад. Маслиҳату кордонии шумо набошад, бо умеди онҳо…

— Мо худамоя таъриф намекунем-дия, Ҳодибой. Хайрият, ту барин ҳақгӯйҳо ҳастанд.

— Ҳа, дар воқеъ, медонед чӣ, раис. Ман ҳам бо ҳамин мақсад наздатон даромадам. Аз рӯзе, ки масъалаи ҷанҷоли Бонуя гуфтед, одам мекобам. Дирӯз ба ҷои ин кӯрнамак ман як одами дигарро ёфтам. Агар хоҳед…

— Чаро нахоҳам? Ман аз афту башараи ин лаънатӣ кайҳо безор шудагӣ. Лекин аз одам наёфтана маҷбур гирифта гаштем.

— Раис, агар ман ёфтагиро, хоҳ бо зорӣ, хоҳ бо зӯрӣ сардори бригада таъин кунед, донед, ки давр-даври шумо мешавад. Ҳам кор пеш мераваду ҳам…

— Ҳам чӣ?

— Э, раисҷон, он тарафашро худатон мефаҳмед-ку?

— Гапат аниқ бошад, канӣ гӯй чӣ, фаҳмида тезтар аз ин пирсаги лаънатӣ халос шавам.

—Зани Қобилҷон, раис.

— Заррина?!

— Ҳа, худи худаш, раисҷон.

— Э, ман ба ту қоил, Ҳодибой!

— Беҳуда нону намакатонро хӯрда гаштем чӣ, Раисбобо? Мушкилатонро, дӯст шуда, дар ҳамин рӯзҳо осон накунем..

— Дуруст-куя, Ҳодибой, рафту розӣ нашавад чӣ?

— Шумо раиси колхоз, падари халқ. Як кори падарона карда худи пагоҳ ба хонааш равед. Ба ҳавлии

вай Оиша- хола ҳаст-ку, модари Салимҷон, ана ҳамон кӯчида омадагӣ. Аввало хуб аҳволпурсӣ кунед. Аз Қобилҷону Салимҷон хату хабар буданашро фаҳмед. Ойишахоларо таъриф намуда «хуб кардед, ки ба ин ҷо кӯчида омадед, гӯед. Баъд мақсадро баён кунед. Худатон медонед, раисҷон, ки аз занҳо дида одами камақл нест. Беҳуда нагуфтаанд, ки агар занака биниаш набошад, саргини харро.. Домани ӯро бо чормағзи пуч пур кардед, донед, ки кор пухт.

Раис «маслиҳат»-и Ҳоди пучуқро писанд дида, аз ҷояш хест. Назди ӯ омада офарин, ман қоил, ин хел маслиҳатро ҳатто падари кас намедиҳад гӯён тап-тап ба китфаш зад.

— Лекин Ҳодибой, ба фикрам, ба хонааш рафтан шарт набудагист. Ҳар кӣ ҳар хел фикр карданаш мумкин. Беҳтараш худат рафта Оишаро ба идора ҷеғ зада биёрӣ чӣ?

— Номи идорaро шунавида талхакаф нашавад, ки ба бало монам.

— Ба мулоимӣ фаҳмонидан даркор. Раис як маслиҳат доранд гуфта. Агар хоҳад ҳамроҳи Заррина биёяд.

Ҳодӣ-пучуқ фаҳмид, ки баъди шунавидани таърифи Заррина раис дигар сабру тоқат надорад, «хуб раисбобо» гӯён баромада рафт…

Пагоҳии рӯзи дигар, баробари кӯфта шудани дарвоза Заррина бо андешаи он ки Турдӣ-бобои қосид шояд боз хат оварда бошад, бастани рӯймоли сарашро ҳам фаромӯш карда, он сӯ шитофт. Ӯ табақи дарро кушода дар рӯ ба рӯяш посбони идораи колхоз Ҳодӣ-пучуқро дида, аввал андаке саросема шуд. Баъд худро ба даст гирифта:

— Биёед, амак, марҳамат, -гӯён ба канор истода ба ӯ роҳ дод. Ҳодӣ-пучуқ рӯи Зарринаро бори дигар дар танҳоӣ дида қариб буд оби даҳонаш равад. Вай аз қадду қомати ӯ чашм наканда, вориди ҳавлӣ гашт. Оиша-хола «Заррина, вай кӣ будааст» гӯён Додоҷонро бардошта аз хона берун баромад.

— Ҳодибой, э, пои қадаматон нури дида, канӣ аз хона дароед.— Оиша-хола бо имое ба Заррина фармуд, ки кӯрпачаҳои хонаро ба тартиб орад.

— Мебахшед-дия, ҳоло хона рӯбучин кардагӣ не.

— Ҳеҷ гап не, ташвиш накашед, ман… Ҳоди пучуқ боз як маротибаи дигар аз паси Заррина нигоҳ карда, сипас аз пешгаҳ, аз болои кӯрпачаи рангаш парида, ки назар ба дигар кӯрпачаҳо навтар ба шумор мерафт, гузашт. Гузашту то ба хона даромада омадани Оиша-хола:

— Бай-бай, аз гуфтагиам ҳам зиёд будааст-ку. Моли тоза ҳама вақт тоза-дия. Шавҳар карда, кӯдакдор шуда бошад ҳам, духтар барин. Тоза кушода шуда рафтааст, гул шаву раве, -гӯён аз дил гузаронд.

Оиша-хола дастурхон паҳн карда, ба рӯи он ба лаълӣ нони обаш андаке гурехтагӣ, камакак мавизи кӯҳна гирифта, худ аз пойгаҳ нишаст. Хола нонро пора карда истода, сӯи даҳлез:

— Заррина, чой ҷӯшид-мӣ, дам карда биё, -гуфт.

— Ҳоҷат не, Оиша-хола, чой бошад бозягон вақти дигар мехӯрем.

— Раисамон, Мирсодиқҷон, ҷудо ҳам одами сағиру кабир, бечора параст-дия. Фиристоданд, ки аҳволашонро хабар гирифта биё. Барои ҳамин як сари қадам шумоёнро бинам гуфта омадам. Баъд… Ҳодӣ-пучуқ хост, ки мақсадашро якбора, бе шаф-шаф гӯяду монад. Вале чойники чой дар даст хона даромада омадани Зарринаро дида, худдорӣ намуд. Заррина чойникро назди Оиша-хола гузошта худаш Додоҷонро бардошта берун рафт.

— Баъд боз таъин карданд, ки –суханашро давом дод Ҳодӣ пучуқ, -шумо ҳамроҳи Зарина як сари қадам ба идора равед будааст.

— Ҳа, тинҷи-мӣ? — пурсид Оиша-хола.

— Намедонам, ягон маслиҳат доштагӣ барин.

— Маслиҳат!? Бо кӣ маслиҳат мекарданд?

— Бо кӣ мешуд, бо шумо, бо Заррина –дия.

— Бо мо маслиҳат мекарданд!? Аҷоиб! Дар бораи чӣ бошад?!

— Ман надонам. Раис, гумон мекунед, ба мо дарди дилашонро мегӯянд. Ман як одами оддӣ бошам. Ҳамааш шуда қаровул. Рав, фалон корро кун гуфта фармон диҳанд, диде, ки сарамро гӯсфанд барин хам карда рафта истодам.

— Кори худатон маъқул. Ҳодибой. Калонҳо ба каллаи худашон кор кунанд, беҳтар. Маслиҳати бисёр ҳам намешавад. Баъзе одамҳо ҳастанд, ки маслиҳат медиҳам гуфта ақли калонҳоя медузданд, онҳоро ба роҳи бад тела мекунанд.

— Мо ин хел не-куя, Оишахон, - Ҳодӣ –пучуқ мисли девори намкаш суп-сурх шуд, вале сипоҳиро аз даст надода лаҷоми гапро ба дигар тараф гардонд:

— Албатта равед-а, Оишахон. Наравед, феъли раис мебиёяд. Баъд дидед, ки боз мо дар бало мондагӣ: «Ту, муттаҳам, ба хаёлам, рафта аз аҳволашон хабар нагирифтӣ, чӣ даркор, чӣ не, гуфта напурсидӣ. Набошад онҳо меомаданд» гуфта ҷанг мекунанд.

Дар ин лаҳзаҳо рафтор, гапзании Ҳодӣ –пучуқ хостгорзанҳоеро мемонд, ки ба хонаи соҳибдухтар рафта то маслиҳатро пазондан сад росту дурӯғ мегӯянд.

Раис Оиша- холаю Зарринаро бисёр интизор нашуд. Онҳоро хуш қабул намуда, аҳволпурсӣ кард. Баъд ба ҷояш гузашта нишасту:

— Ҳоло якҷоя зиндагӣ мекунем гӯед? — пурсид чойро дам кашида истода.— Бисёр нағз, бисёр кори хуб кардед. Заррина ҳам боодоб барин менамояд.

— Фарзанди одами нек-дия, хурд сағир монда бошад ҳам, ақлаш аз баъзе калонсолон беҳтар.

— Оишахон, мо ба як фикр омадем, намедонам шумо розӣ мешуда бошед ё не? Албатта, ҳоло ҳозир барои Заррина шумо ҳам падар, ҳам модар, барои мо ҳам духтарамон барин. Боварӣ ҳаст, ки вай аз гапи задаю хатти кашидаатон берун намебарояд.

— Вай чӣ хел фикр будааст? Худаш тинҷӣ-мӣ?

— Худатон медонед, Оишахон, ки мо ҳамеша бо нияти нек ба даргоҳи одамон медароем.

— Илоҳӣ ҳамин тавр шавад.

— Барои ҳамин, маслиҳат кардем, ки розигии шумо, худи Зарринаро гирифта, ӯро сардори бригад таъин кунем. Ҷавон, бораш вазнин не, камакак кор карда диҳад, ба фикрам бад нашавад даркор?

— Бригад гуфтед!? — Оиша-хола чанд сония хомӯш истода сипас:

— Кори бад не-куя. Лекин Зарринa боз ҷавонӣ накунад. Дӯст ҳаст, душман ҳаст. Сонӣ, вай зани аскар. Барои ман амонат. Амонат нигоҳдорира худатон медонед, додарам. Ягон гапи зиёдатӣ шавад, фардо шавҳараш ояд, чӣ ҷавоб медиҳам.

— Ғайр аз шумо, Оишахон, дар деҳаамон ҳама зани аскар шудагӣ, -шӯхӣ карданӣ шуд раис.

— Мо акнун ба кӣ даркор? Ду поям ба лаби гӯр расидааст. Номи неки ҷавонҳо бад нашавад мегӯям. Дар деҳа баъзе ҳаромхо пайдо шудагӣ мегӯянд. Барои ҳамин.

— Ба ҳаромҳо кори шумо набошад. Як касро надоштаю надида номи деҳаро ин хел бад накунед. Барои воҳима одамро суд мекунанд, мефаҳмед, - сиёсат намуд раис.

— Боз худаш медонад. Оиша-хола сӯи Заррина нигоҳ карда:

— Худат ягон чиз гӯй, духтарам, -гуфт.

Заррина дар паҳлӯи хола нишаста, аз тасф лола гашта буд. Чашмони ҳамеша майли табассумашро аз рӯи Додоҷон намеканд.

— Гап ҳамин Заррина, -раис якбора ба сари мақсад омад, -мо дар правления маслиҳат кардем. Лозим донистем, ки туро сардори бригад таъин кунем. Худат медонӣ, ки дар ин солу замона кор фармудани одамхо мушкил шуда монд. Бечора Бону-апа хуб хизмат кард. Одам, ки аз шаст гузашт, пир шуда мемондааст. Кадом рӯз ба идора омада бисёр илтимосу илтиҷо намуд. «Монда шудам, ба нағзӣ аз бригадирӣ нагиред, партофта меравам» гуфт. Фикр карда бинам дар ҳақиқат мушкил. Ту бошӣ, духтарам, ҳоло ҷавон. Албатта, ту кори деҳқониро накардӣ, азоб мекашам гуфта фикр мекунӣ. Аз ин тарафаш ғам нахур. Одам надонистагиашро мепур-

сад. Мулло ҳам пурсида-пурсида мулло шудагӣ. Ёриву маслиҳати мо даркор шуда монад, ба ҷону дил, дареғ намедорем.

Заррина дасти Додоҷонро бозӣ доронда, бозӣ доронда фикр мекард, ки ба раис чӣ ҷавоб диҳад. Агар «ҳа» гӯяд замона нотинҷ. Агар «не» гӯяд, раис як одами калон, роҳбари деҳа, одамгарӣ, ҳурмат аз ин зиёд намешавад. Сонӣ ба фронт сару либос, хӯрок даркор. Дар фронт шавҳари азизаш меҷангад.

— Ман ҳоло ҳеҷ чиз гуфта наметавонам. Фикр кунам, баъд ҷавобашро медиҳам.

Раис ба ин фикр розӣ шуд ва «майлаш духтарам, нағзакак фикр кун, маслиҳати Оишахонро гир» гӯён аз ҷой хест. Онҳоро то таги дар гусел намуд. Баъд гашта ба идорааш даромада аз хурсандӣ ду кафи дасташро ба ҳам зада молиш доду роҳравон «ба фикрам кор пухт. Дилаш кашол барин. Агар хоҳиш намедошт, пӯсткандаи гапро мегуфту мемонд. «Ҳодибой, қанд зан, заршиносиатро исбот кардӣ. Ман қоил». Бойҷонов дар ҳамин фикр буд, ки Ҳодӣ-пучуқ бе пӯшт-пӯшт даромад:

— Шер ё рӯбоҳ, раисҷон? — Баъд чеҳраи кушодаи Бойҷоновро дида:

— Маълум, маълум, кор пухтагӣ барин. Хайр, барори кори ҳар бандаи мӯминро диҳад, -даст бардошта дуо кард ӯ.

— Барори кори раисро гӯӣ, кам мешавӣ?

— Шумо ҳам, раисҷон, иншоолоҳ мусулмон, яъне бандаи мӯъмин-ку? Барои ҳамин ман махсус шуморо номбар накардам, ки «девор муш дораду муш гӯш». Эҳтиёт чизи хуб-дия, раисҷон.

— Албатта, албатта. — Ҳодӣ-пучуқ пеш-пеш, раис аз қафо баромада ҳар яке аз паи кори худ шуданд.

❀ ❀ ❀

Заррина он рӯз шабро чӣ тавр гузаронд, худаш ҳам намедонад. Фикрҳои гуногун майнаи ӯро азоб медоданд. «Чӣ бояд кард?» мепурсид аз худаш. Правленияи колхоз ба ӯ бовар кардааст. Дар ҳақиқат гапи раис дуруст. Сол-

соли ҷанг. Ба фронт мо бояд ёрдам расонем. Охир, ҷанг якумрӣ набудагист. Кобилҷон сиҳат саломат баргашта ояд, аз кори ман хурсанд мешудагист Ё… Кӣ медонад?! Дили мардҳоро дониста намешавад.

Пагоҳӣ Заррина аз хоб барвақт хест. Гӯё, ки ба ягон сафари дур тайёрӣ медида бошад, ҳавлиро тоза рӯфта, об зад. Чунон тоза, ки шир резад, лесида мешуд. Чой дам карда ба назди Оиша-хола оварда монд. Сари дастурхон ӯ ба модар мақсадашро гуфт.

— Бисёр фикри оқилона, бачем. Одамҳои қадим «ғарӣ номус, duздӣ номус, бечорагӣ номус не» гуфтаанд. Баромада бамаънӣ шуда кор кунӣ, обрӯи худат. Бонуҷонро бин. Ҳамин қадар сол боз халқ қатӣ кор мекунад. Ягон бор кас овози баландашро нашунавидааст. Гиру монаша мардҳо ҳавас мекунанд. То дар таги ор монда мурдана духтарам, таги корба монда мурдан сад бор бехтар. Кори ту беҳуда намеравад. Қобилҷону Салимҷон дар аскарӣ. Ба онҳо мефиристонанд. Майлаш духтарам, рав, ба раис розигиатро гӯй…

.. Бригадаи Заррина андаке майдони ток, ғаллаи лалмӣ, каму беш сабзавот, юнучқа, пиёзи тухмӣ дошт. Дар он солҳо ин барои як бригада замини бисёр ба шумор мерафт. Дар тамоми колхоз як ҷуфти гов буд. Одамон заминро бо каланд канда, ҷаву гандум мекориданд. Мардум он солҳо мондашавиро намедонистанд. Рӯз бо кор гузарад, шаб бо ёди фарзанд, шавҳар, хешу табори дар фронт буда мегузашт.

Ҳаво якбора сахт гарм, токпарварон серкор шуданд. Токро саросар аз таги хок кушодан, буридан, каланд кардан даркор буд. Аз вақташ гузарад хок лесида, навдаҳояшон сип-сиёҳ шуда, ҳосил талаф меёфт.

Вақт мегузашт. Заррина вазъияти токзорро дида, хун мехӯрд. Чӣ бояд кард? Дуруст аст, ки «бригад нав, бечора ба ҷавонию вазнинии шароиташ нигоҳ накарда, кори душворро ба ӯҳда гирифт» гӯён пиру барно ба саҳро мебаромаданд. Вале магар бо ин қувваи мавҷуда ин қадар майдонро дар мӯҳлати кӯтоҳ- даҳ-понздаҳ рӯз,

аз даст баровардан мумкин аст? Солҳои пеш дигар буд. Баҳор мисли имсола гарм наомада буд.

Заррина пагоҳии барвақт роҳи участкаи Боғи Миёнаро пеш гирифт. Ӯ аз даруни токзори каб-кабуд ревоҷ бароварда гузашта сари хирманҷо рафт. Димоғаш сӯхтагӣ буд. Ток ҳосил ҷудо кардаасту аммо то ҳол навдаҳояш набуридагӣ. Дар вақти каланд бошад, ними ҳосил рехтанаш мумкин. Назди кӣ равад, аз кӣ ёрдам пурсад? Ба ҳар ҳол бо раис маслиҳат кардан даркор. Аз вазъият ӯ бохабар. Аммо то бача гиря накунад, модараш шир намедиҳад-ку.

— Гапат дуруст, Заррина, - токро тез бурида, то нимаи аввали моҳи апрел аз каланд баровардан даркор. Инро худи мо ҳам медонем. Вале канӣ ҳамон қувва? Ҳа, канӣ. Худат фикр кун чӣ? Мо ҳамин хел қувва дорем ё не?

— Не, албатта.

— Офарин, худат шароитро панҷ панҷа барин дониста истодаӣ. Лекин, -раис овозашро паст карда, - барои ту шуда ягон илоҷ ёфтан мумкин. Мо метавонем чор-панҷ рӯз аз бригадаҳои чоруму шашум ба ту ёрдамчӣ фиристонем. То картошкашинонӣ ҳоло вақт ҳаст.

— Барои ман бошад, лозим не, раис. Ман барои кори ҷамъият мегӯям.

— Мефаҳмам. Ӯббо, одам ин хел нашудааст-дия, Заррина. Мо баъзан байни худ бо шӯхӣ гап мезанем. Даррав хафа шудан мегирӣ?

Раис гап мезаду аз чӣ бошад, ки овозаш, аъзои баданаш меларзид. Рафтори ӯ навошиқеро мемонд, ки ба маҳбубаш тарсида-тарсида чизе мегӯяд.

— Сонӣ қарсақ аз ду тараф-дия. Хоҳӣ дар як ҳафта тамоми токзоратро аз даст мебарорем. Ин ба ману ту вобаста. Ба шарте, ки ин хел гап нагардонида, номус накарда, тез-тез ба ин ҷо омада истӣ. Ба нағзи мо бо нағзӣ ҷавоб диҳӣ.

— Аз дасти ман ҳоло ҳеҷ гуна нағзӣ намеояд-дия, раис.

— Аз дасти ту! Э, Зарринае, Зарринае, -раис ҳир-ҳир хандида, аз ҷояш хест. Чанд қадам майда қадам партофта назди дар рафт ва чанд сония хомӯш истода фаҳмид, ки аз берун шарфаи пой шунавида мешавад ё не. Сонӣ бо дили пур, ба назди Зарринa омада, хост оҳиста ду дасташро ба китфони ӯ монда, фаҳмад. Фаҳмад, ки муқобилият нишон медиҳад ё не. Агар мисли гӯсфанди даштӣ рамад, эҳтиёт кардан даркор. Вале андеша кард. Аз рӯзи аввал хуб не. Худо накарда банохост ягон кас ба идора даромада монад, шармандагӣ.

— Нағзӣ намеояд мегӯӣ. Ту хоҳӣ мо як умр бо ҳамдигар дӯст шуда мегардем. Ҳа, Зарринa, чунон мегардем, ки ягон кас намефаҳмад. Падару духтар барин, -гуфт рӯ ба рӯи бригад нишаста дастонашро номаълум ба дастони Зарринa, ки болои мизи кӯҳнаи луччак меистод, монд.

Зарринa гӯё, ки дасташ ба оби ҷӯш ё қувваи барқ расида бошад, шартӣ кашида гирифт.

— Ҳа, раис, навигарӣ-ку? Падариатон ҳамин-мӣ? Шумо маро ба ҷои кӣ гумон кардед? Шарм намедоред? Ман ба духтаратон баробар!

Зарринa ба ҷаҳл аз ҷояш хест, тамоми вуҷудаш меларзид. Рухсораш аз тасф анор гашта буд. Вай аз қаҳр ҳатто хараки нишастаашро чӣ хел чаппа кард, надониста монд. Аммо ба ин эътибор надода чанд қадам монда, назди баромадгоҳ рафту «Ёрдаматон саратонро хӯрад, шумо бевиҷдонро. Садқаи номи раисӣ-падари халқ шавед» гуфта дарро чунон кушода сахт пӯшид, ки вай тараққос зада аз нав нимроғ шуд.

Раис дар ҷояш карахт шуда менишаст. Вай аз рафтораш сад пушаймон буд. Ҳамин вақт Ҳодӣ-пучуқ ҳир-ҳир хандида даромада омад. Вай ба пурсишҳояш алами ҷӯраашро тоза кард:

— Ҳа, раис, тан надод мӣ? Хайр, ҳеҷ гап не, мо бошему вай ром нашавад. Ин хел бедонаҳоро чандтоаш мехондагию ром шуд. Ҳамин тавр не, раис? Боз дидед, ки чӣ тавр худаш ба даруни остинатон даромадааст, надониста мондед.

Ҳар сухани Ҳодӣ пучуқ барои раис дилбардорӣ не, балки тире буд, ки синаашро сӯрох мекард.

— Баро, аз идора баро гуфтам, баро, — якбора кафид Бойҷонов. — Ба болои сӯхта намакоб, маро масхара мекунӣ-а, муттаҳам. Одами ёфтагиатро дидӣ? Ҳама корро расво кард. Дигар бригадирӣ накунад, мардум чӣ мегӯянд, а? Ҷавоб деҳ!? — Раис аз ҷояш хеста ба Ҳодӣпучуқ наздик шуд. Ҳатто аз қаҳр аз гиребони ҷомаи кампахтаи сиёҳи ранггаштаи ӯ дошта, як шипонда монд.

— Ба ман чӣ, ба ман чӣ, раисҷон? Охир, худатон маъқул кардед, худатон, — мисли шахси гунаҳкор тамаллуқ мекард Ҳодӣ пучуқ.

...Заррина аз идора баромада, роҳи хонаашро пеш гирифт. Ҳавлии ӯ дар поёни деҳа ҷой гирифтааст. Вай тез-тез қадам мемонд. Роҳравон худ ба худ гап мезад: «Корат аз сарат сабил монад. Акнун занатро, духтаратро гӯй, баромада бригадӣ кунад. Дар хона нишастанам сад тилло будааст. Ба ман чӣ ҷин зад: Ба хаёле рафта ҷои гармамро хунук кардам».

Оиша-хола дар офтобаки рӯи ҳавлӣ нишаста, ба ҷои пиёла нон тар карда, ба Додоҷон мехӯронд. Нохост ба шаст кушодани дари кӯча ӯро як қад парронд.

— Заррина, ту мӣ, духтарам?!

— Ҳа, ман?! Чӣ буд? — Саҳл монд Заррина алами Исоро аз Мӯсо гирад. Вай на ба рӯи Оиша-хола нигарист ва на ба рӯи Додоҷони модарашро дида тарки оғӯши оча карда.

Ӯ ба монанди шахси ба сараш мусибате омада, ғамгин ба хона даромада худро ба рӯи палос партофт. Дилаш пур шуд. Баланд-баланд, мисли духтарчаҳо ҳунгос зада гирист.

Модарам Бунафша. Ёд дорӣ навҳаи пуралами фарзандатро. Заррина ба қадри худ месӯхту аз дасти замона мегирист. Шояд дар он лаҳзаҳо аз ту шикоят мекард, ки раис барин фарзандони ифлосро ба дунё овардӣ?

— Шояд. Лекин дар ин ҷо гуноҳи ман чист? Охир кадом модар мехоҳад нури дидааш хунхӯр, нопоку

ифлос, раъди маърака, бадбини мардум гардад? Канӣ, ҷавоб деҳ, ҷавоб…

— Чӣ шуд, духтарам. Кӣ хафа кард? — Оиша-хола назди Заррина нишаста сари ӯро оҳиста боло бардошт. — Хез бачем, садқаи оби дидаат кун. Барои чӣ гиря мекунӣ? Хайр, агар корат вазнинӣ карда бошад, ҳеҷ гап не, ман худам рафта ба раис мегӯям. Ягон каси дигарро меёфтагист. Хез, хез бачем, гиря накун. Бекор обу адо мешавӣ.

Оиша –хола дид, ки гапаш намегузард, ӯро ба ҳолаш гузошту Додоҷонро бардошта рӯи ҳавлӣ баромад.

Заррина баъди чанд соат сарашро аз замин бардошт. Чашмонаш суп-сурх гашта, қавоқаш зардолу барин варамида буд. Вай ба девори пойгаҳи хона, ки андовааш кӯҳнаю хокрез гаштааст, такя карда, хеле сукут намуд:

— Беҳуда ба бригадирӣ розӣ шудам. Ман аз дилу нияти ифлоси ӯ бехабар будам, аҷаб кори намешудагӣ шуд. Ягон кас фаҳмад, номам бад мешавад. Хоки пои занак сабук. Бригадириро партоям чӣ? Ин хел намешавад. Одамҳо гап мебофанд. Дилат набудааст, чаро аз аввал розӣ шудӣ. Гумон кардӣ бригадӣ оши тайёру мехӯрӣ. Чор рӯз кор накарда нозу нузи бисёр. Ё..ё ҳарчӣ бодо бод гуфта як сол кор карда диҳам? Ба раис гапҳои задагиам дар идора бас будагист. Хирс бошад ҳам пӯст мепартояд. Шояд, минбаъд қадамашро дониста монад.

Он рӯз Заррина ба кор набаромада дам гирифт. Худ ба худ қасам хӯрд, ки дигар бо раис дар бораи ёрдам даҳон намекушояд. «Наход кори ҷамъият монад. Хамин қадар сол мекарданд ку. Он вақт на ман бригадир будаму на Бойҷон раис. Лекин кори ҷамъият намемонд».

Ҳамин вақт ба хотири Заррина чизе расид:

Дар воқеъ мактаб ҳаст. Фардо саҳарӣ як сари қадам ба назди директор меравам. Шодмонов муаллими нағз. Падари ҳафт нафар фарзанд. Ҳоло се нафараш дар аскарӣ, дард дорад, гапро мефаҳмад, мисли Бойҷонов беғам не.

Зарринa барвақт ба мактаб омада ба Шодмонов вазъиятро фаҳмонд. «Бемалол, бемалол, духтарам. Чанд рӯз лозим бошад, бачаҳо ёрӣ мерасонанд. Фақат дар вақти ангурканӣ моро фаромӯш накунед, шуд» шӯхӣ кард ӯ.

Реҷаи кори имрӯзаи бригад чунин буд: мӯйсафедонро ба қартаи поён фиристодан. Занҳо бошанд, дар майдони нимкораи дирӯза ток кушоянд. Бачаҳо топила чинанд, беҳтар. Замин якбора тоза мешавад.

Чоштгоҳӣ. Участкаи Боғи Миёна назар ба ҳаррӯза серодам. Аъзоёни бригада, хонандагони мактаб ҳама машғули коранд. Аз як тараф садои тақ-тақи каланди колхозчиён, аз тарафи дигар ғарч-ғарчи қайчии токбуррон, сурудхонон топилачинии бачаҳо-ҳама омехтаю як шуда суруди меҳнатро ташкил медод.

Зарринa, ки мӯзаи нимдошти корӣ дар пой, дар тан пероҳани чити шона-шона дошт, аз болояш ҷомаи пахтагин пӯшида, рӯймоли шоли сафедашро ҳамеша аз таги манаҳ баста мегашт, ба кори колхозчиён назорат карда, сар-сари марза поёну боло рафта меомад. Аз баъзеҳо хоҳиш мекард: бо эҳтиёт каланд зананд, то ревоҷ напарад, панҷаи ангурдорро бурида напартоянд. Бачаҳо дар даруни ток даводав карда ҳосилро нарезонанд. Дар ҳамин вақт шиҳаи аспе шунида шуд. Зарринa аз раҳнаи девори участка нигоҳ карда, савораро шинохт. Раис ба зин яктарафа нишаста, лаҷоми аспро таранг кашида, вайро бозӣ доронда-бозӣ доронда меомад. Ҳар замон қамчинро ба ҳаво бардошта, оҳиста ба гардани асп мезад.

Бойҷонов баъди воқеаи дирӯза умедашро канда буд. Боварӣ надошт, ки Зарринa боз ба кор мебарояд. Аз ин рӯ, токзори бригадаи ӯро ин қадар серодам дида, ҳайрон шуд. «Одамҳо ҳам занакмиҷоз шудагӣ. Хаёлашон сардорашон ҳам занак бошад. Набошад ба гапи як муштипар даромада ҳамин қадар кас ба саҳро мебарояд. Ё тавба!?»

Ӯ аспашро ба танаи чормағз баста, назди колхозчиён омад. Қавоқаш овезон, табъаш хира буд. Ба одаме монанд буд, ки ба касе арбадаи сахт карда, монда

шудааст. Рангу рӯй гули пажмурдаро мемонд. Чинҳои пешонӣ, ожангҳои рӯяш зиёдтар шуда, синну солашро калонтар нишон медоданд. Раис сӯи бригад нигоҳ накарда:

— Ҳамаро ба по хезондӣ-ку, -пичингомез гуфт. — Боз мегӯӣ, ки кор мемонад.

— Ҳа, муаллим Шодмонов мактаббачаҳоро фиристоданд. Баъзе занҳою мӯсафедонро илтимос кардам…

— Нағз, нағз. — гуфт раис тарафи аспаш рафта истода. Зарринa ҳам дилу нодилон, пой молида чанд қадам аз паси раис рафт, то колхозчиён нагӯянд, ки гапи раису бригад гурехтагӣ барин.

— Фардо ёрдамчиҳои ваъдагӣ меоянд, -раис дили Зарринаро фаҳмиданӣ шуд.

— Ба мо ёрдамчӣ лозим не! Сари аъзоҳои худам дард накунад. Раис, илтимос, хоҳед, ки ҳар ду шарманда нашавем, ёрдамчӣ нафиристед. Агар фиристонед ҳам, аз сари замин пеш мекунам.

— Нахоҳӣ не-дия. Як ба ту зорӣ накарда монда будам, -раис бо як ҷаҳидан худро сари зин гирифта, аспашро «чуҳ» гӯён қамчини сахт зад. Қашқа бо ду пои ақибаш хоки заминро канда ҳаво доду аз ҷояш якбора ҳаллос зад.

Ҳамин тавр, токзори бригадаи Зарринa дар тӯли чанд рӯз аз даст баромад. Акнун то вақти дарави ғалла кор як навъ сабук шуда буд.

Обдиҳии ток, таъмири мавизҷой, даравидану хушконидани юнучқа ба назари аъзоҳо майда-чуйда менамуд.

Рафти кор бад набуд. Зарринa бегоҳиҳо барвақттар ба хона меомад. Баъди тановули хӯрок сӯҳбати онҳо аз ҳар хусус мерафт. Вале бештар аз Қобилҷону Салимҷон гап мезаданд. Бисёр мешуд, ки Оиша-хола ашк мерехт. Аз наомадани хати писараш хавотир мешуд. Аммо чӣ илоҷ? Дар ин лаҳзаҳо Зарринa гӯё модар бошад. Оиша-холаро насиҳат мекард. «Ғами беҳуда чӣ фоида, модарҷон! Шояд ба хатнависӣ вақташон нашавад».

Оиша- хола суханҳои Зарринаро шунавида:

— Бале бачем, ҳамин тавр, ба ақли расоят модарат мурад. Худо туро аз кучо ба мани танҳо расонд. Илоҳим ҳамин тавр шавад, дар ҷанг ҳеч кас намурад. Қобилҷону Салимҷон ҳам.

✽ ✽ ✽

Участкаи Сангистон. Одамон ба ин ҷо мувофиқ ном мондаанд. Макони сангҳо. Дар ин мавзеъ ғайр аз санги сиёҳ, қаламасанг, санги сафед, чормағзсанг (санги кулӯла ҳам мегӯянд) гӯё дигар чизе нест. Вале ин участка аҳолии деҳаи Бунафшаро ба хошоки дурушт, сангҳои иморатбоб таъмин мекунад. Ёнаҳояш хеле ҳосилхез. Зимистон барфу аввали баҳор ду-се борони нағз шавад, хоҷагӣ ҷувол-ҷуволу ароба-ароба ҷаву гандум мегирад. Ҳосили онсолаи ғалла мувофиқи табъ буд. Қади гандум одамро гӯр мекард. Саракаш калон-калон. Мардуми деҳа аз ин хел ҳосил розӣ. Ҳосили бисёр аломати некӣ, - мегӯянд онҳо. Як ризқи мо бошад, мегузарад. Канӣ ҳама сол ҳамин хел ғалла шавад-ку, чашми халқ сер мешавад, бачаҳоямон дар фронт гурусна намемонанд. Бале, онҳо ғами хеш не, дар фронт будагонро бештар мехӯрданд. Як бурда нони барои зинда мондан мехӯрдагиашонро нони серӣ меҳисобиданд. Ҳангоми хӯрокхӯрию чойнӯшӣ фарзандонашон ба хотирашон расида, дар гулӯяшон нону об дар мемонд.

Се рӯз аст, ки дарави ғалла давом мекунад. Субҳ надамида даравгарон аз хоб мехезанд. Шағ-шағи доси онҳоро боди форами саҳарӣ ба гӯш мерасонад. Дарав шабхобрав. Кор аз субҳ оғоз ёфта то чашм дидан, баъзан дар маҳтобшаб ҳам давом мекунад. Кор, кор, боз кор. Чаро ин тавр? Деҳаи азизам, Бунафша, сабаби инро дар он солҳо танҳо ту медонистӣ. Ҳа, танҳо ту. Набошад, онҳоро касе маҷбур намекард. Зеро раис кай хоҳад ба саҳро мебарояд. Бригад бегоҳиҳо барои хабаргирии Додоҷон ба хонааш меравад. Дар саҳро бошад, танҳо пирон, занҳои аскар, ду-се нафар майибу маслукҳои модарзод. Канӣ бигӯ, деҳаи азизам, онҳоро кӣ ё чӣ маҷбур месохт?

— Виҷдон!?

— Виҷдон?!

— Бале виҷдон. Чӣ тавр онҳо кор накунанд. Модоме, ки як пора дилу ҷигарашон барои пораи дигари дилу ҷигари онҳо, барои як каф хоки муқаддаси Ватан ҷонфидоӣ мекунанд…

… Солеҳҷон бачаи бад нест. Хурд бошад ҳам, ақлаш ба ҳама чиз мерасад. Замона, ҷангро нағз мефаҳмад. Медонад, ки ду нафар бародаронаш ба хизмати Ватан рафтаанд. Ягона умед модари пири бемораш аст. Бинобар он пас аз дарс аз паи зиндагӣ мешавад. Бале, модари азиз деҳаи зебоманзарам, Бунафша, дар он солҳо қариб ҳамаи бачаҳо ҳамин хел буданд. Замона онҳоро чандин сол калонтар, бофаҳмтар, пуртоқату тобовартар гардонида буд.

Имрӯз Солеҳҷон аз ҳарвақта як соат дер аз мактаб омад. Модараш Шарифа-хола дар бистар хобида, роҳи писарашро мепоид.

— Омадӣ, -гуфт Солеҳҷонро дида.

— Омадам, модарҷон. Аҳволатон чӣ тавр, нағз шудед, аз пагоҳӣ беҳтар охир?

— Ман нағз. Аз акаҳоят хату хабар нест. Турдӣбобоятро дар кӯчаю паскӯча надидӣ? Напурсидӣ, ки чаро хат намебиёяд?

— Акаҳоям хат нанависанд, илоҷи он кас чӣ?

Модар «оҳ» кашиду «гӯр ин ҷанг шавад. Кай тамом мешуда бошад», -гуфт.

— Дар мактабатон ҳеҷ бӯи некӣ нест? -пурсид ӯ. — Муаллимҳо ҳеҷ чиз нагуфтанд? Гирмона кай нест мекарда бошанд?

— Гуфтанд, модарҷон. Ҳозир аскарони мо зӯр баромада истода будаанд.

— Илоҳо ҳамин тавр шавад, хоки душман бод шавад.

— Модарҷон, агар шумо нағз бошед, ман ҳамроҳи ҷӯраҳоям ба саракчинӣ равам.

— Рав бачам, рав, лекин эҳтиёт кун. Боз бачагӣ карда сари ҷаву гандуми надаравидаро наканӣ. Солеҳҷон «не» гӯён халтаи худро аз токи пойгаҳ гирифта ба

подаҷо, ки он ҷо бояд бачаҳо ҷамъ мешуданд, давида рафт.

Деҳаи Бунафша дар пастхамӣ ҷой гирифтааст. Ҷӯе, ки ҳамеша як осиё об дорад, деҳаро ду тақсим мекунад. Дар тарафи рости ҷӯй хона бисёртар. Ин сабаб дорад. Он ҷо замини обӣ камтар. Одамҳо худашон ҳавлӣ карда, аз масофаи тақрибан се километр ҷӯй кофта об овардаанд. Бунафша дар баҳору тобистон ҷаннати афсонавиро мемонд. Боби истироҳат. Хаёли кас, ки дар лаби ҷӯй, болои сабзаҳояш шинаду шинад. Аз ҳавои тозааш чуқур-чуқур, то сер шудан нафас гирад. Ба ҳамаи ин, албатта, вақт, тинҷӣ, хотири ҷамъ, шиками сер даркор. Дар он рӯзҳо бошад, ба назари одамон ҳеҷ чиз наменамуд.

Дар ёнаҳои ғаллааш даравидаю бандҳояш кашондаи участкаи Сангистон сарак бисёр рехтааст. Машғулияти аксар бачаҳо баъди мактаб ҳамин. Онҳо халта-халта сарак мечинанд, модаронашон онро кӯфта, орд карда, нон пухта медиҳанд. Аҷаб нонҳои ширин будаанд нони он солҳо. Одам, ки барои ҳар бурдааш ранҷи бисёр мекашид, ба назараш на гӯшти гӯсфанд менамуду на равғани думба. Нон набошад, ҳеҷ чиз қадр надоштааст, деҳаам-модарам, Бунафша. Мегӯянд-ку ба гӯши одами гурусна овози булбул намефорад.

Бачаҳо сарак мечиданд. Онҳо аз дур баррачаҳои чарида гаштаро мемонданд. Фарқ танҳо дар ҳамин буд, ки баррачаҳо саракҳоро ёфта, қумур-қумур хоида хӯранд, бачаҳо ба халта меандохтанд. Баррачаҳо ғами ҳозираро хӯранд, бачаҳо ғами фардою пасфардоро мехӯрданд. Баррачаҳо дар ҷое сараки бисёр рехтаро дида монанд, думбачаҳои нағзакакашонро бозӣ доронда-бозӣ доронда, «ҳимм, ҳимм» гӯён давида раванд, бачаҳо «туфлак, туфлак, ман пеш дидам, ман пеш дидам» гӯён сӯяш медавиданд.

Раис ин пагоҳӣ аз паи нияти ифлосаш афтод. Ба идорааш даромада паси миз нишаста худ ба худ: «Шуд акнун. сабр ҳам ҳамин қадар будагист. Э-ҳа, духтари шоҳ, гаҳвораащ аз осмон афтодагӣ не-ку. Як сағира будааст. Ба ҳамон панҷ-шаш моҳ боз хушомад мезанам.

Занак-дия, нозу нуз кардан мегирад, ҳозир аз ҷаҳлаш фаромадагӣ барин. Мард шуда, дар чунин мансаб истода, як занакро ба даст наафтонам, чӣ кор карда гаштам? Гулро бинию набӯӣ, чӣ кайфияте дорад».

Ба ёди ин ҳама андешаҳо Бойҷонов аз ғалладонаш шишаеро бароварда кушоду ба косапиёла пур-пур карда рехт, нӯшид. Барои он ки бӯяш равад, як-ду пора сирро ба даҳонаш партофта, лабу рӯяшро бурма карда, хоида-хоида хӯрд. Баъд як мағзи нони хушкро қатар-қатар мисли калламуш хоида тамом кард, берун баромад ва ба аспаш, ки дар нӯгчӯбӣ қантар меистод, савор шуд.

«-Заррина дар назди даравгарон будагист, -аз дил гузаронд ӯ. — Учатскаи Сангистон ҷойҳои хуб дорад. Канӣ, дар чанд рӯзи дигар даравгарон корро тамом мекунанд. Баъд бригадро ба лаби чашма мебарам. Он ҷо хилват, паша пар намезанад. Ҳа гӯяд хуб, нашавад зӯри-дия. Албатта «дод» намегӯяд. Дод гӯяд чӣ?Худаш шарманда мешавад. Ба худаш мушкил».

Чашмони раис ба саракчинҳо афтод. Бачаҳо «сиёҳӣ»-и мисли бод тез омада истодаро дида, чун мурғони аз ҳамлаи ногаҳонии рӯбоҳ ба қиғу чиғ афтода, бесаришта шуданд. Бойҷонов ба шаст асп давонда омад. Охир, бачаҳо медонистанд, ки ҳосилот ё посбони дашт то ҳол барои сараки ба замин рехтаро чидан касеро сарзаниш накардаанд. Шояд, ин савора ҳам чизе нагӯяд.

— Ҳе, зоидагии шумоён сағираҳоя..., — дашном дод Мирсодиқ Бойҷонов ва бо тозиёна ба сари Солеҳҷон зад. Аз чашмони бачаи бечора оташ парид. Сонияе нагузашта сару рӯяш оғуштаи хун гардид. Ба доду войи бача нигоҳ накарда раис ӯро як тозиёнаи дигар фаровард. Баъд хам шуда, аз дасти чапи ӯ бардошта, мисли бузкашони номӣ ба пеши зин гирифта, кӯндаланг хобонд. Нолаи ҷонхароши Солеҳҷон дили сангро об мекард, аммо Бойҷонов «ин чӣ, ҳоло адаби ту ҳаромиро дурусттар медиҳам» мегуфт.

Аспи раисро даравгарон бо як дидан шинохтанд. Он солҳо дар колхоз танҳо Бойҷонов савора мегашт. Баъд баъзе намояндаҳои ноҳия савора меомаданд. Аспи

сурхи дар пешонааш як порча тасмаи сафед дошта азони раис буд.

— Одамҳоро гӯ, ҳама ҷамъ шаванд, — фармон дод раис ба яке аз даравгарон, ки Ёрмаҳмад ном дошт.

— Чӣ гап шудааст, тинҷи-мӣ? — аз ҳамдигар мепурсиданд даравгарон.

— Шумоён обу араќ рехта кор кунетон, инҳо дуздида рафтан гиранд, — гӯён раис Солеҳҷони нолида истодаро ба монанди халтаи гандум аз пеши зин «тараппӣ» ба замин партофт. Солеҳҷон ба по истода натавониста ба даҳону бинӣ афтид. «Вой мурдам, апаҷон» гуфтани бача ба сари даравгарон гӯё як сатил оби хунук рехт.

— Ҳай, ҳай, раисбобо, ин коратон нағз не. Гузарад соли қаҳатӣ, монад рӯи сӯхтаи хоҳарам. Ҳамаамон бачаю кача дорем. Наход барои як каф сарак… — Ҳоҷӣ амак чанд қадам пештар монда омаду хост Солеҳҷонро аз замин бардорад.

— Монед, дар ҳамин ҷо ҷон диҳад, як то кам, — сиёсат намуд раис.

— Дар беҳудиҳо худро шинос гуфтаанд, раисбобо. Ман аз шумо чанд курта зиёд дарондагӣ.

— А-ҳа, акнун фаҳмидам. Ба фикрам дар байни саракчинҳо набераи шумо ҳам буд?

— Дар гуфта ба девор вохӯрдем-ку. Хайр, бошад будааст-дия, чӣ шудааст. То зоғу занбӯр хӯрдана, бачаҳо тоза кунанд ганда-мӣ?

Ҳоҷӣ-амак Солеҳҷонро аз замин бардошт: «Хез, писарам, ин рӯзҳо мегузаранд, боз чашми ҳама аз нон сер мешавад. Лаънат ба он кас, ки қадри фарзанди инсонро надонад», —гуфт.

Солеҳҷони ба хун оғӯштаро дида, даравгарон байни ҳамдигар «раис аз худ рафтааст, худоро намешиносад. Ин хел одам садқаи ҳурмату эҳтиром шавад», пичиррос мезаданд.

— Сардоратон канӣ? — пурсид Бойҷонов.

— Кӯдакаш нотоб шудааст, бегоҳӣ ба хонааш рафта буд, ҳамин замон омада мемонад, — ҷавоб дод Ёрмаҳмад.

— Ҳа, навигарӣ-ку, корро монда… Раис сари аспашро бо шаст гардонда «чуҳ» гӯён қамчин зад.

— Савлатат хушк шавад, -оҳиста гуфт зане.

— Садқаи ҳамин асп шав, -илова намуд дигаре.

Деҳаи азизам, Бунафша. Ман сонӣ фаҳмидам, ки дуои бади халқ, оҳи сағиру кабир барабас намерафтааст. Вай одамро ба ҳар бало гирифтор мекардааст. Охир ту ҳам шоҳиди он воқеа будӣ-ку. Чанд соат, бале чанд соат пурсаброна рафтори Бойҷоновро тамошо кардӣ. Баъд дидӣ, ки шахсе саркану покан, ба обу арақ ғӯтида, назди даравгарон меояд. Аз афту андомаш маълум, ки нохушие рӯй додаст. Шояд, ин нохуширо аз ҳама пеш ту фаҳмида будию ломе нагуфтӣ…

— Ҳа, Юсуфҷон. — Ҳоҷӣ-амак, ки ба даравгарон чой меҷӯшонид, аввалин шуда бухгалтерро — марди чилу панҷсолаи миёнақад, газгӯшт, чашмони осмонӣ, мижгонҳои рост-рост дошта, ки дасти чапаш модарзод маъюб буд, пешвоз гирифт. — Ин қадар ҳавосат парешон?

— Ба шумоён хабар диҳам гуфта омадам.

— Ба моён!? Чиро? Тинҷӣ –мӣ, охир?

— Раис ба ин ҷо омада буданд?

— Ҳа, омада буд, лекин дили одамонро ях барин карда рафт. Кошкӣ дигар намеомад, — аз таги гап бехабар дилашро холӣ кард Ҳоҷӣ-амак.

— Бечора раис одами хуб буданд…

— Чӣ хел бечора? Садқаи бечорагӣ шавад!

— Ин тавр нагӯед, амакҷон!

— Мегӯям, ба дорам кашанд ҳам, мегӯям.

— Дигар он кас зинда нестанд, ки шуморо ба дор кашанд.

— Чӣ? Чӣ гуфта истодаӣ, писарам, зинда нест!?

— Ҳа, ҷасади он касро аспашон кашола карда ба молхона бурдааст.

— Не-е! Рангу рӯи Ҳоҷӣ амак канд. Гуп-гуп задани дилашро ҳис намуд. Беихтиёр «бечора» гуфта монд.

Хабари шумро дар байни чанд сония тамоми даравгарон шунавиданд. Аммо касе афсӯс намехӯрд. Баъзеҳо бошанд «худаш маълум буд. Вайро худо зад. Ҳаққи

одами ганда ҳамин. Бад бад мемурад. Бачаи бегуноҳро заду сарғалтон шуд»мегуфтанд…

Деҳаи ба ҷон баробарам, Бунафша, чаро мардумат ин хел хислат дорад? Ҳатто, баъди марг дар ҳаққи шахси бадмур сухани нек намегӯянд. Ё дар ҳама ҷо инсоният бадкирдоронро бад мебинад?

— Худат медонӣ-ку, фарзанди азизам, чаро боз мепурсӣ. Барои ҳамин беҳуда нагуфтаанд, ки худо занад занаду халқ назанад.

— Бунафша, аз номи некат гардам, модари ҷон. Мушкиламро осон намо. Ман ду чизро то ҳол нафаҳмидаам. Сабаби худкушии Офтобхон ва ҳалокати раисро. Ту ҳамон солиён шоҳиди он воқеаҳо будӣ, биё ба мо ҳикоят кун.

— Бале, ман шоҳид будам. Ҳар ду ҳам ба марги зӯракӣ гирифтор шуд. Якеро виҷдон набардошта худро ба ҳалокат расонд. Дигареро дуои халқ гирифт.

… Офтобхон зани аскар буд. Модараш доништа ном гузошта будааст. Ҳақиқатан ҳам Офтоб! Ҳам рӯяш, ҳам чашмонаш медурахшиданд. Мӯяш баробари қадаш мисли шохи маҷнунбед бозӣ мекард. Хусусан баъди арӯсияш кушодаю шир барин сафед шуда, чунон зебо гардида буд, ки бинанда «хурам» мегуфт. Бечора, ба шавҳараш насиб накард. Ба фронт рафта арӯсашро танҳо гузошт.

Деҳаи азизам Бунафша. Ёд дорӣ сӯҳбати якшабинаи раис бо Ҳодӣ-пучуқро: «савоби ин арӯсҳоро мо нагирем, кӣ мегирад. Худо медонад мардҳои онҳо дигар баргашта меоянд ё не» мегуфт раис.

— Гиру мон гуфтаанд. Ба Гирмон (Германияро Ҳодӣ –пучуқ ҳамин тавр талаффуз мекард) инҳо бозӣ карданӣ. То Маскав омадааст, мегӯянд. Ба ману шумо ҳар ду тараф баробар. Кадомаш зӯрӣ кунад, кор карда нон мехӯрем. Кӣ медонад, агар давлати Гирмон зӯр бараояд, боз ҳамон заминҳои падарамонро медиҳад-мӣ…

Хайр чӣ, мо мегӯем: падару бобоҳоямонро давлати шӯро бадарға кард, ки ба тарафи вай гузарем.

— Хомӯш бедаҳан, оҳистатар гап зан. Медонӣ, ки аз дӯст душман бисёр.

— Шумо решаи онҳоро кайҳо сӯхта партофтед…

— Ба ҳар ҳол эҳтиёт кардан даркор.

— Дар воқеъ, ба хонаи гуфтагиатон кай меравед?

— Як шӯхиро дарҳол бовар кардия, Ҳодибой!

— Он қадар ҳам шӯхӣ набуд-куя, раисҷон, ё ба ман бовар надоред?

— Соат чанд шуд?

Ҳодӣ-пучуқ аз бағалкисаи яктаки сафедаш соати занҷирдорро бароварда чашмонашро танг карда «чоряк кам» гуфт.

— Ёздаҳ?

— Не, дувоздаҳ.

— Набошад, то омадани ман хобат набарад. Кор барор гирад, дон, ки пагоҳ ба ту як пуд (16 килограмм) гандум мукофот.

— Хуб шудааст, раисбобо.

… Деҳа хоби роҳат рафтааст. Мардуми он баъди меҳнати пурсамари рӯз истироҳат мекунад. Танҳо ду кас бедор. Бале ду нафар. Яке Бойҷонови фосиқ, дигаре маслиҳатгари ӯ Ҳодӣ –пучуқи маккору лагандбардор. Раис аз кӯчаҳои торики деҳа гузашта ба ҳавлии Офтоб-хон омад. Ҳавлии ӯ девори гирдгардон надорад, хонаи беайвони дарҳояш пӯшида. Бойҷонов оҳиста-оҳиста қадам монда ба рӯи суфа баромад, ба дар наздик шуда мисли дуздони касбӣ гӯш кард. Боз як маротибаи дигар ба қафояш, гирду атроф нигарист. Ҳама ҷо ором. Дар ин лаҳза танҳо «гуп-гуп», «гуп-гуп» задани дили худаш ва ак-аки сагеро аз дур шунавиду халос. Ӯ ба хотири ҷамъ хост дари пойгаҳро кушояд. Вай аз дарун занҷир буд. Бойҷонов даст ба ғилоф бурда, кордашро гирифт. Онро аз зиҳи дар андохта занҷирро тела карда кушод.

— Кӣ? Баробари «шириқӣ» карда ба паси дар задани занҷир Офтобхони хавотир хобида бедор шуда, аз ҷояш хест. Аммо аллакай дер шуда буд. Ӯ то чароғро даргирондан худро дар оғӯши марди сергӯшт дид.

— Ман одами бегона не, Офтобхон, ман, ман…

— Мирсодиқ-амак?! Шумо?

— Амак не, илтимос, -гӯён Бойҷонов сару рӯи Оф-тобхонро ба лесидан даромад. — Амак не, минбаъд…

— Ба нағзӣ сар диҳед, набошад дод мегӯям. Ҳардуямон шарманда мешавем.

— Ту беҳуда бардору зан накун. Медонӣ, ки ман одами бегона не. — Бойҷонов ин дафъа лабашро ба лаби Офтобхон наздик овард. Зани бечора ҳарчанд аз болояш ҷуссаи уштурмонанди раисро дур кардан хост, натавонист. Сарашро чанд маротиба ба чапу рост тоб дод, то ки лабаш ба лаби номаҳрам нарасад, аммо нашуд. Бойҷонов бо панҷаҳои ғӯта-ғӯта сергӯшти боқувваташ аз таги манаҳи Офтобхон дошта, аз ғабғаби шир барин сафеду мулоими ӯ то сер шудан макид…

Чоштгоҳӣ. Соҷида-хола «духтарам, чаро овозат намебарояд» гӯён ба ҳавлии ҳамсояаш даромада омад. Як хубии деҳот аз шаҳр дар ҳамин аст: ҳамсоя ҳамсояашро нағз мешиносад, қариб ҳар пагоҳӣ аз ҳоли ҳамдигар хабар мегиранд.

Дари пойгаҳи хонаи Офтобхон кушода меистод. «Як бор хеста, боз хоб рафта бошад? Хоби чоштгоҳӣ-беҳ аз подшоҳӣ» мегӯянд.

Соҷида-хола «Офтобхон, о Офтобхон!» гуфта боз чанд маротибаи дигар ҷеғ зад. «И-ӣ, чиба ҳеҷ кас нест. Наход ҳамин қадар хобаш сахт бурда бошад?» Хола хост сар халонда будан ё набудани Офтобхонро аниқ кунад, вале дар даҳлез кафшҳои Офтобхонро парешон дид. Рӯймоли сараш дар остонаи дар афтида буд. Хона ба назари хола бадҳайбат ва даҳшатовар намуд. Кӯрпаҳои хоб то ҳол нағундоштагӣ буд. Соҷида-хола ин аҳволро дида ҳайрон шуд ва бо овози баланд «Офтобхон, о Офтобхон» гӯён ҷеғ зад. Дид, ки касе «ҳа» намегӯяд бо ҳавоси парешон ақиб гашт. Нохост чашмаш ба шохи дарахти чормағзи рӯи ҳавлӣ афтод. Ӯ ҷасади овезони Офтобхонро дида аз тарс лаҳзае шах шуда монд. Баъд якбора бо тамоми овозаш дод гуфта фиристод: «Мардум, ёрӣ расонед, Офтобхон худашро куштааст, овехтааст!».

Бар падари ҷанг лаънат. Бечора ба дарду алами шавҳараш тоқат накарда, худкушӣ кардааст, -мегуфтанд одамони аз асли воқеа бехабар ресмонро бурида истода. Баъзеҳо бошанд, зани бечораро ба беҳушию камақлӣ

айбдор мекарданд. Аммо сири худкушии Офтобхонро покшӯй, як-ду нафар занҳои тигадору обандоз фаҳмиданд. Дар вакти шустани ҷасад изи дандон, ҷойҳои сиёҳу кабудшудаи сина, бағбағаро дида:

— Дасти кадом номаҳрам расидагӣ, -гуфтанд. Офтобхонро гӯру чӯб карданду ҷинояткор муддате беҷазо монд. Аммо «чоҳкан зери чоҳ« будааст. Баъди ин воқеа раис ҳам умри дароз надид. Хуни Офтобхон ӯро гирифт.

Ана, боз рӯзи нӯшида кайфокайф ба назди даравгарон рафтани раис. Ҳа-а, вай бо нияти ифлос рафта буд. Мехост боз домани як нафар муштипарро нопок созад. Вале на ҳама вақт аз сари чашма кӯза сиҳат меомадааст. Қашқа ба марги ӯ сабаб шуд….

Раис дар бозгашт ё аз таъсири гапҳои даравгарон, махсусан Ҳоҷӣ амак ё шароб буд, ки хун ба майнааш зад. Аввал як алов гирифт. Хост аз роҳ баргашта ҳамон ду-се нафар гапзадагиҳоро нағзакак қамчинкорӣ кунад, вале инро ба худ муносиб надид.

— Ту бо кӣ баробар мешавӣ? Ба колхозчӣ?! Ту кию онҳо кӣ? Садқаи гапат кун. Вақташ меояд, кораш меафтад. Гарданашро каҷ карда наздат, ки омад, боб мекунӣ. Ҳозир вақташ не. Ягонто мезанӣ ё не, ба бало мемонӣ. Э, содда, содда. Агар онҳо якҷоя шаванду шикоят кунанд, медонӣ аҳволат чӣ мешавад. Лингатро аз осмони ҳафтум оварданашон мумкин. Гумон мекунӣ замона нотинҷу касе онҳоро намепурсад… Не, боз мепурсидагиҳо ёфт мешаванд. Худо нахоста аз кор гирифта монанд, баъд тамом. Ин кайфу сафо, дар қашқа яктарафа нишастанро дар хоб мебинӣ. Ҳоло дар мансабию одамҳо «ин ҷо биё» мегӯянд. Баъде, ки холӣ шудӣ «чой хур» ҳам намегӯянд. Ҳатто Ҳодӣ-пучуқ барин дӯстат нағзиатро фаромӯш мекунад. Ҷояш ояд таъна ҳам мезанад. Дунё ҳамин хел.

Раисро хаёл бурд. Ӯ болои зин пинак мерафт. Асп ҳам бо майли худ, бе хавотир қадам мезад. Болои зин гӯё гаҳвора буду ҷонвари безабон хӯҷаинашро алла мегуфт. Ба ивази некиҳои дар тӯли умраш кардаи хӯҷаинаш некӣ менамуд. Шарофати Бойҷонов буд, ки аспашро ба ҷанг

нагирифтанд, шарофати ӯ буд, ки саис аспи раис гӯён нигоҳубини махсус кард. Кашқа гули хӯрокро мехӯрд. Нешхӯрди вайро аз таги охур ҷамъ карда, ба дигар ҳайвонҳо медоданд. Қашқа ҳам дар байни ҳайвонҳои колхоз ҳуқуқи раисро дошт. Як одамро бардошта гаштан чӣ? Дуруст, ки хӯҷаинаш вазнинтар, қаҳраш ояд, нӯшад, кораш барор нагирад, як-ду тозиёна мезанад. Бадани қашқаро равған зер кардааст. Зарбаи тозиёна намегузарад. Охир, раис бардошта гаштан дар фронт ҷанг кардан не-ку?

… Асп чанд дақиқаи дигар ба ҳамин минвол роҳ гашт. Баъд якбора тоб хӯрд. Вай аз рӯбоҳи аз даруни гандумзор нохост баромада пеши роҳашро бурида сахт рамид. Раис бошад, мисли қанори коҳ аз болои зин парида, сараш ба замин зад. Пои росташ аз риқоб баромада бошад ҳам, пои чапаш дар узангу буд. Аспи хӯсида чун бод медавид. Сари Бойҷонови кайҳо аз ҳуш рафта ба санг, пастиву баландиҳо зада-зада пӯлатар мегашт. Суми пои оқиби асп ҳар замон ҳар замон дасту шиками раисро зер мекард. Ҷасади Бойҷонов давр гашта, дастонаш ҳангоми тобхӯрӣ ба ишками қашқа сахт зада, гӯё ӯро «чӯҳ», тезтар дав мегуфт. Либоси ӯ пора шуда, кайҳо насиби хору хас гардида буд…

Ҷасади Бойҷоновро, баъди он ки асп ба ҷои емхуриаш омада истод, саиси колхоз Шодӣ аз рикоб ҷудо намуда бо доду фиғонаш мардумро ҷамъ кард. Дар рӯзи дафни раис одам бисёр шуд, асогир ҳам, вале аз чӣ бошад, ки гирянда кам буд. Гоҳ-гоҳ «воҳ додом», «воҳ додои шаҳид шудаам» — гӯйии писари Бойҷонов, «вой дӯсти беғаразам» гуфтани Ҳодӣ –пучуқ шунавида мешуду халос…

✿ ✿ ✿

Турдӣ –бобои қосид чанд муддат ба хонаи Оиша-хола наомад. Ин на аз он сабаб буд, ки гӯё хати Салимҷону Қобилҷон набошад. Не, баракс, хат буд, аммо мӯйсафед аз чизе андеша мекард. Вай дар он солҳои мудҳиш борҳо ба чунин ҳолат гирифтор шудааст.

Ҳатто чанд бор худро коҳиш намуд, ки чаро хаткашон шуд. Як ризқ бошад бо азоб ё роҳат мегузарад. Хаткашонӣ дар солҳои тинҷӣ, амони дуруст, аммо дар соли ҷанг. Ҷанг ҷанг аст. Хоҳӣ-нахоҳӣ одам мемурад. Мардум аҷоиб: фарзандонашон қурбони ҷанг гардад аз хаткашон домангир мешаванд. «Пои қадамат дар гӯр, ягон хабари хуш биёрӣ намешавад», мегӯянд.

Ту аҷоиб, хати касро то кай нигоҳ медорӣ?! Имрӯз набарӣ, фардо бурданат даркор. Офтобро бо доман пӯшида намешавад. Сонӣ Заррина ягона нестку. Аллакай сӣ оила либоси мотам пӯшид. Чӣ, магар онҳо ҷигарбанди худро нағз намедиданд. Бар, номаро ба соҳибаш расон. Турдӣ-бобои қосид баъди чунин андешаҳо хонаи Оиша-холаро пеш гирифт.

— Ана бобош омаданд, хати дадеша оварданд, - гуфт Оиша –хола ба Додоҷон, ки ҳар ду дар рӯи ҳавлии офтобак менишастанд. Додоҷони нав ба роҳ даромада боборо дида, чанд қадам сӯяш монду пешпо хӯрда ғалтид.

— Хез, хез! То-то исту ба замин туф кун, калон мешавӣ. Оҳиста роҳ гардӣ намешавад. -Хола Додоҷонро аз замин бардошту «тап-тап» зада, чанги эзору куртаашро афшонд. Бобо имрӯз назар ба пештара маъюс буд. Ӯ сӯи Оиша- хола мисли ҳарвақта бо чеҳраи кушод «шодиёна диҳед, хати Салимҷону Қобилҷонро овардам» нагуфт. Баракс хомӯш, ба пурсу поси хола нимшунаво, дилу бедилон ҷавоб дода аз болои палос гузашта нишаст. Додоҷон давида омада худро ба оғӯши Турдӣ-бобо партофт. Рӯи барраашро ба рӯи сермӯи ӯ гузошт.

Додоҷон рост истода риши боборо гоҳ қабза, гоҳо тор-тор ҷудо мекард. Гардани ӯро дақиқае сахт оғӯш намуда, боз сар дод. Додоҷон борҳо дида буд, ки баъди омада рафтани ҳамин мӯйсафед, дар хонааш чанд рӯз хурсандӣ мешавад. Аз ин ҷиҳат ӯро нағз медид.

Турдӣ-бобои қосид аз навозишҳои кӯчак хиҷолат кашид. «Ман ба ин тифли бегуноҳ чӣ гӯям. Рӯзи сахт. Дар ин лаҳза Заррина мебуд, шояд вазъияти маро мефаҳмид. Фаҳмида аз хиҷолат мебаровард, писарчаашро гирифта тасалло медод.

— Айби худам, -аз дил гузаронд бобо, -барвақттар меомадам, Зарринаро пеш аз кор рафтанаш медидам. Ба ҳар ҳол соҳиби хат вай-ку? Сиёҳхатро бояд ӯ гирад, на Оиша- хола.Хола бе ҳамин ҳам обу адо шудагӣ. Ғами фарзанд дигар. Доғи ҳама чиз аз ёди падару модар меравад, вале доғи фарзанд бошад, онҳоро ба гӯр мебарад.

*Ҳама ранҷ аз сина берун шавад,*
*Ба ҷуз доғи фарзанд к-афзун шавад.*

фармудааст Савдо. Гарчанде писари ӯ Салимҷон зинда, вале доғи ҷудоии он рӯзҳо аз марг ҳам гаронтар буд.

❀ ❀ ❀

Турдӣ-бобои қосид бо вуҷуди ҳаётдидаю солхӯрда буданаш ба рафтори Додоҷон тоқат карда натавонист. Якбора ӯро оғӯш намуда, оби дидаашро бо бари куртачааш пок карда: «гуфтам-ку нест, ҷони бобо, наовардам. Мефаҳмӣ, наовардам. Агар мебуд ман худам… Худам мисли ҳарвақта ба очаат медодам» мегуфт дар дил.

Хабари шум қанот дорад мегӯянд, рост будааст. Хати сиёҳи Қобилҷонро дар идора қариб ҳама фаҳмида буд. Рӯзе, ки Турдӣ-бобо ба назди раиси нав Ҳотам Ҳоҷиев рафта арз кард, «гапи махфии байни ду нафар дере нагузашта аз даҳон ба даҳон паҳн шуд. Хабари хушро одатан сад кас «шодиёна» мегирад. Аммо аз гуфтани шумхабар ҳама андеша мекунад. «Бигузор мо донем ҳам, Зарринa нафаҳмида истад. Илоҳо аз хонаи душмани кас овози нолаву фиғон набарояд». Вале гуфтам-ку, модари гирёнам Бунафша. Қонуни табиат ба иродаи мову ту вобаста нест. Вайро боздоштан, дигар кардан мумкин нест.

Ба Заррина шумхабарро раиси нав Ҳотам Ҳоҷиев расонд. «Хоҳарам, бо сари хам мисли азодорон ба гап сар кард ӯ, раҳмат ба шумо. Агар ҳамаи занҳои аскар мисли шумо баромада учатскаҳои душвори корро гирифта, роҳбарӣ мекарданд, мо аз болои душман тезтар ғалаба мекардем. Умеди мо дар оянда ҳам аз шумо

калон аст. Кас на танҳо дар меҳнат, балки дар зиндагӣ, ҳаёт бояд қаҳрамонӣ нишон диҳад, намуна бошад. Ғамбардори ҳама шудан осон, хоҳарам, ғами худи кас одамро меғалтонад. Маро бубахшед, Заррина, вале маҷбурам ҳамчун роҳбар, вазифадорам. Қобилҷон қаҳрамонона…

— Чӣ!? Гӯшони Заррина қулф заданд. Рангу рӯяш дока барин канд. Сараш чарх зада ба рӯи замин нишаста монд.

— Не, не, бовар намекунам! Дурӯғ, дурӯғ! — Заррина рӯяш, мӯяшро дар як лаҳза канда, хуншор кард.

Чанд нафар ҳисобчиён гиряи биргадро шунавида ба ҳуҷраи раис омаданд. Онҳо дастони Зарринаро дошта «худро ба даст гиред, ором шавед. Бригад, ба шумо чӣ шуд? Ба дигарҳо насиҳат мекардеду… Шумо роҳбари халқ. Дида истодаед, ки ин аҳвол як ба сари шумо наомадааст»гӯён дилдорӣ медоданд ва дар як вакт худро дошта натавониста ашк мерехтанд. «Сабр диҳад, мори газанда ин рӯзҳоро набинад» гуфта гиребонашонро медоштанд.

— Рӯзам сиёҳ шуд, модарҷон, якбора ғариб шудам, модарҷон, Қобилҷонро бой додем, модарҷон. Додоҷон аз ҳамин рӯз сағир шуд, модарҷон, - бо мӯи кандаю рӯи хуншор ба ҳавлӣ навҳакашон даромада омадани Заррина дили пуршудаи Оиша-холаро лабрез кунонд. Вай ба пешвози Заррина қарсақ зада баромада «Воҳ балом, воҳ балом. Додоҷонро сағир кардӣ, балом. Хумори додогӯияш гирад, киро нишон медиҳам, тезтар сар бардошта биё, балом. Воҳ балома, воҳ балом. Даҳонама талх кардӣ, воҳ балом. Ман бо ҳамин умед ба ин даргоҳ омада будам-мӣ, воҳ балом».

Турдӣ-бобои ба Заррина тамоман бегона ҳам Додоҷонро ба оғӯш гирифта «Воҳ ҷигарам, ҷигарамро об кардӣ, ҷигарам. Воҳ Додоҷонам гӯй, балом! Мана сағир кардед, гӯй балом», мегуфт. Дере нагузашта ҳамсояҳо, дуру наздик ҳам «шавҳари бригада хати сиёҳаш омадааст» гӯён либоси мотам пӯшида омаданд. Ҳама мегирист. Дар рӯзи мурдаи дигарон ҳама ба марги хеш мегиряд. Марги Қобилҷон баҳона буду азодорони

дигар ба писару додар, шавҳару бародари худ марсияхонӣ мекарданд. Дар ҳаққи ҷанг, саркардагони он лаънатҳо мехонданд. Дуои бад мекарданд. Номат аз дунё гум шавад душман, мегуфтанд.

Баъди марги Қобилҷон Зарринаро шинохта намешуд. Ӯ хароб, лоғар, рангаш заҳиру кандагӣ, чашмонаш варам кардагӣ буд. Дар тан куртаи сиёҳ, лозимии кабуд, мӯяшро якто карда, сахт бофта, дар сар сарбанди шоли сиёҳ баста мегашт. Аз болои курта яктаки бахмали сиёҳ пӯшид. Ҳатто чанд муддат «мардум механданд» гӯён пои кафши резинӣ ба кор баромад. Бисёр вақт кори карда, роҳи рафтаашро намедонист. Мисли хаёлиҳо мегашт. Боре ҳатто дари худашро фаромӯш карда, ба ҳавлии ҳамгузариаш рафта даромад. Аз ин рафтораш хеле хиҷолат кашид. Оиша-хола ин аҳволи Зарринаро дида, насиҳат мекард:

— Духтарам, дунё ҳамин тавр будааст. Бо доду фиғон дигар ӯро баргардонида намешавад. Зиндаҳо бояд ғами зиндагиро хӯранд. Ту бояд худатро, фарзандатро эҳтиёт кунӣ. Тири ҷаста, нафаси баргашта дигар бар намегардад. Ғурбат ғурбатро меорад. Ту танҳо не-ку. Бин, бригадаат пур-пури зани аскар. Худоба шукр ту аз Қобилҷон нишон дорӣ. Баъзеҳо бо сари қоқ мондаанд. Гумон мекунӣ ба онҳо осон аст? Худо аз ин рӯзи сиёҳ нигоҳ дорад, духтарам.

Гапи Оиша-хола рост баромад. Ғам Зарринаро ниҳоят аз по афтонд. Ӯ месулфид. Гӯшти баданаш гурехта, ниҳоли хушк барин шуда монд. Сару либоси як вақтҳо ба худаш часпида меистодагӣ акнун кушод гардид. Худи азони шахси бегона барин. Зарринa дилтанг, каме инҷиқ шудааст. Хона, ҳавлӣ дар назараш бад метобад, гӯё ба мусибати ба сараш омада онҳо гунаҳкор бошанд.

Зарринa чун пештара бо Оиша-хола сӯҳбат карда намешинад. Аз кор, ки омад, хӯрокашро мехӯраду ба таги сараш лӯлаю болишт гузошта, рӯи пӯстаки гӯспанд дароз мекашад. Бисёр шабҳо бо баҳонаи «ҳаво гарм» ба тагаш ягон кӯрпача ҳам напартофта хоб мекунад.

Оиша-хола дигар ба торҳои нозуки дили Зарринa нохун намезанад. Зӯраш танҳо ба худаш мерасад. Хола

худро коҳиш менамуд: «Гӯр пои қадами ман шавад. Ҳавлии бечораро мотамсарой кард. О, ту, кампири беақл, ба кӣ даркор будӣ? Дар хонаат ҳеҷ чиз надорӣ, ки дузд барад. Ба гапи ким-кӣ даромада… Заррина ҳоло маро чӣ қадар бад бинад, дашном диҳад».

Заррина ин хел одам набуд. Ӯ дар бораи Оиша-хола фикри бад намекард. Баракс насиҳатҳои хола, дилбардориҳои ӯро шунида, рафтору кирдори модари раҳматиаш ба ёдаш меомад. Оҳ, ин модарон! Онҳо ҳамеша як чизро мехоҳанд-хушбахтии фарзандонашонро.

✿ ✿ ✿

Нахустин шахсе, ки аз деҳаи Бунафша як пояшро ба чӯб иваз намуда баъди сиёҳхатҳо аз ҷанг баргашт, писари Оиша-хола Салимҷон буд. Бачаҳо гунҷишквор ҷаста-ҷаста аз ин кӯча ба он кӯча шодикунон давида, гӯё, ки ягон дӯсти наздикашон-бародар, падар, тағою амакашон омада бошанд «Салимҷон-ако аз аскарӣ омаданд» гӯён хушхабарро гӯшраси аҳли деҳа менамуданд. Овози бачаҳоро на ҳама дуруст шунавида, мақсадашонро мефаҳмиданд. Аз ин ҷост, ки онҳо давида омада, дари ҳавлияшонро бо шаст кушода:

— Кӣ омадааст, ҳой бачаҳо, кӣ омадааст аз аскарӣ, — гӯён мепурсиданд. Баъди аниқ кардан «Хайрияте, аз ҷанг ҳам сиҳат саломат меомаданд-дия, худоба шукр. Канӣ худо роҳи Салимҷонро ба бачаҳои мо ҳам медод. Худо хоҳад роҳ кушода шуд, акнун омадан мегиранд», — гуфта ба бачаҳо барои хушхабарашон шодиёна гӯён як каф мавиз, чӯбдона, чанд дона чормағз ё баргак медоданд.

Омадани Салимҷон одамонро рӯҳбаланд кард, воҳимаро аз байнашон рабуд. Бовар кунонд, ки дар ҷанг ҳама намемурдааст. Хайр, чӣ, як пояш чуб бошад ҳам, омад шуд-дия. Канӣ дигарҳо мисли вай намурда, бе даст ё бе по меомаданд. Бале, деҳаи азизам, Бунафша. Дар он солҳо орзуи одамон ҳамин буд. Чашм ба чашми

ҳамдигар афтанд, шуд. Ба маибию маслуқиашон кор надоштанд.

Салимҷон хабари нохушро дар ҳамин ҷо фаҳмид. Дурусттараш Турдӣ-бобои қосид гуфт. Онҳо ҳамдигарро шинохта, сахт ба оғӯш гирифтанд. Аз ҳолу аҳволи ҳамдигар пурсон шуданд. Бобо ба нею нестони Салимҷон нигоҳ накарда, ӯро ба маркаб савор карда, худаш пиёда роҳи деҳаро пеш гирифтанд. Дар роҳ сӯҳбати онҳо аз ҳар боб мерафт. Ҷанг, фронт, бераҳмии душман, қаҳрамонии одамони шӯро ва ғайра.

— Ҳа, дар воқеъ, шояд донӣ, модарат ба ҳавлии Заррина кӯчида омадагӣ.

— Навишта буданд.

— Дар бораи Қобилҷон чӣ?

— Қобилҷон!? Не! Чӣ, вай ҳам омад?!

— Не... — Турдӣ-бобо андаке сукут намуда, оҳи чуқуре кашид. — Дунё ҳамин хел будааст, писарам, аз дасти ману ту ҳеҷ чиз намеояд. Намедонам рост ё дурӯғ. Илоҳи дурӯғ бошад. Хати сиёҳи Қобилҷон омад. Анча шуд. Якуним сол пеш. Бо вуҷуди он писарам, расму русуми худамон-дия. Сонӣ, шумоён, ҷӯраи сахт будетон. Ҳамин тавр не, писарам.

— Мо аз хурдӣ акою уко барин дар як ҷо калон шуда будем.

— Ана дидӣ, писарам, барои ҳамин иззати мурдадия. Аз таги дар гиря карда даро. Вай аз ту, писарам, хурд буд ё калон?

— Калон. Ба хаёлам се моҳ калонтар бошад, даркор.

— Набошад «аком» гӯй. «Воҳ аком» гуфта даро. Ҳам ҳурмати мурдаю ҳам ҳурмати зинда.

Салимҷон ба ҳавлии Заррина танҳо не, албатта, ҳамроҳи Турдӣ-бобо, боз чанд каси дигар, ҳамчунин бачаҳои ҳангоматалаб даромада омад. Вай майда-майда, эҳтиёт карда-эҳтиёт карда қадам мемонд. Бисёрии вазнашро ба асобағалаш партофта буд. Пояш дард мекард, сих мезад. Аз шиддати дард, гӯё ки бори вазнин ба китф бардошта хаста шуда бошад, аз ҳар тори мӯяш

арақ мерехт. Гиребони куртаи аскарӣ, тахтапушт, ду таги асобағал шип-шилта гашта буд.

Аз дар даромада омадани Салимҷон дилҳои аз ғам пур шударо лабрез кард. Баробари ӯ Турдӣ-бобо ҳам ашк мерехт. Оиша-хола ба пешвози писараш фиғон бардошта қарсак зада баромада ба Салимҷон гардан ба гардан монда, хуб гирист. Гаштаю баргашта мебӯсиду мегирист. Салимҷон ҳар замон бо рӯймолчаи ду ҳафта ин ҷониб дар роҳ обу собунро надида оби чашм, арақи ҷабин, рӯю гарданашро пок мекард. Як ду қадам дуртар аз онҳо Заррина бо қомати андаке хамида истода, бо алам фиқ-фиқ мекард. Салимҷон ӯро даррав шинохт. Дар деҳот ҳама аз хурд то калон якдигарро мешиносанд.

— Бандагӣ-дия, хоҳарам, дилатон ганда нашавад.

Заррина чизе нагуфт. Дар ҳамин вақт писарбачаи чорсолае аз хона баромада «дадам омаданд, дадам омаданд» гӯён сӯи Салимҷон давида рафт. Салимҷон пои чӯбинашро андаке васеътар гузошта, қоматашро каме хамтар намуд, хост бачаро ба оғӯш гирад, нашуд. Дарди захм ба ин имконият надод. Ранги рӯяш якбора сап-сафед шуд. Бо вуҷуди он сир бой надода, дастони Додоҷонро дошта, сарашро сила кард. Баъд ба худаш ҷафстар намуда, «дадат меоянд, ҳамин, ки немисро зада пеш карданд, албатта меоянд» гуфт.

Аскарбинии мардуми деҳа ду-се рӯз давом кард. Хурду калон, пиру ҷавон аввал гурӯҳ-гурӯҳ, сонӣ як нафарию ду нафарӣ ба дидорбинӣ омаданд. Ба шарофати Салимҷон як муддати кӯтоҳ гӯё ба ҳавлии Зарринаю Оиша-хола нур даромад. Вале дере нагузашта боз ҳамон ҳузни пештарааашро гирифт. Акнун бегоҳиҳо аҳли хонавода гирди хон нишаста, аз ҳар боб сӯҳбат мекарданд. Оиша-хола якбора набошад ҳам, рафта-рафта воқеаҳои дар давоми қариб чор соли набудани писараш рӯй додаро ба Салимҷон нақли ба тафсил кард: Танҳоии худаш, маслиҳати Бонуи биригад дар хусуси ба ҳавлии Заррина кӯчида омадан, корҳои кардаи Мирсолиқ Бойҷонов ва Ҳодӣ-пучуқ, бригадиршавии Заррина, мусибати ба сараш омадаро. Ҳар замон, Зарринаро таъриф карда мемонд.

Салимҷон пои чӯбинашро болои палос дароз намуда ҳикояти модарро бодиққат гӯш мекард. Агар сахт-сахт сулфааш гирад (дар роҳ шамол хӯрда буд) пояш ба дард медаромад. Бинобар он сари зонуяшҷои буридаро дошта, пешонӣ ва рӯяшро бурма карда мемонд. Маълум, ки ҷароҳаташ ҳоло пурра сиҳат нашудааст. Салимҷон ҷавони газгӯшти миёнақад, абрӯвони сиёҳи дароз дошт. Баъди хунравии бисёр (пояшро баъди тири душман расидан дар госпитал бурида буданд) пӯсту устухон гардида буд. Анголикҳои рӯяш ба дарун даромада, чашмаш ба фарқи сараш шишта аст. Ҳангоми гап задан лабонаш кашиш мекард. Рӯзона дарди ба хайр, лекин шаб нолида мебаромад.

Ҳар гоҳ модар таърифи Заррина кунад, Салимҷон номаълум сӯи ӯ назар мекард. Медид, ки чашмони сиёҳу зебояш, мижгонҳои дароз-дарозаш ба нуқтае дӯхта шудааст. Шояд Заррина ҳам дар фикре буд. Баъзан мешуд, ки ду ҷавон чашм ба чашм меафтоданд. Дар ин лаҳзаҳо Заррина шарм мекард. Зуд чашм канда, сари писарчаашро сила мекард. Додоҷон эркагӣ карда, якпаҳлӯ мезад, сарашро ба зонуи модараш мемонд. Дақиқае нагузашта ҷаста мехесту ба шаст худро ба оғӯши Салимҷон мепартофт. Ҳарчанд Заррина «оҳиста, оҳиста» гӯяд ҳам, бача парвои фалак надошт. Намедонист, ки як шохи танаи амакашро бурида партофта, ба ҷои ӯ чӯби хушкро, ки дигар аз сабз шудан умед нест, пайванд намудаанд. Бо вуҷуди он Салимҷон Додоҷонро ба оғӯш гирифта, ба танаи пӯсту устухонаш ҷафс дошта, дақиқаҳо бо забони кӯдакона сӯҳбат мекард. Додоҷон бештар савол медод, мехост бисёр чизҳоро фаҳмида гирад. Дар ин лаҳзаҳо Зарринаю Оиша-хола тамошобин буданд. Баъзан мешуд, ки Додоҷон шӯхиро аз ҳад гузаронида, қаҳри модарашро меовард.

— То туро бурда ба кӯрпаат тела накунам, намешудагӣ барин, -гӯён Заррина ба нею нестони писарчааш нигоҳ накарда, аз даст ё доманаш дошта, сӯяш мекашид. Додоҷон ду пояшро сахт ба замин тиргак карда, як ваҷаб ҳам аз ҷояш ҷунбидан намехост. Модар маҷбур буд вайро ҳамроҳи палос кашола карда гирад.

— Хайр, монед Заррина, дигар шӯхӣ намекунад. Канӣ ба паҳлӯи ман омада шин-чӣ, ҳо, бале-я, ин йигити калон шудагию шумо намедонед, -таъриф кард Салимҷон.

— Мон духтарам, бозӣ карда шиштааст-дия. Ҳоло сари намозшом. Шабҳо дароз, рӯдаи гов, ин қадар хоб мекунад, ки ба дилаш мезанад, -тарафгирӣ менамуд Оиша-хола.

Бача бача аст. Шоҳро аз тахт фаровардагӣ бача. Додоҷон як лаҳза аз сиёсати модар тарсида ором менишаст. Аммо дере нагузашта боз аз паи бозӣ мешуд. Заррина ҳамон вақт бештар музтар мегардид, анор мегашт, худашро гум мекард, ки агар Додоҷон калимаи «амак»-ро фаромӯш намуда, Салимҷонро «дада» гуфта монад. Оиша-хола даррав Додоҷонро ислоҳ мекард: амак, амакаш…

Қариб ҳар шаб ҳангоми сӯҳбат гап ғелида-ғелида ба болои Қобилҷон меомад. Дар ин лаҳзаҳо хоҳ-нохоҳ ду нафар зан ашк мерехтанд. Эҳ, ин занҳо! Ин қадар меҳрубонанд онҳо. Гардам аз дасти нарму чашми наму дили гарми шумо. Дар ҳақиқат чашмаи хушкнашавандаанд онҳо. Салимҷон бошад, барои тасаллои модар, Заррина мисолҳо меовард. «Ман бо чашми худ дида омадам, бовар кунед, на ҳамаи сиёҳхатҳо дуруст мебароянд. Ба баъзеҳо «мурд» гӯён хат менависанд, вале баъди чанд вақт дидед, ки зиндаю ҷангида гаштааст. Ё каме ярадор шуда ба госпитал афтодааст. Ҳатто, -гуфт ӯ, - кам монда буд, ки дар бораи ман сиёҳхат нависанд».

— Унту нагӯй, писарам, гӯр мурдан шавад, замини сиёҳ аз ҳеҷ кас сер намешавад.

— Айби замин чӣ, модарҷон, вақте одам ба одам раҳм накарда, якдигарро мекушад.

— Рост писарам, замин бегуноҳ.

Рӯзҳо мегузаштанд. Мардуми деҳа гӯш ба қимор буд. Онҳо як чизро донистан мехостанд: Салимҷон-ку аз аскарӣ омад. Оиша-хола дигар танҳо не. Чаро вай ба ҳавлияш кӯчида намеравад? Заррина хонаи бисёр надорад. Ду ҳуҷраи беайвони паҳлӯ ба паҳлӯ. Дар назди марди бегона нишасту хез, даромад-баромад душвор,

албатта, Салимҷон бошад муҷаррад. Диданд, ки аз байн муддате гузашту аз кӯчида рафтани Оиша-хола хабар нест, баъзеҳо гапи нав бофта бароварданд:

— Бахти хола хандид, дар хонааш арӯси тайёр. Ба писараш зан мекунад, мемонад. Зарринa сари ҷавон дорад. Акнун ба бисту се қадам мондааст. Аз сад гулаш як гулаш нашукуфтааст. Имрӯз не, фардо шавҳар карданаш даркор, албатта. Бо ҳамин баҳона саробондор мешавад.

Дарвозаи шаҳрро бастан мумкину даҳони мардумро не. Гап-гапи одамон то ба гӯши Зарринa расид. Ҳатто боре пичинги рӯирости Муҳаррама қариб буд бригади ҷавонро бе корд кушад. «Зарринa пухта набошад, бригад мешуд? Пешомади корашро медонад. Агар ҳамин тавр намебуд, «ман танҳо, ба писарчаам нигоҳубин мекардагӣ одам нест», гуфта Оиша-холаро ба ҳавлияш кӯчонда намеовард. Ба шавҳараш сол нашуда Салимҷон омад. Мо, ки аз қадим лалуқ будем, се сол боз беваю ягон касро ёфта наметавонем. Ман-ку майлаш, садқаи сар, як бор мазаашро чашида сер шудагӣ, лекин ба ҳамин бечора духтарҳои хона дилам месӯзад. Қишлоқ пури духтару ҷавонҳои мегирифтагӣ нестанд.

— Муҳаррам-апа, шумо аҷоиб, охир «ҳа» гуфта беваҳо ҷавонҳои аз аскарӣ омадаро ба хонаашон бурда, аз роҳ бароранд, албатта духтарҳои хона пир шуда мегарданд-дия, -қувват дод Хайринисо.

— Ба бригадирӣ, Муҳарама, дилатон кашол бошад, ҳозир супориданам мумкин. Сонӣ Оиша- холаро ман не, Бону-апа «ҳамроҳ» гӯён кӯчонда оварда буданд. Рафта пурсед ҳам мешавад. Дар бораи Салимҷон бошад, илтимос, аз пода пеш ҷанг накунед. Даркор бошад, ҳоло ҳам дер нашудааст. Гиреду ба ягон духтари дилатон месӯхтагӣ диҳед. Ба ман ғами худам бас. Додоҷон бедардак калон шавад, давлати ман ҳамон.

Гарчанде Зарринa ба Муҳаррамаи шартакигӯй сари вақт ҷавоб гуфт, вале аламаш бо ин тоза нашуд. Корд ба устухонаш таъсир карда, ӯро ба андеша намудан водор сохт. Деҳаи ба ҷон баробарам, Бунафша. Ман-

тиқи ҳаётро сарфаҳм рафтан душвор будааст. Одамҳоро фаҳмидан ҳам. Кӣ мехоҳад, ки дар хонааш саробон надошта бошад? Магар ин хел занҳо каманд? Охир, ба ҳаёт дубора гашта намеоӣ-ку? Нафси ҳама як хел намешавад. Нафс, нафс. Одамро бе обрӯ мекардагӣ ҳам, шарманда мекардагӣ ҳам нафс…

— Барои ман, агар дилам шавҳар кашад, айбаш не, -худ ба худ мегуфт Заррина. — Зеро дигар дилкашолӣ надорам. Хати сиёҳи Қобилҷон омад. Аммо ба Муҳаррама чӣ бало зада бошад? Ҳоло шавҳари вай зиндаю саломат. Ҳар замон, ҳар замон хаташ омада истодааст. Хайринисо бошад, духтари хона, ба худаш муносиб ҳусн дорад. Духтари хона ин қадар бешарм. Пардаи рӯяшро дар байни дигарҳо дарронд. Ҳоло вақту соаташ расад, аз шавҳар серу безор мешавӣ.

Заррина корҳои саҳроро ба сомон расонд, охирин колхозчиро ҳам гусел кард, сонӣ вақти говгум бо димоғи сӯхта, хастаҳолона роҳи хонаашро пеш гирифт. Одамро кор не, балки гапи хунук, захми забон мондаю пир мекунад.

Оиша-хола пиёба мепухт. Додоҷон аз домани ӯ дошта ҳар замон «оча, кай мепазад, оча гурусна мондам» мегуфт. Хола Зарринаро дида «мондаҳо духтарам, сиҳат-саломат омадӣ» гуфта пурсид. Ӯ дилу нодилон, ношунаво «раҳмат» гуфт. Додоҷон модарашро дида «бувам омад, бувам омад» гӯён ба пешвозаш тохт. Модар «шасташ напарад» гӯён писарчаашро ба оғӯш гирифта бӯсид. Сипас дар лаби суфача нишаста мӯзаашро кашид, хоки рӯи онро тоза намуд, баъд ба ҷои доимиаш, танӯрхона бурда монд. Обдастаро бардошта чанд қадам миёнатари ҳавлӣ рафта, пой, дасту рӯяшро шуст. Сонӣ пиёбаро ҳамроҳи холаю Салимҷон тановул карданд.

Заррина дегу косаҳоро шуст. Дар ин лаҳзаҳо Додоҷон аз назди модар дур намешуд. Мисли баррачаи аз паси очааш давида мегаштагӣ, хона дарояд хонаю берун барояд берун давида мебаромад. Ҳарчанд гӯяд ки «рав, ба назди амакат рав, бозӣ кунетон» гӯш намекард. Бозӣ ҳамон вақт хуш, ки модар ҳамроҳ бошад.

Додоҷон дид, ки модар дегу табақҳоро шуста тамом кард, аз дасташ дошт. Ӯ гоҳ бо як пой, гоҳ бо пои дигар хез зада-хез зада ҳамроҳи Заррина роҳ мегашт.

— Меафтӣ, -дасти писарчаашро андаке ба қафо кашида сиёсат намуд Заррина. — Дуруст-дуруст, ба маънӣ қадам мон.

Онҳо ба хона даромаданд. Заррина муддате хомӯш нишаст. Дар як хона се нафар одами калон гӯё, ки бо ҳам ногап бошанд, ҳар кадоме ба фикру хаёли хеш банд буданд. Салимҷон аз ин зиқ шуд. Ӯ пояшро ғундошта, ба девор такя намуда «ё пирам» гӯён аз ҷояш хест ва «шумо сӯҳбат карда шинетон, ман камакак дам гирам» гуфта ба хонаи худаш (вай аз он рӯзе, ки аз аскарӣ омадааст, дар ҳуҷраи танҳо хоб мекард) рафт.

Оиша-холаи рамуздон ҳолати Зарринаро фаҳмида буд. Бинобар он нахост, ки ба таги дилаш чанг андохта, аламашро тоза намояд. «Намепурсам, беҳтараш худаш гап занад. Боз ин занак вақтҳои охир аз ман ҳисобот мегирифтагӣ шудааст, то аз аскарӣ омадани писараш ин хел набуд-ку» нагӯяд. Хола чокашро гирифта ба дӯхтани гулаш сар кард. Лампа хира месӯхт. Забонаш ҳар замон аз вазиши боди маҳин хаму рост мешуд. Барои он, ки дурусттар равшанӣ кунад, хола дар таги он сатили кӯҳнаро оварда монд. Заррина ба кори Оиша-хола, ки рӯймоли домодии писарашро медӯхт, хеле зеҳи монд. Ва баъд хомӯширо вайрон намуда:

— Оиша-хола…

Хола қатими риштаҳоро то охир кашида, ба сарангушташ каҷоваро ҳамвор намуд ва бепарвоёна сӯи Заррина нигарист.

— …

— Маро бубахшед, хола

— Барои чӣ? Охир ту ягон гуноҳ накардӣ? Гапат бошад, гӯй духтарам, ман ҳамаашро мефаҳмам.

— Хола… Мардум ганда шудагӣ. Албатта, ин гуноҳи онҳо не, замона. Аллакай ҳар хел гап бофтанд.

— Гап? Чӣ хел гап, духтарам?

— Аз зиндагии якҷояи мо ҳасад мебаранд. Мегӯянд, ки гӯё ман келини шумо… мешуда бошам.

Хола ба чашмони дар равшании чароғ дурахшони Заррина нигариста фикр карда монд. «Ана гап дар куҷо будааст. Барои чӣ Заррина хафа аз кор омад. Сӯям дуруст нигоҳ накард».

— Мақсадатро фаҳмидам, духтарам. Ту гуфтанӣ, ки мнбаъд мо агар якҷоя зиндагӣ кунем, гапи мардум зиёд шудан мегирад. Фикрат дуруст, духтарам. Танҳо ман ба орзуям нарасидам. Шабу рӯз дуои нек мекардам, ки Қобилҷон аз аскарӣ биёяду амонатиашро бе хиёнат ба дасташ супорам. Афсӯс, ки ин тавр нашуд.

Бунафшаи меҳрубон. Ҳаётро бубин. Офаридагор, гӯё ки довар бошад, ҳама чизро назора мебарад. Оё ту шунидаӣ, ки дар ҳаёт касе ба мақсадаш расида бошад? Ва ё шахсе бе камбудӣ умр ба сар барад?

— Не, фарзанди азизам. Ин тавр шуданаш мумкин нест. Шириниҳои ҳаёт дар пастию баландиҳои вай аст. Одам, ки бе камбудӣ шуд, беғам мешавад. Одами беғам бошад ба қавле ё одам нест ва ё аз ин олам нест.

— Зиқ нашав, духтарам, -гуфт хола Зарринаро дилдорӣ дода. Ту ба ман аз духтарам зиёдтар хизмат кардӣ. Илоҳо хока гирӣ зар шавад. Роҳати Додоҷонро бин. Одам одамро дар мушкилӣ мешиносад. Намедонам, агар худо туро намерасонд, ҳоли ман чӣ мешуд? Ҳоло деҳаамон, шукр тинҷӣ. Раиси навамон ҷавон бошад ҳам, ҳамаро ба тартиб гирифт. Салимҷон ҳам омад. Акнун ман метавонам бо хотири ҷамъ ба ҳавлиам кӯчида рафта, пойҳоямро дароз кунам. Додоҷон аз обу гил баромад. Ман туро танҳо намемонам, албатта. Боз хабар мегирам. Ту ҳам рафта ист. Охир, ман кӣ дорам? Шукр, ки ҳамин Салимҷон ҳаст.

Дили Заррина аз гапҳои хола пур шуд, нохост фиқ-фиқ гиря кард…

Баъди фоҷиаи Бойҷонов ба колхоз раиси нав омад. Вай Ҳотам Ҳоҷиев-ҷавонмарди бисту панҷ-бисту ҳафт солаи навча буд. Мӯзаи сип-сиёҳи аскарӣ дар пояш. Остини чапи пиджакашро, ки холӣ буд, аз зери тасмааш гузаронида мегашт. Маълум, ки талхии ҷангро вай ҳам чашидааст. Аз рӯзҳои аввал ба кори хоҷагӣ сахт часпид.

Ҳотам Ҳоҷиев боре ҷамъомади колхозчиёнро гузаронида, дар он чор даҳон гап гуфт, ки то дер вақт дар хотири одамҳо боқӣ монд. Баъди ҷамъомад дар кӯчаву паскӯча, сари кор, дар хонаҳои худ онҳо раисро пайваста таъриф мекарданд.

Чиҳо гуфт он рӯз ӯ? Аз ҷой хест, бо табассум ба мардум нигариста:

— Падару модарони азиз! Аз ҳамин рӯз эътиборан мову шумо бояд якҷоя кор кунем. Обрӯю эътибори мо, роҳбарон, албатта, шумоед. Халқ хасту роҳбар ҳаст. Дар давоми чанд рӯз ман бо баъзе одамон сӯҳбат кардам, бо вазъияти деҳа шинос шудам. Онҳо ба ман ҳамаи воқеаҳои шуда гузаштаро нақл карданд. Бисёр кори хунук шудааст. Касе, ки ба фарзанди деҳааш хиёнат мекунад, ба фикри ман вай дар як вақт хиёнаткори давлат ба шумор меравад. Бойҷоновро сахт ҷазо мебоист. Вале худи ҳаёт, худо ӯро ҷазо дод… Акнун биёед ҳама чун як тан ғами фронтро хурем, дар меҳнат худро нишон диҳем. Меҳнати мою шумо ғалабаро наздик мекунад.

… Тирамоҳи ҳамон сол зимистон наомада, ҳосилро ғундоштанд. Маҳсули меҳнати одамон бад набуд. Ғалла ҳам нағз шуду ангуру картошка ҳам. Гарчанде чашми мардум ҳоло сер нашудааст, гарчанде дар хонаҳояшон халтаҳои пури гандум набошад ҳам, онҳо хурсанд шуда мегуфтанд, ки ҳосили хуб нишони серию пурӣ, фаровонӣ. Ана-мана нагуфта ҷанг тамом, об ба лаби ҷӯй баробар мешавад. Нияти нек ними давлат-дия. Бо ҳамин онҳо худро тасалло медоданд.

…Заррина баъди кӯчида рафтани Оиша-хола худро тамоман танҳо ҳис мекардагӣ шуд. «Ту худат содда, -худро сарзаниш менамуд. — Дар сари ҷаҳл як гапи Муҳаррами шартакигӯю Хайриниссоро дар дилат пӯсонда натавониста, ба хола гуфта, ӯро ба андеша монондӣ. Метавонистӣ сабру тоқат кунӣ. Охир, бузургон аз бардошт ёфтаанд. Аз рӯи гуфти одамон ҷанг зимистон ё аввали баҳор тамом мешудагӣ барин. Баъд хушу хурсандона мефаҳмондӣ. То он вақт Оиша-хола

саробони хона, ҳамроҳи Додоҷон мешуд. «Не, хола ҳам, аз афташ, наранҷид. Вагарна ин тавр намегуфт:

— Одамҳо ҳар чӣ гӯянд, гуфтан гиранд, духтарам. Ба онҳо гӯш карда, ба таънаашон тоб оварда натавонистӣ. Шояд, ба ҷои ту ман мебудам, ҳамин тавр рафтор мекардам. Лекин ба Додоҷон одат карда мондам. Зӯрӣ не, зорӣ дорам. Ба рафта омадани вай монеъ нашав. Рӯзона бурда монӣ, то аз кор омаданат дар назди худам бозӣ карда мегардад. Бегоҳиҳо оварда мемонам. Набошад, бача-дия. Дил андохта бемор шуданаш мумкин...»

Вале бо кадом андешаҳо Заррина бачаро ба хонаи хола намеовард.

Боре нохост даромада омадани Оиша-хола дунёи бачаро ба тамом равшан намуд. Додоҷон очаашро дидан замон «очам омаданд, очам гӯён ба шаст давида худро ба оғӯши Оиша-хола партофт. Хола набераашро гарм ба оғӯш гирифта бӯсид, оби дида кард, боз бӯсид. «Барои ту овардам» гӯён аз ҷебакаш як каф тутмавиз, ду дона чормағз бароварда ба кисаи Додоҷон андохт.

Заррина ҳам ба пешвози хола баромада «Ассалом, биёед, аз хона марҳамат» гуфт.

— Ҳамин қадар рӯз нигоҳ кардам, даракат нашуд. Мабодо Додоҷон бетоб нашуда бошад гуфта, дилам хавотир шуд. Омадам...

Додоҷон аз бағали оча нафуромада чормағзи додаашро дар як даст дошта, бо дасти дигараш аз кисааш тутмавиз гирифта, ҳар замон ба модараш нишон дода, ба даҳон мепартофт.

— Хуб кардед, модарҷон. Бо ҳамин баҳона набератонро дида хуморшикан шуда меравед. Ҳа, дарвоқеъ, Салимҷон аком нағз? Пояшон азоб намедиҳад?

— Нағз духтарам, нағз. Азоб диҳад ҳам аз дасташ дигар чӣ кор меояд? Шояд нағз шуда равад. Асосаш, духтарам, омад, давлатам ҳамон. Гапи навро фаҳмидӣ, духтарам.

— Не-ку.

— Бо ҳамин аҳволаш бо колхоз мебароям мегӯяд. Дина ба идора рафта буд. Раиси нав гуфтааст, ки биё, ба мо ҳисобчӣ даркор.

— Нағз-ку, хола.

— Нағз-ку, лекин хуни пояш шах нашуда ба кор барояд, ҳолаш чӣ мешавад?

— Марду кӯча. Аз шаҳрҳои калон оламу одамро дида омаданд, дар хона албатта, зиқ мешаванд-дия. Ба кор овора шаванд, гузаштани рӯзро намедонанд. Кори сабук будааст, розӣ шаванд. Раиси навамон ҷони одам, бисёр раҳмдил.

— Духтарам, -гуфт хола вақти рафтан, -ба ҳавлии мо ҳам биёетон. Бо Додоҷон одат кардам. Худи як чизро гум кардагӣ барин. Баъзан хоб дида хеста мебинам, ки паҳлӯи ҷогаҳам холӣ. Дилам гум зада, ганда мешавад.

Инро гуфта вай Додоҷонро бардошта рӯ ба рӯ монд, то сер шудан бӯсида баъд аз нав ба замин гузошт. То аз назар ғоиб шудани Оиша-хола Додоҷон «хайр оча, хайр оча» гӯён дастонашро болою поён алвонҷ медод. Заррина ба рафтори писарчааш бо табассум нигариста «шуд, шуд, бас акнун. Дидӣ, очаат панаҳ шуданд. Рафтем, рафтем» гуфт. Модару писар дарвозаи яктабақаро нимроғ монда вориди ҳавлӣ шуданд…

❁ ❁ ❁

Гап-гапи мардум рост баромад. Дар яке аз моҳҳои зебои фасли баҳор, моҳи май ҷанг тамом шуд. Ин воқеа дар рӯзе ба вуқӯъ пайваст, ки каландии ток дар участкаи Боғи Миёна дар авҷ буд. Чанд нафар колхозчиён раисро, ки тез асп давонда меомад, дида «боз чӣ воқеа рӯй дода бошад? О, ягон маротиба раис ин қадар шитоб намекард-ку? Ё, ягон гапи заруараш бошад» гуфта ҳайрон шуданд.

Ёфтед, фарзандони деҳаи ман Бунафша! Раис дар ҳақиқат гапи зарур, хеле зарур дошт. Ӯ мехост хушхабарро ҳарчӣ тезтар, ҳо бале, тезтар ба гӯши шумоён расонаду шодиёна гирад. Хотиратонро ҷамъ кунад. Охир, шумо ин муждае, ки раис оварда истодааст, ҳар

дақиқаю соат, шабу рӯз, моҳу сол итизораш будед. Инак, он рӯз фаро расид. Хушхабарро аз ҳама пеш раиси ба қавле ба пою қадам шунавидаасту мехоҳад гӯшраси шумоён кунад.

Раис аз муждаи нек кӯдаквор шодӣ мекард, курта-курта гӯшт мегирифт. Ба худ ҷои нишаст намеёфт. «Ҷанг тамом шудааст, ҷанг тамом шудааст» гӯён аз ҷои худ хеста, дасташро бардошт, дар кабинети холӣ ҳатто рақс карда гирифт. Радио бори дигар хабар дод. Ҳотам Ҳоҷиев муждаи некро ин дафъа ҳам то охираш пурра шунавид. Баъд гӯшаки онро тоб додаю хомӯш намуда ба шаст аз ҷояш хеста саҳни идора баромад. Раисро дар ин лаҳза шинохтан душвор буд. Вай роҳравон тасмаи миён, остини холии аз таги вай гузаронидаашро ба тартиб гирифта, бари куртаи аскариашро ба қафо кашида, мисли командирон таранг намуда, сӯи аспаш омад. Асп по кӯфта сарашро ҳар замон, ҳар замон болою поён бозӣ доронда, думи заб-зарди сермӯро гоҳ ба чап, гоҳ ба рост зада меистод, соҳибашро дида шинохт магар, ки шиҳа кашид. Ҳотам Ҳоҷиев аз рӯи одат рӯи аспро сила карда, ба дасташ фӯки вайро, ки ба рӯяш хеле наздик оварда бӯй карданӣ мешуд, дур намуда гиреҳи тасмаро аз танаи дарахт кушод. Қашқа фаҳмид, ки соҳибаш азми сафар дорад, худро наздиктар овард. Раис ҳар дафъа ҳангоми саворшавӣ бисёр азоб мекашид. Ду-се маротиба ҳаракат намуда, сипас савор мешуд. Ин дафъа баръакс, бо як ҷастан, бо осонӣ худро болои зин гирифта, лаҷоми ҷонварро сӯи участкаи Боғи Миёна тоб дод. Ин, албатта, сабаб дошт. Дар ин ҷо ҳашарчиёни бисёре аз ҳамаи бригадҳо ток каланд мекарданд. Токкаланд яке аз корҳои вазнинтарини колхоз аст. Вайро ба таъхир мононда намешавад. Дар ҳолати аз вақташ гузаштан ревоҷҳо парида, ҳосил нобуд шуданаш мумкин. Бинобар он ҳар сол бо қувваи ҳашар ин кор то даҳрӯзаи дуюми моҳи май ба охир расонда мешавад.

Ҳотам Ҳоҷиев лаҷоми аспашро суст намекард. Ӯ ба мардум ба ҷои салому алейк танҳо як гапро такрор ба такрор, бо овози баланд мегуфт: «Шодиёна диҳед, шодиёна! Ҷанг тамом шудааст! Ҷанг!!!

— Мефаҳмед, ҷанг тамом шудааст, тамом, шодиёна диҳед!!!»

Овози раис баланд садо дода, аксаш аз дуродур шунавида мешуд. Баробари шунавидани хушхабар ҳашарчиён корро партофта сӯи якдигар давида, ҳамдигарро ба оғӯш гирифта, табрик менамуданд. Мардон мисли бачаҳо тоқиҳояшонро ба осмон ҳаво дода, «Ура, ҷанг тамом шудааст. Ура, ура» мегуфтанд. Занҳо якдигарро канор гирифтаю бӯсида «муборак бошад, ҷанг тамом шудааст, муборак бошад» мегуфтанд. Шодии бачаҳои ҳангоматалаб ҳадду канор надошт. Онҳо баробар «Ура, ура, ҷанг тамом, ҷанг тамом» гӯён гирд-гирди калонсолон, қад-қади марза болою поён медавиданд. Як лаҳзаи хурсандӣ гӯё тамоми ҷароҳати панҷсолаи мардумро табобат карда буд. Танҳо як нафар ба хурсандии аъзоёнаш дида дӯхта, чизеро ба хотир овардагӣ барин ашк мерехт. Ӯ Заррина буд. Оре, ашки сӯзони бригад ҷой дошт. Гарчанде ҷанг тамом шуда бошад ҳам, вале вай барои Заррина бардавом аст. Дурустараш, ҷанг барои бисёр оилаҳое, ки ҷигарбанди онҳоро ба доми худ фурӯ бурдааст, то имрӯз давом дорад…

Баъди чанде фарзандони деҳа як-як баргаштан гирифтанд. Вале ҳоло кори саҳроро ба онҳо супоридан аз рӯи одобу инсоф набуд. Якеро пой набошад, дигареро даст нест, сеюминро тир аз сина зада аз тахтапушт баромадааст. Ҳоло ҷароҳати на ҳамаи онҳо сиҳат шудааст. Лекин, на ҳамаи баргаштагон умри дароз диданд. Дар ҷанг намурда бошанд ҳам, тири душман онҳоро ба азоб мононда, охиру охирон ба хок бурд. Ҳайфи ҷавонҳои барноят, деҳаи азизам Бунафша.

Ҳотам Ҳоҷиев дар колхоз бисёр наистод. Ӯро, гӯё ки барои алобгирӣ фиристода бошанд, дере нагузашта ба дигар кор гузарониданд. Аниқтараш дар конференсияи кумитаи ҳизби ноҳия муншии якум интихоб намуданд. Ба ноҳия калон шуда рафтани раисро мардуми деҳа чанд ҳафта пештар байни худ гапгап карданд, вале ба кадом вазифа касе аниқашро

намедонист. Ҳар кӣ аз худ ҳар чӣ мебофт. Ба раис ҳар мансабро муносиб медонистанд.

— Раис дар кадом кор набошад, ӯҳда мекунад-мегуфтанд одамҳо, -қадду қоматаш омадагӣ, сиёсат дорад, бамаъни, ақли расо худо ато кардагӣ. Ба арзу шикояти мардум бо тамкин гӯш мекунад. То аз дасташ омадан ёрӣ мерасонад. Арақ нахурад, ба зану фарзанди мардум бо чашми бад нигоҳ накунад. Гап ҳамин, ки раис оянда одами хеле калон шуда меравад. Халқ тарозу аст. Ҳар касро даррав бар кашида, ба чигунагии ӯ баҳо медиҳад. Мӯйро аз хамир ҷудо мекунад халқ. Некро таърифу тавсиф, бадро зери тозиёна мегирад, халқ.

Инак, то шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад гуфтагӣ барин миш-миши одамон рост баромад…

Ҳоло бошад, онҳо тахминҳои дигар мекунанд. Кӣ раиси колхозашон мешуда бошад? Оё мисли Ҳотам Ҳоҷиев боз раиси хубро медида бошанд? Аз он рӯзе, ки котиби ҳизб кас монда, ҷеғ зада омада дар ҳуҷрааш сӯҳбат намуд, фикри аъзоёни бюроро гуфт, дар деҳа овозаи нав паҳн гардид, ки раис Заррина мешудааст.

— Не-не, боварии кас намеояд, — мегуфтанд баъзеҳо. — Кадом занак раис шудааст, ки Заррина шавад. Бригадирӣ кори дигар. Роҳбарии як хоҷагии калон вазнин. Одамҳоро кор фармудан даркор. План буд кардан даркор. Даромад-баромад, ҳисобу китобаш ҳаст.

— Хайр, чӣ, раис шавад айбу аҷоиб-мӣ? Чанд сол боз бригад. Планҳояш доимо пур. Ба одамҳо забон ёфта метавонад. Ду раис қати кор карда, чашми корро ёд гирифт, -фикри гурӯҳи дигар буд.

— Як маротиба аз моён ҳам калон шавад-дия. То кай мардҳо «мо роҳбариро метавонем» гуфта забондарозӣ мекунанд. Аз занҳо роҳбар шавад, баракс, мардҳо аз худашон шарм карда кор мекунанд. Ин қадар ба сари оилаҳояшон даҒ-даҒа намуда, чормаҒз намешикананд, -ин фикри занҳои деҳа буд.

Ҳотам Ҳоҷиев гапро мухтасар намуд: мақсад аз шуморо, Заррина, ҷеғ зада овардани мо ҳамин. Ба колхоз роҳбар лозим. Ман бо ъзоёни бюро маслиҳат

намудам. Онҳо ҳам розӣ. Агар шумо зид набошед, ба раисӣ худатонро пешбарӣ кунам.

Заррина чашмдошти чунин таклиф набуд. Ӯ ҳайрон шуд.

Агар «не, наметавонам, ман ҳамин бригадириро бо як азоб ӯҳда карда истодам. Ман чию раисӣ чӣ? Маълумотам набошад. Касб надошта бошам» гӯяд, обрӯи Ҳотам Ҳоҷиев рехтанаш мумкин. Аъзоёни бюро аз ду сар «бин, ба як занак чанд вақт ҳамроҳ кор карда, имрӯз гапат нагузашт» мегӯянд. «Ҳа» гӯяд роҳбарии як хоҷагии калон кори осон магар? Чашми мардум ҳоло аз нон сер нашудааст. Ҳизб бошад, то як вазифаро супоридан. Ба гарданат, ки бор кард, интихоб, ки шудӣ мард ё зан нагуфта кор, план талаб мекунад. Хайр, фарз кардем, як-ду маротиба ҳам мадад расонд, баъд чӣ? Рафта коратро карда намедиҳад-ку?

— Чӣ гуфтед? — пурсид Ҳотам Ҳоҷиев риштаи хаёли Зарринаро дар ҳамин ҷо канда.

— Раҳмат барои боварӣ, лекин…

— Нафаҳмидам, барои чӣ лекин? Наметавонам мегӯед, маънои гапатон ҳамин будагист? Кумитаи ҳизбӣ ҳаст. Наход, ки кори шумо, ҷамъият дар роҳ монад. Мо ҳамаашро нағз мефаҳмем. Ҳеҷ кас модарзод раис таваллуд нашудааст, намешавад ҳам. Дастгирӣ мекунем. Намояндаҳо рафта ёрӣ мерасонанд. Вақту соаташ расад, маълумот ҳам мегиред. Баъд дидед, ки об ба лаби ҷӯй баробар шудааст. Барои ҳамин бо дили пур, агар интихоб кунанд, ба кор сар кардан даркор.

Аз суханронии раис Заррина далер гашт…

Дар маҷлиси ҳисоботӣ-интихоботии колхоз худи Ҳотам Ҳоҷиев иштирок намуд. Котиби ташкилоти ҳизби колхоз, ки муваққатан вазифаи раисро дар ӯҳда дошт, дар бораи фаъолияти садороти колхоз ҳисобот дод. Чор-панҷ нафар баромад карда, аз хусуси муваффақияти хоҷагиашон, ҳиссаи бригадҳои пешқадам, кори хуби раиси собиқ гап зада, ба фаъолияти садорот баҳои қаноатбахш доданд.

Садри маҷлис аз рӯи масъалаи ташкилӣ ба котиби аввали кумитаи ҳизби ноҳия Ҳотам Ҳоҷиев сухан дод.

Ҳозирон бо чапакзанӣ раиси собиқашонро пешвоз гирифтанд. Котиб дар бораи бурду бохти хоҷагӣ, захираҳои истифода нагардида, роҳҳои боз ҳам баланд бардоштани иқтисодиёти колхоз, ободонии деҳот ва бисёр масъалаҳои дигар гап зада, сонӣ сари мақсад омад.

— Рафиқон, -гуфт ӯ, - маҷлиси имрӯзаи шумо дар як вақт бояд раиси колхозро интихоб намояд. Аъзоёни бюрои кумитаи ҳизби ноҳия ба ин вазифа номзадии Заррина Одиловаро ба муҳокимаи шумо ҳавола мекунад. Ба ин шумо чӣ мегӯед?

— Маъқул!

— Ҷудо боб!

— Фикри хуб!

— Мо розӣ, -аз зол садоҳо баромаданд.

Садри маҷлис фикри котибро ба овоз гузошт. Ҳама бо як овоз Зарринаро раис интихоб намуданд. Ҳотам Ҳоҷиев дар охир боз сухан гирифта:

— Ба фикри ман, шумо Зарринаро раиси худ интихоб намуда бурд кардед. Дар ҳар куҷое зан сарвар бошад, кор пеш меравад. Ба фаъолияти меҳнатии Заррина ҳамаатон аз ман дида хубтар шинос. Ӯ аз мушкилиҳо наҳаросида дар солҳои мудҳиши ҷанг роҳбари бригада шуд. Ба ҷавонии худ нигоҳ накарда дили ҳар як аъзои бригадаашро ёфт, онҳоро кор фармуд. Албатта, рафиқон, кори колхозро як ё ду нафар пеш бурда наметавонад. Кумитаи ҳизби ноҳия боварӣ дорад, ки шумо, мардуми деҳаи Бунафша, ҳама аз як гиребон сар бароварда, барои баланд бардоштани обрӯи хоҷагии худ, бо як нафар зани ҷавон, ки имрӯз ба зимааш вазифаи хеле мушкил гузошта шуд, монда нашуда меҳнат мекунед. Мо ба шумо раис, ба деҳқонони колхоз дар иҷрои нақшаҳои ҳизб комёбиҳо орзу мекунем…

Рӯзҳои аввал ба Заррина мушкил буд. Вай намедонист корро аз куҷо, чӣ тавр сар кунад. Ба колхоз барои кишт тухмӣ намерасид. Техникаи асосӣ чанд сар навбаст, нақлиёт аспу ароба буд. Дар назди раиси ҷавон бисёр масъалаҳои ҳалталаб меистоданд: баланд бардоштани иқтисодиёти хоҷагӣ, шиками халқро аз нон сер кардан, ободонии деҳа, зиёд намудани шумораи

роҳбарон аз ҳисоби занҳо. Вале ин корҳо танҳо бо хоҳиш иҷро намешаванд. Кӯшишу ғайрат, дастгирии умум, сонӣ қадри арзандаю сазовор лозим. Заррина бегоҳӣ ба хонааш омада, дар болои нақшааш бори дигар фикр ронд. Дуруст барин. Ба ҳар ҳол ба кор сар кардан даркор. Бахор омада монд. Барвақт киштӣ, бурдӣ гуфтанӣ гапҳо ҳаст. Ҳамаро ҷамъ намуда, поруи дар молхона бударо ба сари замин кашондан даркор. Пору хамиртуруши замин аст. Вайро мерасонад, ба-қуввату ҳосилхез мекунад. Баъд чаро, ёнаю тепаҳои Мунору Оби Аҳмадшоҳ ҳар сол бекор мехобад. Ҳамин қадар заминҳои нағзро подаҷо карда мондаанд. Магар уболаш намегирад. Имсол файзи зимистон дигар. Барф борид. Нам нағз. Ғаллаи баҳорӣ коридан мумкин. Дар воқеъ масъалаи тухмӣ чӣ? Шояд аз нарасидани тухмӣ ин заминҳо то ҳол бекор мехобанд?

— Шояд, -худ ба худ такрор намуд ӯ. — Дар ҳақиқат дар ин шароит тухмӣ ёфтан амри маҳол. Ба худат, ки нест, дар олам нест. Колхозҳо хароб. Давлат ҳама чизро ба ҳисоб медиҳад. Заррина хеле майна об карда ду роҳи ин масъаларо ёфт: Роҳи якум ёрдами кумитаи ҳизб. Роҳи дуюм, ҳеҷ набошад дастгирии вай. Тухмӣ диҳад-ку нуран ало нур. Рафту надиҳанд рухсат мепурсам, ки ба ивази аспи раис ғалла гирем. Ба қашқа ҳоло ҳам харидор бисёр. Фардо ба назди Ҳотам Ҳоҷиев рафта фикрамро мегӯям. Агар ёрдам кунад, таваккал, корида мепартоям. Ҳаво ҳиммат карда ду-се борон диҳад, хирман-хирман ғалла гирифтан мумкин. Баъд одамон ҳам серу ҷону ҷонварҳо ҳам. Бигузор аз план берун гуфта, ба давлат насупорем. Давлат кӣ-одамон, халқ.

Раис пагоҳии барвақт ба идора омада корҳояшро тахт намуда, сонӣ як сари қадам ба райком омад. Фикри Зарринаро дар бораи кишт намудани ёнаю теппаҳои Мунор, Оби Аҳмадшоҳ Ҳотам Ҳоҷиев маъқул донист, ҳатто таъриф кард:

— Ман медонам, заминро хор кардан даркор не. Заминҳои он ҷо бошад ҳосилхез. Дуруст мегӯед, ки вақти

кишт карданаш расидааст. Коҳу дони фаровон гирифтан мумкин. Аммо масъалаи тухмиро чӣ кор мекунед?

— Барои ҳамин назди шумо омадам. Илоҷаш бошад, аз ягон ҳисоб ёрдам расонед. Хеҷ набошад, қарз дода истед.

— Мушкил. Ба фикрам ҳамаи фонди тухмиро ба хоҷагиҳо тақсим карда доданд.

— Ҳотам Ҳоҷиев… Зоррина мақсадашро нагуфта чанд сония хомӯш монд.

— Шумо, рафиқ Одилова, ба фикрам ягон чиз гуфтанӣ. Агар ягон нақшаатон бошад, беибо гуфтан гиред.

Зоррина далер гашт.

— Аз ин ҷо, ки ёрдам нашавад, ман як фикри дигар дорам.

— Канӣ фаҳмем?

— Аспи шумо буд-ку?

— Аспи ман? Кадом аспи ман? — Ҳотам Ҳоҷиев ҳайрон шуд. — Ман дар колхоз ягон аспи шахсӣ надорам.

— Мебахшед, аспи савор шуда мегаштагиатон буд-ку.

— Ҳа, қашқа!? Хӯш?

— Ҳозир ҳамон бекор. Худатон медонед, ки ба ман асп лозим не. Ба қашқа бошад, талабгор бисёр. Аспбоз будааст. Одами ба худаш тинҷ. Гуфтааст, ки чӣ қадар ҷаву гандум даркор бошад, ёфта медиҳам.

— Охир, вай моли ҷамъият. Чӣ хел мешавад? Колхозчиён чӣ мегӯянд? Боз «раис аспро фурӯхта хӯрд» нагӯянд.

— Ҳотам Ҳоҷиев, мо аспро намефурӯшем, балки ба ғалла иваз мекунем. Баъд ҳосил, коҳи ин заминҳоро ба колхозчиён тақсим карда медиҳем.

— Гапатон дуруст, раис, аммо андешаи ман дигар аст. Оё шумо, рафиқ Одилова, сад фоиз бовар доред, ки аз он заминҳо дар соли аввал ҳосили фаровон мегиред. Метарсам, ки тухмии ба ивази асп гирифтаатон беҳуда нест шуда наравад. Ин масъала хеле нозук. Бисёр эҳтиёт шуда, амал кардан даркор. Баъзан одам некӣ мекунам гуфта ба тӯҳмати хушк монданаш мумкин. Рости гап,

раис, дар ин масъала ман ҳеҷ чиз гуфта наметавонам. Дар масъалаи аз нақша берун будани ғалла бошад, хотирҷамъ. Мо рухсат медиҳем.

Заррина аз ҳуҷраи котиб баромада роҳравон ба туғёни хаёлот фурӯ рафт. «Аспро ҳам иваз намекунам. Модоме, ки моликияти ҷамъият бошад, даркор нест. Халқро ҷамъ карда фаҳмонидан лозим. Мегӯянд-ку халқ як буридагӣ нон диҳад сер мешавӣ, як муштӣ занад мемурӣ. Одами бисёр. Ҳар як хонавода як пудию ним пудӣ ғалла диҳад, амбор пур мешавад. Кушоду равшан мегӯям: Ғаллаю коҳашро баъди пухтан худатон мегиред.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Раис барои маҷлис не, балки маслиҳат сардорони бригада, оилаҳоро даъват намуд. Фикрашро гуфт. Одамон ҳангоми муҳокима ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Аксарият мегуфт, ки фикри хуб, барои манфиати худамон будааст. Таваккал шеру андеша рӯбоҳ. Кишт кунем, ризқи халқ, мешудагист. Наход, ки худо ноумед кунад. Ҳар кас бозёфти бечорагиаш, аз рӯи инсоф доштагӣ бисёртар, надоштагӣ камтар ёрдам кунад, нағз мешавад.

Гурӯҳи дигар, ки байнашон Ҳодӣ-пучуқ, ҳамон Ҳодӣ-пучуқе, ки раиси собиқ Ҳотам Ҳоҷиев кафшашро пеши пояш гузошта буд, ба ҳалли масъала халал мерасонд. Ӯ ду пояшро ба як мӯза тела дода, «намешавад. Ин кори дар таърих нашудагӣ. Худи мо ба як бурда нон зору боз ҷаву гандум диҳем будааст. Дар соли ҷанг ин хел маҷбур накарда буданд. Мо аҳмақ нестем, ки ба гапи зан даромада ба теппаи қоқ дон бурда партоем. Ҳозир чашми ҳама гурусна. Ду рӯз нагузашта дидед, ки зоғу замбӯр хӯрда рафтааст. Ӯ, халоиқ, шумоён чаро гӯсфанд барин ҷим-ҷим мешинетон. Медонед вай ин корро барои чӣ карда истодааст? Шояд бисёриҳо надонанд. Лекин ман медонам. Барои обрӯ, шӯҳрат. Ҳа, шӯҳрат. Мехоҳад мисли Ҳотам Ҳоҷиев ба райком ба кор равад. Калон шаваду ҳамаро ҳамин хел, ҳозира барин як бурда нонашро аз даҳонаш кашида гирад. Худаш, ки заиф калон шуд, корро бало задагияш ҳамон, -бо овози баланд аз ҷояш хеста мегуфт Ҳодӣ-пучуқ. — Додашро ба оллоҳ гӯяд. Дораш бошад, бурда кашад, аз дасташ

ояд аз деҳа кӯчонад, лекин як грамм ғалла намедиҳем. Коҳу гандумаш сарашро хурад».

— Шуд, амаки Ҳодибой, охир ин ҷо як худи шумо не, монед дигарҳо ҳам гап зананд. Ба як каф ғаллаи медодагиатон колхоз зор шуду боз нозу нуз карда истодаед. Ҳурмататонро нигоҳ доред. Шумо надиҳед, дигарҳо ҳастанд.

— Чӣ, ман аз гап задан маҳрум-мӣ? Аслаш медонӣ туро кӣ калон кард, курсинишин намуд? Ана ҳамин мани ганда. Набошад, ба як бурда нон зор шуда, дар хона нишаста будӣ. Имрӯз раис шудам гуфта тамоми вазниниро ба гардани халқ бор накун-дия. Дунё дунёи наркушу модапарвар шуда монд. Ба шумо баринҳо форид. Набошад, ҳамин қадар ҷавонҳои барно, бӯзбалаҳои мӯйлабдор нест шуда, ту баринҳо хӯчаини мулк мешудӣ?

— Таъна назанед, амаки Ҳодибой. Дили мо ҳам намехост, ки шавҳарамон қурбони ҷанг гардаду аз шумо баринҳо гап шунавида шинем. Боз такрор мекунам: ман ба хонаи худам не, барои давлат не, барои халқ дону коҳ шавад гуфта ин корро карда истодам. Шумо мӯйсафед, аз ман нағзтар медонед, ки замин бекор истад, убол. Дуояш мегирад. Замин ҳам модар аст. Касе, ки хор мекунад, рӯзи некию нони сериро намебинад. Дигар нишастагиҳо ҳам беҳтар медонанд.

— Дуруст, дуруст, -овози чанд нафар аз ҳар тараф шунавида шуд. — Ҳодибой надиҳанд, не-дия. Боз-боз карда мешинед.

— Раис ду даҳан гап занам мумкин, -гуфта бобои Даврон аз ҷояш хест:

— Ҳодибой, дӯстам, мард шудан даркор. Ин хел нашудааст-дия. Як муштипарро дирӯз таъриф карда раис интихоб намудем. Имрӯз бошад, худама кушу бузамро не гуфта ду поятонро ба як мӯза андохта гапгардонӣ мекунед, андеша чизи хуб. Халқ шумо кӣ, духтарамон Заррина кӣ, медонад. Нону намаки колхозро шукр шумо ҳам кам не, мӯл не, чанд сол хӯрдед. Дунё ҳамин хел. Меоянд, ҷои ману шуморо мегиранд. Пир шудед, тан

диҳед. Ба кори ҷавонҳо халал нарасонед. Агар тавонед, маслиҳати хуб диҳед.

— Шумо маслиҳат дода истодаед, бас-дия, аз дасти мо ин кор намеояд, -пичинг парронд Ҳоди-пучуқ. — Ҳе, дода, ба ин мардум нағзӣ кунӣ, ба бало мемонӣ. Рав, ба маҷлисат нашинам халос мешавам, гӯён аз ҷояш хеста аз зол баромад. Ӯ аз чӣ бошад, ки танҳо рафт. Ҳамфикронаш ба вай пайравӣ накарданд…

Модари модарҳо, Бунафша. Ман ҳамеша ба як чиз шукр мекунам. Хайрият, ки дар дунё аз бадон дида мисли бобои Даврон некон бисёранд. Онҳо ҳамеша тарафдори кори хайранд.

— Хислати фарзанди одами хирадманд чунин аст: шукр кардан, дастгири кори хайр будан, манфиати умумро хостан. Касе бо ин роҳ рафт, кам намешавад, хор намегардад. Бале, модари азизам, Бунафша. Зарринаро бин. Аз рӯзи аввал мақсадаш пок, ғамаш ғами ҷамъият. Аз ин ҷиҳат баҳор сербориш ва барои кишт, махсусан, ғаллаҳои лалмӣ хеле мувофиқ буд. Ғаллаи дар ёнаҳо корида то миён қад кашиданд. Саракҳояшон ғӯта-ғӯта. Ба ток ҳам офате нарасид. Дар вақти гули ангур борон нашуд, жола наборид.

— Ба ин наздикиҳо ин хел соли серҳосилро надидаем, -мегуфтанд пирони деҳа. — Ҳамааш бахти Зарринa. Ба пою қадам омад. Дилаш, ки соф аст, худо хоҳад кораш барор мекунад. Набошад як раисҳои «ман-ман» мегуфтагиҳо омада рафтанд, ки… Колхозамон танҳо дар давраи ду нафар- Ҳоҷиеву Зарринa як нав қоматашро рост кард.

✿ ✿ ✿

Кумитаи ҳизби ноҳия дар интихоби қадр хато накард. Зарринa душвории рӯзҳои аввалро бо маслиҳату дастгирии фаъолон бартараф намуд. Ба бахташ дар соли аввал ҳосил нағз шуд. Колхоз нақшаҳои ба давлат фурӯхтани ангур, ғалла, картошка, тухми пиёзро барзиёд иҷро кард. Ҳамчунин хоҷагӣ худро бо тухмӣ таъмин намуд. Анбори колхоз, ки солҳои зиёд файзу

баракат надошту мисли сарои холӣ ҳуввас мекард, ҳатто калламушҳо дигар зиёрат намекардагӣ шуда буданд, акнун рӯи ғалларо дид, файзаш даромад. Ба музди меҳнати колхозчиён як килограммӣ картошка, якунимкилограммӣ ҷаву гандум, дусаду панҷоҳ граммӣ мавиз тақсим карданд. Онҳо бори нахуст, қариб баъди даҳ сол, самараи мехнаташонро медиданд. Ба хонаи онҳо нур даромад. Гӯё акнун зиндагии нав оғоз меёфт. Одамон осори ҷангро кам-кам бартараф намуда, ба мехнати осоишта одат мекарданд. Аммо аз хотирашон як чиз-ёди дӯст, ҷигарбандонашон фаромӯш намешуд.

Заррина зоҳиран аз барори кораш хурсанд, вале ботинан ҳамеша ғам мехӯрд, азоб мекашид. Дар рухсорааш ожангҳо пайдо шуданд. Ӯ дар паҳлӯяш шахси асосиеро, ки мӯнису ғамхор, дастгир ва ғамхораш бошад, намедид. Чунин шахсро вай якумрӣ гум кардааст. Раис рӯзона ба кор овора шуда, гузаштани вақтро намедонист, вале ҳамин, ки бегоҳиҳо ба хона омад, табъаш хира мегашт. Зиндагӣ дар назараш якранг метофт. Баъзан шабҳои сол барин дарозро хаёлан рӯз мекард.

— Хайрият, ки ҳамин Додоҷон будааст, набошад ҳоли ман чӣ мешуд? Кайҳо девона мешудам ё аз зиқӣ торс мекафидам, -аз дил мегузаронд.

Деҳаи азизам Бунафша. Чаро ин қадар хории ин муштипарро хостӣ. Охир, ту худат медонӣ, ки Заррина пеш аз ҳама зан аст. Зан навозиш, меҳрубонӣ, дилбардориро мехоҳад. Сӯҳбати ширин лозим аст ӯро. Беҳуда мард ҳаст, гард ҳаст, нагуфтаанд. Мард посутуни хона, дилпурии зан аст. Хонаи бе мард-сард.

Заррина писарчаи пухтаю бофаҳмашро шему нозӣ дида, дилаш адо мегашт. Аз Додоҷон duздӣ оби дида мекард. Бо гиря дили пурашро холӣ менамуд. Гиря ба саломатӣ фоида дорад. Баъди он одам худро андаке сабук ҳис мекунад.

Додоҷон рафта-рафта бепадарияшро ҳис намуд. Чаро ҳис накунад. Шахсе, ки ӯро мисли падарҳои дигар ба оғӯш гирад, бӯсад, рӯзҳои иду айём аз дасташ дошта, ба тамошо барад, набуд.

Заррина шабона писарашро хобонда хеле гирист. «Наход онҳо маро ҳамин тавр, бевафо гумон карда бошанд. Одамҳо то чӣ дараҷа беандеша, шартакигӯй шудагӣ. Ман шавҳарро ба сарам мезанам! Рӯзе Додоҷон калон шавад, ба рӯям туф намекунад магар. Хайр, фарз кардем, ки ӯро ҳамроҳ ба хонаи Солеҳҷон бурдам. Шему нозӣ, ба як бурда нони падари ӯгай дастнигар намешавад? Арвоҳи Қобилҷон маро намезанад магар? Вай-ку барои ман, Додоҷони худ барин занону фарзандон қурбон шуд. Не-я, чиҳо гуфта истодам, деҳаи азизам Бунафша. Ноумед шайтон. То ҷон дар рамақ дорам, ба номи ӯ зиндагӣ мекунам. Кӣ медонад? Мумкин Қобилҷон зинда, сиҳат саломат бошад. Салимҷон гуфтку на ҳамаи сиёҳхатҳо рост мебароянд. Ҷанг-дия, баъзан мебинӣ, ки ту зинда, ҷанг карда гаштию ба хонаат сиёҳхат фиристоданд.

Модари дилхарошам Бунафша. Ҷанг фарзандони некатро ба коми хеш кашида, туро абгор намуд. Ту, Бунафша, ба модаре монанд ҳастӣ, ки аҷал нури дидагонашро ба коми худ кашидааст. Болшикаста, дилшикаста, маъюсӣ. Аммо зиндагӣ бардавом аст. Ту ҳам бояд умри зиёд бинӣ. Боз оғӯшатро кабӯтарони навбол пур мекунанд. Ҷойгиронро ба воя мерасонӣ. Ҳар хонавода соҳиби саробони хеш мешавад. Бас будагист гиря, ғусса, танҳоӣ, Бунафшаи ман. Агар касе суолат кунад, ки мазори фарзандонат ку, намедонӣ чӣ ҷавоб диҳӣ! Охир, онҳо дур аз ту хок шудаанд. Онҳоро модарони дигар ба оғӯш гирифтаанд. «Хокҷои мӯъминон» гӯянд он ҷоро. Имрӯз, фардо зиёратгоҳи одамон мегардад он ҷо.

— Чӣ гуфтӣ, модари дилхарошам. Бунафша? Ба ободият кӯшам!? Мисли онҳо ба хотири шаҳидонат мазоре барпо кунам? Нишоне аз онҳо боқӣ монад? Қарзи фарзандии ман ҳамин аст? Майлаш, модари азиз, майлаш. Супориши ту бароям қонун аст. Кадом фарзанд аз иҷрои гуфти модар берун баромадааст, ки ман бароям. Лаънат ба чунин фарзанд. «Оқ шуда» гӯянд чунин фарзандро.

Кони хирадӣ, Бунафша. Акнун фаҳмидам «мазори шаҳидонат барои чӣ лозим будааст. Барои оянда. Баъди гузаштани даҳсолаҳо кӯдаке, ки фардо ба дунё меояд, бояд фаҳмад, ки озодию хушбахтии онҳо бо гарониҳо, қурбониҳо ба даст омадааст. Фардо калон шуда, дониста, оҳиста қадам монанд. Бо сари хам, таъзимкунон аз назди мазорат гузаранд. То ки садои пояшон лавҳаеро ба ларзиш наорад…»

… Полвон беақл меомадааст. Беақл набошӣ бо ҷӯраҳоят шарт мебандӣ, ки то раисро ба занӣ нагирӣ, намемонӣ, номатро дигар мекунӣ. Хобатро ба об гӯй, полвон. Гузашт вақти бесоҳибии деҳа. Худо ба тухми Бойҷонов баринҳо қирон овард. Магар ҳамон дарси ибрат нашуд бароят. Наход ҳоло ҳам тушбераро хом шуморӣ. Ту зан дорӣ, ду фарзандат ҳаст? Боз чӣ намерасад? Раис бегоҳӣ ба хонааш омадани кампири Рухсатро пеши назар овард:

— Духтарам Зарринаҷон, -баъди муқаддима ба сари мақсад омад ӯ, - дирӯзакак духтарча будӣ. Раҳматӣ модарат дар дил бисёр орзуҳо дошт. Бача калон карду роҳаташро надид. Имрӯз бошад, духтарам, роҳбари мо ҳастӣ. Ба ту одам ҳар гапро истиҳола карда мегӯяд. Лекин ман, ки ба ҷои модарат ҳастам, мехоҳам рӯирост сабаби ба наздат, хонаат омаданамро гӯям. Албатта, ҳамин қадар вақт боз замона нотинҷ буд. Акнун шукр амон-амон шуд. Одам, духтарам, аз пешониаш зиёд чизро намебинад. Ба сари кас ҳамааш меояду меравад. Умри ҷавониатро гузарондӣ. Акнун писарчаат ҳам аз обу гил баромад. Худат нағз медонӣ, ки духтарам, ба зани ҷавон танҳо гаштан осон не. Раисия ба ту хату мӯҳр карда додагиашон не. Ба зан пеш аз ҳама саробон даркор, на мансаб, духтарам. Сад сол гардӣ ҳам, тақдир ҳамин, дигар бозгашт намеояд, нонро пеши по назан, духтарам. Агар «ҳа» гӯию маро ҷанг накунӣ, ба ҳамон Солеҳ-полвон… обрӯю эътиборашро, духтарам, худат медонӣ. Номаш баромадагӣ. Обрӯи деҳаамон. Акнун ба чил даромад.

Аз гапҳои Рухсат-кампир қаҳри Заррина омад. Ӯ саҳл монд, ки аз дасташ гирифта, аз хона бароварда,

пеш кунад. Вале дандон ба дандон монда, аламашро қулт хӯрд, худдорӣ намуд.

— Рухсат-апа, як гап мезанам, ба шарте хафа нашавед.

— Гӯй, духтарам, чаро хафа мешудиям. Зорӣ дорам, ки зӯрӣ не.

— Агар шумо дар ҳақиқат ба ҷои модарам бошед, минбаъд ба хабаргирӣ ҳамту бе ягон гапи зиёдатӣ биёед. Дар бораи Солеҳ-паҳлавони шумо бошад, гап ҳамин. Агар хоҳад, ки ӯро ба милиса насупорам, пояшро дониста монад. Рафту дили ман шавҳар кашад, ба ягон гадои кӯча мерасаму ба ӯ не. Ҳамин гап ба шумо қарз, ба ӯ бурда расонед…

Бунафша сол то сол обод мешуд. Ҷои хонаҳои гилини беайвонро акнун якто-нимто иморатҳои синҷини ёздаҳболораи пешайвондори бомаш шиферпӯш мегирифт. Кӯчаҳояш каҷу килеби морпеч бошанд ҳам, мисли пештара лои кафшдаронак ё чангу хоки бисёр надошт. Сой наздик, қум деҳқонӣ гуфта роҳҳои назди идора, пиёдагарду аробагузарро регпӯш намудаанд. Дар ду тарафи кӯча деворҳои пасту баланд солҳост, ки деҳаро қалъабандӣ мекунад. Болои деворро мардумон чор-панҷ қаторӣ таппӣ зада, онро баландтар кардаанд. Таппӣ ҳар хела-хушк, нимхушк, тар. Барои дехотӣ ин ҳама чизи оддӣ менамояд. Зеро ӯ ба ин манзара ҳар рӯз дучор мешавад. Умуман барои мардуми деҳа таппӣ чизи зарурист. Зарур барои он ки бе он хӯрокаш намепазад, чояш намеҷӯшад. Сандалияш тасф намедиҳад. Нони танӯрие, ки занҳои деҳа дар оташи таппӣ мепазанд, назар ба бӯлкаҳои дар оташи ангишт, печкаҳои барқӣ пухтаи нонвоёни касбӣ аз ҳама ҷиҳат бартарӣ дорад: хом намемонад, бақувват, рӯяш мисли гулрухон сурх ва ғайра.

Даромадгоҳи деҳа. Вокзалро дарвозаи шаҳр меноманд. Дарвозаи Бунафша бошад, аз ҳамин ҷо, назди идора оғоз меёбад… Раис дар идора танҳо менишаст. Ӯ почтаи рӯзонаро аз назар мегузаронд. Баъзе мактубҳоро кушода, ба ҳавсала то охираш ҳиҷҷа карда хонда, баъд дар болояш чизе навишта шахси масъулро таъин

менамуд. Баъзе дигарашро бошад, ҳамту, як варақ зада, чашм давонида, ба мазмунаш сарфаҳм мерафт. Ҳамин вақт дар кӯфта шуд ва «мумкин, раис» гӯён аввал Ёров-мудири шӯъбаи тарғиботу ташвиқот ва аз паси ӯ ду нафари дигар- яке аз кумитаи бехатарӣ ва дигаре аз рӯзномаи ноҳия вориди ҳуҷра шуданд. Заррина аз ҷояш хеста, курсияшро каме оқибтар кашиду чанд қадам ба пешвози меҳмонҳо монда, ба ҳар кадоми онҳо даст дода вохӯрдӣ намуд. Сипас «марҳамат»-гӯён аз курсиҳои сахти кӯҳна, ки гирди мизи дар мобайни ҳуҷра гузошта чинда шуда буд, таклиф намуд.

Бале, деҳаи азизам Бунафша. Он солҳо ҳуҷраҳо ҳамин тавр хоксорона буданд. Боигариашон як мизу ду-се курсии кӯҳнаи сахт буд. На ҳамаи роҳбарҳо телефон доштанд. Нақлиёт ба будагӣ асп, набошад пиёда мегаштанд. Мизи ҷароққосӣ, курсии мулоими гирдгардон, болои он чанд телефон набуд. Фаршаш қолини пати гулдор надошт, дар рӯ ба рӯи раис, дар пешгаҳи идора «Оинаи нилгун»-и ранга намеистод. Девори ҳуҷраҳо нақшин, дарпардаҳои шилшиладор, дарҳояш чармпӯш набуд. Вале кор хуб буд. Одамон, роҳбарон ҳам сидқи дил кор мекарданд. Ҳозир чӣ? Роҳбарҳо мусобиқа доранд. Мехоҳанд ҳуҷраи яке аз дигаре босалобат бошад. Аз таги дари ҳуҷраи баъзеҳо дароӣ худатро гум мекунӣ, чӣ гуфтанатро фаромӯш мекунӣ. Аз худи калон сиёсати идорааш баланд. Ҳар касро бахташ будааст-дия, модари азизам, Бунафша.

— Хизмат, -пурсид Заррина баъди нӯшидани як пиёла чой.

— Дар бораи кӣ будааст?

— Як ариза будааст, ҳамонро…

Ёров табассуми зӯракӣ кард. — Дар бораи кӣ мешуд, дар бораи шумо.

— Дар бораи ман? Навигарӣ-ку. Бори аввал дар таърихи раисиам. О, дар деҳаи мо аризабозон набуданд-ку?

— Деҳа бе дузд, дашт бе гург намешавад, раис, ангур ангурро дида ало мешавад.

— Мумкин. Истед, ки муаллифаш маълум ё не… Ба мазмуни мактуб шинос мекардед.

— Беимзо. Навиштааст, ки раис аз мансабаш истифода бурда, аз ҳисоби маблаҷи колхоз ба хотираи шавҳараш ким-чӣ хел мазор сохт, бо ин кораш динро аз нав дар байни мардум зинда карда истодааст. Чӣ, дар ҷанг як шавҳари раис мурдагӣ?

Мо пеш аз он ки ин ҷо биёем, мактубро ба муаллим нишон додем. (Ёров муаллим гуфта Ҳотам Ҳоҷиевро дар назар дошт). Он кас ба фикрам аз асли воқеа пештар воқиф будаанд. «Раис ба ман дигар хел фаҳмонида буд. Мумкин гапҳои дар ариза навишта дуруст бошад. Ба ҳар ҳол рафта тафтиш кардан даркор» гуфтанд.

— Наҷз кардетон. Об аз сар соф шавад, беҳтар. Ҳа, дарвоқеъ, шумоён корро аз чӣ сар карданӣ? Баъзе ҳуҷҷатҳо лозим будагист?

— Лозим, лозим, албатта лозим. Лекин мо мехостем аввал худи шумо асли воқеаро нақл кунед. Сухан аз забони луқмон хуш аст.

— Марҳамат. — Заррина дар сари як пиёла чой ҳамаи гапу корҳои шударо гуфт.

— Бо қувваи ҳашар сохтанатонро кӣ тасдиқ мекунад, -пурсид намояндаи кумитаи бехатарӣ.

— Кӣ тасдиқ карданаш мумкин?! Халқ тасдиқ мекунад. Ба кори хайр ҳама мебарояд. Аз рӯи аҳднома корро бояд ду нафар устоҳо дар тӯли понздах рӯз сохта тамом кунанд. Ҳаққашонро ман аз ҳисоби пасандозам медиҳам. Заррина сандуқи оҳанинро кушода, аз он ҷо коҷазеро берун овард.

— Ана, ин нусхаи квитансияе, ки ман пул гузаронидам. — Аъзоёни комиссия бо ҳуҷҷатҳои бухгалтерӣ шинос шуданд, рафта майдони кохро диданд, бо чанд нафар одамон, онҳое, ки дар ариза номашон буд, сӯҳбат карданд.

— Ё тавба, - мегуфтанд онҳо, -аз тӯҳмати хушку балои ногаҳон нигоҳ дор, худоҷон. О, вай чӣ хел лаънатӣ будааст, ки номи худашро нанависта моро ҳамроҳ кардааст. Дар ҷанг ҷавонҳои беҳтарини деҳа нобуд шуданд. Мо ба хотири онҳо ягон кори арзанда накардем.

Раҳмат ба раис, ки халқро ташвиқот карданд. Ин хел мактубро касе менависад, ки аз тагаш бод нагузаштааст. Доғ, ки надидаӣ, кай медонӣ ғам чӣ? Аз шумо, аъзоёни комиссия, илтимос мекунем. Соҳиби мактубро ёфта, дар мобайни халқ гӯед. Мо шармандаашро мекашем. Нею шумо ёфта натавонед, худамон медонем. Кӣ буданаш маълум. Вай ба кори хайри раис аз ин ҳам пеш халал расонида буд.

— Мақсад аз тафтиши ариза бӯғӣ кардани соҳиби ариза не, балки бартараф намудани камбудиҳо мебошад. Ба навиштани мактуб ҳар кас ҳуқуқ дорад, ҷавоб доданд онҳо.

Раис баъди воқеаи боло аҳд кард, ки ба сохтмони коҳ дурусттар машғул шавад. Фаҳмид, ки бо ин роҳ душманро дурусттар мағлуб намудан мумкин будааст. Бинобар он имрӯз чунин қарор дод: «рафта гапро якбур мекунам. Хоҳанд аз пагоҳ омада корро сар кунанд, нахоҳанд ягон устои дигар меёбам. Нон бошад, нонхӯр бисёр».

Дар устохона мақсади раисро фаҳмиданд. Аз дар ӯ бе салому алейк «мудир дар ҳамин ҷо» гӯён даромад. Рангаш аз қаҳр, гӯё, ки бо касе ҷанг карда монда шуда бошад, сап-сафед кандагӣ буд. Чашмонаш танг, лабонаш мепариданд.

— Пагоҳ албатта мераванд. Ин дафъа ваъда қатъӣ, -гуфт мудир, ки раис то ҳоло номи ӯро намедонист. — Дар ҳақиқат дер шуд, кор аксашба мегирад. Набошад ҳамин қадар вақт боз дастамон холӣ буд. Як то-ним то кори шумо барин диду шинохтҳоро бенавбат буд карда медодем. Хайр, дер ояду шер ояд. Ҳаракат мекунем аз сифати корамон хурсанд шавед.

— Фардо мунтазир шавем-мӣ, охир.

— Ба шумо чӣ шуд, раисҷон, наход… Гуфтам-ку лафз якто.

Мудир ин дафъа ба ваъдааш вафо кард. Тахминан соатҳои ёздаҳи рӯз ду нафар шахси ношинос дар назди идора пайдо шуда, раисро пурсиданд.

— Дар ҳуҷраашон бошанд даркор.

Устоҳое, ки яке аз дигаре қадди чор ангушт баландтар, рӯи мисли лаълӣ паҳн, ришу мӯйлаби хирман барин яклухт дошт, ба рафиқаш «ту дар ҳамин ҷо ист, ман дида бароям» гуфт…

Гуфти хона ба бозор рост намеомадааст. Сохтмони коҳ наздик як моҳ давом кард. Устоҳо дар ин муддат корро дар дохили тахтаҳои гирдгардон давом доданд. Аз ин сабаб одамони аз дуру наздик гузашта намедонистанд, ки ду марди мусофир ба таври хеш чӣ месозанд? Баъзе кунҷкобҳо ҳатто наздик омада аз роғи тахтаҳо чизеро диданӣ мешуданд. Аз куҷо? Гӯё, ки чашм мерасида бошад, гӯё арӯсеро зери парда нигоҳ медошта бошанд, чор тарафашро бо матои сафед печонидаанд. Вақте ки устоҳо ба раис дар бораи анҷоми корашон хабар доданд, ӯ хурсанд шуд, раҳмат гуфт, миннатдории пешакӣ баён карда илова намуд:Имрӯз шашуми моҳи май. Баъди се рӯз иди Ғалаба. Коҳро мо ба ҳамин муносибат кушоданӣ. Он рӯз, албатта, аз ноҳия намояндахо меоянд, халқро ҷамъ мекунем. Дар ин ҷамъомад, шумоён, ба фикрам зарур. Халқ бояд донад, ки мазори фарзандонашонро кадом савобҷӯ сохтааст. Хавотир нашавед, ман мошин мефиристам, шумоёнро гирифта меорад…

Ҳаво аз ҳаррӯза дида имрӯз софтар буд. Табиат аз пагоҳӣ механдид, на танҳо хуршед, балки тамоми оламиён дар ин рӯз хурсандӣ мекарданд. Қадру қимати ин рӯз бе баҳост. Арзиш надорад вай.

Модари зор, Бунафшаи пуртамкинам. Ҳама чиз аз сабр будааст. Ҳар харобӣ як ободӣ доштааст. Ёд дорӣ хурсандии он пагоҳинаро. Сокинонат баробари дамидани субҳ, аз хоб хеста буданд. Онҳо баъди тановул бо чеҳраи кушод, лабҳои пуртабассум, либоси тару тоза ба майдони назди коҳ меомаданд. Бачаҳоро намегӯӣ, модари зорам Бунафша. Баъзеашон тамоми шаб хоб накарда аз пагоҳӣ ҳатто ба падару модарашон, бародару хоҳарашон нигоҳ накарда, пештар ба ин ҷо ҳозир шуданд. Гӯё, ки аз тамошои ягон бозии дӯстдоштаашон масалан, гӯштингирӣ, бузкашӣ дер мемонда бошанд.

Дар асл бошад, барои онҳо фарқ надошт: он ҷо чӣ сохтаанд, ба кадом мақсад.

Бачагӣ-дия. Мехоҳад ҳар чизи навро аввалин шуда бинад, то ҳавсалааш пир шудан тамошо кунад, баъд рафта ба ҷӯраҳояш таърифи болохонадор намояд. Одамон камоншакл саф ороста буданд. Онҳо байни худ аз ҳар боб сӯҳбат доштанд. Ғалоғулаашон аз хеле масофа шунавида мешуд. Бачаҳои интизорӣ ба дилашон зада ба канор баромада бозӣ мекарданд. Ду-се нафар фаъолони колхоз дуртар аз коҳ истода, ҳар замон-ҳар замон ба баъзеҳо таъкид менамуданд, ки гулҳоро таги по, тартиботро вайрон накунанд.

Инак, намояндаҳо ҳам аз идора баромаданд. Пешопеш раис Заррина Одилова, сипас Ҳотам Ҳоҷиев, устоҳо-муаллифони коҳ, комиссари ҳарбии ноҳия, ветеранҳои ҷанг ва боз чанд нафар шахсони ношинос буданд. Ҳотам Ҳоҷиев аз мобайн истода гап мезад. Гап мезаду ба нарангушташ сӯи саҳни идора, майдони коҳ ишора мекард. Шояд ӯ нақшаи сохтмони ягон бинои навро мефаҳмонд. Баъд ӯ якбора истода аз таги каши марди як пояш чӯб, ки ба асобағалаш такя дода роҳ мерафт, гирифта чизе гуфт. Салимҷон, ки аллакай то мансаби сарбухгалтери хоҷагӣ расида буд, бо сарҷунбонӣ суханҳои раисро тасдиқ намуд.

Баъди ҷамъомад лентаро Ҳотам Ҳоҷиев бурид. Матои сафед оҳиста-оҳиста лағжида фаромад. Дар пеши чашми издиҳом коҳи се метраи қаҳваранги чоркунҷамонанд падидор гардид. Дар танаи он бо зарҳал чунин навишта шуда буд: «Аз занони аскари деҳаи Бунафша ба хотири мардоне, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷон нисор намудаанд».

— Офарин, қанд занед, - таҳсин хонданд пиру ҷавон. — Кирои посдорӣ, вафодорӣ. Ин ҳамааш кори Заррина. Набошад ба гӯшу хаёли ҳеҷ кас намеомад…

Солҳо сипарӣ шуданд. Нигоҳубини зиёратҷоро пешоҳангони мактаб ба ӯҳда гирифтанд. Ҳар пагоҳӣ дар пояи он гулдастаи тару тоза пайдо мешавад. Ҳар ҳафта ин ҷо ягон ҷамъомади тантанавӣ мегузарад. Навхонадорон зиёраташ мекунанд…

Ба наздикӣ, баъди сию панҷ соли раисӣ Заррина Одиловаро ба нафақа гуселониданд. Колхози «Тоҷикистон» дар ин муддат сазовори мукофоти ҳукуматӣ гардид. Раис ду ордени Ленин, як ордени Байрақи Сурхи Меҳнат гирифт. Дар тантана саҳми раисро дар пешрафти хоҷагӣ, ободу зебо намудани диёр гуфта, ба ӯ як мошини сабукрав ва боз тӯҳфаҳои дигар доданд.

— Фарзандони азиз! Раҳмат барои суханҳои нек, самимӣ, барои қадршиносӣ, -гуфт Заррина. — Дар давоми корам ба чунин хулоса омадам: пеш аз ҳама ба одамон бовар кардан даркор будааст. Ҳар як муваффақияти хоҷагӣ ин самараи меҳнати шумо.

Фарзандони азизам. Ҳозир шумоён, гарчанде он қадар хизмати мукофотбоб накарда бошам ҳам, ба ман як мошини сабукрав додед. Мошин акнун азони ман шуд. Лекин як илтимос дорам. Чӣ мешавад, ки ҳамин мошин аз номи ман тамоми умр дар боғчаи бачагон хизмат кунад…

Заррина-апа ба хотири некиҳои Оиша-хола набераи Салимҷон-Момогулро ба писари Додоҷон нон шикаст. Имрӯз тӯйи арӯсу домодии онҳо. Ҷоштгоҳӣ. Ду мошини тӯёна оро дода шуда аз кӯчаҳои мумфарши деҳа баромада дар майдончаи назди идораи хоҷагӣ қарор гирифт. Аз он чанд нафар ҷавонон фаромаданд. Онҳо ҷӯраҳои домоду дугонаҳои арӯс. Содикҷону Момогул. Дар дасти Содикҷон дастагул.

Ҷавонон сархам сӯи кох равонанд. Ҳамин вақт ба хотири Содикҷон суханони динашаб гуфтаи очааш Заррина-апа расид. «Ҷони оча, фардо ҳамин, ки ба зиёратҷо рафтӣ, хам шуда муччӣ кун. Дастагул монда, ҳар талабу ниятат бошад гӯй, иҷро мешавад. Он ҷо мазор, мазори бобои ту ҳам. Бобоят одами пок, шаҳид шудагӣ. Ҳа, ҷони оча, ҳамаи дар ҷанг қурбоншудагон шаҳиданд».

# ХОНАИ УМЕД

***Қисса***

## Бо супориши муҳаррир

Муҳаррир бо табъи хира вориди ҳуҷра шуда:

— Медонед чӣ, рафиқ Бозоров!

Ман, ки шуғли навис- навис будам, як қад паридам.

— Шумо ҳамаи коратонро монеду ба мошин савор шуда ба замини нав равед. Ҳозир дар кумитаи ҳизби шаҳр моро хеле сахт танқид карданд. Ба ҷои шумо ман сурху сафед шудам. Шумо бошед, мудири шӯъбаи кишоварзӣ. Ба саҳро кам мебароед. Худатон медонед, ки бо телефон кор буд намешавад. Дуруст гуфтанд дар бюро: дар он ҷо одамон қаҳрамонии ҳақиқӣ нишон медиҳанд. Мо бошем, то ҳоло хомӯш. Хонандаро бо дусе хабари майда-майда фиреб дода гаштем.

Фармон фармон аст. Охир мегӯянд-ку, агар ба сарат хасро калон карда монанд ҳам, ту бояд итоат кунӣ. Ҳол он ки муҳаррири мо на хас балки як одами миёнақадди сергӯшти сараш аэропорт шуда буд. Вай дар соҳаи рӯзноманигорӣ саводи кофӣ надошт. Ғайр аз иштирок дар ҷамъомадҳои калон, сарсарӣ дидани саҳифаҳо дигар коре намекард. То ҳол касе ягон маротиба дар рӯзнома хабарчаи калонашонро нахондааст. Умуман, ӯ ба даст қалам гирифта навиштанро нағз намебинад. Аммо нагуфта намонад: дар ташкилотчигӣ ҳамто надорад. Бисёр рӯзноманигорон дар навис-навис устухон надоранд, вале ҳамин ки ба минбар баромаданд, гапашонро гум мекунанд. Муҳаррири мо бар аск. Сари минбар мисли автомат. Суханҳояш пайдарҳаму мантиқдор. Шахси бори нахуст дидаю шунида гумон мекунад ӯ аз воизони касбӣ бошад.

Хуҷраро маҳкам карда берун баромадам. Саидҷон, ту тайёр, - аз ронанда, ки пасу пеши мошинро хабар мегирифт, пурсидам.

— Ҳа, муаллимҷон, тапа-тайёр. Рулро ба кадом тараф тобам? Боло ё поён?

— Аввало ҳай кун-чӣ, мошинат меғелад ё не, -ба «Газик» нишаста фармон додам.

— Э, муаллимҷон-е, аз ин ҷонвар асло хавотир нашавед, ба моҳ гӯед ҳам парвоз мекунонам.

— Ба моҳ не, ба замини нав.

Инак, мошини мо ба ҳаракат даромад. Албатта, ман аз ин сафар он қадар хафа набудам. Аммо як чиз диламро хиҷил мекард. «Охир, -мегуфтам худ ба худ –сардорамон ҳамин мақсадашро барвақттар мегуфт, тайёр шуда меомадам. Ба саҳрои хок бо шими тангу туфлии зоғнӯл монанди рӯяш мисли ғалбер сӯрох-сӯрох рафтан аз рӯи одоб не. Агар бо ин аҳвол рафта, аз онҳо ягон чиз пурсӣ «рав, дар шаҳрат кайф карда гаштан гир. Бе таърифи ту ҳам мо заминро аз худ мекунем, хоҷагиҳои нав месозем», мегӯянд.

«Газик» тасмаи роҳи мумфаршро кашида, пеш медавид. Токзорҳои беканор, картошказорҳои ба гулу юнучқазорҳои ба дарав омада қафо мемонданд. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷои юнучқазор ба хода ё шохи дарахте қафасҳои бедона овезон буд.

Ронандаи идораамон ҷавони бисту яксолаи чорпаҳлӯ, зарди кулчарӯи хеле чақ-чақист. Ӯ ҳамеша дар сафар ҳамроҳи мо ҳазлу шӯхӣ мекунад. Вале аз чӣ бошад ки имрӯз ба даҳон об гирифтааст.

— Саидҷон, чаро ин қадар хомӯш мондӣ. Ё ягон кас…

— Не, муаллимҷон, ман аз чӣ меранҷам, -гуфту мошинро тормоз дода дошт.

— Ҳа, модарҷон, хизмат, -гӯён аз кампири дар даст дастархон дошта пурсид.

— Писарам, то Баландия савор шавам.

— Мо, модарҷон, ба тарафи Баландӣ намеравем.

— Мебахшед-дия. Унту бошад, майлаш. Роҳатон сафед. Ман беҳуда аз роҳатон доштам.

— Кампирҳо хеле одамони аҷоиб-дия, муаллимҷон. Дар бораи ба автобус саворашавии онҳо нақле ҳаст, шумо шунавидагӣ? -пурсид ӯ.

— Не-ку, канӣ шунавем?

Саидҷон гашти «Газик»-ро тезонида, нақлашро сар кард.

— Рӯзе аз деҳаи мо се кампир ба шаҳр мераванд. Ба истгоҳ омада меистанд. Як вақт онҳо шунавида будаанд, ки дар шаҳр як бузи калон омадагӣ. дарунаш аз хона ҳам тоза. Харакҳои чармини мулоим гузоштагӣ. Кампирҳо барои дидани ҳамон буз ба шаҳр фаромада будаанд. Ҳамин вақт автобус ба истгоҳ омада меистад. Аз кампирҳо яке аз ҷавони дар наздашон истода «Писарам, бузаш ҳамин?» гуфта мепурсад.

— Ҳа, оча, автобус ҳамин, савор шаветон, — мефаҳмонад ҷавон. Кампирҳо бошанд, кафши худро кашида «бисмилоҳир раҳмонир раҳим» гӯён ба автобус мебароянд. Баъзеҳо ба ин кори кампирҳо хайрон шуда «оча, кафшатона пӯшед, ин чиркин намешавад» мегӯянд. Кампирҳо бошанд, ҳозирҷавобӣ карда:

— Ӯ бачаме, давлатамон ин қадар ғамхорӣ кунаду мо ба қадри вай нарасем чӣ мешавад? Охир, ба хонаи худ кафш пӯшида намедароед-ку, гуфтаанд.

Ман аз нақли Саидҷон завқ бурдам. Ӯ бошад, чашм аз роҳ наканда, чамбаракро маҳкам дошта ҳар замон-ҳар замон гоҳ ба тарафи рост ва гоҳ ба тарафи чап тоб медод.

— Акнун навбати шумо, муаллимҷон. Ягон то аз об нарасидагиаш шавад. Ана дидед, аллакай бист километр гаштем. Боз як-ду ҳикояча шавад, дурии роҳ фаромӯш мешавад.

Сухани Саидҷонро ба замин намондам. Ҳозир, як фикр кунам.

— Ҳа, ту дар бораи соддагии мардуми деҳаи Поҷиндак ягон чиз медонӣ?

— Не, муаллимҷон.

— Мардуми ин деҳа хеле сода. Нақл мекунанд, ки рӯзе чор-панҷ нафар поҷиндакӣ сафедореро ғалтонданӣ мешаванд. Дарахт хеле дарозу калон будааст. Онҳо фикр кардаанд, ки агар дарахтро арра кунанду ғалтад, сабзавоту юнучқаро помол карданаш мумкин. Чӣ бояд

кард? Байни худ ин муааморо ҳал карданӣ мешаванд. «Ёфтам, ёфтам» гуфтааст яке аз онҳо.

— Канӣ, гӯй чӣ, фаҳмем?

— Маслиҳат ҳамин, ки пеш аз арра кардан ба таги сафедор маркабро тиргак мемонем. Дарахт ба болои вай мефарояду киштзор осеб намебинад.

— Фикри оличаноб, мо қоил. — Онҳо маркабро ба таги сафедор гузошта арра мекунанд. Дарахт, ҳамин ки аз бехаш бурида шуд, бо зарбааш хари бечораро зада ба замин яксон мекунад. Ҳам хар мемураду ҳам киштзор нобуд мегардад.

— Аз кӯкнориҳо ҳам мегузаронидаанд, -гуфт Саидҷон завқида.

Мо роҳи чилу ҳафт километраро тай карда, ба сарҳади совхоз расида омаданамонро надонистем.

## Ташвиши рӯзноманигор

Замини совхози «Тоҷикистон» дар ду тарафи роҳ доман паҳн кардааст. Барои то маркази он рафта расидан, мебоист ҳоло хафт-ҳашт километр роҳеро, ки аз байни заминҳои шудгор карда шуда мегузашт, тай намоем. Ноомади корро бинед. Ба сарҳади совхоз нарасида дар осмон як порча абри сиёҳи бадвоҳима пайдо шуд. Дере нагузашта сел борид. Замини ронда ба монанди реги тафсон боронро макида, хамир гашт. Мошин он тараф истад, одам ба зӯр ҳаракат мекард.

— Ту дар ҳамин ҷо ист, -гуфтам ба ронанда, -ман як бало карда то марказ расида меравам, ҳамин, ки офтоб баромаду замин шамол хӯрд, баъд ҳай карда биё.

— То шумо рафта мерасед, ки камаш як-якуним соат мегузарад. Беҳтараш истед, баъди ягон дам ҳамроҳ меравем.

— Кӣ медонад, офтоб ба ин наздикиҳо мебароянд ё не? Сонӣ, ба марказ дер равем, ҳеҷ касро наёфтан мумкин.

Дари мошинро кушодаму пои худро беозор ба замин гузошта, як ба майдони шудгори беохир назар дӯхтам. Ҳоло чизе наменамояд. Ҳама ҷо холӣ. Шими

худро андаке боло барзада ба Саидҷон «хайр, ман рафтам» гӯён ба роҳ даромадам.

Дашт, дашти беканор. Чӣ манзарае дорад вай. Хусусан, баъди борон, ки аз дуру наздик бод ба машом бӯи гиёҳҳои хархеларо меорад. Поямро бо як азоб канда-канда қадам мезанам. Ҳар замон туфлиам ба лои часпак ғӯтида, саҳл мемонд аз поям барояд. Ба ҳамин минвол хеле роҳ рафтам. Мардуми идоранишинро хом мегӯянд, рост будааст. Чунон хаста шудам, ки аъзои баданам шип-шилта арақ кард. Чуқур-чуқур нафас мекашидам.

Баъди ду-се километр шудгор ҳам тамом шуд. Не, дурусттараш замин ба ду бӯлак тақсим гардид. Як қисми он шудгору қисми дигараш замини холӣ. Дар ин ҷо як замоне подаю рамаҳои хоҷагиҳои ноҳияамон чарида, хору хас, талхаю шӯра, зардгулу нахӯтак барин гиёҳҳоро таматтӯъ мекарданд. Роҳи ман аз миёни замини холӣ мегузашт. Ҳаракат мекардам ба бошишгоҳи совхоз барвақттар расида гирам. Вале ҳоло ба назар ғайр аз даҳ-понздаҳ сар бузу гӯсфанд ва говҳои charида гашта дигар ҷонзоте наменамуд.

— Роҳро гум карда бошам? — аз дил гузарондам. Чаро бошишгоҳ наменамояд. Соҳиби подаро ҷеғ зада пурсидан даркор? Ба гӯсфандҳо наздиктар омадам.

— О, амак, амаки даҳмарда, -фарёд кардам. Дар ҳамин вақт аз паси бандҳои пахоли ба шакли харфи «П» гузошта аввал шахсе, сипас як саги зарди думдарози гардансафед намоён шуд. Саг баробари маро дидан гӯё гург ё дуздеро дида бошад, якбора ҳаллос зад. Ман чӣ кор карданамро надониста андаке оқибтар гурехтам. Дар ҳамин вақт поям ба чизе дармонду пуштнокӣ ғалтидам. Саг бошад аллакай ба ман расида гирифта буд. Вай аз бари пиджак гирифта, як ғелонд. Рости гап дигар чӣ шуд, худам ҳам намедонам.

Дасти гарму мулоиме маро ба худ овард. Чашмамро кушода сари худро ба рӯи дасти зане дидам. Он «зан» сару рӯй, пешониамро молида, бо суханҳои «натарсед, ҳеҷ гап не, ягон ҷоятон осеб надидааст» таскин медод. Андаке ба худ омада, сарамро бардошта, ба рӯи он «зан»-и ношинос дурусттар нигоҳ кардам.

— Хеле тарсидед-а, гӯр ин саг шавад, маро бубахшед. Ҳайвон-дия, шумоя ягон одами... Ҳарчанд «боҳ-боҳ» гуфтам, сагиашро кард. Хайрият шуд, ки ягон ҷоятонро газида нагирифт. Фақат чоки пиджакатонро кандааст. Агар хоҳед, ман ҳозир, -гӯён ӯ аз рӯймоли сараш сӯзани риштадореро гирифт.

Ҳоло шояд ман пурра ба худ наомада будам, ки ба суханҳои ӯ ҳайрон-ҳайрон нигоҳ карда меистодам. Дуртар аз мо, дар масофаи панҷ-шаш қадам саг ба сӯи ман ало-ало нигоҳ карда, ғур-ғур мекард.

## Подабондухтар

Мебахшед, саҳв кардам. Дасти маро аз чанголи саг халос карда дасти на зан, балки нозаниндухтаре буд. Ман ӯро нозанин гуфтам. Шояд ба ин хақ дошта бошам? Чаро ҳақ надоштам? Охир, ҳусни ӯ ба парихои афсонавӣ монандӣ дошт. Ана ҳамин ҳусн аз зери рӯмоли шоли сафеди ресмонӣ, куртаи рангаш паридаи бахмали сурх ва ҷомаи пахтагин гӯё шунаҳ медод.

— Гӯсфандҳоро шумо бонӣ мекунед?

— Ҳа, ман. Чӣ, магар кори айб?

— Не, чаро айб будааст? Хамин тавр пурсидам, - гуфтам аз саволам малол шуданашро фаҳмида.

— Ин коратон бисёр нағзу мехондед хубтар мешуд.

— Даҳ сол хондам, бас нест. Ҳафт сол дар дехаи худамон, се сол оворагӣ. Гоҳ мошин мебурд, гоҳ не. Рӯзҳои зимистон бошад, як рӯз хонем як ҳафта «ҳаво хунук, роҳ дур, сӯзишворӣ нест»гӯён намерафтем. Хайр, худатон гӯед, бо ин хел хондан ба ягон мактаб рафта, даромадан мумкин буд?

— Мумкин буд. Агар аз имтиҳонҳо баҳои се мегирифтед ҳам, қабул мешудед. Шумо духтари деҳа, ба донишгоҳи кишоварзӣ мерафтед, боз беҳтар мебуд.

— Ҳама хонда мулло шаванд, нағз не. Як то-нимто мо барин нимчамулло ҳам даркор. Мана, асли қадимааш барин шуд, — гуфт ӯ остини пиджакамро рост карда.

— Раҳмат, шуморо хеле ташвиш додам.

— Чаро ин тавр мегӯед? Шарм надоронед. Гӯр ин саг шавад, пиджаки нави шуморо…

— Ҳеҷ гап не, минбаъд ба рамаатон ба «дуздӣ» намедароям, — гуфтам хандида. –Ҳоло то марказ хеле роҳ аст?

— Анча. Қариб се километр. Чӣ, шумо магар ба совхоз рафтаниед? Ман гумон кардам, ба деҳаи мо муаллим шуда омада бошед.

— Ман!? Не, муаллим не, газетачӣ.

— Газетачӣ!? Хаткашон-мӣ? — Подабондухтар бори дигар ба сару либосам чашм давонд. Гӯё ӯ гуфтанӣ буд, ки бо чунин қадду баст, фасонӣ…

— Не, коркуни рӯзнома. Мухбир, -ба ӯ фаҳмондам. — Мехоҳам дар бораи пешқадамони ин ҷо ягон мақола нависам.

— Ҳа, фаҳмидам, дар мактаби мо ҳам мухбирон буданд. Газета мебароварданд. Ҳамон барин будагист-дия.

Вақте ба роҳ баромадам ӯ:

— Ана, бо ҳамин роҳ рост равед, шуморо то марказ гирифта мебарад, — гуфт.

## Аз таги дор гурехтагон

«Дар ин ҷо хоҷагиҳои нави пахтакорӣ барпо карда мешаванд!» «Биёбонро ба гулистон табдил медиҳем!» Чунин буд аввалин шиорҳое, ки ман дар даромадгоҳи маркази совхоз хондам. Маркази хоҷагӣ ҳоло аз ҳафт-ҳашт хонаҳои тахтагини ба истифода дода иборат асту халос. Гирду атроф хомӯш. Гумон мекунед хонаҳо соҳиб надоранд. Бинокорони гулдаст ҳунарашонро нишон дода, хонаҳоро барои одамони номаълум сохта, гузошта рафтанд. Биноҳоро тамошо карда, ба назди хонаи айвондоре омада мондам. Дар пештоқи он «Директор М. Шодиев» навишта шудааст. Лои туфлиамро тоза карда, худамро ба тартиб гирифта, дарро кӯфтам.

— Дароед, даромадан гиред, -шунавида шуд овози директор Мӯсо Шодиев.

Роҳбарро дар ҳуҷрааш танҳо дидам. Ӯ аз ҷояш хеста:

— Э, ассалому алейкум, гуфта дудаста вохӯрдӣ кард ва аз курсии назди мизаш ҷой нишон дод. — Марҳамат шинед. — Ӯ ба пиёла чой рехта «хунуктар шудааст, мебахшед», гӯён дароз карду сипас:

— Биёед-дия? О, ин қадар камнамо. Ё роҳ дур шуда буд, ки меҳр кандаю бегона гаштем. Меҳр дар чашм мегӯянд, рост будааст, -гилагӯӣ кард директор.

Ман бо Мӯсо Шодиев се-чор сол пеш, вақте ӯ раиси яке аз хоҷагиҳои ноҳия шуда кор мекард, шинос будам. Баъд ӯро бо хоҳишаш ба замини нав, ба ин ҷо фиристоданд. Дурусттар ба рангу рӯи вай нигоҳ кардам. Тарҳи рӯяш сиёҳча назар ба пештара хароботар шуда буд.

— Корҳо чӣ тавр? — пурсидам.

— Ба шумо, газетачиҳо, чӣ гӯям. Ба ҳар ҳол бад не. Ҳозир фақат мубориза. Замин ҳамвор мекунем, замин шудгор мекунем. Нияти ягон чӣ навиштан доред?

— Бале, бо ҳамин мақсад омадам.

— Пиёда?!

— Не, мошин ҳаст. Дар роҳ монд. Омада мондаанаш мумкин.

Дар ҳамин вақт овози мошин шунида шуд.

— Ана омад, -гуфтам аз тиреза ба берун нигариста.

— Мошини ман ҳозир ба участкаи Кӯл рафт. Мумкин дертар ояд. Агар рақам даркор бошад, гуфта метавонам. Не, ба назди тракторчиҳо меравам гӯед, бо мошини шумо меравем.

— Нағз мешавад. Мумкин баъзеи онҳо лавҳабоб бошанд.

— Ман ба одамҳо ҳайрон, -гуфт Мӯсо Шодиев, -худашон ба кор намеоянду боз дигарҳоро аз роҳ мезананд, ки биёбон ҷои одамони аз таги дор гурехта. Каси ба ҷонаш расида ба он ҷо рафта, пул кор кунам гуфта гушнаю ташна мегардад. Чӣ мешуд чор-панҷ нафар ҳамин хелаҳоро ёфта, боб мекардед. Сонӣ, гапи дигар ҳамин: Ман дар сари замин шуморо ба ду нафар

тракторчӣ шинос мекунам. Нағзакак сӯҳбат мекунед. Дар бораи онҳо ягон чизи кори калон навиштан мумкин. Ҷавонони серғайрат. Шабҳо хоб накарда кор мекунанд.

— Нағз мешавад, -гуфтам.

## Якраҳа

Ҳар ду аз як деха. Ҳар ду баробар номаи камол гирифта, баробар ба аскарӣ рафтанд. Касби тракторчигиро дар онҷо омӯхтанд. Баъди ду соли адои хизмат боз дар як рӯз ба хонаашон баргаштанд. Ҷӯраҳо баъди ин қариб бист рӯз бекор гаштанд. Дам гирифтанд. Ба хонаи ёру дӯст меҳмон шуданд. Дар ин муддат чанд маротиба ба шаҳр ҳам фаромада тамошо карданд.

— Алиқул, -гуфт рӯзе Назирҷон, -ба фикрам бекорӣ ба дили хардуямон зад. Ҳамин тавр не?

— Хайр, фикратро рӯирост гӯй мон! Чӣ мехоҳӣ?

— Ман гуфтанӣ, ки агар розӣ бошӣ, пагоҳ як ба назди раис дароем. «Ҳа» гӯяду ягон трактор диҳад, ба навбат ҳай карда мегардем.

— Колхозчӣ мешавем?

— Нияти ту, раис шуданӣ чӣ бало, -хандида гуфт Назирҷон. — Касб дорем, аз рӯи ҳамон кор мекунем.

— Майлаш, ариза диҳетон, дар маҷлиси садорот дида мебароем. Трактор ҳаст, додан мумкин, кор карда мегардетон.

Ҳамин тавр фаъолияти меҳнатии ду ҷавон оғоз ёфт. Кор ҳархела буд. Гоҳ замин меронданд, гоҳ кишт мегузаронданд, гоҳ ҳосил меғундоштанд. Ҳама корашон босифат буд. Нақша, супоришҳои додаро сари вақт иҷро менамуданд. Аз ин ҷиҳат онҳоро дар бисёр ҷо таъриф мекарданд.

Дирӯз бошад, сарвари ҷавонони хоҷагӣ Ҳомид Воҳидов сари ҷуворимакказор омада ба Назирҷону Алиқул хабар дод, ки пагоҳ дар шаҳр ҷамъомад мешудааст. Ҳар ду бояд иштирок кунанд.

Соатҳои даҳи пагоҳӣ. Офтоб аллакай таъсири худро ба замину гиёҳ, боғу токзор ва одамон гузаронидааст. Шояд ҳамин гармӣ буд, ки дар хараки сояи дарахти

себи назди идораи колхоз ду ҷавон менишастанд. Онҳо либоси идона доштанд. Яқин буд, ки касеро интизорӣ мекашанд. Инак, мошини котиби кумитаи ҳизби хоҷагӣ пайдо шуд. Ҳомид Воҳидов чандто калид дар даст аз ҳуҷрааш баромада «Канӣ, шинетон, рафтем» гӯён ба Назирҷону Алиқул муроҷиат намуд.

Кумитаи ҷавонони шаҳр дар бинои якошёнаи қӯҳна ҷой гирифтаст. Даруну беруни вайро хушрӯ ранг кардаанд. Маълум ба наздикӣ аз таъмир баромадааст. Дар даромадгоҳ ду нафар духтарак нишаста, омадагонро рӯихат мекарданд.

— Аз колхози «Ҳақиқат» се нафар, - ба онҳо наздик шуда фаҳмонд Ҳомид Воҳидов.

Назирҷону Алиқул бори аввал дар чунин ҷамъомади калон иштирок мекарданд. Бинобарон мисли мусофире, ки ба шаҳри бори нахуст омада худро ноҳинҷор ҳис мекунаду аз домани шиносаш дошта, аз ӯ ҷудо намешавад, аз назди сарварашон дур намешуданд. Онҳо пасу пеш вориди маҷлисгоҳ гардида, аз қатори пеш ҷой гирифтанд.

Аъзоёни пленум ҷойҳои худро ишғол намуданд. Масъалаҳо эълон, одамони дахлдор маърӯза карданд. Дар маърӯза пешқадамон номбар гардиданд: Ҷавонони мо меҳнати софдилона мекунанд. Дар байни онхо механизаторони моҳир Назирҷон Боқиев, Алиқул Аминов ҳастанд. Баробари шунавидани номашон дар чашмони ҷӯраҳо ашки шодӣ пайдо гашт. Гумон мекарданд аҳли зол ба онҳо менигаранд.

Баъди тамом шудани масъалаҳо садри ҷамъомад «як дақиқа» гӯён одамонро дошт.

— Рафиқон, -гуфт ӯ, — Якчанд километр дуртар аз мо ноҳияи нави пахтакорӣ бунёд меёбад. Дар он ҷо кор сар шудааст. Аз бисёр ҷойҳо, аз ҷумла аз ноҳияи мо ҳам ҷавонон рафта кор карда истодаанд. Аммо ин кам. Мо хоҳишмандонро ба рӯихат гирифтанӣ. Канӣ, кӣ ташаббус нишон медиҳад?

Сарвари ҷавонон чанд дақиқа ба ин тараф, он тарафи зол нигарист. Ҳама хомӯш. Баъзеҳо аз тарси он ки

мабодо чашмашон ба чашми котиб афтида, номашонро нагирад, сархам менишастанд.

— Набошад гап ҳамин. Мӯҳлат медиҳем. Фикр карда бинетон. Лекин гуфта монам. Он қадар ҳам ихтиёрӣ не. Аз ҳар ташкилот камаш ду-се нафарӣ рафтанаш даркор.

Рӯзҳои офтобӣ ва ҷӯшу хурӯши кор. Дар ин муддат ду ҷавони деҳотӣ Назирҷону Алиқул хеле майна об карданд. Яке мегуфт: «Моро беҳуда ин қадар таъриф накарда буданд. Дар таги коса нимкоса барин. Аз афташ суханҳои дирӯза ба мо равона карда шуда буд». Дигаре бошад, ба фикри ман рафтан лозим. Модоме одам нарасад, ҷои мо барин ҷавонон он ҷо. Меравем, то нону насиб будан кор мекунем. Баъд... «—Ба рафтан гап некуя, -гуфт Алиқул, -лекин хонадорӣ чӣ мешавад? Ману ту духтар набошем, ки Зебунисо шавем. Сонӣ, ҷавонӣ ки гузашт, он тарафаш маза надорад. Ба биёбон рафта касбу кор шамолу хок хӯрӣ нашавад?»

— Ту як чизро фаҳм, Алиқул. Мо ба замини навкорам рафта аз дунё намебароем. Он ҷо ҳам одам будагист. Модоме, ки одам ҳаст, фарзанд дорад. Агар рафту ба ману ту дар деҳаи худамон духтар надиҳанд, аз он ҷо ёфтан мумкин.

— Об-бое, аз якраҳагиат намондӣ, намондӣ-дия! Ман аз худам хафа, ки бо ту ҷӯра шудам, — гуфт Алиқул нимҷиддию нимшӯхӣ.

Ҷӯраҳо котибро дар ҳуҷрааш танҳо ёфтанд. Ҳомид Воҳидов як пиёла чои ширгарм рехта ба Назирҷон дароз намуда:

— Хош, хизмат, якбора пагоҳӣ қати ҷӯраҳо омадетон, -савол кард.

— Дар бораи кадомрӯза масъала фикр карда баромадем.

Котиб аввал масъалаи «кадомрӯза»ро нафаҳмида, баъд гӯё, ки ба хотир оварда бошад:

— Ҳа, ҳа, фаҳмидам. Хош, ба чӣ хулоса омадетон?

— Ҳардуямон ба рафтан розӣ. Биёед Ҳомидҷонако, як-ду сол то монда шудан кор карда диҳем.

— Бисёр хуб. Ман боварӣ дорам ташаббуси шумоёнро дигарҳо дастгирӣ мекунанд. Набошад, гап ҳамин. Ман ба шаҳр занг зада хабар медиҳам. Шумоён ҳисобӣ кардан гиретон.

— Ман як чизро пурсиданӣ. Дар он ҷо шароиташ чӣ хел? Чой-пой ҳаст ё ҳамааш дар забон?

— Шароит ҳаст. Агар набошад, шумоён, ки рафтетон, Алиқул, муҳайё мекунанд. Албатта, ба монанди ин ҷо не. Аммо баъди чор- панҷ сол аз шаҳри мо ҳам зебо мешавад.

## Ҳамеша дар сафар

Мегӯянд, ки рӯзноманигор ҳар қадар бисёртар ба сафар барояд, оламу одами дигарро дида, ҳамон қадар бисёртар мавод меғундорад. Вале аз серборию серкорӣ ман ба ин манзил баъди ду сол боз сафар мекунам. Навигариҳояш бисёр аст. Дарвозаи оҳанини мошиндаро сохтаанд. Дар пештоқаш овезаҳои навро мехонам: «Хуш омадед, ба ноҳияи Рустамобод!», «Ранҷ бикашӣ, то ба ганҷ бирасӣ», «Зери замин бувад ганҷҳои пинҳонӣ.»

Роҳи рост то маркази ноҳия регпӯш аст. Ба мумфаршкуниаш нав сар кардаанд. Ду тарафи роҳро ниҳолҳои себу гелос, зардолу, садаю сафедор зиннат медиҳад. Ниҳолҳо аз насими дашт, гӯё ба мо салом дода, «хуш омадед» мегуфта бошанд, хаму рост мешуданд. Бале, ҳамаи ин чизҳо барои ман нав. Ғайр аз ин дидани деҳаи Чашма ҳам. Номи ин деҳаро шунавида, аз таърихаш огоҳ будам, вале худашро бори нахуст медидам.

Нақл мекунанд, ки дар ҷои ҳозираи биёбон як вақтҳо деҳаҳои бисёр будааст. Мардумаш он солҳо оби боронро таматтӯъ карда, ба чорводорӣ машғул мешуданд. Зиндагиашон аз паси чорво мегузаштааст. Кӯлҳои аз оби борон пайдо шуда ҳам сокинон, ҳам бузу бузғола, гову гӯсола, аспу уштури онҳоро чор фасли сол таъмин менамуд. Шояд ҳамин азобҳо барои онҳо кам буд, ки як сол хушкӣ меояд. Одамони зиёд аз ташнагӣ ва чорво аз бехошокӣ нобуд мегардад. Боқимонда одамон кӯчида-кӯчида ба ҷойҳои ба об наздик мераванд.

Мардуми деҳаи Чашма (албатта он вақт номаш дигар будагист) ҳам кӯчиданӣ мешаванд. Дар ҳамин асно мӯйсафеде пеши роҳи онҳоро мегирад:

— Сабр кунед, фарзандонам, ман як гап дорам. Гӯям, баъд равед ҳам, наравед ҳам, ихтиёратон, мегӯяд. Ҳама даҳони ӯро мепоянд.

— Ман ҳафтод сол умр дидам. Дар байни бист-бисту панҷ хонаводаи ин ҷо чанд нафар садсолӣ умр дидаанд. Шумо гумон накунед онҳо азоб накашидаанд? Азоб кашиданд, ба буду нобуд тоқат карданд. Аммо пароканда нашуданд. Шумо бошед, ба андаке душворӣ тарки деҳа-Ватан мекунед. Дар ин ҷо хуни нофамон рехтааст. Қабри падару модар, бобою бобокалонамон дар ҳамин ҷо. Кӣ медонад, замоне мешаваду биёбони моро ба гулистон табдил медиҳанд. Баъд ҳама ҳаваси ин ҷо мекунад. Наслҳои оянда он вақт ба ману шумо лаънат мехонанд. Ихтиёратон, шумо равед, вале ман дар ҳамин ҷо мемонам.

— Хайр, бобо, чӣ кор кунем. Об нест, парвардигор борон надод. Аз ташнагӣ мурем майлаш?

— Ҳама гап дар қадру қиммати якдигар. Меҳр бандед, иттифоқ шавед, об ҳам ёфт мешавад. Худо бандаашро бе ризқ наофаридааст. — Мӯйсафед суханашро тамом накарда, ҷавонмарде тозон меояд:

— Шодиёна диҳед, шодиёна! Об баромад, об, -мегӯяд.

Одамон ба сӯи ӯ ҳайрон-ҳайрон нигоҳ карда, «бечора, девона шудааст, обро пеши назар меоварад» гуфтаанд.

Вале ҷавон:

— Чӣ ҳайрон мешавед? Магар бовар надоред!? Об баромад, об, мефаҳмед ё не! Аз зери ҳамин асо об баромад, мегӯяд.

— Канӣ, дар куҷо будааст он оби ту мегуфтагӣ?

— Рафтем, ман нишон медиҳам. Шумо мардум то ба чашм набинед, бовар намекунед.

Одамон ҳамроҳи ҷавонмард ба ҷои воқеа расида диданд, ки дар ҳақиқат ҷилдир-ҷилдир оби лойолуд мебарояд.

— Чашма, чашма! — Онҳо баробар худро сӯи об заданд.

Аз ҳамон рӯз гӯё деҳа Чашма ном мегирад. Шояд ин ривояте бошад, вале он об то ҳол вуҷуд дорад.

Чашма деҳаи пешина не. Биноҳои як-ду ошёнаи саҳнадор, кинохонаи зимистонаю баҳорина, клуб, мағозаи нав сохтаанд. Деҳаро роҳи васеи мумфарш, ки ду тарафи он новаҳои оҳану бетонӣ гузошта, ниҳолҳо шинонда, сипас роҳи пиёдагард сохтаанд, бурида мегузарад. Дурусттараш Чашма ҳоло маркази ноҳияи нав-Рустамобод ба ҳисоб меравад. Вай ба шаҳрчае табдил ёфтааст. Аз роҳравҳои он зиёд набошад ҳам, ҳамеша як то-ним то одам гузашта меистад. Аксари онҳо либоси корӣ дар тан доранд. Маълум, ки бинокор, тракторчӣ, роҳсоз ё ягон одами касбу кори дигар.

Аз Чашма баромада, боз қариб як километр роҳро тай кардем. Дар назди роҳ бинои чорошёнаи зеборо дида Саидҷон:

— Иморати кори калон-ку, мактаб-пактаб бошад, гуфт.

— Дор чӣ. — Аз мошин фаромадем. Дар роҳрави саҳна ба тахтаи почакдор шиорҳои ба дил зада «Замини навкорам-интизори ҷавонон!» «Техника ёрдамчии мо!» «Ин ҷо майдони қаҳрамонист!» навиштаанд.

Дар матое расми механизатордухтаре кашида шудааст. Рассом шояд ягон нафар дилдодаашро ба қалам додаст, ки расм ин қадар зебою дилкаш ва диққатҷалбкунанда баромадааст. Дар матои дигар расми як нафар ҷавону як нафар духтари дар дасташон лаълӣ дошта. Лаълии онҳо нону ангур, себ, қарчи ҳарбузаю тарбуз, дигар меваҳо дорад. Нозу неъмати лаълӣ гӯё маҳсулоти ояндаи биёбон аст.

«Газик»-и моро дида, «кадоме аз калоншавандаҳо омаданд» гӯён ду-се нафар ба пешвозамон баромаданд.

Як нафари онҳо роҳбари омӯзишгоҳ буд.

— Марҳамат, -таклиф намуд директор баъди салому алейк, — аз дарун, чой менӯшем. Хуҷраи роҳбар аз ҳуҷраи котибони кумитаҳои ҳизби ноҳия фарқе надошт.

Хеле бадвоҳима. Аз таги дар сар карда рӯи фаршро қолинпӯш кардаанд.

Ба ғайр аз курсию мизҳои дар мобайн ба шакли ҳарфи «Т» гузошта, боз гирдо-гирд қариб чил дона курсӣ чиндаанд. Расми баробари қад кашидае дар девори пешгаҳ. Дар кунҷи хона бошад, оинаи серӯя меистод. Болои мизи кории директорро сиёҳидон, обгина, қаламҳои ранга, чойнику пиёлаи гули садбаргдор, тақвим ва боз бисёр чизҳои дигар оро медод. Дар тарафи росташ ду гӯшаки телефон. Хулоса, аз худи роҳбар ҳуҷрааш чанд баробар салобатнок менамуд.

— Саломатиҳо, -пурсид директор чой дароз карда истода.

— Раҳмат. Аз шумоён пурсем.

— Одат карда мондем. Хонаи худамон барин шуда монд. Биҳишт он ҷо ки озораш набошад.

— Анча обод кардетон. Мо аз рӯзнома. Аз роҳ гузашта истода, хостем мактаби шуморо як бинем.

— Омӯзишгоҳро дидан даркор. Канӣ, ҳеҷ чиз меменависетон-ку? Ноҳияи мо холо рӯзнома надорад. Шумо бошед, роҳ дур гуфта кам мебиёетон. Соли дуюм аст, ки омӯзишгоҳ дусад нафар ҷавонҳоро қабул мекунад. Ҳашт гурӯҳ. Имсол як қисмашон тамом мекунанд. Боз ҷавонҳои дигар меоянд. Рӯзнома дар ин бора хомӯш.

Ман баъзе чизҳои даркориро пурсида-пурсида, ба дафтарча қайд карда ваъда додам ягон чизи бамаънӣ хоҳам навишт...

## Таҷрибаомӯзӣ

Бахши дуюми омӯзишгоҳ чор гурӯҳ дошт. Онҳоро ба таҷрибаомӯзӣ бурданд. Бинокорон ба ташкилоти сохтмон, баркчиён ба идораи барқи ноҳияи ҳамсоя, ҳарротон ба умури таъмиру сохтмон рафтанд. Танҳо гурӯҳи механизаторон, ки сенздаҳ нафарро ташкил медод, дар ноҳияи худ монданд. Онҳоро роҳбарашон ба маркази совхоз оварда «як дақиқа» гӯён худаш барои ҳалли масъала ба ҳуҷраи директор даромад. — Майлаш, бисёр хуб мешавад. Мо ба ҳамаашон кор, ҷои хоб ёфта

медиҳем. Шахсоне, ки аз ҳамин деҳаанд (директор деҳаи Чашмаро дар назар дошт) мошин ташкил мекунем, бурда меорад. Дарвоқеъ, ҳама писарҳо ё?..

— Як нафар духтар ҳаст. Донед даркор, духтари раҳматӣ Мирзо ако.

— Ба ёдам омад. Ситора не-мӣ?

— Худи худаш.

— О, вай ба хаёлам, то дина як ҷомаи калон пӯшида, гӯсфанд поида мегашт-ку?

— Ташвиқот кардем, ба хондан даромад.

— Ягон ҷамъомад ҳам мекунед? — боз пурсид муаллим аз Мӯсо Шодиев.

— Албатта, албатта. Агар бемалол бошад, ягон ним соат мунтазир мешаветон. Ман Душанберо ҷеғ задагӣ. Сабил монад ҳамин телефон, хеҷ ба осонӣ гирифта намешавад.

Дар парки тракторӣ ҷамъомад барпо гардид. Аввалин шуда Мӯсо Шодиев се-чор даҳон гап зад.

— Аз ҳамин рӯз эътиборан рафиқон, шумо аъзои совхози мо, яъне коргар. Мо мекӯшем, то имконият будан бароятон шароит муҳайё созем. Коргар шудан ифтихор аст. Барои ҳамин, рафиқон, иҷозат диҳед дар таҷрибаи истеҳсолиатон муваффақият орзу кунам.

Мӯсо Шодиев суханашро ба поён расонда ба Назирҷон ишорати «гап мезанӣ»-мӣ кард ва «ҳа»-и ӯро фахмида:

— Ҳозир суханро ба тракторчии пешқадам Назирҷон медиҳем, -гуфт.

— Рафиқон, ба фикри ман касби нағзу ганда нест. Ҳамааш хуб. Ба шарте, ки шавқу ҳавас бошад. Бисёр нағз, ки имрӯз ба совхози мо шумо як гурӯҳ аз омӯзишгоҳ омадед. Боварӣ ҳаст, ки шумораи онҳо дар оянда боз бисёр мешавад. Мо ҳаракат мекунем ба шумоён ёрӣ расонем. Фақат аз ҳар яки шумо илтимос ҳамин, ки техникаро дӯст доред, вайро эҳтиёт намоед. Зеро фардо аз паси вай нон мехӯред. Ман мегуфтагиам ҳамин.

Таҷрибаомӯзонро ду нафарӣ тақсим карданд. Ситора бошад, ҷудо шуда монд. Туро мувофиқи хоҳи-

шат ба ягон кас вобаста мекунем. Канӣ, гӯй чӣ, дар идора кор мекунӣ ё ба ягон механизатор вобаста кунем? Ситора фикр накарда «ба ҳамон тракторчии гап задагӣ» гуфта монд.

— Назирҷон, ба ту бовар карда, як нафар духтари худро месупорем. Дигар тарафи гапро худат бояд фаҳмӣ. — Ин насиҳати роҳбари гурӯҳ буд. Шояд ӯ боз гапашро давом доданӣ буд.

Шояд гуфтанӣ буд, ки Назирҷон мо ба омӯзишгоҳ, махсусан, ба бахши механизаторӣ бо сад азоб як нафар духтарро ҷалб кардем. Ҷавонӣ-дия, боз ягон шӯхии беҷо накунӣ, ки дили Ситора ранҷаду бо ҳамин дар деҳа овоза шавад. Мардуми бедаҳани аз пашша фил месохтагӣ кам не. Баъд ба онҳо дастак мешавад. «Духтари фалонӣ механизатор мешавам гуфта худашро шарманда кард» нагӯянд. Аммо ӯ ин фикрашро нагуфт. Не, дурустараш имконият нашуд.

— Модоме, ки бовар кардед, ин гапҳо... — гуфтани Назирҷон дигар ӯро хоҷат ба баён набуд.

Фикри роҳбари гурӯҳ дуруст буд. Ба ҷавонон, махсусан муҷаррадон одатан ҳамин тавр таъкид мекунанд. Аммо ӯ зан надоштани Назирҷонро аз куҷо медонад? Ё вазифаи роҳбариашро иҷро намуд.

Дар он шароит кӣ набошад ба мисли роҳбари гурӯҳ ҳамин хел насиҳат мекард. Вале ҳамаи мо як чизро фаромӯш мекунем: Ҳар кас дил дорад. Дил, ки шуд, оё бе муҳаббат мешавад? Муҳаббат бошад, парвои фалак надорад.

Ҳамин тавр механизаторон ба ҳар тараф тақсим шуда рафтанд. Рӯзи аввал Назирҷон ба Ситора тракторашро надод. Ситора ҳам чизе нагуфт. Ӯ хомӯш ба кори майда-чуйда машғул шуд. Ин, албатта, сабаб дошт. — Ба кор аз пагоҳ сар мекунем. Имрӯз бошад, аз ҷӯй рафта як сатил оби тоза биёреду чой монед. Агар бемалол бошад, барои нисфирӯзӣ ягон хӯроки гарм пазед. Дарвоқеъ, дар шифти чайла гӯшту равғани думба ҳаст. Ин барои Ситора ҳам супориш буду ҳам хоҳиш. Ситора аз масофаи як-якуним километр об овард. Чой монд. Чойнику пиёлаҳои дарунаш заб-зард шударо тоза

шуст. Чойро дам карда, Назирҷону Алиқулро чеғ зад. Ҷӯраҳо ба гармии ҳаво нигоҳ накарда тез-тез чойро нӯшиданду боз аз паи корашон шуданд.

Танҳо ҳангоми хестан Назирҷон:

— Нағз накардӣ Алиқул, ягон нафар бачаҳоро ба шогирдӣ нагирифтӣ. Намедонӣ, ки устои бе шогирд усто нест, мегӯянд, -гуфт. Алиқул ба маънои «мон ҳамин корҳоро» дасти чапашро афшонду ба тарафи механизмаш рафт. Назирҷон ҳам тракторашро ба кор даровард. Ғурриши бероми мотор гӯши Ситораро ба дод овард. Чангу ғубори заминҳои дар умрашон обро надида ба сару рӯи ҷавонҳо нишаста онҳоро ба одами хокӣ табдил дода буд. Дар мӯи сарашон осори сиёҳиро намебинед. Сару либос, даст ҳама равғанолуд.

Фақат лабу дандони навакак бо чой чайқондаашон як навъ сафед менамуду халос. Назирҷон бо бели трактораш ҷойҳои баланди заминро пасту пасташро ҳамвор мекард.

Дуртар аз Назирҷону Алиқул боз чанд трактори дигар ғуррос мезад. Кори ҳамаашон қариб як хел-заминро ҳамвору шудгор мекунанд. Ҳамаашон ба якдигар монанд: равғанолуд, хоколуд. Аммо ягон кас хафа не, баракс, чеҳраашон кушода. Касе маҷбурашон намекунад. «Ин корро кун, вай корро кун»гӯён фармон намедиҳад. Бригадир ҳавсалааш набошад, рӯзона ҳам намеояд. Биёяд ҳам салому алейк мекунаду меравад. Кори онҳо гӯё ба виҷдонашон ҳавола карда шудааст. Бале, ба виҷдонашон. Бисёр вақтҳо мешавад, ки механизаторон рӯзона бе дами гарм, бо чою нон трактор меронанд. Аммо касе шикоят намекунад. Намояндае аз ташкилоти боло омада пурсад, ки:

— Ҳа, шермардон, аҳвол чӣ тавр? Шароит чӣ хел? Чӣ мерасаду чӣ не, онҳо «Ҳама чиз мерасад» гӯён бо як овоз ҷавоб медиҳанд. Офарин, онҳо медонанд, ки оғози ҳар кор бе мушкилӣ намешавад.

Аммо ин пагоҳӣ боли Назирҷон шикаст. Алиқул гӯё, ки бо дасти чап хеста бошад, аз болои трактораш бо табъи хира фаромада омад. Ҳарчанд «чӣ шуд, чаро хафа менамоӣ» гӯяд ҳам, вай ҷавоб намедод. Ҳатто дар сари

хон наҳории обу намакаш расо пухтаи Ситораро дилу бедилон хӯрд. Боз чанд саволи додаи Назирҷон бе ҷавоб монд. Дилаш ба сад кӯча рафт «Шояд дили Алиқул ба шогирди нави ӯ кашол бошад. Ё ӯ гуфтанӣ, ки «ту-ку ба худат ёфтӣ, ман чӣ? Ё ягон ҷояш дард мекунаду сир намедиҳад?»

Бегоҳӣ. Ҳамин, ки дастархонро ғундоштанд, Алиқул ба чайла даромада анҷомҳояшро бастан гирифт. Инро Назирҷон дида, ҳайрон шуда, наздаш омад:

— Ҳа, ба куҷо тараддуд дорӣ?

— Кор бас, меравам.

— Меравӣ, ба куҷо?

— Ба хона. Ба ман ҳамин корҳо чӣ мондааст? Рости гап аз трактор ҳам дилам монду аз тракторчигӣ ҳам. Ҳамин қадар хок хӯрда кор мекунӣ, касе раҳмат намегӯяд. Дирӯз ба бригадир «шумо дар тагатон мошин доред. Ақалан нони гарму ҳезумро дар вақт-вақташ оварда истед» гӯям ба ҷои хуб:

— Ҷони акош, мошинро ту додагит не. Ман туро маҷбур карда ба ин ҷо овардам-мӣ? Кор кунӣ, барои худат мекунӣ, ба ивазаш варақ-варақ пул гирифта истодаӣ. Ҳар кас вазифаашро иҷро мекунад. Вазифаи ман бошад, ҳезумкашонӣ не, роҳбарӣ, назорат мегӯяд.

— Барои пул кор мекардам, фаҳмидӣ, барои пул. Э, раве, ба ман асло пул лозим не. Даркор бошад, бигузор бригадир кор карда гирифтан гирад. Росташро гӯям, ман рӯи хотири ту, мефаҳмӣ, рӯи хотири ту омада будам. Наранҷӣ гуфтам. Имрӯз бошад…

— Алиқул, ба дупула гап худатро оташин накун. Гапҳои бачагонаро ба як тараф мону аз паи корат шав. Ту бо кӣ қаҳру ҷаҳл карда истодаӣ. Шояд бригадир ҳақ бошад. Охир, вай як нафар, мо бошем бисёру ба ҳар тараф пароканда. Рафтори ҳозираи ту ба он монанд, ки бо кайк ситез карда кӯрпаро сӯзондаанд.

— Не, Назирҷон, аз ман хафа нашав. Қавлам якто. Меравам гуфтам, меравам. Буз дар Мастчоҳу соғар биёр, ки ҷӯшем. Об не, одам нею мо бошем аз ин заминҳо фалон қадар пахта мегирем гуфта худамонро фиреб

дода гаштем. Як ризқ бошад, мегузарад. Ҷӯраҳои ману ту кайҳо як-ду нафарӣ кӯдакдор шуданд. Мо дар ин ҷо..

— Агар як бори дигар ба гапи ман дароӣ, коратро давом деҳ. Дераш як соли дигар. Баъд одамҳо ин ҷойро орзу карда мебиёянд, мефаҳмӣ, орзу. Ҳамин қадар вақт тоқат кардӣ, рӯзҳои душвор гузашт, боқимондааш ҳам мегузарад.

— Ба ман ҷаннат лозим не. Назирҷон, бовар кун, дигар тоқатам намонд. Хом будам, пухта шудам, кӯр будам, бино шудам.

— Не, баракс, агар ҳамин тавр рафтор кунӣ, ман мегӯям: ту ҷавони пухта будӣ хом шудӣ, бино будӣ кӯр шудӣ.

Вақти говгум. Мошинаи «хизматӣ» барои гирифта бурдани таҷрибаомӯзон омад. Ба болояш чанд нафар хонандагон баромаданд. Ба кабина Ситора нишаст. Алиқул ҳам болишту кӯрпаашро ба болои мошин ҳаво дод...

Шаби танҳоиро Назирҷон дар чайла, болои кат бо сад азоб рӯз кард. Ӯ рафтори Алиқулро ҳаматарафа таҳлил намуд. «Беҳуда партофта рафт, беҳуда. Худашро дар байни ҳамдеҳагиҳо шарманда кард. Онҳо акнун таъна мезананд: Аловгирӣ рафта омадӣ-чӣ? Гумон кардӣ оши тайёр мехӯрӣ. Ё давлат беҳуда варақ-варақ пул медиҳад?» Ин гапҳо аз ду сар будагӣ. Э, Алиқул, Алиқул. Кори беҳуда кардӣ, бовар кун, беҳуда, боз пичиррос зад ӯ. Шогирд нагирифтанат ҷой доштааст-дия? Дилу нияти рафтан доштӣ. Хайр, майлаш, чӣ хеле ки мегӯянд, паноҳат ба худо. Ба ҳар ҳол ману ту рафиқи ҷонӣ будем. Мехостам ҳар ду ҳамеша дар як ҷо кор кунем. Насиби ҷудоӣ будааст. Чӣ илоҷ? Дар деҳаи худамон ҳам ту барин механизаторон даркор...

Назирҷон баробари дамидани субҳ аз ҷой хест. Ӯ чашмонашро ба осмон, ба сӯи моҳи шомхӯрда дӯхт. Абпораҳои гирду атрофи моҳ аз рӯшноии вай сафеду сурхча метофтанд. Дуртар аз он мисли варақаи самбӯса абрпораҳои дигар менамуданд. Назирҷон дастонашро паси гардан бурда ангуштонашро байни ҳамдигар гузаронида харпанҷа намуда хамёза кашид. Миёнашро

чанд маротиба ба ду тараф ҳаму рост карда баъд сӯи тракторош равон шуд. Дар ҳамин вақт баданаш як ларзида монд. Ин таъсири бедорхобӣ ва ё шамоли сарди саҳарии дашт буд.

Ӯ ба кабина даромада чароғи тракторашро даргиронд. Хомӯшии дашти беканорро ин саҳар ғурроси гӯшкаркунандаи механизми танҳои Назирҷон вайрон намуд. Бале, танҳоии пагоҳии рӯзи аввал мушкил буд. Дигар саҳариҳо онҳо ду нафар буданд. Баробар аз хоб мехестанд. Баробар сари рул менишастанд. Рости гап кору зиндагиашон шавқовар буд. Шабҳо бошад, сӯҳбати ду ҷавони муҷаррад аз ҳар боб мерафт. Ҷавонӣ-дия. Чанд нафар духтари деҳаашонро ном гирифта, ба хотир меоварданд. Рафтору кирдорашонро таҳлил менамуданд. Ҳар яке ба худ ҳамсари ояндаашонро интихоб мекард. Чунин муҳокимаронӣ ба онҳо гӯё як кайфияте мебахшид. Баъзан мешуд, ки Алиқул кафи дасташро ба ҳам зада, аз каташ гунҷишквор ҷаста:

— Биё, мон, Назирҷон, ҳамин гапҳои хушку холиро. Одам, беҳуда? бесаранҷом мешавад. Ту беҳтараш мегуфтӣ, ки кай ҳамон рӯз мешавад. Мо кай мисли ҷӯраҳоямон сарамонро дуто мекунем.

— Ғам нахур, Алиқул, вақту соат, ки расид, об ба лаби ҷӯй баробар мешавад.

— Бузак-бузак намур, ки баҳор мешавад, гӯй. О, ҳамон вақту соати ту мегуфтагӣ кай мерасад. Мурдем-ку аз интизорӣ. Ё ришамонро сафед карда, баъд ба духтаркобӣ медароем.

— Не-я, Алиқул. Ҳоло мо ба чанд даромадем, кӣ? Модарам нақл мекарданд: пештар одамҳо ба сию панҷ-чил даромада зан мегирифтанд. Боз соҳиби ҳашт-даҳ нафар фарзанд мешуданд.

— Медонам, Назирҷон, ту нагӯӣ ҳам медонам. Лекин як фикр кун. Он вақт чӣ хел замон буду ҳозир чӣ хел.

— Дуруст-куя.

— Ҳа, акнун ба худат омадӣ. Назирҷон. Ҳозир серӣ, пурӣ. Ба одамҳо хушомад зада ош мехӯронӣ. Даҳ бор хабар мекунию базӯр ба тӯят меоянд.

— Ин фикрат дуруст, -тасдиқ кард Назирҷон.

Ҳамин тавр, шабҳоро баъзан бо баҳсу мунозира, баъзан бо сурудхонию саргузаштгӯӣ рӯз мекарданд. Ин саҳарӣ чӣ? Табъи Назирҷон сӯхтагӣ.

— То тракторчиҳои дигар аз хоб хестан хеле шудгор кардан мумкин. Кори саҳарӣ баракат дорад, мегӯянд, -аз дил гузаронд ӯ, механизмашро ба ҳаракат даровард.

Замин, модари ман. Ёд дорӣ он саҳариро. Дар оғӯшат ҷавоне бо киштии оҳанини худ гӯё сайру гашт дошт. Фарқ танҳо дар ҳамин буд, ки агар киштӣ обро ба ду бӯлак ҷудо созад, трактор рӯи туро метарошид. Шояд ту аз ин азият мекашидӣ? Не-я, ман чиҳо гуфта истодам.

Баракс ин бароят азоб не, меҳрубонӣ буд. Фарзандат-инсон имрӯз ё фардо туро бо об сер карданӣ. Ту ҳам ба монанди шахсе, ки дар рӯзи тобистон аз роҳи дур тасфида омада сатили обро ба сараш мебардорад, то шикастани ташнагӣ об хоҳӣ хӯрд. Шукр мекунӣ ки фарзандат умри дубора ато мекунад. Бале, замин, модари дуюми ман, он рӯз наздик аст. Нури дидаат, Назирҷон, хирман-хирман ҳосилатро дида азобҳои ин саҳариро фаромӯш хоҳад кард.

Трактор чанд маротиба болою поён рафта омад. Шамоли аз тарафи чап вазида истода ҳангоми гаштани вай чангу гард, хокро ба кабина, ба даҳону бинӣ ва чашми Назирҷон мезад. Пеши чароғи тракторро мисли тумани ғафс гирифта дидани роҳро мушкил менамуд.

Инак, рӯз ҳам шуд. Офтоби ҷаҳоноро оҳиста-оҳиста сар бардошт. Нури вай аввал ба қуллаҳо, сонӣ ба ёнаю водиҳо паҳн гардид. Ҳамин вақт аз дур мошине намудор гардид.Вай гарду чанги роҳро ба ҳаво бардошта меомад.

— Маълум мешавад, ки хеле барвақт ба кор сар карданд. Аз дусар чой ҳам нанӯшиданд, - аз дил гузаронд Ситора. Аввал аз оби шабмондаи сатил чойҷӯшро пур карда, ба оташдони дар замин канда шуда гузошт. Алов дар гиронда, баъд ба кӯрпағундорӣ машғул шуд. Чайларо рӯфт. Назирҷон ҳар замон рафтори Ситораро мушоҳида менамуд. Ситора баъди он ки корҳояшро

саранҷом кард, заминҳои шудгорро гузашта, назди трактор рафту дасташро карнай карда:

— Ако Назирҷон, о ако Назирҷон, — гӯён фарёд намуд. — Чой тайёр, фароед!

Назирҷон сарашро аз кабина бароварда «ҳозир, ман гардонам», гӯён ҷавоб дод.

## Боварӣ

Назирҷон болои палос не, балки «салқинтар» гӯён рӯи замин нишаст. Аз як бари дастурхон гирифта, онро ба худаш наздиктар кашид. Дар рӯи вай қаламаи гарм, ду нон меистод. Ҳамин вақт Ситора ҳам чойникро оварда назди Назирҷон гузошт.

— Раҳмат. — Назирҷон ба чойнӯшӣ даромад. Хомӯшӣ чанд дақиқа давом кард. Хомӯширо ҳар замон -ҳар замон ҳӯртаскунон чой дамкашии Назирҷон ва тартаркунон овоз баровардани тракторҳои дар дуру наздик кор карда истода вайрон мекарданд.

— Имшаб нағз хоб рафтед-мӣ?

— Нағз, раҳмат, -ҷавоб дод Ситора. — Шумо чӣ?

— Ман? Маро напурсед. Як шаби танҳоӣ сол барин гузашт. Алиқул кори нағз накард. Ҷудоӣ аз дӯст мисли модари аз фарзанд ҷудо гашта будааст.

— Ҳа, дарвоқеъ, чаро он кас рафтанд?

— Сабабашро ба ман нагуфт. «Монда шудам» мегӯяд. Сонӣ худатон медонед-ку ҷавонӣ гузашта равад...

Ситора чизеро пай бурдагӣ барин лаҳми тарбуз гашт.

— Ин тавр бошад чаро шумо нарафтед?

— Аҳди ман дигар. — Назирҷон оҳи сабуке кашиду қулти охирини чойи пиёларо дам кашид. — Ин ҷойҳоро ба гулистон табдил дода, аз ҳамин ҷо гул чиданӣ. Агар ба ниятам расам, муқимӣ мешавам. Ҳоло ки танҳоям, куҷо шаб шаваду куҷо рӯз.

— Чой марҳамат, — Назирҷон пиёларо дароз кард.

— Не, раҳмат, шумо баҳузур хӯрдан гиред. Ман аз хона...

— Ин тавр бошад, хестем, -гӯён Назирҷон чои пиёларо аз нав ба чойник гардонд. Агар идора карда тавонед, ягон соат худатон меронед. Ман хеле шалпар шудам.

Назирҷон пеш-пеш, аз паси ӯ Ситора сӯи трактор равон шуданд.

— Гап ҳамин Ситора, агар дар ҳақиқат ронда тавонед, трактори Алиқул азони шумо мешавад. Ҳардуяш як хел тамға.

— Канӣ, бинем-чӣ? Шояд сазовори бовариатон гардам.

Назирҷон бандакро ба комаи маховики двигатели ёрирасон печонда, сахт кашид. Садои гӯшкаркунандаи трактор саросари дашт паҳн гардид. Баъд ӯ дастқапакро дошта, пояшро ба пӯлодтасма гузошту худро даруни кабина гирифт. Ситораро ҳам ишорат кард, ки нишинад.

— Баҳузур нишаста диққат кунед, -огоҳ кард ӯ. — Ҳар чӣ, ки нишон додам, аз хотир набарореед.

Назирҷон ин ҷумларо бо овози баланд-баланд мегуфт. Одатан ин тавр гап задан ба тракторчиҳо, махсусан дар вақти кори механизмашон хос аст. Назирҷон пойро ба педал монда ба Ситора:

— Инро педал мегӯянд, фаҳмидед?! Инашро муфт, ин бошад, фашанги ноқилқуттӣ! Фашангро, ки ба якуму дуюм задед, роҳ мегардад, -гӯён боз чанд ҷои тракторро нишон дод.

— Белро бошад, ба воситаи ана ҳамин мебардореду мепартоед, -гӯён фашанги системаи гидравликиро нишон дод.

Ситора гарчанде дар омӯзишгоҳ борҳо ба трактор нишаста, устодонаш борҳо ин чизҳоро гуфта бошанд ҳам, худро чунин вонамуд мекард, чунон бо диққат гӯш мекард, ки гӯё бори нахуст мешунавида бошад.

— Ана акнун, -гуфт боз бо овози баланд Назирҷон, - тракторро дошта шумо ба ҷои ман гузаред. Канӣ бинем, дасту поятон мечаспад ё не?

Ситора гузашта нишасту боз интизори фармон шуд.

— Поятонро ба ин гузоред. — Ҳамин лаҳза пои Ситора ба пои устодаш расид.

— Бо дасти ростатон инро ба пеш, сонӣ ба қафо мезанед.

Дастони шахшӯли ӯ ба дастони гарму барра барин мулоим расиду ба баданаш гӯё барқ таъсир намуд. Хулоса, кадом қисмеро нишон надиҳад, албатта ягон ҷояш ё китф, ё оринҷ ва ё дасташ мерасид. Ситора аз ин парвое надошт. «Хайр, даст ба даст расад-чӣ? Касб ёд гирам шуд-дия!?» Ситора аввал тарсида-тарсида, баъди он ки ду- се маротиба болою поён рафта омад, далертар трактор меронд. Назирҷон дид, ки дигар шогирдаш ба ёрӣ мӯҳтоҷ нест:

— Доред, ман фароям! Натарсида ҳамин тавр ҳай кардан гиред, -гуфта худро аз кабина ба рӯи замин ҳаво дод. Ӯ бори дигар сӯи Ситора нигариста «муваффақият» гӯён даст бардошт.

— Ҷавони аҷоиб, -аз дил гузаронд Ситора, -ман тарктрорчиҳо одамони дағал, шартакигӯй гумон карда будам. Дурӯғ будааст. Ин кас ин қадар ҳалим, шармгин, меҳрубон. Ё дар таги коса нимкоса бошад. Фарз кардем ҳамин тавр, чӣ шудааст? Расам, ба ҳамин хел ҷавон мерасам-дия? Ситора якбора ба худ омада «пиққос зада» хандид.

— Э, муре, девоная, охир, ҳоло дили ҷавон ҳаст ё не, аллакай хаёлат ба ким- кадом кӯча рафт.

Назирҷон чанд дақиқа дар як ҷо истодани тракторро дида «ягон ҷояш кор накарда монд чӣ» гӯён хавотир шуда аз ҷояш хест. Чашми Ситора ба устодаш афтиду фаҳмид, ки вай ғарқи хаёл, рондани механизмро фаромӯш кардааст. Аз ин рафтораш шарм намуд. Ӯ саросемавор ҷонвари безабонро ба ҳаракат даровард.

Замин, модари дуюми ман. Не-я, мебахшӣ, ман густохӣ карда туро модари дуюм гуфтам. Замин! Модари модарҳо, ёд дорӣ, он хурсандии яклаҳзаинаи духтари тоҷикро. Духтаре, ки ҳамагӣ як-ду сол пеш подабонӣ мекарду имрӯз сари рул танҳо нишастааст. Ба ӯ устодаш бовар карда ин ҷонвари бузургро супорид. Ба духтар кӣ ҷасорату қувва бахшид? Шояд ту бошӣ? Шояд

ту мегуфтӣ: фарзанди азизам Ситора, парво накун. Ҳар кас ки баҳри халқаш, ватанаш кор кардааст, то ҳоло мушкилие сади роҳаш намегардад. Инчунин ба ту ҳам. Бале, модари модарҳо! Дар он лаҳза, дар он саҳрои беканор танҳо ту будӣ.

Ситора бели тракатори аз хок пур шударо андаке мебардошт. Ба ҷойҳои баланд бошад, озодтар сар медод, то ки заминро канда гирад. Маҳсули корашро дида, курта-курта гӯшт мегирифт. Дар дилаш «майлаш, Назирҷон-ако боз камтар хоб раванд. Ба ҷояшон кор кардан мегирам» мегуфт. Аммо ӯро хабар набуд, ки устодаш ҳоло чашм напӯшидааст. Ӯ ба туғёни хаёлот ғӯтта зада буд.

Аз байн чанд рӯз гузашт. Дар ин муддат ҷавонҳо ба ҳам унс гирифтанд. Суханҳои мулоим, маслиҳатҳои устодаш дили Ситораро ба касбаш гармтар мекард. Дар навбати худ Ситора ҳам ё барои дилгармӣ ва ё барои ҳурмати устодаш ҳар пагоҳӣ аз хонаашон як бурида гӯшти пухта, қалама, нону қанд гирифта меовард. Бегоҳӣ, вақти рафтан бо дили кашол аз кор мебаромад. Ӯ намехост Назирҷон дар чайла танҳо худаш хоб равад.

— Гуфта намешавад, -аз дил мегузаронд ӯ, -тарсиданӣ, ваҳмиданӣ ҳаст. Аммо ҳаёи духтарона ба ӯ имконият намедод фикрашро рӯирост гӯяд: «Ако Назирҷон, агар ҳа гӯед, ман ҳам дар ҳамин ҷо хоб равам. Ё ба ҳавлии мо равем». Чанд бор нӯги гапро баровarда «шабона наметарсед-мӣ, шаб воҳиманок будагист» гуфта бошад ҳам, устодаш мақсади Ситорарро нафаҳмид. Ё фаҳмида бошад ҳам, андеша кард. Ба пурсишҳои Ситора «одам, ки монда шуд, то рӯз наҷунбида хоб меравад. Намедонад аз дунё чӣ мегузарад?» гӯён ҷавоб дод.

— Имрӯз кор бас, -гуфт Назирҷон мотори тракторашро хомӯш карда. — Ман ба деҳаамон рафта меоям. Ду ҳафта шуд, ки модарамро надидам. Ёд кардам.

— Ман ба чойник об монда будам, гарм шудагист, резам, дасту рӯятонро шӯед.

— Не-я, кори айбро накунед, Ситора.

— Об рехтан айб аст магар? Баракс, савоб мегӯянду?

— Савоб барои мӯйсафедон будагист-дия!

— Шумо ҳам барои ман мӯйсафед, -табассум кард Ситора.

Назирҷон корҷомаи сиёҳашро, ки аз чангу хок рангаш гашта буд, кашид. Сарашро хам карда, бо ду дасташ мӯи сарашро молиш дод. Сипас тани майка «ба шумо хизмат шуд-дия» гӯён кафашро таги ҷумаки чойник бурд.

— Об ҷӯшон не-ку, -пурсид Ситора.

— Ман медонам, ки шумо оби ҷӯшонро ба сари ман намерезед.

— Рафту резам?

— Дилатон намешавад.

Ситора табассум кард.

— Модаратонро пурсед, салом гӯед, -ҳангоми хайру хуш таъин кард Ситора.

— Шумо намеравед? — Назирҷон аз таклифи ноҷояаш якбора мисли лаблабу сурх шуд.

— Ман?! Ягон вақти дигар.

Ин ҷавоби Ситора устодашро аз бори хиҷолат озод кард.

## Тараддуд

Фазилат- апа медонист, ки имрӯз писараш барои дидани ӯ меояд. Бинобар он пагоҳӣ барвақт хеста, рӯи ҳавлиро тоза рӯфт, об зад. Кӯрпачаҳои хонаро бароварда афшонд. Рафтори апа занҳоеро мемонд, ки ба пешвози як гурӯҳ меҳмонони олиқадр тайёрӣ мебинанд. Ҳамин вақт ҳамсоязан Тӯтӣ-хола даромада омад. Ӯ дар даст корд дошт.

— Ассалом апа! — Ҳамсоязан, гарчанде Фазилат –апа аз ӯ ҳамагӣ ду-се сол калон бошад ҳам, «апа» гуфта муроҷиат мекард.

— Алейк салом, Тӯтиҷон. Биёед, ҳамсоя. Нағзӣ ҳам шумо ҳастед, ки ҳар замон-ҳар замон хабар гирифта меистед. Беҳуда «аз дӯсти дур ҳамсояи наздик беҳтар» нагуфта будаанд.

— Як дам танҳо нишастаму гуфтам: Чокама гирифта барам. Одам ба одам ғанимат. Чорта аз ин тараф он тараф гап зада, ғуборамро бароварда меоям.

— Хуб кардед. Тӯтиҷон. Танҳоӣ, рости гап, ба дили ман ҳам зад. Назирҷон чанд вақт боз ба поён (Фазилат-апа ҷои кори писарашро дар назар дошт) бурафтагӣ. Рости гап, Тӯтиҷон, ҳамин дафъа сиҳат-саломат биёяд, гапро дар пешаш кӯндаланг мемонаму якбур мекунам. Агар маро гӯяд, дигар намеравад. Не, нею.. — Э, гӯр ҳушам шавад, ба гап овора шуда, ҷой ҳам напартофтам. Аз хона мешинем ё айвон?

— Айвонатон офтобаки нағз. Ҳамин ҷо шинем монем.

Фазилат –апа палос, сонӣ аз болояш кӯрпача партофт.

— Марҳамат, Тӯтиҷон, гузаред. Ман ба гирдаш як сатил об занам, салқинтар шавад, баъд гузашта мешинем.

— Ташвиш накашед, хонаи ҳар рӯз меомадагии худам-ку? — Тӯтӣ-хола аз болои кӯрпача гузашта нишаст. Фазилат-апа бошад, ба назлди ӯ дастархон паҳн карда чойники чой овард.

— Ҳозир аз чой хестаму шумоям…

— Ина бинед, ки Тӯтиҷон, алови газа накушта будам, пагоҳӣ боз вақар-вақар ҷӯшида истода буд. Гиред, нон хӯрда шинед. — Фазилат-апа нон пора карда, ба ҳамсоя чой дароз намуд.

— Ҳа, сонӣ Назирҷонро дигар намемонам гӯед, -боз коҳро бод кард ҳамсоязан.

— Чуту кунам, Тӯтиҷон, танҳоӣ ба дилам зад. Синну соли ман ҳам ба шаст наздик шудагӣ. Дар ин солу замона ба одам бовар карда намешавад. Аҷал асту қазо.

— Худо нигоҳ дорад. Ҳоло ҳамин гиру монатон бошад, ба сад медароед.

— Албатта, аз забонакатон гардам, нияти нағзними давлат-куя, лекин тани сиҳат бедард намешавад, мегӯянд. Ба зиндагиям орзую ҳаваси Назирҷонро бинам, дигар дилкашолӣ надорам.

Ҳамин вақт як магаси калони сиёҳ ғунгос зада, парида омаду аз тирезаи ҳар ду табақаш кушода ба хона даромад.

— Пашшаи роҳ, Фазилат-апа, Назирҷон меояд.

— Рӯз ҳам гашт кард. Вақти омаданаш шуд. Писаракам дар офтоби сӯзон гушнаю ташна гашта-гашта, сип-сиёҳ шудааст. Ними гӯшти баданаш намондааст. Ман ҳайрон, Тӯтиҷон, бе ҳамон замини нави беоб ҳамин қадар сол рӯзамо пошшо барин гузашт-ку?

— Маҷбур мекардагиянд-дия?

— Не, Тӯтиҷон, маҷбурӣ набудааст. Дина писари Аминбой ҳаст-ку, номаш чӣ буд?

— Алиқул!

— Худи худаш. Ҳамон қати Назирҷон гӯед «додархонд». Ҳамин қадар сол боз якҷоя шисту хез мекарданд. Як бурда нона бе ҳамдигар намехӯрданд. Алиқул партофта омадааст. Шунидаму дилам ба сад кӯча рафт. Гуфта намешавад. Боз бо Назирҷон гапаш нагурехта бошад, чиба меомадааст, -гӯён рафта дидам. Вай мегӯяд, ки аз ҳар куҷо мо барин ҷавонҳо рафтагӣ. Ягон кас омада ту чӣ хел одамӣ гуфта намепурсад. — Назирҷонро ҳам гирифта наомадӣ-гӯям. — Вай қаҳрамон шуданӣ, гуфт. Рости гап дигар забонам нагашт, ки пурсам. Аз гапҳои вай фаҳмидам, ки маҷбурӣ набудааст.

— Маҷбурӣ набошад, гапи худатон маъқул. Намонед, дар ҳамин ҷо ҳам кор кунам гӯяд, пур-пури кор. Ҳалоли ҷонатон бод. Баъди ҷанг ману шумо бист солӣ роҳи мардакамоя поидем. Ҳамин як лахт гӯшт гуфта, умрамонро гузаронидем. Имрӯз роҳаташонро набинем, кай мебинем. Худоба шукр, Шокирҷони ман гапдаро баромад. Кори савдоя ёд гирифт. Чашмаш пухта шуда монд. Мана, худаш-худашро хонадор кард, писарчаша тӯй кард. Ҳоло ҳам аз хати кашидаи ман берун намебарояд.

Ин суханҳои ҳамсоязан ба Фазилат-апа таъна барин расид.

— Назирҷон худаш не гуфта истодааст, набошад вай ҳам хонадору бачадор мешуд, -гуфта монд.

— Назирҷон ҳам қариб ба сӣ даромад-а? -пурсид Тӯтӣ-хола.

— Ҳамин сол ба бисту ҳашт медарояд. Солаш асп-дия.

— Имсол чӣ?

— Аз асп то асп як мучал, боз як мучал. Сонӣ гӯсфанд, маймун, мурғ, вафодор…

— Ҳа, бисту ҳафти бисту ҳашт даро будааст.

— Набошад гап ҳамин. Ба гапи вай гӯш карда нагардед. Шунидагим рост бошад, духтари одами дуруст. Авлодаш пок.

— Шумо чӣ шунидед?

— Ба духтари Яҳёҷон одам мондед-ку?

— Кӣ гуфт, ҳамсоя?

— Одамҳо-дия! Дина дар тӯйхона гап шуд. Баъзеҳо аз ман пурсиданд, «хабар надорам» гуфтам. Ҳамсоя нафаҳмад, кӣ мефаҳмад. Ё омаду рафт надоред?!

— Аз ҷангӣ худо нигаҳ дорад, -ҷавоб додам.

— Не, Тӯтиҷон, ин гапҳо дурӯғ. Ҳамагӣ як маротиба ба холааш даҳон кушодаму ба бало мондам. Фаҳмам пои духтар сабук. Дасту диламро шустам. Холааш чанд бор:

— Фазилат –апа як гапро мегӯеду ҷим шуда меравед. Розӣ кунондани хоҳарам тани ман, -гуфта бошад ҳам, ба ростӣ поям накашид.

— Рост мегӯед, апа, ба ману шумо келин бошад, ки ҳурмату эҳтиром кунад, аз дасташ як пиёла чой хурем, - қувват дод Тӯтӣ- хола.

— Албатта мешавад. Сар бошад, тоқӣ ёфт мешавад. Кия тоқ офаридааст, ки Назирҷон монад.

— Фазилат-апа, духтари ҳамсояамон Турдибой чӣ?

— Назокат!

— Ҳа!

— Нағз-куя, медода бошад?

— Надода чӣ кор мекунад. Агар «ҳа» гӯед ман рамузи падару модарашро гирам.

— Кошкӣ.

Ҳамсояҳо боз чанд вақти дигар гапзанон- гапзанон чок дӯхтанд. Медонед-ку ду зан як ҷо шавад, дар дунё гап намемонад. Якеро сифат карда, ба осмони ҳафтум мебароранд, дигареро ба замин мезананд. Ҳато мегӯянд, ки ду зан пагоҳӣ говашонро ба пода бурда ҷоғашон чунон тафсида рафтааст, ки рӯз бегоҳ шуда, пода баргашта омаданашро надониста монда яке аз онҳо:

— И-и, -гуфтааст, — ин подачӣ чӣ хелин, ду даҳан гап назада аллакай говҳоро хай карда овард.

— Ман равам, офтоб гашт кард, -гуфт Тӯтӣ-хола чокашро ҷамъ карда.

— Меравед-дия. Ба гап шуда, чои дуруст ҳам нахӯрдед. Омада истед Тӯтиҷон.

— Шумо ҳам гузаред, охир, апа.Дур не-ку.

— Мегузарам, Тӯтиҷон, мегузарам.

Дари кӯча тараққос зада кушода шуд. Касе аз дарвозахона гурс-гурс қадам зада гузашт. Шарфаи пойро Фазилат-апаи дар хона нишаста шинохта ба пешвозаш баромад.

— Салом модарҷон!

— Салом писарам. — Фазилат-апа аз ду рӯи нури дидааш бӯсид. Сипас боз як бори дигар ба афту андоми Назирҷон назар дӯхт.

— Вай-вай, модари зорат садқа, ин қадар сип-сиёҳ шудӣ? Корат сахтӣ кард чӣ? Худатро якбора гиронда мондӣ-ю? Ё тобат нащуд?

— Не, модарҷон, ман нағз. Мумкин ба назари шумо ҳамин тавр намоям. Ба ман гап не, худатон чӣ тавр?

— Шукр, бачем, нағз.

Модару писар ба айвон, аз болои палоси чанд соат пеш барои ҳамсоязан партофта гузаштанд. Назирҷон ба лаби кӯрпача нишаста мӯзаи хироми идпӯшакашро кашид.

— Либосатро ҳам каш, ман об резам, дасту рӯятро шӯю куртаи тозаатро пӯш, писарам.

Сӯҳбати онҳо то бевақтии шаб давом кард. Фазилат-апа ба дили писараш чанг андохта, фаҳмиданӣ мешуд, ки чаро ӯ якраҳагӣ мекунад.

— Назирҷон, писарам, ту медонӣ, ки дили ҳамаи модарон як аст. Мехоҳанд фарзандонашон бобарор бошанд, якашон ду шавад. Мана ҷӯраҳои ту ҳамаашон хонадор шуданд. Ба Алиқул ҳам духтари амакашро номзад карданд. Хаёл карда бароям як ту мондӣ. Сонӣ, худат медонӣ, писарам, мардуми деҳаро. Онҳо ором намегарданд. Найрангбоз бисёр шудагӣ. Як писарро хонадор карда наметавонад. Барои пул шуда писараш хок хӯрда гаштааст, гуфтанашон мумкин.

Назирҷон мақсади модарро фаҳмида:

— Мешавад, модарҷон, мешавад. Ғам нахуред, худатон медонед, ки ҳар кор вақту соат дорад. Вақташ расад, дигар хоҷат ба ин гапҳо намемонад.

— Вақту соат гӯяму ман поямро дароз карда шинам, ту хомӯш гардӣ, аз куҷо мешавад. Худо ҳам «аз ту ҳаракат, аз ман баракат» гуфтагӣ. Ягон кас духтари партов надорад, ки «ма, инро гир» гӯён бароварда диҳад.

— Албатта, шумо ҳақ. Лекин, охир, ҳоло корҳо яктарафа нашудааст. Як-ду соли дигар.

— Чӣ !? Як-ду соли дигар!? Вай ман мурам! Имшаб то пагоҳ кӣ хаст, кӣ нест намегӯяду боз ду соли дигар будааст. Ба одам бовар карда намешавад. Маро баста мондагиш не. Аз раҳпоӣ кӯки чашмам канда шуд. Ними ҷигарам мондагиаш не. Ҳамин қадар сол роҳи додоятро поидам бас набуд, ки боз ту шудӣ? Гап ҳамин: Ё маро мегӯӣ ё ба ҳамон дашт рафта кор карда мегардӣ?

— Майлаш модарҷон, ман ба гапи шумо розӣ. Лекин пеш аз ин як чизро пурсиданӣ.

— Рози бошӣ шуд, гапат бошад, пурсидан гир.

Назирҷон барои он ки дили модарро ба даст гирад ба таъриф даромад. Шумо, модарҷон, одами хурд не. Ба ҳар кор ақлатон медавад. Канӣ, худатон гӯед, ки ягон корро буд накарда, партофта меравед? Масалан, чанд маротиба шумо то бевақтии шаб нишаста чок медӯхтед. Ман «хезед, хоб кунед» гӯям, «ҳозир бачем, ҳозир, як гули дигараш ё як лолаи дигараш монд» мегуфтед.

— Кори ман қати азони туя фарқаш ҳаст, писарам. Баъд дуриашро намегӯӣ. Майлаш, ба ҳамин ҷо омада кор кунӣ, ман розӣ.

— Сонӣ, модарҷон, -Назирҷон суханашро давом дод. — Шумо, масалан то табъатон ягон хӯрокро набардорад, намехӯред.

— Албатта не, -тасдиқ кард модар.

— Модоме, ки ҳамин тавр аст, ба хоҳиши ман ҳам нигоҳ кунед-дия. Ман ба хотири шири сафед, шабҳои бехобиатон ҳар чӣ гӯед, розӣ. Кадом духтарро номзад кунед, чизе намегӯям, аммо... Хоҳед, ки фарзандатон хушбахт бошад, камакак бардошт кунед. «Дер ояду шер ояд».

— Ин гапҳоро шунавида мӯйсари Фазилат-апа рост-рост хест. Дилаш тез-тез ба задан даромад. Қариб буд торс кафад. Ӯ мехост, бо тамоми овозаш дод гӯяд, алами дилашро холӣ карда, гапашро гуфта гирад. Гӯяд, ки «дина кӯдак будӣ, нонро нанаю ошро аша» мегуфтӣ. Имрӯз калон шуда ба ман гап ёд медиҳӣ, насиҳат мекунӣ. Сазои сари касе, ки як нафар фарзанд гуфта умри ҷавониашро гузаронад». Вале нагуфт. Ӯ барои хотири писараш ин дафъа ҳам қулт хӯрд.

— Гуфтаҳои ман маъқул набошад, ихтиёрат писарам. Ҳозир замона ҳамин тавр шуда монд. Ҳар кас аз медонистагиаш намонад. Худо танатро сиҳату умратро дароз кунад, шуд. Дуои шабу рӯз мекардагии ман ҳамин.

— Раҳмат, модарҷон. Ҳаракат мекунам дар куҷое набошад, сазовори бовариатон кор кунам.

## Оташи ишқ

Назирҷон дар ҳақиқат ҷавони вазнин буд. Ӯ сазовори боварии директор, намояндаи омӯзишгоҳ рафтор менамуд. Ҳар гапашро пеш аз гуфтан фикр мекард, ба тарозуи ақл бармекашид. Ба ҳар кор ба шогирдаш дасти ёрӣ дароз менамуд. Шӯхии беҷо намекард.

Аммо муҳаббат кори худро кард. Барои Ситора бошад, на танҳо қадду басти зебои ин ҷавон, кордонии

ӯ, балки рафтору кирдораш бас буд, ки якбора дил бандад. «Кирои шавҳар кардан, одам ба ҳамин хел ҷавон ихтиёр кунад, армонаш намемонад» мегуфт худ ба худ. Аммо баъзе рафторҳои Назирҷонро дида «ман куҷою вай куҷо. Агар ҳамин тавр намебуд, кадом рӯз дасташ ба дастам нарасида, худашро мисли шахси барқзада дур намегирифт. Қавоқ андохт. Сонӣ, кӣ медонад? Мумкин ӯ оила дорад ё ягон нафар шахси руст карда мондааш ҳаст?» гуфта аз дил гузаронд ӯ.

Ҳамин тавр оташи ишқ ниҳонӣ, мисли боде, ки номаълумакак ба тани бараҳнаи араққардаи кас таъсир мекунад, ба рагу паи ин ду ҷавон реша давонд.

Таҷрибаомӯзии Ситора ба охир мерасид. Аммо ду ҷавон наметавонистанд як гапи дар дил доштаашонро аз ҳамдигар пурсанд. Назирҷон, гарчанде чанд лаҳзаи қулай шуда бошад ҳам, худдорӣ намуд. Ба Ситора бошад, шарму ҳаёи духтарона халал мерасонд. «Боз ин ҷавон нагӯяд: ин чи хел духтар? Шарм надошта, ҳар гапро пурсида истодааст?»

Назирҷон пагоҳӣ бо табъи хуш ба кор сар карда хеле замин ҳамвор намуд. Дид, ки оинаи пеши чашмаш хира гаштааст. Тракторашро дошт. Латтаеро печонда, тӯбча карда аз ҷояш хеста аз кабина берун баромад. Як пояшро ба тасмачарх монда, бо як дасташ дастаки дарро дошта, оинаро пок кардан гирифт. Дар ҳамин вақт Ситора ҳам расида омад. Ӯ механизмашро дошт. Шамол чангу гардро якбора ба даруни кабина зад. Ситора гунҷишквор худро ба замин ҳаво дод. Аз оғози кори имрӯза кам вақт гузашта бошад ҳам, аъзои бадани Ситораро чангу гард зер карда буд.

— Ин қадар тоза мекунед, боз чанг мешавад. Ба хаёлам дар дунё аз ҳамин ҷонвари безабон дида дигар ягон чизро ин қадар нағз набинед даркор?

Назирҷон сарашро ба қафо, сӯи Ситора гардонда дастонашро як-ду бор ихтиёрӣ ба як ҷой бурда овард.

— Дар масъалаи нағз дидан нағз мебинам, лекин танҳо як тракторро не.

— Ҳа, боз чиро будааст? Канӣ фаҳмем?

— Чиро не, киро гӯед, Ситорахон!

— Хайр, киро?

— Модарамро.

— Ҳа, ҳа-ҳа! — Ситора якбора хандида фиристод. — Шумо Назирҷон-ако аҷоиб. Кӣ модарашро дӯст намедорад? Ман хаёлам ягон каси дигар масалан, хонангиатонро нағз мебинед.

— Дар хона ғайр аз модарам дигар ҳеҷ касе нест

— Наход!? Ҳамин қадар дурӯғ мегӯед, ки худи рост барин.

— Дурӯғ не, бовар кунед. Дар хона не, дар дашт кӣ доред, гуфта пурсед, ҷавоб медодам.

— Дар дашт? Кадом дашт?

— Дашт-дия, фарз кардем дашти Чашма.

— Навигарӣ-ку. Вай кӣ будааст?

— Кӣ мешуд, шумо!

Ситора боз қоҳ-қоҳ зада хандид.

— Ман?! Шумо, Назирҷон-ако, аҷоиб-дия! Аз маро нағз дидан чӣ фоида? Баъди ду –се рӯз таҷрибаомӯзӣ ба охир мерасад. Баъд ба назди шумо дигарҳо меоянд. Онҳоро дида маро фаромӯш мекунед. Нав, ки омад ба бозор, кӯҳна шавад дилозор.

— Ман шуморо ҳаргиз фаромӯш намекунам.

— Рост!?

— Рост Ситора, рост. — Назирҷон худро ба замин ҳаво дода, ба Ситора наздик омад. Вале шарм карда боз қафо гашт. — Шумо фаромӯш накунед, шуд. Сонӣ дили падару модарро ёфтан даркор…

Рӯи гандумгуни Ситора сурх шуд. Ӯ бо нӯги мӯзааш кулӯхеро як-то зада, пош доду сипас:

— Ман як модар дорам халос. Он кас то ҳол ба ягон корам монеъ нашудаанд. Ба кори нек, албатта, масалан, ба омӯзишгоҳ мехонам гуфтам: — Майлаш, хону ёд гир. Заминҳои гирду атроф пахта мешудааст. То миёнатро дуқат карда пахта чидан мошин бехтар-дия, - гӯён розӣ шуданд. Аммо насиҳати ман ҳамин, ки дар ҳар куҷо вазнин шав. Ситора давоми насиҳати модарашро нагуфта ба хаёл фурӯ рафт. «Ҷавонҳои ин замонаро медонӣ, найрангашон бисёр, духтарам. Худатро эҳтиёт кун. Майлаш, мувофиқи табъи дилат бошад, фарзанди

одами нек бошад, насиҳати падару модарашро гирифта бошад, ман розӣ. Бабахт шаветон. Ин гуфтаҳои модарашро пеши назар овард.

— Ҳа, хаёл карда мондед?

Пурсиши устодаш Ситорароро ба худ овард.

— Не, ҳамин тавр. — Ситора дигар чизе нагуфта пой молида-пой молида сӯи трактораш рафт.

Назирҷон чӣ тавр рӯз бегоҳ шуд, надониста монд. Аз хурсандӣ болу пар бароварда буд. Трактораш ҳам. Ҳар ду гӯё парвоз мекарданд. Аз паси ӯ Ситора меомад. Ӯ аз устодаш қафо мондан намехост. Назирҷон ҳар замон-ҳар замон ба қафояш нигоҳ карда, сӯи Ситора табассум менамуд. Ситора низ бо табассум ҷавоб медод. Замин, модари синабирёнам! Оё маънои он нигоҳҳо ба ту маълум буданд? — Чӣ гуфтӣ? Бале, маълум. — Медонам, ҳам ту, ҳам ду нафар ошиқ, ҳам боди ҳур-ҳур вазида истода, ҳам паррандае, ки ҷув-ҷувкунон аз пасу пеш ва гирду атрофи трактор парида мегузашт, маънои ин нигоҳҳоро мефаҳмиданд.

— Боз кӣ? –мепурсӣ. — Ҳа, фаромӯш кардам. Хуршеди ҷаҳоноро. Офтобе, ки оламрою рӯи ошиқонро шуъо дода гӯё мегуфт: «Бахти шумоён ҳам, илоҳо, монанди ман ҳамеша дурахшон бод»! Бале замин, модари модарҳо, маънои ин нигоҳҳо фаҳмо буд.

Чанд рӯзи боқимонда тез ва номаълумакак гузашта рафт. Бегоҳӣ Ситора корро як соат пештар бас кард. Ӯ тракторашро назди чайла ронда омаду пасу пешашро тоза намуд. Аз систерна як-ду сатил об гирифта, ба оинаҳояш зад. Бо ин кораш ӯ гӯё бо ҷонвари безабони дӯстдоштааш, ки чашми корро дар он ёд гирифта буд, хайру хуш мекард.

Дере нагузашта, трактори Назирҷон ҳам аз ғурриш монд.

Ӯ бо табъи гирифта фаромада омад.

— Тайёрӣ будааст-дия?

— Тайёрӣ, -ҷавоб дод Ситора. — Тоза карда монам охир, боз ягон кас биёяд, нагӯяд, ки…

— Танҳо шумо ин корро мекунед. Рафиқи ман Алиқул бошад, дар ин бора фикр ҳам накард. Ҷонварро оҳанпора барин дар мобайни замин партофту рафт.

— Ҳоло мо нав-дия? Кӯзаи наву оби хунук барин гап. Корзада шавем, кӣ медонад аз он кас бадтар мешавем.

— Не, Ситора, ҳар кор аз аввал. Аз аввал, ки меҳр бастед, то охир нағз рафтан мегиред.

— Кошкӣ ҳамин тавр мешуд.

Назирҷон ба замин нишаст.

— Хуллас, меравам гӯед.

— Равам-мӣ, охир?

— Ба рафтан-ку меравед, лекин намедонам ман чӣ кор мекарда бошам. Ба шумо одат карда мондам.

— Чаро палосро монда ба замин нишастед?

— Э, дода, як лаҳза, ки дили шумо сӯзад. Пагоҳ, фардо ин гапҳоро кӣ мегӯяд? Сонӣ, бовар кунед, Ситорахон, замин аз кӯрпача ҳам мулоим барин.

— Ин тавр бошад, ман ҳам як дам шинам.

— Марҳамат. — Назирҷон, гӯё, ки ҷой танг бошад, андаке ҷунбида ба Ситора ҷой дод.

Ситора сӯи Назирҷон ним нигоҳ кард.

— Чӣ кор мекунем, ягон гапи қатъӣ нагуфтед?

— Чӣ гӯям? Ин ба шумо вобаста

— Ба ман?! — Назирҷон гӯё аз хоб як қад парида ҳушёр шуда, хеста бошад, ба рӯи аз гармо сиёҳчатоб шудаи Ситора чашм дӯхт. Ба ман? -боз такрор намуд ӯ.

— Ҳа, ба Шумо. Метавонед ба ҳавлии мо биёед. Ман шуморо ба модарам «устоди ман, дасти маро ҳамин кас рост карданд» гӯён шинос мекунам. Баъд он кас, албатта мепурсанд: кӣ дорад, аз куҷо? Боварӣ дорам, ба он кас ҳам маъқул мешавед.

— Хуб шудааст, меравам. Хонаатонро ёфта мебиёям.

— Деҳаи мо он қадар калон нест, ки наёбед. Рост ба поини деҳа равед, як хонаи гилин мебарояд. Айвонаш ба офтоббаро нигоҳ карда истодааст. Девори гирди ҳавлиамон аз пояи писта.

Дар ҳамин вақт мошини хизматии омӯзишгоҳ омад. Дар болои вай чанд нафар ҷавонон- хонандаҳо буданд. Ду нафарашон ба бардору зани мошини холӣ нигоҳ накарда, ду даст дар киса рост меистоданд.

— Хайр, Назирҷон-ако ба хизмат розӣ шавед.

— Чӣ хизмат кардем, ки. Барои шумо хизмат ҳоло дар пеш.

Мошин ба ҳаракат даромад. Вай чангу хоки роҳро ба ҳаво бардошта, аз назар ғоиб шуд. Назирҷон дер гоҳ аз ақиби мошин нигоҳ карда, «хайр, азизам, хайр. Ситораи умедам, хушу хаёлам, диламро ҳамроҳат бурдӣ, хайр!» гуфт.

Дар дашт торикӣ фаромад. Атроф хомӯш. Ҳар замон- ҳар замон чир-чири малаххҳою қур-қури ғукҳои хокӣ ба гӯш мерасид. Бод ба димоғ бӯи хоки гармро мерасонд.

Назирҷон гарчанде баъди рафтани Алиқул шабҳоро танҳо рӯз карда бошад ҳам, мисли ҳозира маъюс набуд. Ӯ дилпур буд, ки пагоҳ Ситора меояд. Аммо танҳоии имшаба барои ӯ гаронтар афтод. Ба назараш гӯё гирду атрофро сел шуста рафтааст. Ӯ ду дасташро харпанҷа карда, зери сараш гузошту чашмонашро калон-калон кушода ба Ситораи дуродури осмони нилгун чашм дӯхт. Рӯзҳои якҷояи кориаш бо Ситора, суханҳои охирини ӯро ба хотир овард.

— Ту дар ҳақиқат Ситора будӣ. Ба монанди ҳо, ана ҳамон ситорае, ки ҳоло тамоми вуҷудоти маро ба худ кашида, сӯям чашмак мезанад, аз дигарон фарқ доштӣ, -ҳуд ба худ пичиррос зад ӯ. — Ту ситораи ман, ситораи бахти ман…

Назирҷонро бевақтии шаб хоб бурд.

## Баҳори Чашма

Тирамоҳ ҷои худро ба зимистон дод. Зимистони имсола бошад, хеле тӯл кашид. Барфҳои болои ҳам борида заминро кӯрпа кард. Бо вуҷуди он фармон шуд, ки тракторчиҳо баробари баромадани офтоб, рӯзҳои ғаниматро аз даст надода, шудгори заминро давом

диҳанд. Ин, ба қавли ҳосилот, фоидаи чандтарафа доштааст. Аввал ин ки замин яхбур мешавад. Дигар кирмҳои замин, ҳашароти зараррасони ба рӯи замин баромада нобуд мегарданд. Сеюм ин ки замин қулӯх намешавад. Кори шаб хандаи рӯз гуфтагӣ барин, кори зимистон ҳам хандаи рӯзҳои баҳор буду он қадар барака надошт. Аз як тараф рӯзҳо кӯтоҳ буданд. Ҳеҷ як ватандӯст аз соати даҳ-ёздаҳ барвақт ба кор сар намекард. Сонӣ ватандӯст гуфта, саломатии хешро дар шамоли сахти пагоҳии дашт, ки сару рӯи касро лесида мерафт, бой додан ҳам, аломати солимӣ нест. Баъд замини яхи пагоҳиро кадом кордҳои плуг мегирифт? Ҳар қадар пагоҳӣ ба кор дер сар кунанд, ҳамон қадар тарафи бегоҳ барвақттар бас мекарданд. Мӯйсафедони Чашма мегуфтанд: имсол соли ҳосил аст. Барф бисёр шуд, ин ҳамааш нон. Сонӣ онҳо боз мегуфтанд: зимистон, барвақт омаду дуру дароз давом кард, аввали баҳор ҳам барвақт меояд.

Баҳор дар ҳақиқат барвақт омад. Чор-панҷ рӯзи сӯзони ҳамал барфҳоро ба ҷуйҳои об табдил дода, тамоми мавҷудотро ба ҳаракат овард. Гули аввалини баҳор-бойчечак ҳам рӯи худро ба мардум нишон дод. Замин фала гашт.

Дар хоҷагӣ одамон серкор шуда монданд. Одатан ин фасли сол мардумро бесаранҷом мекунад. Зеро ҳамаи корҳо баробар сар мешавад. Як қисми одамон ба порукашонӣ, қисми дигар ба ҷӯйбортозакунию ниҳолшинонӣ, онҳое, ки касб доранд-масалан, механизаторон ба таъмиру шудгор ва ё кишт машғул мешаванд. Ҳол он ки хоҷагии навбунёди «Тоҷикистон» ҳамагӣ ҳафтод нафар қувваи корӣ дошт. Вазифаи имсола бошад душвор. Совхоз бояд ба майдони наздиқ ҳаштсад гектар чигит корида, аз он на камтар понздаҳ сентнерӣ ҳосил бардорад.

Ноомади корро бинед. Дар аввал чор-панҷ рӯз офтоб шуда, мардумро бесаришта намуд. Аммо ҳоло як ҳафта аст, ки борон меборад. Борони муҷмал. Баъзе рӯзҳо, гӯё, ки аз сатил мерехта бошад, сел меборид. Баъзан сим-сим. Хонаҳои гилин нам кашида, рӯз то

бегоҳу шаб то рӯз чакида мебаромад. Ҳафтаи дуюм ҳам ба охир расид, вале ҳеҷ не, ки мардуми Чашма рӯи офтобро бинад.

— Тоза ҳам нам кашида рафтем-ку? Меборидагӣ бошад, дурусттар борад, набошад муҷмал карда нагардад. Осмон сӯрох шуд, чӣ бало?

— Тавба кардан даркор, тавба, -мегӯяд Искандар-бобо ин гапҳоро шунида. — Ин ҳамааш хости худо. Парвардигори олам қудрат дорад дар як нафас дунёро чапаю роста кунад.

— Агар метавонист, кадом рӯз намояндаи заминро, ки ба наздаш парвоз карда рафт, дошта мемонд.

— Ту, Ҷалил, шаккок шудӣ. Парвардигор ба ту мазоқ не. Ҳоло аз сад гулат як гулат нашукуфтааст.

Рӯзи интизорӣ фаро расид. Шабона шамол сахт шуда, абрҳоро ба ҳар тараф пароканда кард. Наздикиҳои саҳар осмон ситоразор шуд. Оҳиста-оҳиста шамоли тез ба боди маҳин табдил ёфт. Бӯи баҳори ҳаққонӣ ба машом мезад. Он пагоҳӣ «замин лой, трактор намегардад, бо мошину тележкаҳо пору кашонда намешавад» гӯён ба кори саҳро набаромаданд. Аммо дар гараж механизаторон ба сархорӣ дасташон намерасид. Онҳо механизмашонро бори дигар аз назар мегузарониданд, равған мекарданд.

Директор Мӯсо Шодиев аз пагоҳӣ боз дар ҳуҷрааш. Ӯ ҳар замон-ҳар замон чои дар пиёла хунук шударо дам кашида, сарашро бо ду librдасташ дошта, болои чизе фикр мекунад. Баъд рӯи коғаз рақам монда менависад: якум-гузаронидани таъмири техника- мошин, трактор, плуг, тухмипошакҳо. Аз рӯи ахбороти кадом рӯзаи бригад-механик ҳоло баъзеҳо таъмирро тамом накардаанд. Қисмҳои эҳтиётӣ бошад, тухми анқо шуда монд.

Мӯсо Шодиев баъди нақшаи корашро тартиб додан «барои имрӯз ҳамин кифоя» гуфта аз ҷояш хестанӣ буд, ки:

— Ҳамаро хабар карда омадам, аллакай як қисмашон дар майдон ҷамъ шуданд, -вориди хуҷра гашта хабар дод бригадир Оқилов.

— Ин қадар тез?

— Аспакӣ рафта будам.

— Раҳмат. Набошад шумо рафта одамҳоро ташкил карда истед, ҳозир ман расида меоям. Ҳа, дарвоқеъ, дар мо ҷуфти гов нест. Ваъда карда будем, ки ягон тракторро мебарорем. Киро гуфтед?

— ...

— Набошад Назирҷонро таъин кунед. Ҷавони ҳушёр барин. Шояд дасташ ҳам сабз бошаду ҳосил фаровон шавад.

## Ҷуфтбаророн

Чоштгоҳӣ. Майдон серодам. Дар як тараф деги оши палав биқ-биқ меҷӯшад. Маълум, ки биринҷ андохта, бакавул интизори дам партофтан аст. Дуртар аз деги он ду сабади аз навдаҳои сиёҳбед бофта шуда ва як тағораи сирдор меистод. Рӯи онҳо бо дастурхони аз қиндӣ дӯхта шуда пӯшида шудааст. Сабаду тағора нони танӯр, чалпак дорад. Онсӯтари сабад се лингаи кам-кам бордор мехобад. Дар дуяш мавизҳои чиллагӣ, сиёҳ, қанд, сеюмаш бошад гандум дорад.

Гирди дегро бачаҳои бисёр иҳота кардаанд. Бачагӣ-дия. Онҳо гарчанде дар хонаашон ҳафтае як-ду маротиба ош хуранд ҳам, аз дег чашм намеканданд.

— Рафта гӯштингириро тамошо кунетон. Ош, ки пухт, ба ҳамаатон медиҳам, —шунавида шуд овози бакавул Бозорбой.

Бозорбой марди миёнақади каландрӯй, чорпаҳлӯ, мӯйлаб дораду риш не. Чашмони калон-калонаш ба худаш мезебад. Ӯ аз рӯзе, ки худашро мешиносад, ош мепазад. Бинобар он хурду калони деҳа номи ӯро аз номи падару модарашон ҳам нағзтар медонанд. Бозорбой дар вақти ошпазии тӯйҳои деҳа ягон хел хилъат намепӯшад. Танҳо дастархонеро, шояд барои равған нашудани сару либосаш бошад, пешдоман карда мебандаду халос. Ба сараш бошад, аз гирди тоқии чоргул ҳамеша рӯмолеро саллача мекунад. Маззаи хӯроки ӯро кас чашад, як умр фаромӯш намекунад. Як коса мехӯрдагӣ бошад, ду коса мехӯрад. Бозорбой

танҳо ош не, балки дигар хӯрокҳоро ҳам аз ҳар ошпази хондагии «ман-ман» мегуфтагӣ даҳ баробар хубтар мепазад. Ба болои ин Бозорбой харрот, аммо дар деҳаашон аз харротӣ дида, касби ошпазӣ сердаромад. Зеро когарон «совхоз худаш хона сохта медиҳад» гуфта ду-се сол аст, ки ягон иморати нав намесозанд. Вале тӯй қариб, ки ҳар моҳ чор –панҷ то.

— Пули устогӣ парахаи чӯб барин бебарака, -нақл карда буд боре Бозорбой, -чунки пирамо ҳамин хел дуо кардагӣ. Баъд ӯ ҳикоятеро нақл кард. Аз рӯи гуфти Бозорбой гӯё рӯзе як усто чанд иморати як касро буд карда, ба ивазаш як линга пул гирифта, бардошта рафта истода, дар роҳ ба мӯйсафеди нуроние во мехӯрад.

— Ҳа, бачам, чи бардоштед, -мепурсад мӯйсафед. Усто, ки хаста шуда будааст, дағалона:

— Параха, — гуфта ҷавоб медиҳад.

— Илоҳи параха шавад, -даст бардошта дуо мекунад он пир. Бинобар он лингаи пул ба аррамайда табдил меёбад. Аз ҳамон рӯз пули устогӣ барака надорад.

— Монда нашавед. Бозорбой, -гуфт Мӯсо Шодиев баъди наздик шудан. — Ош тайёр?

— Тайёр, раисҷон, тайёр. То шумо маҷлисатонро мегузаронед, ки ман даҳ оши дигар мепазам.

Директор ба издиҳом, ки ба шакли лаганд гирд гирифта «хай бардор», «пушти по бекор, бардошта зан» мегуфт, ҳамроҳ шуд. Чанд нафар директорро дида роҳ кушоданд. Ӯ аз байни онҳо гузашт. Султону Орифи тракторчиро дида «канӣ, ҳаракат кунетон охир, тамошо кунем» гуфт. Султон директорро дида, табассум намуд ва рӯймоли миёни Орифро сар дод.

— Э, гир-дия, як дам шӯхӣ, афтию занӣ, замин мебардорад, -аз ҳар тараф овозҳо шунавида шуданд.

— Барои чӣ сар додӣ? Мо акнун омадему ту бошӣ бас кардӣ, -норозигӣ изҳор кард директор.

— Ҷуфтбаророн иди деҳқон аст, -Мӯсо Шодиев суханашро ҳамин тавр сар кард, -дар ин рӯз ҳама шодию хурсандӣ мекунад. Бо нияти нек ба замин дон мепошад. Мо ҳам бо ҳамин ният имрӯз ба ин ҷо ҷамъ омадем. Замин ба гови ширдеҳ монанд аст. Вай кор кардан,

нигоҳубини махсусро мехоҳад. Барои ҳамин лозим аст, ки аз пагоҳ тамоми механизм шабро-шаб, рӯзро-рӯз нагуфта кор кунад. Заминро бори дигар сихмола кардан лозим. Ҳоло бошад, хурсандиро давом диҳетон. Ту, Назирҷон, ба тракторат шин. Шумо, Маҳкам-бобо гандумро гиред, -супориш дод директор. Трактор аввал ба монанди одами сулфа «па-т-пат-пат», сонӣ «тррр...» кунон замину замонро ба ларза даровард.

Маҳкам-бобо ба домани яктаҳи рах-рахаш се-чор килограмм гандумро гирифта «хайр, канӣ, як фотеҳа диҳетон» гуфт. «Омин, баҳори беғурбат шавад, давлатамон тинҷ, халқамон осуда, як донаи мо ҳазор дона шавад, облоҳу акбар». Ҳама даст ба рӯй бурданд. Баъд Маҳкам- бобо бо дасти чап ду бари доманашро дошта, бо дасти рост каф- каф гандум гирифта, зери лаб дуо хонда-дуо хонда, дони умед пошид. Донаҳои гандум аз байни ангушт, рӯи каф ба кулӯххо зада, пош мехӯрданд.

— Рафиқ Одилов, гӯед одамҳо шинанд. Нону чалпак, қанду мавиз партоед. Ошро кашида биё, Бозорбой, -фармон дод роҳбар. Он рӯзи аввалину ҳақиқии баҳори Чашма буд.

Бале баҳори Чашма. Офтоб чанд рӯз сахт тасфид. Сабзаҳои лаби ҷуй каб-кабуд шуданд. Роҳҳои мошину тракторгард пурчанг гардид. Замин бошад, хокрез, боби кишти пахта буд. Аз ин ваҷҳ тракторҳо беист кишт мегузаронданд.

Ҳа, дарвоқеъ, дар совхоз ду шӯъба ва панҷ бригада ташкил намуданд. Ин дар соли аввал аз нӯги хамир фатир буд. Мувофиқи нақша дар ҷои заминҳои ҳозира ҳабдаҳ хоҷагӣ ташкил карда мешавад. Мегӯянд, ки аз ин дувоздаҳтоаш хоҷагии пахтакорӣ мешудааст. Ногуфта намонад: дуртар аз Чашма дар масофаи ҳафт-ҳашт километр як-ду хоначаҳои поездро кашола карда оварда монданд. Дар он ҷо бинокорон ба гузоштани таҳкурсии бино машғуланд. Ба наздикӣ гурӯҳи бинокорони омӯзишгоҳ ба он ҷо ба таҷрибаомӯзӣ мераванд. Он ҷо маркази совхози дуюм мешудааст. Дар бораи дар куҷо сохта шудани маркази совхозҳои боқимонда касе

маълумот надорад. Ҳаминаш аниқ, ки маркази ноҳия деҳаи Чашма тасдиқ гардидааст. Шояд он вақт номаш дигар шавад. Не-я, чаро дигар мешудааст. Магар Чашма номи бад аст? Аз мақсад хеле дур рафтем. Сухан дар бораи шӯъбаҳои хоҷагӣ мерафт. Назирҷон дар шӯъбаи дуюм бригад-механик таъин шуд. Дар ихтиёри вай ҳамагӣ ду бригад. Ба ҳар шӯъба наздик чорсад гектарӣ замин доданд. Бригадаи якум шаш нафар, дуюм чор нафар аъзо дорад.

— Гап ҳамин, -гуфт боре Мӯсо Шодиев дар ҷамъомади умумӣ, — хӯҷаини ҳақиқии замин шумоед. Агар ба вай дилсӯзона, монанди замини худ, кор накунед, ҳосили дилхоҳ ба даст овардан мушкил. Ҳар яки шумо аз рӯзҳои аввал бояд барои шарафи худ, деҳа, хоҷагӣ монда нашуда меҳнат кунед.

## Офат

Рӯзҳои офтобӣ ҳамаро хурсанд карда буд. Баъзеҳо «боди баҳор, барорад ғубор» гӯён аллакай тани курта шуда буданд. Сабзаҳои сари марза кӯрпа, майсаи заминҳои ҷуфт надида чорвосеркунак гардидааст. Дар ҳамаи қитъаҳо дар тӯли як ҳафта пунбадона неш зада, болҳои худро аз зери хок берун кардааст.

Фалокат аз зери по мебаромадааст. Бегоҳии рӯзи сешанбе аз тарафи қибла шамоли сахт хест. Вай чангу хокро ба осмон бардошта, девбода кунонида, ба сару рӯи одамон, оинаи трактору мошин бурда мезад. Фурсате нагузашта осмон сип-сиёҳ, рӯзи бе ҳамин ҳам бегоҳ шуда ториктар гашт. Абри сиёҳ ҳамроҳи шамол мисли мори бад ба чор тараф давида, гӯё ҷои ба худ мувофиқ мекофт, то захрашро резад. Баногоҳ гулдурроси сахти раъду барқ замину осмонро ба ларза даровард. Аз паси вай борони калон-калон борид. Сел чунон бадвоҳима буд, ки дар як дам ҳама ҷойро об зер кард. Мӯсо Шодиев ин аҳволро дида, бетоқат шуд. Ӯ дар ҳуҷрааш нишаста наметавонист. Ҳар замон назди тиреза, айвончаи таги дар баромада, ба осмон нигоҳ мекард. Ҳамин вақт

телефон ҷарангос зад. Директор тез-тез қадам монда, гӯшакро бардошт.

— Рафиқ Шодиев!

— Лаббай, салом муаллим, -овозро шинохта ҷавоб дод директор.

— Корҳо чӣ тавр? Ҳаво чӣ хел, ҳаво? Жола наборидааст-ку?

— Не, муаллим, жола не-ку, лекин борон сахт. Сел мебарад, сел. Ҳама ҷоро об зер кард. Пахта ба хаёлам, расво шуд.

Аз гӯшак танҳо чуқур-чуқур нафаскашии муншии аввали ҳизби ноҳия Ҳасанов шунавида мешуд.

— Шумо чӣ чора андешиданӣ?

— Борон монад, бо фаъолон маслиҳат карда хабаратро медиҳем.

— Хайр, саломат бошед.

— Раҳмат муаллим. — Шодиев гӯшакро ба ҷояш гузошта боз назди тиреза омад. Аллакай ҳамроҳи сел жолаи олумонанд меборид. Директор беист папирос мекашид. Нағоразании шифери болои бомро гӯш карда, худ ба худ «ҳамааш нобуд шуд. Аз нав коридан даркор, аз нав. Кошкӣ одами зиёдатӣ дошта бошем. Меҳнат барбод рафт» мегуфт. Офат кори худро кард. Оби дайду баъзе ҷойҳоро шуста рафт.

Сипас абрҳо пароканда гашта, дар осмон ситораҳо пайдо шуданд. Директор ҳоло ҳам дар хуҷрааш. Ӯ ба курсӣ нишаста, бо ду дасташ чакаашро дошта, хаёл мекунад. Саҳл мондааст, гиря кунад. Аъзои баданаш месӯзад. Ӯ як фикрро такрор мекунад: «Умед нест, пахта нобуд шуд. Танҳо як роҳ аст. Ду-се рӯз гузашта замин, ки тандор шуд, аз нав кишт гузарондан даркор».

Пагоҳии рӯзи дигар Мӯсо Шодиев супориш дод, ки сардорони шӯъба, бригадирон, механизаторонро ҷамъ кунанд. Дере нагузашта котиби ташкилоти ҳизб Оқилов шитобон ба хучраи директор даромад:

— Рафиқ Шодиев, ҳама ҷамъ шуданд. Танҳо Назирҷон нест.

— Чӣ хел нест? Ё наёфтед!

— Дар ҷои хобаш набудааст. Дигар гап ҳамин, ки рафиқ Шодиев, Назирҷонатон ба бригадирӣ намешудагӣ барин.

— Ин чӣ гуфтагиатон? Вай ба ман кӣ мешавад? Писарам додарам, ё..? Магар ҳамаи коргарҳо ба ману шумо баробар нестанд? — Якбора шӯрид директор. — Сонӣ, аз куҷо медонед, ки вай бригадириро метавонад ё не? Ҳоло корро нав сар кард.

— Бепарво барин. Ба кори ҷамъият дилаш намесӯзад. Агар ҳамин тавр намебуд, дилаш ба кишт месӯхт, мисли ману шумо хуни дил хӯрда, шаб хоб намекард. Вай бошад…

— Мебахшед, рафиқ Оқилов, о, кадом рӯз худатон хеле таъриф карда будед-ку?

— Надониста, насанҷида таъриф кардам. Акнун фаҳмам, хислатҳои хунук доштааст.

— Хислатҳои хунук?! Пеш аз тӯҳмат, аввал исбот кардан даркор.

— Худам ба гӯши худам шунавидам, одамҳо гуфтанд.

— Чӣ гуфтанд, кӣ гуфт?

— Занакабоз будааст.

— О, дар ин дашт худи занак несту...

— Ба деҳа рафта будааст. Ба хонаи Мирзобойамаки раҳматӣ. Ба духтари он кас, ҳоло номаш чӣ буд?

— Ситора!

— Ҳа, Ситора, алоқа доштааст.

— Рафиқ Оқилов, илтимос мекунам, минбаъд аз майнаатон ин хел фикрҳои вайронро гирифта партоед. Шумо фикр карда баъд гап заданро ёд гиред. Фаромӯш накунед, ки шумо сарвари ёздаҳ нафар коммунистонед. Дигарҳо гӯянд ҳам, мову шумо дар ҳаққи ҷавонҳо ин тавр гапу калочаро паҳн накунем. Ба хонаи Мирзобойамак рафта бошад чӣ? Ин магар маънои занакбозиро дорад? Онҳо ҷавонанд. Чанд вақт якҷоя кор карданд.

— Мебахшетон, ба сӯҳбататон халал расондам. Маро кофта будетон, -гуфта даромада омадани Назирҷон имконият надод директор давоми гапашро гӯяд.

— Ҳа, камтар маслиҳат буд. Одамҳо ҷамъ шудагӣ, ту ҳам рафта ист, мо ҳозир.

Мӯсо Шодиев баъди «хуб» гуфта баромада рафтани Назирҷон ба рангу рӯи Оқилов нигарист. Помидори нимсурху нимсафедро мемонд вай.

— Худаш омада монд. Биёед, акнун аз паи кор шавем, - директор аз ҷояш хеста, калиди рӯи мизро каф карда гирифт ва бо яктояш дари ғалладонашро маҳкам намуда, ба кисааш андохт.

— Ман ба таври худ чӣ кор кардам, - роҳравон фикр мекард Оқилов. — Гапи хом зада пухта шунавидам.

Дафъаи аввал тири Оқилов ба нишон нарасид. Ӯ мехост қасосашро гирад. Барои чӣ писари ӯ истода, ҳамин тавр як духтари парӣ баринро як ҷавони мусофир мегирифтааст. Охир, писари ӯ аз кӣ кам?

Албатта. Олимҷон (писари Оқилов) ҷавони бад набуд. Гапдаро, ҳалим, синну солаш аз Назирҷон се-чор сол ҷавонтар. Як сол пеш аз аскарӣ хизматро тамом карда омад. Ҳоло дар курси ронандагӣ мехонад. Вай кадом вақт подабондухтари як вақтина-Ситораро дида монд. Ситора аз омӯзишгоҳ ба хонааш мерафт. Диду ба ҳусни расояш дил баст. Ҳо, мегӯянд-ку, муҷаррадҳо дар як рӯз ба сад духтар ошиқ мешаванд. Ҷавонӣ-дия, дилаш ба тапидан даромад.

Як бегоҳ Олимҷону модараш танҳо монданд. Гап аз гап баромаду писар ба модар «духтари Мирзобойамак дар куҷо кор мекунад?» гуфта пурсид.

— Номаш гум шавад, ин хел духтара. Пардаи рӯяшро дарронда, тракторчӣ шудагӣ, -ҷавоб дод Адолат –апа, — вале даррав аз гапаш пушаймон гардид. Аз дил гузаронд, ки писараш бечиз напурсида истодааст. Бинобар он «ҳа, писарам, боз якбора Ситораро пурсидӣ», гуфт.

— Не, ҳамин тавр, кадом рӯз дида мондам, - андаке сурх шуда ҷавоб дод Олимҷон. Модар ҳамаашро фаҳмид. Шавҳарашро аз нияти писараш огоҳ кард. Вале имрӯз тири Оқилов ба нишон нарасид…

— Вазъият ба ҳамаатон маълум. Дили ҳеҷ кас намехостагӣ кор шуд. Аммо ба Ватан пахта даркор. Имсол, ба фикрам, барои ҳар яки мо имтиҳони ҷиддӣ мегардад. Табиат ҳам аз соли аввал бо мо даст ба гиребон шуда, фаҳмиданӣ, ки оё ба мушкилӣ тоб оварда метавонем ё не? Ҳосил бист-бисту панҷ рӯз дер мешавад. Ин маълум. Вале имрӯз чӣ кор кунем, ки ҳосил шавад. Барои ин маслиҳати шумоён даркор.

— Фикри шумо дуруст, Шодиев, -сухан гирифт Самеъ- амак. — Сол соли намешудагӣ омад. Кишти коридагӣ нобуд шуд. Ҳеҷ гап не, ҳоло вақт ҳаст. Агар ба фикри ман, ба замин пеш аз кишт пору андохта, бақувват кунем, ниҳолҳо тез ба сабзиш медароянд.

— Самеъбой, ману шумо одамони дар деҳқонӣ мӯи сарамонро сафед кардагӣ. Бояд фаҳмем, ки пору кадом вақт фоида оварданаш мумкин. Агар тирамоҳ рехта, шудгор мекардем, мазааш ба мағз-мағзи хок мерафт. Ҳозир, ба фикрам, киштро гузаронда, чигитро сабзондан даркор. Баъд коркард гузаронда, шарбат диҳем, мешавад, — эрод гирифт Додоҷон-амак.

Боз чанд нафари дигар ба сухан баромаданд. Як гурӯҳ фикри Самеъ-амак, гурӯҳи дигар фикри Додоҷон-амакро маъқул медонистанд. Баҳсу мунозира, андешаронииҳои онҳо гурӯҳи табибонро мемонд, ки аввал сабабҳои пайдоиши дарди беморро муайян карда, сипас ҷарроҳӣ менамоянд.

— Пирони мо дар ҳақиқат таклифҳои хуб карданд. Ҳамаи вай ба фоидаи кор албатта. Лекин барои ҳамин шабу рӯз таклифи Додоҷон-амак бештар манфиатбахш барин. Нашъунамои ниҳолҳоро метезонад, ҳосилашро зиёд мекунад. Аз ин ҷиҳат баъди сабзондани пунбадона шарбат диҳем беҳтар, — баромадҳоро ҷамъбаст намуд Мӯсо Шодиев.

## Нахустҳосил

То тандор шудани замин ба совхоз ду маротиба аз ноҳия комиссия омад. Як маротиба Мӯсо Шодиевро ба кумитаи ҳизб даъват карда, фикрашро гирифтанд.

— Илтимос, -гуфт дар сӯҳбат котиби аввали кумитаи ҳизби ноҳия Ҳасанов, — фикратонро кушоду равшан гӯед. Ба мо шароити шумо маълум. Фикри комиссияро гирифтем. Онҳо имсол пахта рӯёнидан мумкин не, мегӯянд. Ба ин шумо чӣ мегӯед. Агар дар ҳақиқат ҳамин тавр бошад кумитаи ҳизб дар назди ташкилотҳои болоӣ масъала мегузорад, то плани совхозатонро бардоранд.

— Фикри шумо дуруст, муаллим, вале ман мехостам корамон аз соли аввал бобарор бошад. Дирӯз бо коргарони совхоз маслиҳат кардем. Онҳо қатъӣ ваъда доданд, ки дар кадом шароит набошад, ҳосил мерӯёнанд.

— Рост?!

— Рост муаллим. Аз ин ҷиҳат боварӣ дорам, ки агар дар оянда дигар офат нашаваду ҳаво гарм ояд, пахта мешавад.

— Хулоса, шумо, Мӯсо Шодиев, ба фикратон устувор. Ин тавр бошад, муваффақият.

Мӯсо Шодиев аз ҳуҷраи котиб баромада, сари қадам ба чанд идораҳои дигар даромада, корашро буд кард ва қарибиҳои нисфирӯзӣ ба совхоз баргашт. Табъи директор як қадар хуш буд. Аввал ин ки котиб ба ӯ бовар намуд. Сонӣ, дар кадом ташкилот даромада бошад, ҳама гӯё ӯро ягон дӯсти наздикаш гузашта бошад, дилбардорӣ намуда, ваъда медоданд, ки ёриашонро дареғ намедоранд.

— Хайрият одамизод танҳо офарида нашудааст, -мегуфт худ ба худ Мӯсо Шодиев, -вагарна дар чунин лаҳзаҳои ба сараш мусибат омада чӣ кор мекард? Заҳри одамро одам мебардорад, гуфтанҳо рост будааст. Раҳмат, рафиқ Ҳасанов. Не, дурустараш раҳмат ба ҳизб, ки кадрҳоро санҷидаю ба паллаи тарозу бар кашида, сипас ба чунин вазифа пешбарӣ мекунад. Сӯҳбатро бин. Худи ако уко барин. Дарди касро мефаҳмад.

Мӯсо Шодиев ба хуҷрааш даромада плаши зарди рангаш андаке паридаашро кашида, ба либосовезак кашол кард. Кулоҳашро роҳравон болои курсии назди девор гузошта ҳаво дода, ба ҷояш гузашта нишаст. Нишасту гӯшаки телефонро гирифта, чанд рақам чинд:

— Алло, Оқилов, ба назди ман дароед.

— Нағз рафта омадед? -пурсид котиб. — Корҳо бо муваффақият ҳал шуд?

— Розӣ шуданд. Дигар корҳоро ҳам буд кардам. Акнун ин тарафаш ба ману шумо вобаста. Ба кор часпидан даркор. Лозим шавад, шабу рӯз. Ба ҷавонҳо бовар кардан лозим. Ба пои онҳо теша назанем. Тарбия кардан даркор.

— Як шуд-дия, Мӯсо Шодиев. Ман ҳам надонам, одамҳо гуфтанд. Набошад Назирҷон коргари хуб. Фотеҳи аввалин…

— Дар ҳама ҷо ҳамин хел таъриф кардан даркор. Умуман, ягон нафар аъзои совхоз дар ягон ҷо наҳ зада нашавад. Майлаш, дар идора чеғ зада ҷанг кунед, огоҳӣ диҳед. Лекин дар байни мардум эҳтиёт намоед. Дар як оила даҳ нафар фарзанд бошад, гандаашро намепартоед-ку? Ё гапам нодуруст?

— Сад фоиз дуруст.

— Мақсади шуморо чеғ задани ман ҳамин. Аз пагоҳ кишти дубораро сар кардан даркор. Дар панҷ-шаш рӯз тамом карда, чигитро сабзонда барорем, дастамон боло.

— Ҳаво гарм шуд. Хок тафсид. Агар бо нами замин чигит неш назанад, он вақт сарсон мешавем. Об, ки мондед, алаф бисёр мешавад. — Чӣ гуфтед, -пурсид директор.

— Ман розӣ. Танҳо як чиз гуфтанӣ. Агар маъқул шавад.

— Марҳамат.

— Дар мо трактор бисёр. Чандтоаш бекор хоб рафтааст. Агар розӣ бошед бо омӯзишгоҳ маслиҳат карда, чанд нафар хонандаҳоро мегирифтем. Охир, онҳо оянда қадри худамон.

— Ин фикратон, рафиқ Оқилов, дар ҳақиқат оқилона. Ба фикрам роҳбараш ҳам хурсанд мешавад. Чӣ гуфтед?

— Дуруст, рафиқ Шодиев.

Директор гӯшаки телефонро бардошта рақамҳоро чинда чанд сония хомӯш истода «гуд-гуд-гуд»-и онро

шунавида, «касе набудагӣ барин» гуфт. Хост гӯшакро ба ҷояш гузорад, баногоҳ овози «лаббай»-ро шунавид.

— Алло, рафиқ Шоҳисломов?

— Ҳа, ман.

— Ассалому алейкум.

— Ваалайкум ассалом.

— Шумо дуруст? Корҳо чӣ тавр, нағз?

— Раҳмат, нағз.

— Шинохтед? -пурсид Мӯсо Шодиев.

— Овозатон шинос. Лекин, росташро гӯям…

— Ман Шодиев.

— Э, ҳа, раис шумо-мӣ? Мебахшед-дия, овозатон паст омада истодааст. Барои ҳамин…

— Хайр, ҳеҷ гап не, дар як рӯз сад кас телефон кунад, ҳамаашро шинохтан шарт нест.

— Хизмат раис.

— Ин ҷо мо бо рафиқ Оқилов маслиҳат кардем. Ба фикрам шумо дастгирӣ мекунед.

— Албатта-дия, ба манфиати кор бошад, кӣ розӣ намешавад.

— Худатон аз офат бохабар-а?

— Бохабар раис, бохабар. Шунавида, рости гап, аъзои баданам сӯхт. Ба меҳнати мардум, даву ғеҷи шумоён. Як-ду бор занг задам, ҷавоб надодед.

— Раҳмат, муаллимҷон, раҳмат барои дилбардорӣ. Кор ҳамин тавр шуда монд. Заминҳоро сел шуст. Лекин коргарон пахта мерӯёнем мегӯянд. Шумо чӣ мегӯед?

— Фикри нағз, нияти нек-дия. Лекин қувваи бисёр даркор.

— Гап дар сари ҳамин меравад, муаллим. Мо фикр карда бинем, ҳамин хел қувва дар омӯзишгоҳи шумо ҳаст.

— Марҳамат, марҳамат. Гурӯҳи механизаторӣ даркор будагист. Дода метавонем. Бе ҳамин ҳам аз ҳафтаи дигар таҷрибаомӯзии онҳо сар мешавад. Бо ҳамин то имтиҳони давлатӣ ба ихтиёри шумо. Шароит муҳайё карда диҳед, шуд.

— Ҳеҷ гап не, он тарафаш ба зиммаи мо.

— Ин масъала ҳам ҳал шуд, -гуфт директор. — Акнун ба онҳо ҷой тайёр кардан лозим. Пагоҳ сешанбе, рӯзи чоршанбе меоянд. — Ба фикри шумо дар куҷо ҷой кунем, хуб мешавад? -пурсид Оқилов. — Ҷой бисёр-ку?! Бинед, маслиҳат кунетон…

Кишти пахта дар шаш рӯз ба анҷом расид. Дар панҷ бригада якҷоя бо таҷрибаомӯзон бист трактор шабу рӯз кишт гузаронд. Аз ҳама пеш киштро бригадаи Назирҷон ба охир расонд. Ин, албатта, сабаб дошт. Ба панҷ бригада таҷрибаомӯзонро тақсим намуданд. Вале масъалаи ба кадом бригада фиристодани Ситора ҳал нашуд. Дурусттараш Оқилов, ки мутасаддии ҳамин кор буд, намехост Ситора ба бригадаи Назирҷон афтад. ҳатто ӯ як маротиба:

— Рафиқ Шодиев, агар розӣ бошед, Ситорaро ба шумо котиба таъин кунем. Охир, дар идора ҳам кор бисёр. То кай бе котиба мегардед? — гуфт.

— Хоҳиши худи Ситора ё дилатон ба вай сӯхта истодааст? -пурсид директор. — Баъд рафиқ Оқилов, оқибати ин масъаларо ҳам фикр кардан лозим. Духтарак бо умед «механизатор мешавам» гуфта хонаду мо ӯро оварда котиба таъин кунем. Дар масъалаи ман бошад, ғам нахӯред. Ҳамин қадар вақт бе котиба гузашт. Вақташ ояд, ҳамааш мешавад. Ҳозир Ситора аз ин ҷо дида, дар саҳро заруртар. Баъд Ситора соли гузашта ба таҷрибаомӯзӣ омада, дар назди Назирҷон кор карда буд. Аз ин ҷиҳат ба баригадаи ӯ фиристонед. Аъзояш як нафар зиёд шавад, ҳеҷ гап не. Киштро пештар тамом кунанд, бекор намеистанд-ку. Ба ҳамсояаш ёрдам мерасонад.

Ҳамин тавр Ситора ба бригадаи Назирҷон рафт. Онҳо бо як нигоҳ ҳамдигарро фаҳмида дар як вақт хешро аз чашми ҳамкорон эҳтиёт менамуданд. Шарт нест, ки муҳаббати ду нафар овозаю дарвоза гардад. Аммо офтобро бо доман пӯшида намешудааст. Ба ин худи Ситора сабаб шуд.

Бегоҳии рӯзи ҳафтуми кор дар биное, ки таҷрибаомӯзон хобу хез мекарданд, ҷамъомад шуд. Дурусттараш мусобиқаро ҷамъбаст намуданд. Котиб Оқилов хуб кор

кардагонро таъриф намуда, дар қатори беҳтаринҳо номи Назирҷон, чанд нафари дигар, охирон Ситораро ҳам гирифт. Ба бригад Назирҷон байрақчаро, лифофаро, ки саду панҷоҳ сӯм пул дошт, супориданд.

Он рӯз Ситораро бо як рӯймол мукофотониданд. То Ситораи аз шарму ҳаё гул-гулшукуфта баромада инъомашро гирифтан ахли зол чапак мезад. Баъзе чашмгуруснаҳо бошанд, ба пои ғафс, қадду қомати оғӯшпуркунандаи ӯ бо ҳавас менигаристанд. Рӯи кулчаю мӯи гирди сараш сабадча карда бастааш ӯро боз ҳам зеботар ва ҳар бинандаро бесаранҷом мекард. Корҷомааш бадани ӯро тарангу дилкаштар намуда буд. Ситора мукофотро гирифта ба ҷои худ нишастанӣ буд, ки Мӯсо Шодиев ӯро дошта «як-ду сухан гӯй» гуфт.

— Не, шарм мекунам, — нози махсуси духтарона намуд Ситора.

— Аз кӣ шарм мекунӣ? Ҳама додару бародарони худат.

Ситора нахост сухани директорро дубора ба замин монад.

— Рости гап кори мо ҳоло кирои мукофот набуд. Раҳмат ба роҳбарон, ки меҳнати ҷавононро қадр карданд. Ин мукофоти аввалинест, ки ман аз меҳнатам мегирам. Дар он ҳиссаи устодам Назирҷон-ако калон аст. Он кас дасти маро рост карданд. Ҳаракат менамоем минбаъд хубтар меҳнат кунем.

Гулдурроси чапак баланд шуд.

— Офарин, — таҳсин хонд директор.

— Дар сухангӯӣ бало будааст-ку, — гуфт касе.

— Ҳозир замони ҳамин хелаҳо шуд, — пичиррос зад дигаре, — Мардҳо суханашонро гум мекунанду занҳо шарм ҳам намекунанд.

— Назирҷон –ако, -гуфт Ситора баъди он ки ҷамъомад поён ёфт ва ҳама пароканда шуданд, -акнун ба ман ҳам ҷавоб будагист. Чанд рӯз боз ба хона ҳам нарафтем. Аз модарам барои кишт шуда панҷрӯза ҷавоб гирифта будам. Ҳафт рӯз шуд. Боз он кас хавотир нашаванд.

— Ҳалоли ҷони мо бод будааст-дия, -ба гап даромад Назирҷон ба чашмони мисли оташ дурахшони Ситора бо уммед нигариста, -дар ду-се ҳафта як маротиба ба назди модарам меравам.

— Дар ҳақиқат ба шумо мушкил, -тасдиқ кард Ситора. — Лекин байни ману шумо фарқ ҳаст.

— Нафаҳмидам.

— Шумо мардбача, шумоя гург намехӯрад.

— Шумоя чӣ, Ситорахон? — Назирҷон худро гум кардагӣ барин якбора аз банди дасти Ситора дошт. Дошту боз тез сар дод. Ситора худро ба нодонӣ зада табассум намуд.

— То ман ҳастам, шуморо ҳам гург намехӯрад. Аз ман бошад, наҳаросед даркор.

— Аз шумо?! Наметарсам, баракс бо шумо бошам дилам пур.

— Раҳмат.

— Истед, ки Ситора, дилатон аз ман ин қадар пур бошад, чаро ягон бор ба хонаатон даъват намекунед? Ё модаратон?

— Не, модарам нағз. Шумо фиребгар, барои ҳамин даъват намекунам.

— Ман! Боовариам намеояд.

— Исбот кунам-чӣ?

— Марҳамат.

— Вақти ба охиррасии таҷрибаомӯзӣ чӣ ваъда дода будед? Албатта меравам, нагуфта будед?

— Мебахшед, Ситорахон. Рафтанӣ будам, андеша кардам. Баъд бовариам буд, ки баъди хатми омӯзишгоҳ шумо албатта ба ҳамин совхоз меоед.

— Рафту ба ин ҷо намефиристоданд?

— Кофта меёфтам.

— Монед гапҳои дурӯға. Шуморо надонистаю насанҷида ба модарам таъриф карда будам.

Назирҷон ба Ситора наздик шуд:

— Росташро гӯед, чиҳо гуфта таъриф кардед?

— Ҳм-м, таъриф мефорад-а, рафту ганда карда бошам?

— Бовариам намеояд. Ба ҳусни зебо суханҳои ширин мезебад.

— Тракторро ёд доданд. Як трактори алоҳида доданд, -гуфтам.

— Ҳамааш ҳамин?

— Боз чӣ гӯям буд?

— Модаратон чӣ гуфтанд?

— Он кас пурсиданд: чӣ хел ҷавон, аз куҷо будааст, кӣ доштааст.

— Ман надонам. Ба хаёлам танҳо модар дораду халос, -ҷавоб додам.

— Мусофир будааст. Дар дашти хушк омада зиндагӣ мекардааст. Нагуфтӣ ба хонаамон меҳмон шавад? Охир, ба мусофир об додан савоб аст. Ҳол он ки ӯ мусофири раҳгузар не, балки барои обод кардани деҳаамон омада будааст.

— Агар хоҳед, Назирҷон-ако, ба хона меравем. Ба модарам шинос мешавед.

— Аз ростӣ?!

— Рост.

— Ман ҳозир. Назирҷон дар ҳавои кушоди назди майдончаи хобгоҳашон Ситораро чанд дақиқа танҳо гузошта мисли бод тез сӯи хонаи хобаш рафт. Ӯ аз ҷебакаш калидро баровaрда дарро кушод. Вориди ҳуҷрааш гардида аз тӯрхалтааш як ҷуфт калӯши чаҳорумро гирифта ба рӯзномаи фарсудае печонд ва боз ҳамон тавре, ки дарро тез-тез кушода буд, зуд маҳкам карда, роҳравон калидро ба ҷебакаш андохт.

— Мебахшед-дия, шуморо танҳо гузоштам, -наздик шуда узр пурсид ӯ.

— Ман ҳамеша танҳо.

— Минбаъд танҳо нахоҳед монд.

— Ҳоло ин суханҳоятон пеш аз тӯй нақора.

— Нияти нағз ними давлат.

Ситора якбора худро ҷиддӣ гирифт:

— Истед, ки Назирҷон-ако, шумо аниқ ба хонаи мо рафтанӣ? Рафту шӯхӣ карда бошам.

— Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан.

— Ин чӣ? — ба коғазпеч ишорат карда пурсид Ситора.

— Ин.. Ин калӯш. Дасти холӣ одоб не. Шумо ҳам, боварӣ дорам рӯймолро ба модаратон тӯҳфа мекунед. Ҳамин тавр не?

— Э, балочае, аз куҷо медонед?

Ситораю Назирҷон қариб як километр роҳро пиёда овораи сӯҳбат тай намуданд. Ҳаво ториктар, чӣ хеле ки мегӯянд, вақти говгум шуд. Дар осмони софи дашт якто-якто ситораҳо намудор гаштанд.

— Агар пиёда равем, қариб як соат мегузарад. Ба шумо дер мешавад. Беҳтараш аз ҳамин ҷо гардед, ягон рӯзи дигар барвақттар меравед.

— Аз ман хавотир нашавед. Тарсам, намебиёям соф.

— Дар куҷо шабро рӯз мекунед?

— Дар куҷо?! — Наход дар ҳавлии шумо ҷой набошад?

— Аҷоиб-ку. Дар хонаи мо ҷо будан қати дар ҳавлии бемардина хоб кардани шумо айб нест. Мардум чӣ мегӯянд?

— Ман шӯхӣ кардам, Ситора. Охир, ман ҳам ақл дорам, наход…

Дар ҳамин асно аз тарафи шӯъбаи якум мошине намудор шуд. Дере нагузашта чароғи вай оламро равшан намуда расида омад.

Назирҷон даст боло бардошта мошинро дошт ва ба ронанда наздик омада:

— То Чашма шинем майлаш? -пурсид.

— Марҳамат, -таклиф кард ронанда.

— Мо ду нафар.

— Гап дар дил, бародар, нишастан гиред. Ин ҷо шаҳр не, ки дар хар қадам коркунони ГАИ доранд.

Аввал Назирҷон, сипас Ситора нишастанд.

— Дарро маҳкам пӯшед, -аз рӯи одат таъкид кард ронанда, -Шумо, ба хаёлам, маро нашинохтед, -пурсид ронанда, баъди қариб панҷсад метр роҳро тай кардани мошин.

— Шуморо? Рости гап не.

— Ҳамин хел-дия, духтари деҳаамонро мешиноседу моро не, -шӯхӣ кард ронанда.

— Ин кас ҳамкор. Бевақт шуд, барои ҳамин…

— Мефаҳмам, Назирҷон-ако, мефаҳмам.

Назирҷон баробари шунавидани номаш як қад парид.Ӯ симои ронандаро, ки дар рӯшноии чароғи дохили кабина хира-хира метофт, ба касе монанд кард. Овозашро ҳам, вале аниқ намедонист писари кӣ?

— Албатта, шумо Назирҷон-ако, маро намешиносед, лекин Ситора мешиносад. Ҳамин тавр не, Ситора?

— Чаро нашиносам. Олимҷон-ако-дия. Ин кас писари Оқилов, -ба Назирҷон шиносонд Ситора.

— Гуфтама, овозатон, афту адоматон ба кӣ монанд, бисёр нағз. О, ҳамин қадар писари хуб доштаанду нагуфтанд, ки дӯст шавем.

— Дар бораи шумо, Назирҷон-ако, падарам ба ман нақл карданд. Ҷавони коргар, гапдаро, хоксор, баодоб ва боз ким-чиҳои дигар гуфта.

— Ин қадар ҳам набудагист-куя.

— Не, рост мегӯям.

Онҳо гарми сӯҳбат ба Чашма расидаанд. Мошин дар назди ҳавлии Ситора қарор гирифт. Аз кабина ду ҷавон берун омаданд. Ҷавони сеюм бошад, бо ҳавас, бале, бо дили софу бекина, беғаш дар кабина нишаста онҳоро тамошо мекард.

— Назирҷон-ако. — Олимҷон якпаҳлӯ хоб рафта, дари кабинаи тарафи онҳоро кушода, — ба ман дигар хизмат нест-мӣ?

— Не, раҳмат, -пешдастӣ кард Ситора.

— Хизмат!? Хизмат буду шумо маътал мешавед-дия.

— Ҳеҷ гап не, барои якдигар.

— Не, гуфт Ситора ба дасти Назирҷон оҳиста зада, ё ҳамин ҷо хоб мекунед ё ягон мошини дигар меёбем.

Вале Назирҷон мақсади Ситораро нафаҳмид.

— Марҳамат, ҳамроҳи мо, як модари ин касро мебинем, ҳолпурсӣ мекунем, мебароем.

— Майлаш, шумо дида биёед, ман дар мошин мешинам.

Дари чӯбини яктабақаи ҳавлӣ маҳкам буд. «Ин шаб ҳам наомад» гуфта умедашро канда, маҳкам кардааст» фаҳмонд Ситора. Дер шуд-дия. Ситора ду-се бор дарро кӯфт.

— Мана ҳозир, — аз даруни хона овози модар шунавида шуд.

Сабоҳат-апа чоки рӯи зонуяшро тез ҷамъ карда, ба рӯи палос монду айнакашро аз чашм гирифта, берун баромад:

— Кӣ!?

— Ман, натарсед модарҷон, ман.

— Ситора!? Вай ман мурам ба овози ширинат. Дар ин бевақтии шаб. — Сабоҳат-апа шириқ-шириқ карда қулф, сипас ҳалқаи дарро кушод. Модару духтар гӯё, ки ягон сол боз ҳамдигарро надида бошанд, худро ба оғӯши якдигар партофта, бӯсиданд.

— Худат танҳо омадӣ? — пурсид Сабоҳат-апа.

— Танҳо не, Назирҷон-ако ҳам ҳастанд. Дароед охир, номус накунед.

Назирҷон, ки то ҳол дар беруни дар меистод, далертар гашта, ба ҳавлӣ даромад.

— Ассалому алайкум модарҷон, шумо нағз, дуруст. Мебахшед-дия, дар ин бевақтӣ шуморо ташвиш додем.

— Биё, писарам, даромадан гир. Чиба ташвиш будааст? Охир, шумоён мебиёетону қоида ташвиш. Ман истода-истода «торик шуд, акнун наомад» гуфта, ҳозиракак дарро маҳкам кардам. Танҳоӣ бачам, ганда будааст. Ҳеҷ чиз надошта бошем ҳам, дили одам ваҳм мекунад.

Ситора ба модар нигоҳ накарда, худаш аз таҳмон кӯрпача гирифта партофт.

— Марҳамат, гузар писарам, -таклиф кард модар.

— Не-я, аввал шумо гузаред. Аз боло, аз боло гузаред. — Гарчанде Назирҷон ба ҷону ҳоли модар намонд, вале Сабоҳат-апа:

— Иззати меҳмон баланд, кори айбро накун. Хонаи худамон, -гуфта аз пойгаҳ нишаст. — Омин, илоҳо дунё тинҷ шавад, ба камоли пирӣ бирасед. Ба падару

модаратон саробон шаветон, оллоҳу акбар, - даст ба рӯ бурд модар.

Ситора дар як нафас дастархон, нону ду-се лагандча қанду мавизи сиёҳ оварда монд.

— Мешавад, мешавад, ташвиш накашед, вақт тангтар.

— Ҳа, писарам, ин қадар саросема, аловгирӣ омадӣ-чӣ?

— Бевақт нашавад, модарҷон, мошин нигоҳ карда истодааст, малол наояд.

— Мошин?! Бо мошин омадетон?

— Дар роҳ вохӯрда монд. Бечора ҷавони нағз будааст. Нигоҳ карда истодааст, ки…

— Кӣ будааст он савобҷӯ?

— Олимҷон-чӣ, ҳамон дия, – фаҳмонд Ситора.

— Олимҷон?! Э, писарам, ғалат кардӣ. Ба мошини вай дар ин бевақтӣ танҳо савор нашав.

— Чаро модарҷон?

— Ҳамин тавр. Онҳо бо хонаводаи мо соз не.

— Ман ҳам ҳарчанд ишора карда, фаҳмонданӣ шудам, ки мошинро ҷавоб диҳанд, Назирҷон-ако нафаҳмиданд, -чойро оварда, гапи модарро қувват дод Ситора.

— Ман, рости гап, ҳеҷ чиз нафаҳмида истодам. Шумо ба онҳо чӣ бадӣ кардед, кӣ?

— Бадӣ не, писарам, бадӣ не. Фақат… хайр, гир, нон хур. Ситора, ту дегро хабар гир, камакак пиёба андохта будам.

Модар вақте духтараш ба хабаргирии дег рафт, боз як маротиба сӯи даҳлез нигариста:

— Барои Ситора шуда, писарам. Ба вай падараш одам монд, модараш омад. Ман-ку розӣ будам. Ситора хуш накард. Духтари деҳа бошад ҳам, бало шудагӣ.

— Фаҳмидам, фаҳмидам модарҷон.

— Барои ҳамин дар дилаш ягон хусумат надошта бошад мегӯям. Набошад, бо як бор дидан кадом мошинчӣ «бароед, ман бурда мепартоям» гуфта, соати дароз поида меистад.

Назирҷон андаке фикр карда, гуфтаҳои Сабоҳат-апаро таҳлил месохт. Дар чанд сония бисёр ҳодисаҳои шунидаашро пеши назар овард. Дар ҳақиқат, аз паси духтар шуда, бисёр ҷавонон байни хеш арбада мекунанд, ҳамдигарро ба корд зада маъюбу маслуқ месозанд. Кӣ медонад дили Олимҷонро. Шояд дар таги коса нимкоса бошад? Аслан айби Ситора. Чаро пештар дар бораи хотсгории Оқилов чизе нагуфт, ӯро хабардор накард. «Шумо нашиносед ҳам, Ситорахон мешиносанд» гуфтани ӯ ҷон дoштааст-дия. Ҳозир бошад, дер шуд. Чӣ хел баромада мошинро ҷавоб медиҳам. Бо кадом баҳона. Вай рафта ба падараш гуфтанаш мумкин. Ба ҳар ҳол нағз не. Аз боварии одамон баромадан кори хуб нест. Назирҷон чои сардгаштаро нӯшида пиёларо рӯи дастархон гузошт:

— Набошад, ман меравам. Бевақт шавад, боз ҳамон қадар ҳавфнок.

— Пиёба гарм шудагист. Писарам, ним коса кашад, хӯрда меравӣ?

— Не, раҳмат, модарҷон.

— Ситора, о Ситора!

— Ҳа, модарҷон!

— Ин меҳмонат мехезам мегӯяд.

— Не-я, Назирҷон-ако, ҳозир, қариб шуд. Худатон медонед, то алоби таппӣ шунаҳ медиҳад, ки…

Назирҷон табассум намуд. Ду бари рӯи Ситора аз гармии оташдон себи сурх гашта буд.

— Раҳмат Ситора. Зиёфати имрӯза то пагоҳ басӣ мекунад.

Назирҷон ба Сабоҳат –апа нигариста:

— Совхоз ба ҳамаамон мукофот дод. Ин як ҷуфт калӯш ҳадяи ман, пӯшида дуо кунед.

— Модарат садқа, пешу пуштат пури фарзанд шавад, сарат дард накунад, дӯстон шоду душманон ғамгин шаванд, -даст бардошта дуо кард модар. — Якраҳагӣ накарда дар ҳамин ҷо хоб мекардӣ, мешуд, писарам.

— Майлаш, ба розигиашон нигоҳ кунед, модарҷон. — Ситора ду нони танӯринро «ҳамроҳи танҳо» гӯён ба Назирҷон дароз намуд.

— Мебахшед Олимҷон, хеле маҳтал кардам.

— Ҳеҷ гап не.

— Ин нон ба Шумо.

— Ин нонро Сабоҳат-апа ба шумо додагӣ. Вайро ба ҳар кӣ надиҳед, -гуфт Олимҷон.

Назирҷон дигар чизе нагуфт. Вай худро ҳушёр гирифта, ҳар як ҳаракати ҳампаҳлӯяшро бо диққат мушоҳида мекард, гуфтаҳои чанд дақиқа пештараи ӯро таҳлил менамуд:

— Ин нонро Сабоҳат-апа ба шумо додагӣ. Вайро ба ҳар кӣ надиҳед. Дар таги гапҳо гап будагӣ барин. Эҳтиёт кардан даркор. Душман, ки худро дӯст гирифт, макреро ба кор мебарад.

Назирҷон дар чунин андешаҳо буд, ки қасд кардагӣ барин мошин нохост истода монд.

— Ҳа, чӣ шуд, -гуфт Назирҷон якбора аз оринҷи Олимҷон дошта. Арақи хунук аъзои баданашро пахш кард.

— Ба шумо чӣ шуд, Назирҷон-ако, -хайрон шуда пурсид Олимҷон аз андешаҳои ботинии ҳамроҳаш бехабар. Аз чизе хавф бурдагӣ барин дасти маро доштед.

— Не, не, маро аллакай хоб бурдааст, -дурӯғ гуфт Назирҷон.

— Рӯзона ҳаво гарм буд, хаста шудед-дия. — Олимҷон ҷаста аз кабина фаромад. Сарпӯши болои моторро кушода сарашро ҳам карда, муддате ҷунбуҷӯл намуд, баъд бо дасташ ҷунбонда диду «нағз» гӯён аз нав сарпӯшро маҳкам карда, боз ба кабина даромад.

— Ҳа, Назирҷон-ако, зиқ нашудед-мӣ, -гуфта пурсиданаш ҳамроҳашро аз туғёни хаёлот берун овард.

— Ин ягон ҳилаю найранг кор фармуданӣ. Набошад мошинро дар ин торикӣ намедошт. Наход маро шармандагӣ интизор бошад. Наход пагоҳ (агар зинда монам) дар ҳабсхона шинам. Баъд гуфтаи одамон «дашт ҷои аз таги дор гурехтагон» рост мебарояд. Ҳоли модарам чӣ мешавад? Вай бо сад умед роҳ мепояд. Аслан айби худам. Ба таклифи кадомрӯзаи модарам розӣ нашудам. Ин-ку падар дорад, вай сарвари бригада. Ҳама рӯи вайро мегӯянд.

— Назирҷон-ако, -гуфт Олимҷон вақте мошин ба ҳаракат даромад, -як гапро пурсам, хафа намешавед?

— Ман?!

— Ҳа, шумо.

— Не, чаро хафа мешудам. Тавонам ҷавоб медиҳам.

— Чаро фақат хаёл мекунед? Охир, як соат пештар хеле кушодадилу чақ-чақӣ менамудед. Ҳозир баракс, ё ягон кас шуморо тарсонд?

— Дар бораи кӣ?

— Умуман-дия, фарқ надорад дар бораи кӣ буданаш?

— Не. Гуфтед-ку, ба фикрам хаста шудам.

— Росташро нагуфтед. Лекин ман медонам.

— Чиро медонед?

Ҳамин вақт мошин ба маркази совхоз дохил шуд. Чароғҳои ҳар ҷо-ҳар ҷо дар симчӯб гузошта шуда роҳ, майдон, даромадгоҳҳоро мисли рӯз равшан мекард. Мошин дар назди бинои бо шакли харфи «Т» сохта шуда омада истод.

— Марҳамат, -гуфт Олимҷон бо табассум сӯи Назирҷон нигариста.

— Миннатдор. Дар ҳақиқат дӯстигариро исбот кардед. Акнун фароед, дар хонаи муҷаррадии мо чой менӯшем.

— Не, раҳмат, бевақт шуд, равам, дар хона хавотир нашаванд. Ҳа, саволи ман беҷавоб монд. Агар аз ҳамин рӯз мо ҳар ду акою уко гӯед, ба саволам ҷавоб медодед. Лекин, шумо нагӯед ҳам, бовар кунед, худам медонам.

— Донед, канӣ гӯед рост бошад, тасдиқ мекунам.

— Шуморо Сабоҳат-апа тарсонданд. Гуфтанд, ки ба мошини ман нишастанатон хавфнок. Эҳтиёт шуданатон даркор. Сабабаш ба духтари он кас падари ман хостгор монда буданд. Сабоҳат-апа розӣ шуданд, аммо духтарашон нахост. Гапам дуруст ё не, -пурсид Олимҷон.

— Ба хаёлам аз паси дар гӯш карда ситода будед, -бо ханда тасдиқ намуд Назирҷон.

— Не, ако, бовар кунед, ман аз рӯи фаросати худам мегӯям. Давомашро гӯш кунед: модоме, ки Ситора «не» гуфт, хафа нашудам. Фаҳмидам, ки ягон каси дигарро дӯст медорад. Охир, худатон фикр кунед. Бо зӯрӣ духтари касро зан карда мешавад?! Сонӣ, шавад ҳам, марг ба ин хел ҳаёт, зиндагӣ. Рости гап, имрӯз шуморо дида ҳасад не, балки ҳавасам омад. Худатон медонед: сар бошад, тоқӣ ёфт мешавад. Аммо шумо беҳуда дар роҳ азоб кашидед. Мардигарӣ ин хел не. Мард он кас ки тан диҳад: ба зӯр, ба оқил, ба донишманд, ба ҳунарманд, ба муҳаббати пок. Албатта, хавотириатон ҳам дуруст буд. Ҳастанд баъзе номардҳо. «Ба ман фалончӣ нарасид» гӯён ҳаёти ҷавон ё духтареро хушк мекунанд.

— Раҳмат, додарам, бо чунин ақлу фаросот боварӣ дорам, ки ҳамсари шумо аз Ситора ҳам зеботару ботамизтар мегардад. Ман бошам, ба тӯятон рафта, якпоя истода хизмат мекунам.

Ду ҷавон мисли ду ситораи шаб аз ҳамдигар ҷудо шуда, ҳар яке бо фикру хаёли хеш ба ду тараф рафтанд. Роҳи яке андаке дуру дигаре ҳамагӣ понздаҳ-бист қадам буд.

## Ташаббус

Ҳаво якбора сахт гарм шуд. Ин кори пахтакоронро душвор гардонд. Ҳоло чигит дар аксар қитъаҳо саросар неш назадааст. Танҳо бо зӯрии об, яъне нам гирондан чигитро рӯи хок баровардан мумкин. Барои ин қувваи кор намерасад. Охир, ҳар бригада, агар ёрдамчиёни аз омӯзишгоҳ омадаро ҳисоб накунем, чор, шаш, ҳашт нафарӣ одам дошт. Онҳо кадом корро ба сомон расонанд, намедонистанд.

Ҳеҷ гап не, аз сари фарзанди инсон ҳамааш мегузарад. Беобу бечароғ дар дашти бегиёҳ зиндагӣ карда мӯямонро сафед намудем, гузашт, ин рӯзҳо намегузарад чӣ? Ин мушкилӣ не. Оби тайёрро ба ҷӯякҳо равона кардан, чӣ душворӣ дорад, - гуфта чанд нафар пирони Чашма ба саҳро баромаданд. Роҳбарон онҳоро дастгирӣ карданд. Махсусан, директор намедонист ба ин риш-

сафедон, ба ин пирони барнодил, ба ин файзу нури ҳар хонадон чӣ хел миннатдорӣ баён кунад.

— Раҳмат падарон. Шумо дили пур, болу пари мо ҳастед. Деҳқони асил, ки ҳастед, ором нишаста наметавонед. Беҳуда пир ҳаст, тадбир ҳаст нагуфтаанд. Бинед, тадбири ҳалли мушкилотро нишон додед. Дар чанд рӯз тамоми майдон аз об баромад. Дасти шумо, ки расид, боварӣ ҳаст ҳосил ҳам фаровону бобаракат мешавад...

Пахтаи онсола бо хуни деҳқон парвариш меёфт, гӯем хато намешавад.Табиати сернозу нуз имтиҳонашро давом медод. Агар ҳамин тавр намебуд, тобистон ин қадар гарм намеомад. Баъзе рӯзҳо ҳарорат чунон баланд мебаромад, ки гунҷишкон даҳон кушода, худро ба об зада, оббозӣ мекарданд.

Ниҳолҳои пахтаи як-якуним ваҷаб қад кашида дар ҳар хел вазъият буданд. Баъзе қитъаҳо аз камобӣ сипсиёҳ, баргҳояш пажмурда шуда бошад, қитъаи дигар интизори тоза кардани алаф меистод. Обро неъмати бебаҳо медонистанд дар ин ҷо. Гарчанде канали калони бетонӣ сохта шудааст, гарчанде даҳҳо километр қубурҳои зеризаминӣ ба истифода додаанд, вале аз чӣ бошад, ки ҳоло ҳам об кам.

Сабабаш маълум. Дар гармо зироат бештар об талаб мекунад. Охир, танҳо ин ҷо як совхоз не-ку. Обро аз саргаҳ, аз насос кам кардаанд. Ба болои ин замини нав мисли одами ташна бештар об мехӯрад. Ба як ҷӯяки он саҳарӣ об кушоӣ то бегоҳ ба поёнаш намерасад. Дар вақти ҳосилбандии ниҳолҳо обро давондан мумкин нест. Оби калон ҷӯякҳои хокаш бешираро шуста меравад.

Чашм нарасад, пахтаи бригадаи Назирҷон ҳаваси касро меоварад. Аз дигар қитъаҳо фарқ карда меистод. Баъзе майдонҳо аллакай гул карда буд. Ниҳол, ки аз тагаш гул кард, ҳосилаш барака медиҳад.

— Росташро гӯям, -гуфт боре Назирҷон ба Оқилов нимшӯхию нимҷиддӣ, — ҳосил нағз шавад ҳам намешудааст.

— Чаро ин тавр мегӯӣ. Баракс, фахр карданат даркор. Меҳнат кардию зироат чор кас медидагӣ шуд, боз норозиӣ?.

— Фикратон дуруст, лекин ҳоло ин ниҳолҳо чӣ қадар ҳосил медиҳанд, маълум не. Аммо рӯз дар миён комиссия. Аз ноҳия ояд ҳам ба ин ҷо, аз болотар биёяд ҳам ба бригадаи мо. Ин қадар комиссия бисёр будаасту? Аз омаду рафти онҳо чӣ фоида? Ҳама аз паси онҳо овора. Директор, шумо, бригадирҳо…

— Фикрат дуруст. Назирҷон, вале бе онҳо ҳам намешавад. Ба шарофати омад-омадашон баъзе корҳо иҷро мегардад. Камбудиҳои мо надидаро нишон медиҳанд.

— Мумкин, -нобоварона гуфт Назирҷон.

— Ҳа, исто, ки ту рӯзномаи дирӯзаи вилоятиро дидӣ? — пурсид Оқилов.

— Канӣ, наовардед-ку, аз куҷо мебинем.

— Тоза ҳам туро ба осмони ҳафтум бароварданд. Боз кадом рӯз «Назирҷон, ташаббусат кирои паҳн кардан» гӯям, «Не монед, одамро номус накунонед. Бе ёрдамчӣ парвариш кардан ҳам ташаббус-мӣ?» гуфта хоксорӣ кардӣ. Ба мухбир бошад, ҳамаашрро накл кардӣ. Дар рӯзнома гапҳое навиштаанд, ки мо бехабар. Суратат ҳам хушрӯ баромадааст. Оқилов ҳам шуда аз соқи мӯзааш рӯзномаи чорқатшударо гирифта ба Назирҷон дароз кард.

— Канӣ? — Назирҷон газетаро кушода дар саҳифаи якуми он чашмаш аввал ба сурат, сонӣ ба сарлавҳаи мақола, ки «Ташаббускор аз замини навкорам» ном дошт, афтод.

— Ҳамин рӯзнома азони ту, гир. Ба ёру дӯстат нишон медиҳӣ.

— Вай чӣ будааст, мо ҳам бинем? — Ситора, ки аз даруни пахтазор имову ишорати Оқиловро дида буд, фаҳмид, ки дар газета дар бораи совхозашон хабар ё мақолае чоп шудааст. Бинобарон механизмашро сари замин дошт ва худро аз кабина ҳаво дода, давида омад.

— Назирҷонро табрик кун, Ситора. Ҳа, табрик. Ба шустан меарзад.

— Табрик, -гуфт Ситора аз асли воқеа бехабар.

— Раҳмат, шуморо ҳам табрик. — Назирҷон рӯзномаро ба Ситора дароз кард. — О-ҳо, кори калон-ку. Қариб ним саҳифа? — Ситора гаштаю баргашта ба сарлавҳаю сурат менигарист. Назирҷон дар болои механизмаш байни пахтазор акс ёфта буд.

— Суратгири зӯр будааст, -таъриф кард Ситора.

— Мақолааш ҳам хуб навишта шудааст, илова намуд Оқилов

— Ҳозир хонам ё бегоҳ? — пурсид Ситора.

— Ман овардам, ихтиёратон. Хоҳ ҳозир хонед, хоҳ бегоҳ дар байни аъзоёни бригада.

— Ҳозир вақти кор, беҳтараш бегоҳ мехонем, -таклиф кард Назирҷон.

— Набошад, ин ба ман истад, майлаш? — пурсид Ситора.

— Марҳамат, марҳамат. Тамоман гиред ҳам ман розӣ, -ҷавоб дод Назирҷон.

Ситора трактор меронду хаёлаш банди рӯзнома буд. Мехост, ҳарчи тезтар бегоҳ шаваду мақоларо хонад. «Чиҳо нависта бошанд он кас, номи ман ҳам будагист. Охир, бе ҳамин ҳам ҳар сари қадам номамро мегиранд. Ба модарам рӯзномаро нишон дода, баланд-баланд мехонам. Бигузор, он кас кӣ будани Назирҷон-акоро дурусттар фаҳмида гиранд.

— Э, муре, беақл, -якбора худро коҳиш намуд ӯ, -он кас фаҳмида ҳам чӣ кор мекунанд. Як не, ду-се маротиба диданд. Худашон таъриф карданд. Кадом рӯз гуфтанд-ку;

— Духтарам Ситораҷон. Аз омаду рафти ин ҷавон фаҳмидам, ки ба ту дилаш кашол. Майлаш, духтарам, нону насибат, тақдири якҷоягӣ бошад, ман розӣ. Фақат аз гап-гапи мардуми деҳа эҳтиёт бошетон. Ман намегӯям, ки Назирҷон ба хонаамон набиёяд. Не, биёяд, нури дида. Аммо мегӯянд-ку «Дарвозаи шаҳрро бастан мумкин, даҳони мардумро не. Ба ту, духтарам ҳоҷати ақл ёд додан не. Коратон сабук шавад, фаҳмон, аз рӯи расму русуми худамон одамашро монад. Туро бе гапу

калоча ба соҳибат супорам, хушбахтию забондарозии ман ҳамин.

Аслан айби худи Назирҷон-ако. Ба хонаи мо мераванд, ба ман гапҳои нағз мегӯянду тамом. Гапҳои модарам дуруст-дия. Духтар даркор бошад, хостгор фиристанд. Он кас бошанд, ҷим. Кӣ духтари беҳуда дорад, ки бароварда мепартояд».

Ситора бегоҳӣ аз ҳама барвақт корро бас кард. Лаби ҷӯи обаш мусаффо омада, хоки либосҳояшро афшонда, дасту рӯяшро шуст, мӯи чамбаракмонандашро ба тартиб овард. Ҳатто оиначаи мудаввари кисагиашро бароварда, рӯяшро дида, чашмонашро бо панҷаҳояш тоза намуд. Сипас, чанд қадам дуртар аз сурфачаи лаби ҳавз рафта, ба болои майса мисли ҷавонмардҳо якпаҳлӯ зад. Ҳоло дар ин наздикиҳо касе наменамуд. Танҳо аз замини поён ғурроси трактори Назирҷон шунавида мешуд. Аз дигар аъзоёни бригада дарак нест. Онҳо, одатан ҳар бегоҳ дер ба хӯрокхӯрӣ мебароянд. Охир, кори саҳро мисли фабрика ё завод нест, ки ҳама дар як вақт барояд. Яке дар саргаҳи замин дигар дар поёни он кор мекунад. Хатто баъзан мешавад, ки то овоз бароварда «Ҳо-о-о! Обед шуд, обед! Бароед» нагӯед, кор гуфта, шикамро фаромӯш мекунанд. Дар корхона дастгоҳҳоро хомӯш карда, хотирҷамъ нишастан мумкин. Дар саҳро бошад, ин тавр нест. Оброн ҳар лаҳза хавосаш парешон. Хусусан, агар Чашма барин замини нав бошад.

Об ҷӯякро шустанаш мумкин. Об ягон ҷои холӣ ёфта, соатҳои дароз ба як сӯрохӣ даромада рафтанаш мумкин. Умуман, бесоҳибу беназорат мондани кори саҳро мумкин нест.

Ситора газетаро кушода, бори дигар тамошо кард. Назирҷон дар сурат каме табассум мекард. Аз чӣ бошад, якбора дили Ситора гум зад. Дили духтар-дия. Ба балоғат, ки расид… Газетаро, ба монанди дилдодае, ки номаи ягон маҳбубаашро солҳои сол интизорӣ мекашаду омадан замон пурра нахонда, мебӯсад, оҳиста ба сандуқи синааш зер кард. Саҳл монд, ки бӯсад. Ба назар чунин менамуд, ки агар дар чунин лаҳза рӯзнома

нею Назирҷон мебуд, вай беихтиёр ба оғӯш мегирифт. Мегирифту мегуфт: «бас ҳамин қадар ҷим-ҷим гаштан. Хайр, гӯед, мо аз кӣ кам, аз кӣ метарсем? Чӣ, магар дӯст доштани якдигар гуноҳ аст? То кай аз одамҳо шарм мекунед? Фаҳманд, фаҳмидан гиранд…»

Ситора рӯзномаро сар то по хонда баромад. Мухбир муболиға карда буд. Қариб, ки тамоми кори совхозро бригадаи Назирҷон иҷро карда бошад.

— Шояд ин гапҳо барои бригадаи мо қарз бошад. Шояд мухбир баъзе корҳои дар дигар хоҷагиҳои вилоят дидаашро пеши назар оварда, нависта бошад. Вале ҷони гап ҳаст. Ташаббускор гуфтанаш рост. Ба қувваи худамон тамоми ҳосилро парвариш карда, чида мегирем, ин ҳам дуруст. Шаш бор коркард мегузаронем, обдиҳии шабонаро ба роҳ мемонем, ин ҳам дуруст.

Ситора ҳар ҷумларо гӯё таҳлил мекард. Дар ҳамин асно касе омада аз паси сараш ду чашми ӯро бо дастонаш пӯшид. Ситора аввало як қад парид. Хост бо қаҳр дастони шахшӯлро аз чашмонаш дур кунад, вале якбора ба майнааш дигар фикр омад:

— Боз Назирҷон-ако набошанд? Дигар кӣ ҷуръат дошт бо Ситора ин тавр шӯхӣ кунад.

Ситора дастонашро болои дастони Назирҷон гузошта, бо овози ларзон, гӯё, ки худро дар оғӯши ёри азизаш дида бошад. «Нағз не, Назирҷон-ако, нағз не» гуфт.

Назирҷони содда «боз мабодо каҳраш наояд» гуфта даррав чашми Ситораро сар дод. Духтарак, ки дигар чизро умедвор буду хатто нияти муқобилият надошт, ноумед гашт. Дар дилаш ҳатто «якто бӯса ҳам накарданд» гуфт.

## Дили модар

Фазилат –апа ин дафъа писарашро хеле пазмон шуд. Дили модар ба сад кӯча рафт. «Чаро аз Назирҷон дарак не. Аз ҳад гузаронд. Не, агар бетоб намебуд, албатта омада хабар мегирифт. Ё кораш бисёр бошад. Дина шаб хобҳои ким-чӣ хелин дидам. Майлаш, танаш

сиҳат-саломат бошад, кор карда гардад, ман розӣ» Модар бо ин фикру хаёлҳо назди раиси колхоз рафта арз кард.

— Ҳеҷ гап не, модарҷон. Ман мошин диҳам, майда-чуйда карда дида биёед. Бо ҳамин баҳона аз деҳа баромада, даштро тамошо карда мегиред. Одаму оламро мебинед. Чӣ гуфтед?

— Майлаш, писарам, аз фарзандҳоятон бинед.

Фазилат-апа ба хона омада, аз фатири баҷаззаи дирӯз пухтааш панҷ-шашто гирифт. Аз замини назди ҳавлияш як рӯймол бодиринги каб-кабуд чинда баромад. Ҳамаашро якҷоя карда, ба як дастурхони чорсу баст ва дарҳои хонаашро шириқ-шириқ қулф карда, назди саҳни чойхона рафт.

— Туро ташвиш медиҳам-дия, писарам, -гуфт модар ба ронандаи раис Солеҳҷон.

— Не, апа, ин хел нагӯед-а. Канӣ, ҳоло мо хизмат кардагиамон. — Ӯ тез фаромада дари оқиби «Вилюс»-ро кушод ва дастурхони модарро аз дасташ гирифта, барои баромадан ёрӣ расонд.

Барои Солеҳҷон роҳи Чашма панҷ-панҷааш барин шинос. Ба ин ҷо ӯ моҳе қариб як маротиба омада меравад. Боз танҳо не. Гоҳ ҳамроҳи раис, гоҳ бо котиби ташкилоти ҳизбию комсомолӣ. Дар ноҳия ҷеғ зада сиёсат, ки карданд, тамом. Дидед, ки ду-се рӯз паи ҳам омадаанд. Мебиёянд, аммо чӣ фоида аз ин хел омаданҳо. Намегӯянд, ки ба шумоён чӣ даркор, чӣ мерасад, чӣ намерасад, аз колхоз чӣ хел мадад лозим!

Солеҳҷон дар як соат модарро ба Чашма расонд. Вай аз мошин фаромада сӯи идораи совхоз рафт. Хост ҷои кори Назирҷонро аниқ созад. Вале дар идора касеро наёфт.Танҳо дар долон ба марди сергӯшти асобағал вохӯрд.

— Мебахшед, амак, роҳбарҳоро намедонед, куҷо рафта бошанд?

— Ба ноҳия, ба маҷлис рафтагӣ. Ҳа, хизмат?

— Мо Назирҷонро кофта омадем, дар куҷо бошад?

— Назирҷон? Ҳозиракак дар ҳамин ҷо буд. Ба саҳро нарафта бошад, меёбем. Мард лангида-лангида ба ҳуҷрае ки дар пештоқаш «бухгалтерия» навишта шуда буд, даромада «Ҳакимҷон, гаражро бин, Назирҷон ҳаст-мӣ. Бошад, тез чеғ зада биё» гуфт.

Хайрият, Назирҷон ҳоло дар гараж будааст.

— Ҳозир мебиёянд, -хабар дод Ҳакимҷон. Модар ӯро дуои нек кард.

Назирҷон модарро дидан замон қадаммонишаро тезонд ва ҳатто назидктар омада давиданашро надониста монд. Фазилат-апа писарашро оғӯш кард, бӯсид, гаштаву баргашта бӯсид, ашк резонд. Назирҷон дар ҳамин ҷо гунаҳкориашро ҳис кард:

— Мебахшед модарҷон, мебахшед. Ҳамин тавр шуда монд. Хостам ҳафтаи гузашта равам, ба пахта об гирифта будем.

— Майлаш, писарам, майлаш. Ман ҳамту…. хавотир шудам, касалу бемор нашуда бошӣ гуфта омадам.

— Э, мебахшед, Солеҳҷон-ако, модар қати шуда, бо шумо вохӯрдиро ҳам фаромӯш кардам.

— Раҳмат ба раис, ба Солеҳҷон-акот. Пагоҳӣ назди он кас баромада як даҳон «Назирҷонро хоб дидам» гӯям, «Марҳамат мошин, дида биёед» гуфтанд. Дар дунё одамони нек бисёр, писарам.

— Ба ягон ҷо рафта нишаста сӯҳбат кунем, — таклиф кард Назирҷон.

— Дар кучо мешинем. Устал-пустал ҳаст охир?

— Ба клуб медароем.

Дар клуб модар, Назирҷон, Солеҳҷон хеле сӯҳбат карданд. Гап ғелида-ғелида ба оилаю оиладорӣ, хонадоршавии боз чанд нафар ҷавонҳои деҳа омад. Солеҳҷон дид, ки модару писар гапи махфӣ доштагӣ барин «шумоён шинетон, ман ин тараф, он тарафи мошинро бинам» гӯён хеста рафт.

— Писарам, Назирҷон, ман чанд ҷо ҷуфтатро ёфтам, ба ту маъқул нашуд. Акнун гаштан мегирӣ-мӣ? Ягон мақсадат бошад, рӯирост гӯй, аз ман руст накун. Ман модар.

— Раҳмат модарҷон, беҳуда «то ҷуфти гови падарба мондана ба нӯги дуки модар мон» нагуфта будаанд. Ҳама ин азобҳоятон баъди сари падар ба ман маълум.

— Ин тавр нагӯй, писарам. Ман қарзи худамро адо кардам. Вазифаи модарон танҳо аз шир додан иборат нест.

— Модарҷон, шумо ба пои худ омада мондед. Намедонам гӯям ё не?

— Гуфтам-ку, ягон мақсадат бошад гӯ. Ба ман нагӯӣ, ба кӣ мегӯӣ? Акои калонат набошад, тағои маслиҳатгарат набошад.

— Гап ҳамин шумо: як ба хонаи ҳамкорам мерафтед, модарҷон, мо ҳамроҳ кор карда, унс пайдо намудем. Модараш ҳам маро нағз мебинанд. Он кас ҳам танҳо.

Модари ҳаётдида мақсади писарашро фаҳмид.

— Ман рафта ҳам чӣ мегӯям? Маъқул бошад, шуддия. Модараш маро нашиносад.

— Ғоибона мешиносанд. Агар «ҳа» гӯед Солеҳҷонакоро ҷавоб диҳем. Пагоҳ ман худам шуморо бурда мемонам.

Модар каме хаёл кард: Чӣ гӯяд ба ин писари якраҳааш. «Ҳа» гӯяд, номуси мардуми деҳа. «Ҳеҷ кас, ки духтар надод рафта-рафта аз дашт писараш арӯс ёфт» мегӯянд. «Не» гӯяд, писараш хафа мешавад».Ӯ якбора ба қарори қатъӣ омад. «Гӯянд, гуфтан гиранд. Ба писарам маъқул бошад, фарзанди мӯмину мусулмон бошад, шуд-дия. Ба ман ҳурматаш даркор. Фазилатапа чанд нафар духтарҳои деҳаро пеши назар овард. Онҳо баъди арӯс шуда, як барфи зимистонро зер кардан, забон бароварда, шавҳарашонро «ё маро мегӯӣ, ё падару модаратро» гуфта, аз наздиктарин шахсонашон ҷудо мекунанд. Духтаракони аз дигар ҷо арӯс шуда омада бошанд, баракс падару модар, шавҳарашонро рӯи даст мебардоранд. Ҷои шинондан намеёбанд. Аз забонашон қанду асал мерезад.

— Худаш нағзакак, ахлоқу одобаш, муомилааш дуруст бошад, шуд-дия, писарам.

— Ман таъриф намекунам, модарҷон. Беҳтараш худатон бинед, сӯҳбат кунед.

— Аз ман намегурезад чӣ?

Назирҷон коҳ-коҳ зада хандид.

Чӣ хел мегурезад, модарҷон. Замони геруз-гурез гузашта рафтагӣ. Ман аз модари ӯ намегурезам-ку?!

— Замона расму русуми бобоиямонро таги по кард. Набошад, ба Солеҳҷон-акоят ҷавоб деҳ, -ҷилави гапро ба дигар тараф гардонд модар.

— Майлаш. Он кас моро то таги дари ҳамкорам бурда монанд, ҷавоб медиҳем. Чӣ гуфтед?

— Ихтиёрат, лекин писарам, боз ба Солеҳҷон нагӯй. Ҳамту «шумо одами кордор, рафта истед, ман модарамро пагоҳ бурда мемонам» гӯю мон.

— Хуб.

— Пагоҳ соати чанд биёям, -пурсид Солеҳҷон вақти хайру хуш.

— Не, овора нашавед, ако, ман худам.

— Сабоҳат-апа, о, Собаҳат –апа!

— Лаббай! Бин, духтарам, вай кӣ ҷеғ зада истодааст?

— Ман, ман.

— Ту ки бошӣ, ҷеғ назада омадан гир-дия. Медонӣ, ки одами мегурехтагӣ нест.

Сабоҳат-апа аз паси духтараш берун баромада, ҳамроҳи Назирҷон кампиреро дид.

— Биёетон, омадан гиретон. — Сабоҳат-апа ба пешвози Фазилат-апа рафт, салому алейк кард, канор гирифта пурсупос намуд. Ситора ба Фазилат-апа танҳо «ассалом» гуфту халос. «Ба хонаи норӯфта меҳмон меомадааст» мегӯянд рост будааст.

Аз хона марҳамат, аз хона-таклиф кард Сабоҳат-апа.

— Рӯи ҳавлиатон нағз будааст, аз берун шинем, офтобака бинед.

— Ситора, аз рӯи суфа ҷой парто. Аввал камакак об чарахса кун, чанг нашавад.

Чанд сония нагузашта ҷой густурда шуд. Меҳмону мизбон нишаста, даст бардошта, омин карданд: «Илоҳо дунё тинҷ шавад, тӯю тамошо шавад, ҳар кас ба муроду мақсадаш расад, шохи ҷавониашон нашиканад».

— Хуш омадед, хуш омадед, — аз ҷой хеста Сабоҳат-апа қоидаи одобро ба ҷо овард. Ситора чоймонӣ рафт.

— Шумо баҳузур сӯҳбат карда шинетон, -гуфт Назирҷон баъди тамом шудани чойники чой, -ба ман ҷавоб. Пагоҳӣ боз сари пахта нарафтам. Бегоҳ омада, шуморо гирифта мебарам.

— Киро мебарӣ? — худро ҷиддӣ гирифт Сабоҳат-апа. — Ин чӣ хел омадан будааст? Аловгирӣ ҳам ин хел не-ку. Як шаб меҳмон шаванд, чорта чақ-чақ кунем, осмон омада, ба замин намечаспад.

Назирҷон ба модар нигарист.

— Аз ман хавотир нашав, писарам. Ҷои хобат бошад, пагоҳ биёӣ ҳам мешавад. Мон, мо имшаб холаат қати чорта дарду ҳасратгӯӣ кунем. Ҳамин қадар танҳо хоб кардам, ягон ҷоям зиёд нашуд.

— Хайр, ихтиёратон. Нағз монетон.

— Ин нонро гир, -Сабоҳат-апа ду дона нони суп-сурхи танӯринро ба Назирҷон дароз намуд. — Ба об тар карда хурӣ ҳам, бомазза.

— Раҳмат. — Назирҷон наздикии дари кӯча рафта номаълумакак сӯи айвонча, ки Ситора менишаст, нигоҳ кард. Ситора бо табассум ба ӯ хайрухуш намуд.

Сӯҳбати ду модар чунон қӯр гирифт, ки надонистанд чӣ тавр рӯз бегоҳу шаб рӯз шуд. Ҳар кадоме саргузашти хешро ба ҳам нақл мекарданд. Аҷоибаш дар он буд, ки тарҷимаи ҳоли онҳо ба ҳамдигар хеле монандӣ дошт. Танҳо фарқ ҳамин, ки яке дунё ба умед гуфта духтарчаеро ба воя расонд, дигаре писарчаеро. Ҳар ду модар ба шавҳари худ содиқ монданд. Умрашонро бо як нафарӣ фарзанд гузаронданд.

— Як соат ҳам ғанаб накардем, — гуфт Сабоҳат-апа. Э, дугонаҷоне, ин шабҳо чуту шуда мешавад. Нағзина Ситораю Назирҷон будаанд, ки бо баҳонаашон якдигарро дида, шинохта, ин қадар дарду ҳасрат кардем. Зоғеву бе доғе гуфтанҳо дуруст будааст. Гумон мекардам тамоми азобу кулфат, танҳоӣ ба сари ман бошад.

— Шукр кунед, дугона, шукр. Фарзанд ҳасту азоб мешавад. Ҳаминҳо намебуданд, кӣ медонад ҳозир ману шумо дар дасти кадом гарданғафс будем.

Ситора, ки то бевақтии шаб ба сӯҳбати ду зани ҳаётдида гӯш андохта, ҳар замон-ҳар замон чои гарм дам карда меомад, сарашро ба болин монду мисли баррача хобаш бурд. Бо ҳамин пагоҳӣ чашм кушод. Чашм кушода, якбора давида нахест. Чанд дақиқа нимхобу нимбедор боз гапи занҳоро гӯш кард.

— Нону насиб будааст, дугона, набошад кӣ медонист шумо кию ман кӣ. Аҳл шавем, сари ҳар ҳар-дуяшонро ду-то кунем, дӯстон шод мешаванд.

— Гуфтам-ку ман писари шумоя нағз санҷидам. Ба ман маъқул, ба Ситора ҳам. Хондагии идорашин набошад ҳам, ҷавони баодоб. Зану шӯи аҳл шаванд, бачаю качадор шуда раванд, боигарии мо ҳамон.

— Худо гӯед, дугонаҷон, ситораи гарм диҳад. Як хондагиҳоя дидам, ки имрӯз тӯи замонавӣ мекунанду фардо тараддуди ҷудошавӣ.

— Худоба шукр, Ситора гавҳар. Таъриф не-ку, дугонаҷон, ягон бор аз даҳонаш гапи ганда нашунидам. Ягона айбаш ҳамин, ки ду-се сол вақташ гузашт. Сад кас омад, фарзанди одамони дуруст буд, худаш нахост.

Ситора оҳиста-оҳиста тамоман ҳушёр шуд. Ҳатто аз сӯҳбату таърифи занҳо завқ бурд. Барои он ки риштаи хаёли онҳоро набурад, ҷунбид, ҳамёза кашид ва дастони нозукашро ба чашмонаш бурда молида-молида нимхез шуд.

— Хе, духтарам. Рӯз пешин шудаасту…

Ситора гунҷишквор ҷаҳида, бо дастонаш торҳои мӯи парешонгаштаашро паси сар намуда дастрӯйшӯӣ рафт.

— Ситора наояд: набошад гап ҳамин. Писари ман фарзанди шумо, духтари шумо духтари ман. Мо аз ҳамин рӯз як нафарӣ нею ду нафарӣ фарзанд дорем.

— Илоҳим ҳамин тавр шавад, дугонаҷон. Ҳа, истед, ки тӯйро чӣ кор мекунем?

— Худатон медонед, дугона. Ман ягон бор тӯй накарда бошам, қоидаи шумоя надонам.

— Гӯр ин расму русум шавад. Ба вай нигоҳ кунед, пиргадо мешавед. Як умр қарз дода, соф намешавед. Сафедгирон, чокбуррон, фатирчаю самбӯса, зиёфати мӯйсафедон, бо навбаромадаш шабнишинӣ дар тарабхона…

— Дар ҷойҳои мо ин хел ташвишҳои зиёдатӣ нест. Ҳар кас бозёфти бечорагиашро пухта медиҳад. Одамҳо хӯрда «раҳмат» гуфта баромада мераванд.

— Нағз будааст. Ман ҳам бевазанак, шумо ҳам. Беҳтараш ду-се рӯз гузарад, худам як ба назди раис меравам. Вай падари халқ. Ягон маслиҳат медодагист, чӣ гуфтед?

— Ман чӣ мегуфтам, дугона. Ситора духтари шумо. Коре кардан даркор, ки бепадариаш маълум нашавад…

Ситора дасту рӯй шуст, чой монд ва ба назди модарон омада «ассалом, нағз хоб рафтетон-мӣ?» гуфта пурсид.

— Нағз духтарам, нағз, -ҷавоб дод Сабоҳат-апа.

Ситора кӯрпаҳоро ғундошт, ҷои нав партофт, дастурхон густурд. Ба лаганди мисини зард чор-панҷ нон ва каме мева гирифта оварда ба назди модарон монд.

«Худи кордории худам барин. Озода, вазнин, ҳушёру чаққон. Худо аз ҳама тараф пазонда сохтагӣ. Илоҳим ба пешониам ғунҷад, умрашро дароз кунад, роҳаташа бинам» - аз дил гузаронд Фазилат-апа.

Чоштгоҳӣ Назирҷон даромада омад. Ӯ баъди салому алейк ба модараш «зиқ нашуда хоб рафтед» гуфт.

— Баракс писарам, диққатиҳоям баромад. Сабоҳат-апаат намонданд, ки зиқ шавам.

— Модарҷон, ман каме шитоб дорам. Соати чор маҷлис будааст. То ҳамон вақт шуморо бурдам монам.

— Маҷлисат бошад, писарам, овора нашав. Ба ягон мошин савор кунӣ, худам меравам.

Назирҷон модарашро ба мошини хизматии совхоз савор карда, хост ҳамроҳаш равад, розӣ нашуд:

— Гуфтам-ку, маҷлисат бошад, овора нашав. Ман гӯсфанд не, ки гург хурад. Рав писарам, рав. Дилатро кашол накун.

## Ҳосил

Ҳаво ҳамоно метафсид. Кӯракҳои пухта расида якбора ба хандидан даромаданд. Дар мобайни як ҳафта дар аксар қитъаҳои замини бригадаи Назирҷон панҷ-шаш кӯраки таги ниҳолҳо шукуфт. Ин вазъият сарвари ҷавон ва роҳбарони хоҷагиро ба ташвишу тараддуд андохт.

— Модоме, ки дар бригадаи ту имрӯз ин қадар кӯракҳо шукуфта бошад, фардо-пасфардо дигар қатъаҳо ҳам сап-сафед мешаванд, -гуфт Мӯсо Шодиев ахбороти Назирҷонро шунавида. — Маслиҳат мекунем. Мумкин ҷамъомади механизаторонро гузаронем. Тайёрии мошинҳоро санҷидан даркор. Ягона умедамон техника. Сонӣ мумкин баъзе ронандаҳо бо ташаббус баромад кунанд. Исто, Назирҷон, ту худат чӣ? Нияти бо техника чӣ қадар пахта чидан дорӣ?

— Ният нағз ҳаст, раис.

— Бисёр хуб. Нияти нағз — ними давлат…

Назирҷон ҳамроҳи модар ба деҳа нарафт. Аз ин ҷиҳат ҳоло вақташ бисёр. Ӯ ба ҳавлии Сабоҳат-апа рафт. Ситораро ба маҷлис хабар кард.

— Ин тавр бошад, ҳамроҳ меравем, -Ситора бо ишораи «як дақиқа» паи тағйири либос хонаи дигар даромад.

— Модаратон ба ман хеле маъқул шуданд, -сухан сар кард Ситора дар роҳ, — худи худатон. Бача чигуна, оча намуна.

— Модарро ба ман баробар карданатон хато, Ситора. Модар-модар асту фарзанд фарзанд. Он кас кӯҳу мо гиёҳем, он кас дарахту мо меваем.

— Модаратон худою шумо бандаи он кас, соф шудам? — Ситора нағзакак хандид.

— Ин ташбеҳатон дуруст. Модарон барои фарзандон худо, давлати бекамӣ мебошанд.

— Хайрият, -гуфт Ситора хандида, -халос шудаме.

— Истед, ки Ситорахон, маслиҳат чӣ шуд?

— Бо ман маслиҳат накарданд. Ҳал шудагист-дия, чӣ хавотирӣ мекашед. Модаратон чизе нагуфтатон?

— Таъбашон хурсанд буд, бӯи некӣ барин.

— Ду рӯз шуд, ки ман ба участкаамон нарафтам, ҳоли пахта чӣ хел?

— Мисли пештара, шукуфта истодааст. Аз пагоҳ дору мепошанд. Панҷ-шаш рӯз нагузашта дидед, ки ниҳолҳо баргашонро партофтанд. Баъд ҳама серкор мешавем.

— Ҷамъомади имрӯза масъалаи пахтачинӣ будагист?

— Тайёрӣ ба он, баъд ӯҳдадориҳо қабул мекунанд.

— Кӣ ӯҳдадорӣ қабул мекардааст? — пурсид Ситора.

— Одамон, механизаторон.

— Шумо чӣ?

— Ман ҳам, шумо ҳам.

— Дар соли аввал ӯҳдадорӣ, -гуфт Ситора. — Пахтаро намехӯрем-ку. Бе ҳамин ҳам то иҷрои нақша маҷбур чинем.

— Дуруст-куя, -тасдиқ намуд Назирҷон, -лекин баҳсмабаҳс кор кардан нағз.

— Шумо бо кӣ баҳс мабаҳс пахта чиданӣ?

— Бо кӣ мешуд?

— Албатта бо мани бечора будагист? —. Ситора табассум намуд. — Чӣ, дигар одам наёфтед? Бо ягон ҷавони худатон барин бӯзбала мусобиқа кунед, намешавад? Ман одами нав бошам.

— Мешаваду лекин хаёлам бо шумо якҷоя кор кунам.

— Беҳтараш маро ёрдамчӣ гиред.

— Не, Ситорахон, шумо бояд пахта чинед. Маслиҳат шудагӣ. Як мошини напа-нав азони худатон.

Ҷамъомади онрӯзаи механизаторон руҳи идона дошт. Директор Мӯсо Шодиев маҷлисро кушода бори дигар азобҳои тӯли сол барои рӯёнидани ҳосил кашидаи аҳли хоҷагиро хотиррасон кард. Дар охир гуфт:

— Мо бояд ба умеди ягон кас нашавем. Ҳосилро рӯёниданаш душвор. Оши тайёрро бояд худамон кашида хурем. Иҷрои ин кор ба зиммаи шумо-механизаторон гузошта шудааст. Ҳар қадар тоза, босифат, сари вақт чинед, ҳосил ҳамон қадар баракат мекунад. Мо намегӯем «фалон тонна чинед. Мо мегӯем «тоза ва босифат чинед».

Баъд чанд нафари дигар баромад кард. Байни онҳо бригадир ҳам буду механизатор ҳам. Хама қариб гуфтаҳои директорро дар дигар шакл такрор мекарданд.

Инак, он рӯзи мурод фаро расид. Ғалберро аз об бардоштанд. Ҳама аз самараи меҳнаташ хурсанд. Дар соли аввал илова ба нақша дусад тонна зиёд «тиллои сафед» фурӯхтанд. Ин ҳамааш оғози кор. Бале, оғоз. Оғозе, ки замин-модари боигарӣ фарзандҳояшро дар чунин соли душвор ноумед накард…

## Тӯй

Ба идора хабарнома омад. Дар он ҳамроҳи муҳаррир номи ман ҳам буд. «Мӯҳтарам… шуморо ба тӯи хонадоршавии ҷавонон-Назирҷон ва Ситорахон, ки рӯзи панҷшанбе 16 октябр, соати шаши бегоҳ барпо мегардад, таклиф менамоем».

— Дар он ҷо (муҳаррир деҳаи Чашмаро дар назар дошт) назар ба ман туро нағзтар мешиносанд. Дар бораи ин ҷавонҳо чанд лавҳаю очерк навишта, чоп кунонида будӣ. Бинобар он ба тӯи онҳо иштирок карда, табрик намуданат шарт.

— Ин номҳо ба ман шиносанд, -гуфтам ба даъватнома чашм давонида. — Ситора-ин ҳамон подабондухтарест, ки пиджаки маро дӯхта буд. Дар бораи Назирҷон Боқиев бошад, бо номи «Хонаи умед» очерки панҷсаҳифагӣ таълиф карда будам.

Саҳни васею барҳаво. Мизу курсиҳои зиёде ба шакли ҳарфи «П» чинда шудааст. Болои он нозу неъматҳои фаровон. Одамони бисёр дар хизмат. Директор, гӯё соҳиби тӯй бошад, таги дар истода одамонро қабул

мекард. Дере нагузашта, арӯсу домод, дугонаю ҷӯраҳо аз боло ҷой гирифтанд.

Шабнишинӣ то бевақтӣ давом кард. Одамони бисёр баромад карда, дар ҳаққи «гунаҳкорон»-и оншаба суханҳои нек гуфтанд. Директор ҳам: Рафиқони азиз, — Мӯсо Шодиев сухани табрикиашро ҳамин тавр сар кард, — ин бегоҳ дар ин ҷо тӯи калон мегузарад. Шумо медонед, ки совхозамон супориши солонаашро барзиёд иҷро намуд. Ин натиҷаи меҳнати ҳалоли падарону модарон, хоҳарону додарони дар ин ҷо нишаста мебошад. Раҳмат ба ҳамаатон!

— Дигар, ин тӯи хонадоршавии Назирҷону Ситора. Дашти беканори тоҷикон ба одамон на танҳо ризқу рӯзии фаровон медиҳад, онҳоро мехуронаду мепӯшонад, балки ба онҳо бахт меоварад. Ин ду ҷавон бахти хешро дар ҳамин ҷо, ҳамроҳ дар меҳнат ёфтанд. Фаҳмиданд, ки танҳо бо меҳнат хушбахт шудан мумкин аст. Ин, рафиқон, оғози кор аст. Дар оянда ҳазорҳо нафар ҷавонон дар ин диёр бахташонро хоҳанд ёфт. Хонаи умедашон пурнур, бахташон мисли кӯҳҳои пахтаи тоҷикон баланду сафед мегардад. Биёед, қадаҳҳоро барои ободии хонаи умеди наврӯзгорон, барои модарони онҳо ва умуман модари тоҷик бардорем, ки чунин фарзандҳоро таваллуд карда, ба воя расонданд. Раҳмат, ба модари тоҷик!

— Садоҳо: «Раҳмат! Раҳмат!»

**Тамом**

# ҲИКОЯҲО

## ПАДАРЗАДА

— Ана ба шумо хона, мана ба шумо ҳавлӣ. Акнун бо дасти худам мекушам. Ҳавлию хона аз саратон сабил, ҳайрону сарсон мемонад. Ҳоло ман истода ҳавлиро ба акоям медодед? Чӣ, ман аз модари ӯгай?

— О, мардум, ҳамсояҳо! Ёрдам кунед! Ин ҷаллод падарашро мекушад… Илоҳо дасти мезадагиат сӯзад ту барин фарзанда! Кадом фарзанд падари мӯйсафедаша ин қадар бераҳмона задааст?! — Сабоҳат-апа боз омада худро болои мӯйсафед партофт. — Мезадагӣ бошӣ, ба ҷои падарат маро зан! Ҳардуямонро баробар куш, якҷоя гӯр кун. Медонам, ба дили ту ҳар дуи мо задагӣ. Бас, бас мегӯям. Бас кун, дастатро гир, оқ мешавӣ, медонӣ, оқ?! Магар, ки дигар оби ин деҳаро нахурӣ. О, падаратро куштия, медонӣ куштӣ? Наход аз падару акоят ҳавлӣ ширин бошад, ҷувонимарг!? О, ҳамсояҳо! Чаро ин қадар мардуми мо бепарво? Наход касе нашунавад? Ёрӣ диҳед! Дунёю охиратат сӯхт, бача! Медонӣ!? Дунёю охиратат сӯхт. Ин нангро чӣ хел бардошта мегардӣ?

— Мон, занак, ин қадар доду вой нагӯй, мон то дилаш хунук шудан занад. Ман умрамро дидагӣ. Мурам садқаи сар. Дод нагӯй, боз як кас ним кас аз ҳамсояҳо нашунавад. Ин нанг ба мо ҳам мерасад.

Аммо Сабоҳат-апа ба гапҳои Қосим-амак гӯш накарда бо тамоми овозаш дод мезад:

— Ягон одами зинда ҳаст? Наход ҳама аз якдигар безор шуда бошад? Мӯъмин бародари мӯъмин гуфтаанд, охир, ёрӣ диҳед, ин ҷаллод падарашро мекушад! Ба чашмонаш хун давидагӣ. Як пиёла нӯшида омаду ба гапи занаш даромада оламро вайро карда истодааст. Гӯр ин хел келин шавад. Аз рӯзе, ки ба ин даргоҳ омад, фарзанди худамон душман шуд. Ин бори чандум аст, ки вай падарашро мезанад. Наход дунё охир шуда бошад? Наход раҳму шафқат намонда бошад? Баро аз хона, баро! Ҳоло ки ҳамсояҳо наомадаанд, аз ҳавлӣ баро!

Ту, охир, кӯр нестӣ? Бин, сару рӯи падаратро пури хун кардӣ?

Ҳамин вакт чанд нафар ҳамсоя, кӯчагузарон вориди ҳавлии Қосим- амак шуданд:

— Ҳа, тинҷӣ-мӣ? Чӣ шуд? Ин қадар овозатон баланд буд, Сабоҳат-апа? Э, ҳа, Қосим-амак, чаро сару рӯятон кандагӣ? Ягон кас зад чӣ?

— Қодир бо асо сару рӯи падарашро зада хуншор кард. Чанд лагад ба миёнашон ҳам зад. Хамин қадар кунам, зӯрам нарасид. Мо фарзанд не, саг калон карда будему бехабар. Мӯйсафеди нимҷонро қариб кушад.

— Даҳанатро пӯш, набошад туро ҳам… Гумон мекунӣ онҳо туро ҳимоя мекунанд? Агар хоҳам дар як лаҳза ҳардуятонро ба он дунё мефиристонам.

Қодир хост ба модараш ҳамла кунад, ӯро мисли падар зери лагад гирад.

— Ту киро мезанӣ?... Э, фарзанд нашуда мур! Садқаи одам шав. Бар падари калон кардаат лаънат! Боз тарафи модар ҳамла мекунад-е? -Ҳамсояи Сабоҳат-апа Мардонкул Қодирро аз дасташ дошта сахт сӯи худ кашид.

— Бас кун! Чунон мезанам, ки дигар аз ҷоят намехезӣ. Қуввататро нигоҳ дор. Дар вақти пириат боз даркор мешавад. Туро ҳам мезананд, бача! Агар бандае назанад худо мезанад!

— Шуморо кӣ ба ин ҷо даъват кард? Кӣ хӯҷаину далол намуд? Бароед аз ҳавлӣ? Рафта ба падару модари худ хӯҷаинӣ кунед? — Қодир ба омадагон ҳамлавар гашт.

— Ҳоло ҳамин тавр? Мо монем, ки ту боз бечора, мӯйсафедро кӯбӣ?! — Мардонқул аз қаҳр як торсакӣ ба рӯи Қодир зада ӯро ба худ овард. — Ту ҷиндӣ-пиндӣ шудӣ? Набошад, одами сиҳат ин хел рафтор намекунад. Ин нангро баъд чӣ хел бардошта мегардӣ, аҳмақ! Дар куҷо шунавидӣ, ки писар падарашро задааст? Баро, берун баро! Ҳоло ҳам вақт ҳаст. Одамҳо бисёр нашуда, худатро ба ягон гӯр гир, ки баъд пушаймон мешавӣ! Мо чанд нафар дидем, ҳама азони худӣ. Сари кафида зери тоқӣ барин гап. Ӯй, аҳмақ, сухани маро

шунавида истодаӣ ё не? Ё боз ду-се торсакӣ занам? Ин шармандагия, медонӣ шармандагӣ? Кори дар таърих нашудагиро кардӣ.

— Шумо чиро мефаҳмед, Мардонқул-ако?! Гумон мекунед ман аҳмақам? Ба ҷонам расид. Аз ин рӯз мурданам беҳтар. Монед, оқ шавам, дунёю охиратам сӯзад. Ман ба ҳамааш розӣ.

Ба хона дароям, падарлъанати келин ғидӣ-ғидӣ. Назди инҳо биёям, ғидӣ-ғидӣ. Вай инҳоро ганда мекунад, инҳо вайро. Решааш як хонаи лаънатӣ. То ҳамин хонаю ҳавлиро алов сар дода, халос нашавам, ба фикрам ғидӣ-ғидӣ тамом намешавад. Ё ягонтои инҳоро куштанам лозим.

Аз хона овози Қосим-амак шунавида мешуд:

— Охир, худо ҷонамро нагирад, чӣ кор кунам? Худамро кушам гӯям, ҳаром мемурам. Ин фарзанд шуда истода то ҳол як бурда нон ёфта надода бошад. Ба болои ин намемонад, ки дар ҳавлии худам ба рӯзи худам мурам. Гапи ёфтагиаш «Ҳавлию хонаро холӣ кун!» Канӣ гӯед, ҳавлиро холӣ карда мо-чолу кампир бо ин аҳвол ба куҷо равем? Ба дари кӣ равем, ки моро қабул кунад. Сарам сахт будааст, худоҷон. Ҷонамро тезтар гир, ки аз дунё безор шудам.

Қосим-амак ларзида-ларзида оби чашм мерехт. Дурусттараш мисли кӯдакҳо мегирист. Хуни рӯяшро пок мекарду ашки талх мерехт.

«Инро бинед, инро бинед» гӯён ба ҳамсояҳо пораҳои асои шикастаашро аз замин чинда нишон медод. Бо асоям қимма кард-е.

Қосим-амак ҳар куҷо, ҳар куҷои ҷисми майдаяки худро даст карда, даст карда «Эй, войе, аз ин рӯза сад бор мурдан беҳтар. Акнун чӣ хел рӯи одамонро мебинам? Шармандагӣ. Донистагӣ вайро, надонистагӣ маро айб мекунад. Худоҷон, агар қудратат бошад, тезтар ҷонамро гир. Бас будагист ҳамин қадар шармандагӣ». Мӯйсафед боз мисли мусибатзадаҳо ба гиря даромад. Гиряи ӯ дилҳоро обу реш-реш мекард. Раҳми кас меомад ба ҳоли мӯйсафед…

Дар деҳа овоза паҳн шуд: «Писари Қосимбой падарашро задааст». Ин хабарро ҳар кӣ ҳар хел, аз рӯи фаҳмишаш шарҳ медод. Лекин аксарияти одамон писари Қосимбойро айбдор мекарданд: «Ҷавони хуб набаромад. Агар падарашро зада бошад, дунёю охираташ сӯхт. Оқ шуд. Охир, дар дунё «Падар ризо, модар ризо, худо ризо» гуфтаанд. Агар дунё охиру қиёмат наздик нашуда бошад, кадом писар падарашро задааст?

Додою оча бо сад умед бача калон мекунанд, ки дар пиронсолӣ асо гардад, дасташро гирад. Мӯҳтоҷи дигарон шудан намонад. Агар Қосимбой медонист, ки писараш калон шуда «қассоби» худаш мешавад, дар кӯдакиаш аз баҳри ин хел фарзанд мебаромад. Ба кӣ даркор чунин фарзанд?

Махсусан занҳои деҳаро намегӯед. Барои онҳо, ки чанд вақт ин ҷониб ягон гапи нав набуд, ин ҳодиса дастаки хуб шуд. Ба шунидаҳои хеш як бар даҳ зам намуда, ба қавле болохонадор карда, ҳодисаи нангинро, ки дар ҳақиқат дар тӯли умри баъзеҳо навтарин буд, шарҳу эзоҳ медоданд:

— Эъ, гӯр ин хел писар шавад. Номаш аз дунё гум шавад. Наход омада-омада падарашро занад. Дигар одам набуд-чӣ? Боз ҳамин хел задаст, ки футбол кардааст. Чандкаса базӯр халос кардаанд, мегӯянд. Ҷувонимарг боз ба ҳамсояҳои халос кардагӣ ҳуҷум кардааст, мегӯянд. Ин хел фарзанд, худо хоҳад, дасту пояш дар оташи дӯзах месӯзад. Канӣ давлат бошаду қонун бошаду ба ҳамин хел фарзандҳо ҳукмашро нишон диҳад. Бурда аз даҳону забонаш парронад. Ҳа, парронад, ки ба дигарҳо мактаб шавад. Ҳурматро ёд гиранд. Аз забонаш овезад ҳам мо розӣ. Машоихҳо гуфтанд: «Падарат хук бошад, хукбонӣ кун». Ҳол он ки аз рӯи донистани мо Қосимбой ин қадар одами бад нест. Ҳамин тавр не?

— Дуруст дугонаҷон, бечора одами бад не. Ба кору бори камбағалиаш доим овора. Як умр азоб кашида дар хонаҳои камбағалӣ фарзандҳояшро ба воя расонд. Хайр, фарзанди қобил бошад, бафаҳм бошад, ба гапи падару модараш дарояд-дия. Ҷавони пухта ҳам дили

падару модарро меёбад, ҳам дили занашро. Чӣ гуфтед, дугонаҷон?

— Дуруст, дуруст. Ҳама як хел намешудааст. Номи деҳаро ҳаром кард. Ба бадӣ баровард, як гӯсолаи ганда…

— Гандааш ганда будааст-дия, -мегуфт сеюмин. — Эрка гӯӣ, эрка ҳам не. Чанд фарзанду аз якдигариаш якдигариаш бадтар. Ин қадар одам ба падару модар бемеҳр мешудааст-у? Мегӯянд, ки дигар писарони Қосим-амак ҳам дер-дер ба хонаи падарашон омада хабар мегирифтанд. Ё, айби мӯйсафеду кампир ҳам бошад? Сонӣ, бачаҳои эрка ҳам нестанд-мӣ, дугонаҷон. Писари Нишонбойро бинед. Худаш танҳо, дар ҳамин хел оилаи тинҷу бекамӣ ба воя расида бошад ҳам, боз сари хамашро боло намекунад. Илоҳим ба пешонии падару модараш то охир ғунчад, онҳоро болои ҳафт қабат кӯрпача мешинондааст. Намемондааст, ки дасташонро ба оби хунук зананд. Аз забони келинашон ҳам ширу шакар мерехтааст. «Додоҷон», «модарҷон» гӯён номи хушдомани қайнитошро бе бисмиллоҳ ба забон намегирифтааст. Ҳамааш аз тарбия-дия, дугонаҷон. Дар кадом оила набошаду чанд нафар фарзанд набошад, ба падару модар вобаста. Аз аввал «балом, бӯтам» гуфта насиҳат кунанд, роҳи дуруст нишон диҳанд, нағз шуда рафтан мегирад…

Чанд рӯз аст, ки дар чашмонам хоб нест. Баъди он ки ҳодисаи нангинро дидам, ҳар лаҳза сару рӯи хуншори Қосим-амак пеши назарам ояд, таъбам хира, хаёлам парешон мегардад. Бештар фикр мекунам. Ҳатто вақтҳои охир аз нишастан дар назди падару модар шарм мекунам.

Гӯё, ки ман падарамро зада бошам, гӯё, ки ҳодисаи нангин дар ҳавлии мо рух дода бошад. Ё тавба, илоҳо ба ҳафт пуштамон ин охиратсӯзиро нишон надеҳ.

Инак, имрӯз ҳам дар туғёни хаёлотам. Чанд дақиқа хомӯш, таҳлили он манзара мекунам. Ғами бештар на аз он мехӯрам, ки Қосим-амакро писараш задааст. Маро чизи дигар азоб медиҳад. Ин ҳам бошад, тарбияи нодурусти фарзанд. Кӣ ниҳол шинонд, кӣ онро рост

накард, каҷу килеб, аз рӯи хоҳиши худаш ба кадом тараф, ки майл кунад, ба воя расонид? Магар худи Қосим-амак не? Пас, аз кӣ бояд гила кард? Бача лой, падару модар кулол, гуфтаи халқ. Агар онҳо лойро нағзакак пазонида, зарфи хубе месохтанд, мисли маҳсулоти кулолӣ серхаридор мегардид.

Дунёи бевафоро бинед. Ҳамсолоне дорам, ки аз дидори падару модар сер нагаштаанд. Имрӯз ҳам ба ёдашон мегирянд, афсӯс мехуранд, ки роҳати меҳнаташонро надида, аз дастурхони фарзандонашон як бурда нон нахӯрда аз дунё гузаштанд. Умри кӯтоҳ ба ин даст надод. Аз ин ҷиҳат ҳамсолонам ҳар як мӯйсафедро бинанд, оғӯш кушода, рӯяшонро ба риши барфосои онҳо гузошта, гарм-гарму самимӣ вохӯрдӣ мекунанд. Гӯё аз онҳо бӯи падарашон меомада бошад.

Аммо ин нохалаф падарашро «футбол» кард. Ин ҳамааш аз шикамсерӣ. Қодир аз дидори падар бисёр сер шуд. Онҳо, ки зиёда аз ҳафтод сол умр диданд, ба дили Қодир заданд. Шояд аз ин ҷиҳат дилбазан гашта бошанд? Шояд Қодир барин нохалафон хоҳанд, ки падару модарашон тезтар ҳавлию хонаро холӣ кунанд?

Ҳар кас рисқашро мехурад. Магар ин кор бо зӯрӣ мешавад? Худо медонад, пиру кампир боз чанд сол умр мебинанд. Боз чӣ қадар рисқу рӯзӣ доранд? «Як камон сад тирро бар хок пинҳон кардааст» фармудааст шоире.

Ё, шояд ин тавр гуфтан ҳам хато бошад? Дар деҳа садҳо нафар падару модар ҳастанд, ки синнашон ба ҳаштод расидаю аз он гузашта. Онҳо ҳам фарзанд доранд. Боре, нашунавидам, ки сӯи падару модар бад-бад нигоҳ карда бошанд…

— Ту, писарам, ин қадар фикр мекардагӣ шудӣ. Пеш ин хел набуд-ку? Ҳар кас бад ё нек мекунад, ба худ мекунад. Натиҷаи корашро мебинад. Баъд дар ҳаёт ин хел ҳодиса нав не. Дуруст, ки Қодир беақлӣ кард.

Баъди ин дигар вай дар ҷамъият одами нодаркор шуда монд. Лекин фарзандҳои хуб бояд ин ҳодисаро барои худ мактаб кунанд.

Адабро аз кӣ омӯхтӣ? Аз беадаб. Яъне кори кардаи вайро, роҳи рафтаи вайро одами ботамиз, бофаҳм накунаду наравад, дидӣ, ки боадаб шудааст.

Лекин, писарам, ҳаминашро ҳам гӯям. Дар ин дунё ҳама чиз қарз аст. Ҷав корӣ, ҷав мебардорию гандум корӣ, гандум. Қосимбой деҳқони асил набароmад. Набошад хор не, ҷав мекорид. Хор, ки корид, имрӯз онҳо ба баданаш часпиданд, халиданд, тала карданд.

Дар ин дунё ҳама чиз қарз, гуфтам. Намедонам, писарам, ба маънои ин гапам сарфаҳм рафтӣ ё не?

— Росташро гӯям, сарфаҳм нарафтам, падар.

— Яъне ман гуфтанӣ, ки дар ин дунё салом ҳам қарз, алейк ҳам, як мушт шаттаи ноҳақ ҳам. Беҳуда «қарз ба қиёмат намонд» намегӯянд. Мушт зада, албатта, аз ту не, аз шахси дигар «мазаашро» мечашад.

— Бо ин шумо, падар, чӣ гуфтанӣ?

— Таърих такрор ёфт, писарам. Қодир кореро кард, ки Қосимбой дар вақташ дар ҳаққи раҳматии қиблагоҳаш карда буд.

— Наход !?

— Ҳа, писарам. Охир, ман шоҳиди зиндаам-ку? Чаро дурӯғ мегуфтаам. Ин гап байни худамон монад, писарам. Он ҳодисаро ман барин ду-се нафар мӯйсафедони ҳаштодсола ё аз ин синну сол гузашта медонанд. Як шуду гузашт. Кори нағз, ки набуд, аҳли деҳа тез ҷимҷим карданд. Аҷоиботро бин, ки писарам, имрӯз таърих боз такрор ёфт. Каси надониста бовар намекунад, албатта. Ё тавба, -гиребонашро дошт падар. — Ман ба парвардигор қоил. Айнан дар ҳамин синну сол Қосимбой падарашро зада буд.

— Рост !? — Ҳайрон шуда пурсидам.

— Рост писарам. Ҳайрон нашав, писарам. Дастатро ба гиребон гир. Тавба кардам, гӯй. Зеро қиблагоҳамон мегуфтанд, ки қиёмат қоим шавад, писар аз гиребони падар мегирад. Набошад дар кӯҷо дидию шунавидӣ, ки барои ҳавлию ҷой шуда писар тарафи занашро гирифта, падарашро «қассобӣ» кардааст. Қосимбой ҳам дар ҷавонӣ Қодир барин гаҷири бадфеъл буд.

Баддаҳан буд. Забонашро дошта наметавонист. Беҳуда дашном медод. Лекин дар назди занаш забонаш лол. Ҳар чӣ мегуфт, гуфти ҳамонро мекард. Раҳматӣ падараш аз Қосимбой норозӣ, тавба кардам- ку боз худоя худаш медонад, аз дунё гузаштанд. Дунёро бин, писарам, боз раҳматӣ сирпӯшӣ карданд. «Пирӣ-дия, берун бароям гуфта пеши по хӯрда афтода, сару рӯямро қашқа кардам», -ба бисёриҳо ҳамин хел ҷавоб доданд.

— Қосим –амак ҳам задани писарашонро ба гардан нагирифтанд:

«Наход писарам маро занад?» Қодирҷон тилло гуфта, коркунони органро гусел намуданд, -фаҳмонидам ба падар.

— Ман ҳам аз дигарҳо ҳамин хел шунавидам. Дили падару модар ҳамин, писарам. Намехоҳад, ки ба пои фарзандаш хор халад. Номаш сиёҳ шавад. Дигарҳо фарзанди вайро таъна зананд. Ҳарчанд медонад, ки фарзандаш нохалаф, айбашро мепӯшад. Агар рафту касе дар ҳақи фарзандаш ягон ҳарфи носазо гӯяд, ягон мушт занад, тамом. Гӯё, ки ӯро дашном дода бошанд, гӯё, ки ӯро муште зада бошанд, мисли ҳезум месӯзад, бирён мегардад. Ҳаракат мекунад қасоси фарзандашро гирад.

— Қодир ҳам бачаю кача дорад. Рӯзе вай ҳам пир шуданаш мумкин. Боз нашавад, ки фарзандҳояш ҷазояшро диҳанд?

— Ин хел нагӯй, писарам. Дар ҳаққи як кас бадхоҳӣ накун. Худо худаш медонад. Вай тамошобин. Мӯйро аз хамир ҷудо мекунад.

Ман ба панди падар гӯш медодаму пеши назар он манзараи мудҳиши дидаам меомад. Нолиши Қосим-амак, рангу рӯи хуншори он кас. Асои пора-пора гашта. Сӯи падар мисли гурги гурусна бад-бад нигоҳ кардани Қодир. Доду вои Сабоҳат-апа. Фарзанди нохалафи худро дуои бад кардани модар… Ва боз мисли гурги пири тирхӯрда нолаи мӯйсафед…

Аз ин ҷиҳат аз дил мегузаронидам: хеҷ мумкин нест. Модоме Қосимбой- амак баъди гузаштани ин қадар солҳо «мукофот»-и хешро гирифта бошад, рӯзе Қодир ҳам мегирад. Бояд гирад. Таърих кори худро

мекунад. Вай такрор меёбад. Ба ҷӯи об омада об меояд…

## ҚИССАИ МОДАРИ ДЕВОНА

Ҳокима ном дошт ӯ. Духтари яке аз оилаҳои ба қавле ба худаш тинҷ. Падару модар беҳуда ба духтари ягонаи хеш Ҳокима ном нагузошта буданд. Калон шавад, ба воя расаду ҳокими ҳавлию хона ва оқибандози волидайн гардад, -орзуи онҳо буд. Охир, дигар чӣ кор кунанд? Аз худо зӯр набошанд. Харчанд худо- худои ҳама, аммо ҳамаро бо як чашм надид. Холаи Ҳабиба чанд нафар таваллуд кард. Онҳо писар ҳам буданду духтар ҳам.

Аммо умрашон ду-се моҳӣ. Яъне парвардигор додагиашро боз гирифт. Ғам хӯрданд зану шавҳар. Мӯи сиёҳи модар дуранга гашт. Ва ҳатто торҳон сафедаш рӯз то рӯз бартарӣ пайдо намуд.

Дарду алами амаки Даврон аз ин ҳам зиёдтар. Роҳи рафта, нони хӯрдаашро намедонист. Дасту дилаш аз кору бор, аз зиндагӣ торафт хунук мешуд. «Ба кӣ кунам? Писар надошта бошам, ки тӯю сур карда, орзуямро шиканам. Як ризқ бошад, мегузарад. То мурдана ҷамъ кардагиамон мерасад» аз дил мегузаронид ӯ. Ин тавр мегуфту боз аз паи зиндагӣ мешуд. «Кор накунӣ хор мешавӣ, кон бошад ҳам, сарф кардан гирӣ, тамом мешавад. Кӣ як бурда нонашро беҳуда медиҳад. Нашавад, ки ҷолу кампир дар пиронсолӣ мӯҳтоҷи марду номард гардем. Ҳоло, ки қувват ҳаст, кам-кам меҳнат кардан даркор. Захира зарар намекунад. Сонӣ модоме, ки худо худои ҳама бошад, наход ноумед кунад. Боз дар ягон ҷо руст карда мондагиаш будагист. Шукр, доду гирифт. Ҳеҷ набошад, охиратамон обод гашт. Дар он дунё ҳам бача даркор. Қабристонро обод кардем. Агар раҳмаш ояду писар ё духтар бо умри дарозаш диҳад, ҳавлию ҷойро бо дасти худамон супорида бо хотири ҷамъ чашм пӯшем, дигар армон надорам-ин буд орзуи амаки Даврон.

Баъди гиряву нола ва ба чанд мазор чалпаку нӯгча кардан худо Ҳокимаро дод.

Шукр карданд. Боз ба чанд мазор нарзу ниёз намуданд. Ба садақаталабҳо садақа доданд. Дуои пиру барно, ҷамъиятро гирифтанд. Ва кӯдакро чанд қабат печонида, рӯяшро ба баду нек нишон надода калон карданд. Мақсад чашми бад нарасад. Охир, одами моргазида аз ресмони ало метарсад. Бо ин роҳ на танҳо чилу солаш баромад, балки ду-се сола ва ҳатто кӯчабарояк шуд.

Ҳокима «зирбидагӣ» буд. Ҳар гапро калонсолон дар ҳузураш гӯянд, зуд чинда мегирифт. Рафту як гапро пурсанд чандтои дигар илова намуда, ҷавоб медод. Баъзан гапҳое мегуфт, ки калонсолон даст ба гиребон мебурданд. Гӯё, ки ба вай касе ёд дода бошад. Аз ин ҷиҳат:

— Духтарчаатон бисёр ҳам зирбидагӣ-дия. Ин қадараш ҳам намешавад.

— Эҳтиёт кунед. Чашми одамизод сангро кафондааст, -маслиҳат медоданд ёру дӯст.

Баъди ин насиҳатҳо дар дили амаки Даврон алоб меафтид. Бештар дар бораи духтарчаи солиму боақлаш фикр мекард. Ҳар хел шубҳаҳо дилашро фишор медод. «наход боз бевафоӣ кунад? Наход боз!? Тавба кардам худоҷон. Ба ту шаккокӣ кардан гуноҳи азим аст. Танҳо аз даргоҳат илтиҷо дорам. Қатори дигарон умри ҳамин духтарчаи моро ҳам дароз кун. Худоҷон, раҳмамро хӯр. Бас будагист ҷафо дидан, бо дасти худ фарзандро ба хок супоридан, таънасори дӯсту душман гардидан?! Бо чашми раҳматат бин худоҷон. Доғи фарзанд, хоҳ вай хурд, хоҳ калон, барои падару модар аҷали тайёр аст. Мо дидем, илоҳо душманамоя душманаш набинад. Аз ин рӯзи сиёҳ ҳаст магар!? Лекин касе ҳамин аҳволи моро дида хандад, ҳасад хурад, таъна занад, худаш медонад…

Ҳокима калон шуд. Духтари чор кас медидагӣ. Ҳусни расо дошт. Рӯяш гӯё медурахшид. Чашмони сиёҳу дарозмижгонаш бо ҳам «ҷанг» мекарданд. Чорпаҳлӯи кулчарӯй буд вай. Миёнақад, мӯи дарози ҳамеша бо

ҳавсала майда карда бофтааш ҳангоми роҳ гаштан дар тахтапушташ мавҷ мезад.

Духтар, ки калон шуд, харидор ҳам бисёр мешавад. Алалхусус ба Ҳокима баринҳо. Рӯзу шабе набуд, ки чанд нафар хостгорон дари амаки Давронро накӯбанд. Омада, соатҳо нишаста, майнаи зану шавҳарро гиҷ мекарданд. Хазорҳо росту дурӯғ пеш меоварданд. Аммо амаки Даврон ба ҳамаи онҳо як хел ҷавоб медод:

— Шумо шароити моро медонед. Худо аз як ҷиҳат кам кардагӣ. Чанд нафар писару духтар доду гирифт. Синну соли мо ҳам наздик ба шаст рафт. Дар пирӣ одами нигоҳ мекардагӣ даркор. Аз ин ҷиҳат ҳоло Ҳокимаро ба шавҳар доданӣ нестем. Беҳуда овора нашавед. Моро ҳам дар ҳиҷолат намонеду худатонро ҳам. Гаштааст-дия. Акнун ба ҳабдаҳ даромад. Ҳур шуда парида рафт чӣ?

Нияти зану шавҳар дигар буд. Ҷавоне ёбанд, ки аз оилаи бамаънӣ бошад. Таълим гирифта қобилу ёлуқ, гапдаро. Вайро биёранду хонадомод кунанд. Ҳамроҳи Ҳокима соҳиби мерос мешавад. Дар як вақт ба қадри меҳнати ҳамин қадар солаи пиру кампир расад. Барои ин, албатта, сабр кардан лозим. Зеро на ҳамаи писардорон ба ин шарт розӣ мешаванд. Ҷавонҳо бошанд, ор мекунанд.

Интизорӣ тӯл накашид. Рӯзе ба ҳавлии холаи Ҳабиба додарзодааш омад. Ӯ ҳамин тавр, барои дидани аммааш омада буд. Ҳар ду хеле сӯҳбат карданд. Гузаштаро ба хотир оварданд. Холаи Ҳабиба ашки зиёд рехт. Аз бахти бад, сари сахташ ашк рехт. Худо давлат доду писар не, ки соҳиби ин ҷою ҷалол шавад, гуфт. Ягон нафар азони худӣ харидорӣ намекунанд. Бегоная зоташ бегона. Ҳазор нағзӣ кунӣ ҳам, медонистагиаш кам. Метарсам, ки фардо ягон ҷавони ноқобил омада мисли баъзеҳо хору зор накунад.

— Шукр дар ман чор писар ҳаст. Медонед-ку. Се нафарашро «парринчак» кардам. Ба шумо, аммаҷон, як нафар не, сад нафар писар бошад ҳам медиҳам, лекин кенҷатоямон-Шодиҷон аз Ҳокима хурдтар-дия?

— Ба чанд даромад, ки?

— Имсол ҳабдаҳро пур мекунад.

— Ҳокима акнун ба ҳаждаҳ қадам монд. Фарқаш кам будааст.

— Дигар азони худӣ нест-дия?

— Нест, додарам.

— Ба ҳар ҳол ман як маротиба дили Шодиҷонро фаҳмида бинам. Бача-дия, боз шасти одамро напаронад. Розӣ шавад, фарзанди шумо.

Салимҷон марди хуб буд. Раҳмдил. Махсусан аммаашро «нишони падарам» гӯён беҳад ҳурмат мекард. Дар ҳозиру ғоибаш фикри ӯро менамуд. Аз ин ҷиҳат ҳоло чанд рӯз аст, ки бо писараш «кор» мебарад. Ҳарчанд дар бораи Ҳокима-аммааш гап накушодааст, аммо овони сӯҳбат бештар дар хусуси зиндагии чунин шахсон, чанд нафар хонадомодҳое, ки дар маҳаллашон ҳастанд, нобаробарии ҳаёт ҳарф мезад. Бо ҳамин роҳ гӯё Шодиҷонро ба иҷрои вазифаи муҳим тайёр менамуд.

Инак, имрӯз падару писар кушоду равшан гап мезаданд.

— Шодиҷон, писарам, ман як кори савоб карданӣ. Намедонам ту ба ин розӣ мешавӣ ё не? Лекин гуфта монам, писарам, дар ин масъала туро маҷбур намекунам. Хуб хаёл карда, баъд ҷавоб деҳ. Ҳаёт чизи мураккаб. Аз ин ҷиҳат ба гапҳои ман бо диққат гӯш кун. Майлаш, агар хоҳӣ, барои дурусттар фикр кардан боз як- ду рӯз вақт ҳам медиҳам.

— Ҳамин қадар масъалаи мушкил чӣ?

— Ҳа, писарам, ҳаёти кас, ки ба вай вобаста, душвор.

— Шумо падар-ку? Наход дилатон шавад, ки фарзандатонро ба оташ партоед. Инро, ба фикрам ягон падару модар намехоҳанд.

— Раҳмат писарам ба чунин ақлу тамизат. Худо хоҳад, аз ту умедам калон. Бовариам буд, ки ту ҳам бародаронат барин аз хати кашидаам берун намебароӣ. Набошад, гап ҳамин, писарам. Ману модарат маслиҳат кардем. Ниятамон духтари аммаат-Ҳокимаро ба ту нон шикастан. Аммаат бошанд мегӯянд, ки Шодиҷон соҳиби ҷою ҷалолам гардад. Хизматамро карда, якрӯза

мурдаамро соҳибӣ кунад. Дар сари тобутам нола карда, бефарзандиам-бееписариамро номаълум кунад. Ба ин ту чӣ мегӯӣ?

— Ман аллакай фикрамро гуфтам. Ҳар чӣ ки шумо гӯед, ҳамон мешавад.

Шодиҷон ба маслиҳати падар розӣ шуда хато накард. Ҷуфти муносиб афтода буданд онҳо. Шодиҷон дар манзили нав худро бегона ҳис намекард. Гӯё дар ҳамин ҳавлӣ таваллуд ёфта, дар ҳамин ҷо камол ёфта бошад. Дидадаро, ки буд, тез ба дида ҷо шуд. Мисли фарзандашон ва ҳатто баъзан аз он ҳам зиёдтар хизмати аҳли оиларо мекард. Ҳоло ман домоди нав, чор-панҷ моҳа намегуфт. Ба назар чунин менамуд, ки хона, ҳавлӣ хӯҷаинашро пайдо кардааст. Соҳибдор шудааст.

Ҳабиба апа дуои ҷони Шодиҷонро мекард. «илоҳо асло кам нашав. Хока гирӣ, зар шавад. Пешраву бобарор гард. Ба калонкардагиат раҳмат. Фарзанди одами нек-дия. Аз забонаш қанду асал мерезад.

Зиндагии хонадон бо маҷрои орому муайян равон буд. Ҳабиба-апаю амаки Даврон мехостанд тӯи набера бинанд. Ошу нони мардумро диҳанд. Баъд худо умрашонро дароз кунад, набераҳоро ба воя расонанд. Аз паси Шодиҷону Ҳокима миёни мардум гарданд. Забондарозӣ кунанд. Аммо... Соли сеюми хонадории ду ҷавон бобарор омад. Худо ба қади Ҳокима дод. Ин хурсандии аҳли хонадонро дучанд намуд. Махсусан падару модари Ҳокима курта- курта гӯшт мегирифтанд. Оҳир, он рӯз дур нест, ки наберадор шаванд.

Падару модар, Шодиҷон Ҳокимаро хеле эҳтиёт мекарданд. Кори вазнин кардан, бори вазнин бардоштан намемонданд. «Сиҳат-саломат халос шавад», аз дил мегузаронид Ҳабиба –апа. Дилаш гӯё аз чизе хиҷил буд. Баъзан сиёҳӣ пайдо мекард. Чашмаш мепарид. Хобҳои хархела медид.

— Гӯр ин чашми ман шавад. Як моҳ боз мепарадe? Намедонам сабаб чӣ бошад? Ё, ягон хӯроки намешудагӣ хӯрда бошам?» Ҳабиба апа барои худро таскин додан чанд тор мижаашро канда ба даруни куртааш

мепартофт. Ба мижааш хас мемонд. Аммо хеҷ не ки вай аз паридан монад.

— Сари худатро хӯр, -бо қаҳр мегуфт Ҳабиба апа. Ин қадар мепаррӣ? Ё ягон бало зад?

Ҳар қадар, ки чашмаш беист мепарид, дили модар ҳамон қадар хавотир мешуд. Таъбаш хира буд. Бо кӣ ҷанг кардан, аз кӣ алам гирифтанашро намедонист. Ба чанд кас арз намуд. Вале аз дасти ҳамсояҳо ҳам чӣ меояд? Онҳо тасаллӣ медоданд. Ин ё он қоидаро ба ҷо оред. Мабодо хӯроки ягон одами дилатон намебардоштагиро нахӯрдаед-ку. Ба ҳар ҳол ба ягон фолбин нишон диҳед, бад намешавад мегуфтанд.

Ҳабиба апа дид, ки намешавад, назди фолбин ҳам рафт. Лекин аз он ҷо бо табъи хира баргашт:

— Баъди даҳ рӯз гумм, баъди як моҳ гумм дар ҳавлиатон гумм ё дигар ҷо гумм як шодӣ ё ғам мешад гумм. Вайро шабу рӯз азоб медиҳад, гулӯяшро хафа мекунад, аммо ба касе намегӯяд гумм. Ба ивази ҷонаш ҷон мепурсад. Лекин бо ин халос мешуда бошад ё не ин ба раҳми худо вобаста. Ба ҷони ҷавонаш раҳми худоояд, ҳеҷ гап не. Муштипар боақл будааст. Падару модарамро ғам надиҳам мегӯд. Худаш хоб дидагӣ, ки аҳволаш чӣ мешавад, аммо худашро ҳамеша хурсанд мегирад, гумм. Ба ҳар ҳол ба азизу авлиёҳо назр кунед. Ба худои таолоҳ гиряю нола кунед…

Баъди як ҳафта Ҳокимаро ба беморхона бурданд. Ӯро дард сахт азоб медод. Духтурҳо не, як нафар доя баромада хабар кашидааст, ки таваллуд карданаш душвор. Хунаш кам, дилаш беқувват. Шодиҷон тайёр буд чӣ қадар, ки даркор бошад, хун диҳад. Аммо хуни ӯ ба Ҳокима намешудааст. Дар рӯи ҳавлии таваллудхона ёру дӯст бесаранҷом мешуданд. Назди чанд нафар духтурони шиносу ношинос рафта илтиҷою илтимос мекарданд. Мадади онҳоро мепурсиданд.

— Ҳаракат мекунем, то аз дастамон омадан ёрдам диҳем. Ҳамааш нағз мешавад, -тасалло медоданд онҳо. Ҳар соат мисли рӯдаи гов дароз менамуд. Хабиба-апа бетоқат мегашт. Гӯё, ки ояндаи омади корашро медониста бошад, ашк мерехт. Ҳазор маротиба розӣ

буд, ки кӯдаки Ҳокима нобуд гардаду духтараш зинда монад. Аммо.. Аммо кай офаридагор бо маслиҳати бандагонаш кор карда буд, ки акнун кунад. Ӯ худаш медонад амалашро. Ба қавле ба пешонии ҳар кас аз рӯзи азал навишта шудааст. Ризқаш, умраш, амалҳояш, бурду бохташ, буду нобудаш дар зиндагӣ. Вайро дигар намудан мумкин нест. Шаккокӣ ба худои карим мешавад.

Ҳабиба-апа дар як ҷо истода наметавонист. Гӯё азоби духтарашро аз ҳамин ҷо истода бо чашмонаш медида бошад. Нолаҳои ӯро мешунавида бошад: «Модарҷон, ман чӣ кор кардам ба шумо? Ба шири додаатон розӣ шавед! Хизмат карда натавонистам модарҷон. Умр кӯтоҳ барин. Аҷал аз гиребонам сахт қапидааст. Халосӣ набудагӣ барин. Об, об модарҷон, об! Мемурам, модарҷон, мемурам!

Ме..рам…»

Модар як қад парид. Ба гӯшаш овози охирини духтараш расид магар? Ё тире буд ки синаашро сӯроху гӯшашро кар кард.

— Диламро гургҳо тала карда истодаанд, мардак. — Ҳабиба-апа назди амаки Даврон омад. Гӯр ин чашми ман шавад. Ҳокима илоҳим тинҷ бошад. Ба хаёлам духтарам сахт азоб мекашад. Аз сараш чӣ мегузарад, худаш медонаду худо. Ба умри ҷавониаш раҳми худо ояд, ҳеҷ гап не. Набошад…

Амаки Даврон базӯр худро ба даст гирифт. Қариб буд ашк резаду гӯяд:

— Набошад, ману ту занак ғариб мешавем. Дар хонаи танҳо мемонем. Шодиҷон ҳам моро партофта меравад. Касе намемонад, ки пои тобути моро бардорад… Аммо худро ба даст гирифт. Нахост аз пода пеш чанг кунад.

— Барои бемор Ҳокимаи Даврон кӣ омадагӣ? - пурсид зани миёнсоли хилъати сафед пӯшида аз дар баромада.

— Мо, мо, –ҷавоб доданд чанд нафар. — Вале аз ҳама пештар ба назди зан Ҳабиба-апа давида омад:

— Чӣ шуд, хоҳарам. Чашмаш сиҳат-саломат рӯшан шуд? Писар ё духтар?

— Нағз модарҷон. Ҳозир мешавад. Ба ман шавҳараш даркор? Кӣ шавҳараш?

— Ман! — Шодиҷон тез ба пеш гузашт. — Ман! Хизмат?!

— Шуморо мудир ҷеғ зада истодаанд.

— Мудир?! Тинҷӣ мӣ?

— Тинҷӣ, тинҷӣ, натарсед.

Мудири таваллудхона Гуландоми Саид мотам дошт. Бо таъби хира, сари хам менишаст.

— Маро ҷеғ задед?

— Шумо шавҳари Ҳокимаи Даврон?! Шинед, ҷавон.

❁ ❁ ❁

Чанд дақиқа гузашт. Аммо Гуландоми Саид хомӯш буд.

— Маро бубахшед, ҷавон. Харчанд ҳаракат кардем, нашуд. Зӯрамон нарасид. Шояд шумо моро фаҳмед.

Шодиҷон шах шуда монд. Чӣ гуфтанашро намедонист. На, аниқтараш ӯ чанд дақиқа аз ҳуш рафт. Намешунавид гапҳои мудирро.

— Ба шумо чӣ шуд, ҷавон!? Худро ба даст гиред. Мо шуморо мард, ҳама чизро мефаҳмед гуфта ба ин ҷо даъват намудем. Одам вазнин мешавад. Нашавад, ки шуморо дида дигарҳо доду фиғон, мағал бардоранд. Бемор падару модар доштагист. Аз шумо дида ба онҳо вазнинтар. Инро мо нағз мефаҳмем.

— Дорад…Дорад… Шумо онҳоро зиндалай куштед. Ҳа зиндалай куштед. Дигар Ҳокима нест. Нест!? Ӯро куштед!.. — Шодиҷон девона гашта буд. Ӯ аз ҷояш хеста, деворро бо як дасташ дошта, ҳар калимаро чанд бор такрор намуда, оҳиста-оҳиста оқиб рафта, аз идораи мудир ба долон ва аз он ҷо якбора дод гуфта ба берун баромад.

— Модарҷон, рӯямон сиёҳ шуд. Ҳокимаро аз даст бой додем. Ҳокима бевафоӣ кардааст…

— А-а? — Ҳабиба-апа якбора аз ҳуш рафта ба ҷояш нишаста монд. Чанд нафар занҳо давида омада ӯро ба даст гирифтанд. Кадоме об оварда ба рӯяш зада ҳушёр кард.

— Ҳабиба-апа, Ҳабиба-апа! Ба шумо чӣ шуд?

— Худро ба даст гиред.

Амаки Даврон бо тамоми овозаш «Воҳ ҷигарам! Воҳ балам, шаҳид гаштӣ, балам! Раҳми маро нахӯрдӣ, балам! Падару модари пиратро дар хонаи танҳо мондӣ балам! Ғариб шудем, балам, ба ҷои ту ман мемурдам, намешуд, балам. Мурдан ба ман мезебид, балам…-навҳа мекард.

Ҳабиба-апа ба ҳуш омад. Қарсакзанон аз ҷой хест. Хун мегирист ӯ. Нолааш дилҳоро об, синаҳоро бирён месохт.

Одамони бисёр ҷамъ шуданд. Касе набуд, ки баробари шунавидани шумхабар афсӯс нахӯрда чанд дона ашк нарезад.

Мошини «Ёрии таъҷилӣ» омад. Ҳокимаро бо норбон баровარданд. Болояш пӯшида буд. Ҳабиба –апа хост давида омада худро ба болои духтараш партояд. Аммо чанд нафар нагузоштанд.

— Майитро азоб надиҳед. Вай шаҳид шудагӣ. Бе ҳамин ҳам бо дили кашол аз дунё рафта истодааст. Акнун дуо кунед. Охираташро обод гардонад худо. — Носеҳон бисёр буданд. Аммо магар ин суханҳо дар он лаҳза ба гӯши модари синачок, сиёҳбахт, фарзандгумкарда медаромад?

Ҳабиба-апа ҳамоно дод мегуфт. Рӯю мӯяшро меканд. Аз чанд ҷои рӯяш хун ҷорӣ мегашт. Дар як лаҳзаи хеле кӯтоҳ симои модар тамоман дигар шуда буд. Ба назар пиртар, мӯяш сафедтар менамуд. Рангаш мисли яктаки сиёҳи нимранги танаш хинг, биниаш теғ кашида чашмонаш ба фарқи сараш нишаста буд.

Ҳабиба апаро ҳамроҳи амаки Даврон ба мошини сабукраве савор намуда пештар ба хонааш гусел намуданд. Аз паси онҳо «Ёрии таҷилӣ»ба ҳаракат даромад.

Дар таги дарвоза Ҳабиба- апаро ду- се нафар занҳо мадад карда фаровარданд. Ӯ қарсакзанон нола мекард:

Ҳокимаҷони расоям! Ба по рафта сарғалтон омадагиям, Ҳокимаҷон! Номат аз ҷаҳон гум мешавад. Ҳокимаҷон! Ба тавр ман чӣ кор кардам. Туро дар хонам арӯс карда роҳат мебинам гуфта будам, Ҳокимаҷон! Рӯям сиёҳ шуд. Ҳокимаҷон! Даҳонам талх шуд, Ҳокимаҷон!..

Одамони зиёде, ки дар таги дарвоза мисли ниҳоли сафедор рост меистоданд, баробари намоён гаштани мошин «ана оварданд» гӯён ба ҷунбиш даромаданд. Онҳо ба мошин наздик шуда, ба фаровардани майит мадад карданд. Дар ин лаҳза ҳама фиғон дошт. Пир ҳам мегиристу ҷавон ҳам, дӯст ҳам, душман ҳам. Шояд барои ҳамин гузаштагонамон ин лаҳзаҳоро дида «мотамхона» номида бошанд.

— Оҳиста-оҳиста, бесаранҷом нашавед. Майит азоб накашад. Аз ин тараф, аз он тараф гиред, — овозҳо мебаромад. Ҳокимаро беозор оварда болои кат хобониданд. Кампири Оиша-покшӯи маҳалла ки бо Ҳабиба -апа хеши дур буд, бехабар омада, дар хона менишаст. Ӯ Ҳокимаро «пешвоз» гирифта, ҷои хобашро ба одамон нишон дода сипас:

— Канӣ акнун, мардакҳо, ҳамаатон хонаро холӣ кунетон, — гуфт. Ва хост сару либоси Ҳокимаро кашида вайро ба тартиб дарорад. Ҳамин вақт Ҳабиба-апа бо тамоми овозаш «Воҳ балом! Воҳ балом, балои берӯзиам» гӯён вориди хона гашт. Рӯи қашқа гаштаашро ба рӯи духтараш гузошт. Бӯса кард. Боз ру ба рӯ монд. Даҳан ба даҳан кард. Ва чун дид, ки чашмони Ҳокима то ҳол нимпӯш аст, ба хотираш чизе расидагӣ барин шуд.

— Ман сад ҳазор бор розӣ. Ба тақдири худо тан надода чӣ кор мекунам? Аз дасти бандааш чӣ меояд? Хотиратро ҷамъ кун. Модари сарсахтат рӯзашро мебинад. Ҳа, зинда рӯзашро мебинад. Ҳайфи умри ҷавонию ҷони худат. Илоҳим парвардигор, охирататро обод кунад, духтарам-гӯён бо дастони ларзонаш чашмони Ҳокимаро молид, чанд қатра ашк ба рӯи майит афтид. Ҳокима гӯё розигии модарашро шунавидаю фаҳмида бошад, номаълумакак чашмонашро пӯшид. Ё, кӣ медонад, дар назар ҳамин тавр менамуд.

Кампири Оиша ба Ҳабиба –апа наздик шуд:

— Хезед акнун. Ин рӯз як ба сари шумо наомадааст. Шукр кунед, ки будаасту ба худо даркор шуда гирифтааст. Берун бароед. Занҳои бисёр омадаанд. Вайҳоро ҳам дидан даркор. Онҳо шуморо гуфта омадаанд. Розӣ шудед, монед акнун, вай ором хоб кунад. Руҳаш парешон нашавад. Хезед, бекор худатонро обу адо накунед. Фоида надорад. Бо гиря агар зинда мешуданд азизу авлиёҳо зинда мешуданд, -ҳам насиҳат ва ҳам тасалло дод ӯ.

— Аз ин рӯз мурданам беҳтар. Вай ба таги замин рафта хоб кунаду ман дар рӯзи равшан гардам?! Худоҷон, тани духтарам хунук нашуда ҷони маро ҳам гир. Дар паҳлӯяш ҷой деҳ.

— Даркор шавад, аз ману шумо напурсида ҳам ҷонамонро гирифтан мегирад. Одам гуфтагӣ вазнин мешавад. Дар берун шуморо гуфта омадагӣ. Хезед, хезед, — кампири Оиша аз таги дасти Ҳабиба апа дошта мадади хестан намуд.

— Монед, ман аз дидори зебояш сер шавам. Қомати расоятба мурад, очат. Қошони сиёҳатба мурад, очат. Ман истода чӣ хел ба худат дилат шуд, балома! Мурдан ба ман мезебид, Ҳокимаҷон! Ҳабиба-апа марсияхонон берун баромад. Чанд нафар занҳо омада бо ӯ канор гирифта баробар нола карданд.

Ҳамин тавр он рӯз Ҳокимаро ба хок супориданд. Дере нагузашта дуою фотиҳа ҳам ба охир расид. Рафту омади одамон рӯз то рӯз кам мешуд. Акнун маълум гардид, ки дар ҳақиқат Ҳокима мурдааст. Зеро ҷои ӯ холӣ буд. Ҳавлӣ, гӯё сели бадвоҳимае омада шуста рафта бошад. ҳуввас мекард. Аз тарафи дигар ҳарчанд Ҳабиба-апа мегирист, рӯзе ду-се маротиба нола мекард, аммо бовариаш намеомад, ки духтараш мурдааст. Як тарафи дилаш пур буд. Гӯё ба сафаре рафтаасту пагоҳфардо баргашта меомада бошад. Бале, ин ҳама танҳо умед буд. Дар амал бошад. Ҳокима ба роҳи охирин, абадӣ сафари бебозгашт намуда буд.

Ҳавлиро, ки холӣ медид, дили Ҳабиба-ана бухс мекард. Ҳарчанд ӯ борҳо ба сари марқади духтараш рафта, ӯро надида бошад ҳам, аммо боз мехост парвоз-

кунон ба он ҷо равад. Раваду соатҳо нишаста бо Ҳокима «гуфтугӯ» кунад. Дарди дилашро ба духтари ягонааш гуфта гирад. Борҳо шудааст, ки амаки Даврон завҷаашро аз роҳ гардонидааст. Ӯ аввалҳо бо сухани мулоим насиҳат мекард, тасалло медод. Дид, ки нашуд, сиёсат намуд: ту худатро бой медиҳӣ, занак! Дилат мешавад, ки ман дар пирӣ дар хона танҳо монам? Маро худо дар назди ту фармояд. Набошад мурдаам дар хонаи танҳо мемонад.

— Мефаҳмӣ, занак! Як рӯз бошад ҳам аз ту пештар мурам, шуд. Ман акнун дигар касе надорам. Танҳо ту маро саранҷом карда метавонӣ.

— Натарсед, мардак. Ман ҳоло намемурам. Ҷонам сахт. Худо намуру мурда- мурда гард, гуфтагӣ. Набошад кайҳо ҷонамро мегирифт.

Амаки Даврон аз ин суханҳои завҷааш мегирист, ҳунгосзанон. мисли бачаҳо мегирист. Гиряи ӯ дилхарош, сӯзон, умркӯтоҳкунанда буд. — Дар ин дунё касе посутун нашудааст, занак. Ҳама мемурад. Духтари ҷавонамон мурду мо мемонем чӣ? Танҳо ман мехоҳам дар дасти ту ҷон диҳам. Ғайр аз ту дигар ба кӣ умед бастан мумкин. Шодиҷон ҳам рафт. Ба пешониамон вай ҳам нағунҷид. Майлаш, вай ҳоло ҷавон. Хаёт диданаш даркор. Танҳо ҳар замон-ҳар замон омада истад, шуд. Арвоҳи Ҳокимаро шод кунад. Дигар ҳеҷ чиз талаб надорам. Мо аз Шодиҷон бадӣ надидем. Чанд соле, ки бо Ҳокима умр ба сар бурда бошад, аз забонаш қанду асал мечакид. Меҳрубон буданд. Тақдир, нону насиб будааст. Ба пешониаш Ҳокима нағунҷид.

Дили Ҳабиба-апа ба ҳоли амаки Даврон месӯхт. Ашкрезонии ӯро дида боз худро ба даст гирифт. Ҳаракат намуд чанд соат дарду алами духтарашро фаромӯш созад. Аз куҷо? Нашуд. Дилаш боз ба ғул-ғула даромад. Қуввае пайдо гашта ӯро маҷбур сохт нола кунад, такрор ба такрор ғами ҷудоии фарзандашро гӯяд. Сари марқади Ҳокима рафта, соате нишаста, ҳаври дилашро паст кунад. Кӣ медонад, инро мӯйсафед-амаки Даврон мефаҳмид ё не? Ё дарду алами ӯ ҳам зиёд буду ошкор намесохт?

Рӯзҳо гузаштанд. Ҳабиба-апа торафт серожангу қоматҳамида ва таги рӯяш зарду лоғартар мегашт. Дар даруни либоси сиёҳ вай дарахти пири хушкидаеро мемонд. Вақтҳои охир хотирпарешону маъюс буд. Роҳи рафта, гапи гуфтаашро намедонист. Агар рафту ягон асбоби рӯзгорро ба ҷое гузорад, барои ёфтанаш соатҳо сарсон мегашт. Бисёр мешуд, ки чизи дар наздаш истодаро намедид. Модар мисли ҳаррӯза ин пагоҳ барвақт хест. Ӯ хоби дидаашро пурра ба хотир оварда натавонист. Лекин каму беш дар ёд дошт. Махсусан, сӯҳбати гарм- гарми шабона бо духтарашро. Аз ин ҷост, ки дилаш ба Ҳокима гум зад. «Чанд вақт ин ҷониб ба хабаргириаш нарафтам. Шояд барои ҳамин арвоҳаш парешон гашта бошад» аз дил гузаронд модар. Илоҳим қабраш тинҷ бошад. Гӯр ин мӯйсафед шавад. Намемонад, ки рафта хабар гирам. Метарсад, ки ман мемураму танҳо мемонад. Мана натиҷааш. Ба хобам даромад.

Модар азм намуд худи ҳамин пагоҳ мӯйсафедро ба масҷид гуселонида сари қадам ба сари қабри духтараш рафта меояд.

Амаки Даврон мисли ҳарвақта «уҳу-уҳу» гӯён сулфида-сулфида, торат карда сару либоси тозаашро пӯшида ба масҷид, ба ибодат рафт. Аз паси вай Ҳабиба-апа ҳам яктаки кӯҳнаи рангаш паридаро пӯшида, роҳи қабристонро пеш гирифт. Модар тез роҳ мерафт. Ҳар замон худ ба худ чизе мегуфт. Гап мезад ё нола мекард, номаълум буд. Занҳои маҳаллаи мо одати хуб доранд. Саҳарӣ барвақт аз хоб хеста ба таги дарвозаашон об мезананд. Тоза карда мерӯбанд, дидори ҳамсояҳоро дида аз сиҳат- саломатиашон пурсон мешаванд. Онҳо танҳо мардҳоро бинанд, аз пагоҳӣ пеши роҳашонро «набурем» гӯён рӯй панаҳ мекунанд ё тез вориди дарвозаашон мегарданд. Ин панди модару модаркалонашон будааст.

Ана дар ҳамин пагоҳӣ чашми чанд нафар занҳо ба Ҳабиба –апа афтод. Дилашон ба ҳоли модари фарзанд гумкарда реш-реш шуд.

Бечораро ғами фарзанд адо кард. Боз ба сари қабр рафта истодааст. Вазнин, дар ҳақиқат вазнин. Илоҳим

душмани одам ин рӯзро набинад, -гӯён ғоибона дилсӯзӣ мекарданд.

Оромгоҳи маҳалла. Вақтҳои охир обод гаштааст. Одамон дар рӯзхои «Поси хотир» роҳравҳояшро ба тартиб оварда, ду тарафи он ниҳол шинондаанд. Сари марқад сангҳои мармар пайдо гаштаанд. Аммо болои қабри Ҳокима урён. Чойники гулдори сурх ва пиёлаи бегули рангаш кабуд гузоштаанд болои хокаш. Шояд муваққатӣ бошад. Барои гум нашудани қабр. Модар ба ҳеҷ чиз эътибор намедод. Ӯ ҳатто ба сагҳои дайдуи мазор, ки Ҳабиба-апаро дида, як-ду бор дилу бедилон «ав-ав» гӯён овоз бароварда сипас дигар тараф монда рафтанд, аҳамият надод. Ҳар қадар марқади духтараш наздик мешуд ҳамон қадар тезтар қадам мегузошт, дилаш тез-тез зада, сӯзишаш зиёдтар мегашт. Нолааш баландтар мешуд: Ман омадам, аз ҷоят хез Ҳокимаҷон! Туро ёд карда омадам, балом! Аз барат ҷой деҳ, балом! Модари танҳоят мурад, Ҳокимаҷон! Ашки чашмонам хушк шуд, балом. Шунидам, ки ба Шодиҷон зан кардаанд, имшаб қабрат сӯхт чӣ, балом? Воҳ балом, воҳ балом! Балои сӯзонам воҳ балом! Чӣ хел дилат, шуд, ки маро танҳо партофта омадӣ, воҳ балом! Як боракак хез, очагию бачагӣ кунем. Ҳокимаҷонам балом!

Модар оғӯш кушода худро болои қабри духтараш партофт. Муддате, то хаста гаштан ҳунгосзанон мисли духтарчаҳои модаргумкарда гирист. Гиристу гирист. Ва хаста гашта хобаш бурд.

Амаки Даврон мисли ҳаррӯза аз намози пагоҳӣ баргашта ҳавлиро холӣ дид. Ӯ ду-се бор:

— Ҳокима, Ҳокима, -гӯён чеғ зад. Аммо дид, ки касе ҷавоб намедиҳад, ба ҷустуҷӯи кампираш даромад. Ӯ чанд бор ҳар ҷои ҳавлӣ, баъд кӯча баромада назди обро аз назар гузаронид. Вале аз завҷааш дараке набуд.

— Аз пагоҳӣ ба куҷо рафта бошад? Ҳавлӣ норӯфта, сатилҳо об пур накарда. Дарҳои хона кушодагӣ. Агар ба ягон ҷо намерафт, ӯ одатан то аз намоз баргаштани ман рӯбу чини ҳавлию хонаро тамом карда ба сатилҳо оби тоза оварда, ҷой ҷӯшонида мемонд. Аммо имрӯз…

Якбора ба ёди амаки Даврон омад: «Ба сари қабри Ҳокима нарафта бошад?»

Мӯйсафед барои аниқ кардани тахминаш боз ба кӯча баромад. Чанд дақиқа ба болою поён нигоҳ карда истод. Аммо аз кампираш дараке набуд. Оҳиста-оҳиста то лаби сои Калон рафт. Ба чанд нафар ҳамдеҳагонаш салому алейк намуд. Баъд пой молида-пой молида сои беобро гузашт. Мазори деҳа он тарафи ҳамин сой аст. Оромгоҳ хеле калон шуда рафтааст. Таърихаш кӯҳна. Қабристонро роҳи мошингард ба ду қисм ҷудо мекунад. Мазори тарафи рост нисбатан навтар. Ҳокима ҳам дар он ҷо дафн шудааст.

Амаки Даврон поёну болоро нигоҳ карда, аз роҳ гузашт. Ба дарвозаи чӯбини дутабақа наздик гашт. Ӯ чор тарафро аз назар гузаронд. Даст ба рӯ кашида ба арвоҳи гузаштагони ҳамин манзилу макон фотиҳа хонд. Сӯи қабрҳои рӯяшонро сабза пӯшонида нигариста оҳи чуқуре кашид. Яъне дар дил «Одамӣ ҳамин-дия. Охири охирон хок мешавад» гуфт.

Ба роҳи мумфарши гирдаш ниҳолҳои сафедору гелос, себу олу шинонда қадамзанон наздик саду панҷоҳ метр рафта, тарафи дасти чап гашт. Аз ҳамин ҷо оромгоҳи нав сар мешавад. Ҳокима низ дар ҳамин ҷо ба хок супорида шудааст. Мазораш, ки нав аст, ҳоло сабза надамида мондааст. Ба ҳамин монанд чанд гӯри дигар. Падар ба оромгоҳи духтараш торафт наздик мешуду синаашро ғусса тангтар мекард. Гумон бурдан мумкин буд, ки ҳозир таркида, амаки Даврон ҳам мисли Ҳабиба апа доду фиғон бардошта, ашк мерезад. Ба ҳоли духтари ҷавонмаргаш мегиряд. Аммо… Мӯйсафед худро ба даст гирифт. Дуруст, ки чанд дона ашки беихтиёр баромада рӯяшро лесида, болои риши сафедаш фаромад.

Мӯйсафед аз байни қабрҳо гузашта сари марқади Ҳокима омад ва манзараеро дида шах шуда монд. Ҳабиба-апа оғӯш кушода гӯё, ки роҳат карда бошад, «духтараш» -ро ба бағал гирифта хоб мекард.

— Ҳокима, о Ҳокима, — мӯйсафед хам шуда кампирашро бедор карданӣ шуд.

— Духтарамро намедиҳам, гуфтам –ку духтарамро намедиҳам. Ба ҳеҷ кас намедиҳам, -овоз баровард модар.

Амаки Даврон кампирашро аз замин бардошт.

— Ба ту чӣ шуд? Худатро зиндалай куштании чӣ бало? Хез аз ҷоят! Ба хона меравем. Мон, вай беозор хоб кунад. Арвоҳашро нотинҷ накун.

— Духтарамро намедиҳам. Вай духтари ман. Диҳам, ки гирифта равед. Не, не. Ба ман нарасед. Маро ба ҳолам монед. Моро аз ҳам ҷудо накунед! Монед, мо очагию бачагӣ кунем. Канӣ ту, Ҳокима, канӣ ту, куҷо рафтӣ?

Ҳабиба-апа сару рӯяш хоколуд, мӯйпарешон, қавоқаш варамида, ларзон-ларзон гап мезад. Ким-чӣ ба вай асар кардагӣ барин менамуд. Ӯ чашмони сафедча гаштаи бемадорашро нимпӯш намуда гӯё, ки бо марди бегона гап зада истода шарм мекарда бошад, сӯи мӯйсафедаш ҳатто нигоҳе ҳам намекард.

— Ман ба ҳеҷ куҷо намеравам. Дар хонаи худам шистан мегирам. Ҳокима дар ҳамин ҷо меистад.

— Майлаш шин, занак. Лекин дар ин ҷо не. Хез ба ҳавлӣ меравем. — Ҳокима омадагӣ, туро пурсида истодааст, -маҷбур дурӯғ гуфт мӯйсафед.

А-а! — Шах шуда даҳон кушода чанд дақиқа ҳайрон шуда монд модар. Ҳокима омадагӣ? Рост!? Канӣ вай? Кай омад? Маро диданӣ наомад чӣ? Худоба мурам бачам омадааст.

Модар аз ҷояш хест. Аммо сараш чарх задагӣ барин боз ба ҷояш нишаст. Бо ду даст пешониашро дошт. Як -ду бор оҳиста-оҳиста сулфид. Ва: -Натарсед, мӯйсафед, ҳоло ман намемурам. Акнун, ки Ҳокимаро ёфтам, намемурам. Вай ҳам ваъда дод, ки маро партофта ба ҳеҷ куҷо намеравад, -гуфт. Мӯйсафед ба гапзании ҳамсараш ҳайрон шуд. «Тарсидагӣ барин» аз дил гузаронид.

— Ба ҳеҷ куҷо наравад, нағз. Худо раҳмамонро хӯрдааст. Набошад, тезтар хез, ба хона равем. Бин, тамоман ба хок ғилмидӣ.

— Ман худам. М-а-а.., х..дам. — Ҳабиба-апа худро аз шавҳараш дуртар гирифт. Ӯ қувват пайдо наму-

да аз ҷояш хесту ба шавҳараш «ба ман нарасед, ман худам» гӯён якбора ба давидан даромад. Чанд метр рафта сахт калавид. Қариб буд болои қабре ғелида равад. Аммо бо ду дасташ хоктеппаи онро дошта «нарасед, ман худам» гӯён боз давид. Модар дар чанд дақиқа ба роҳрави мумфарш баромад. Аз он ҷо дигар ба пасаш нигоҳ накарда сари лучу пои луч, бо мӯйҳои парешон рангу рӯи хоколуд дар дасти чапаш рӯймоли сиёҳи рагпаридааш, худ ба худ ғурунгида-ғурунгида ким-чӣ гуфта, ба одамони рӯ ба рӯ истода гап партофта аз баъзеашон «Ҳокимаро надидед», «Ҳокима нагузаштааст», «Ҳокима гашта омад-а, медонед?» гуён гоҳ хандида, гоҳ гиря карда мерафт. Баъзеҳо ин аҳволи модарро дида «Бечора сафсата мегӯяд», «Хаёлӣ гаштааст, илоҳим девона нашавад» мегуфтанд ва илова мекарданд: «Ҳамаи касалию бемори аз тарсу зиқӣ мешавад. Бечора Ҳабиба-апа. Ҳайфи ҳусни зебояшон. Пӯсту устухон шудаанд. Ҳезуми тар барин сӯхтаанд. Кадом рӯз дар роҳ ё кӯча афтида мемонанд…»

Ҳабиба-апа аз таги дарвозаи ҳавлиаш бо овози баланд: «Ҳокима, о Ҳокима! Канӣ ту, аз хобат хестӣ-мӣ» гуфта рост ба хонае, ки як вақтҳо духтараш хоб мекард, даромада рафт. Хона файз надошт. Бадвоҳима метофт. Тирезаҳояш мисли пештара маҳкам. Пардаҳояш партофта. Чанд вақт аст, ки ба ин ҷо касе надаромадааст. Анҷомҳояш чангу гард зер карда.

— Канӣ ту, Ҳокима? Руст шуда нашин, хез. — Ба сурати калони дар шифт овезони Ҳокима, ки майли табассум дошт, нигоҳ карда:

— Ҳа, ту дар ин ҷо-мӣ? Канӣ фаро!? Фаро мегӯям!

Аммо сурат хомӯш буд. Вай ҳамоно табассум мекард. Кӣ медонад, шояд ба ҳоли модар механдид, ки ба ин қадар бузургӣ беҷон будани вайро нафаҳмида истодааст.

Модар аз чизе тарсидагӣ барин дод гуфта берун баромад:

— Нест, набудааст. Духтарам мурда будааст.

Амаки Даврон, ки то ин дам расида омада буд, тезтар қадам монда аз таги оринҷи ҳамсараш гирифт:

— Ба хона даро, боз кучо меравӣ? Як дам нафасатро рост кун. Охир, ба сарат расидӣ. Худатро бемор кардӣ. Акнун ба ҳоли ту кӣ месӯзад? Дар пирӣ маро беморбин кардӣ. Ғарибиам кам буд. Сад бор гуфтам, ки дами рафта дигар бар намегардад. Кадом мурда бо гиряю нола зинда шудааст? Ба тақдир тан додан даркор. Дар пешониамон аз рӯзи аввал ҳамин хел навишта шуда будааст: «Намуру мурда- мурда гард» гуфта.

Амаки Даврон гирист. Баланд-баланд гирист. «Ғарибиамон бас набуд, ки боз худо туро ба ин аҳвол гирифтор кард. Замонаро бин. Саг ба соҳибаш нигоҳ намекардагӣ шуда монд. Одамон якдигарро чашми дидан надоранд. Дар ин шароит кӣ ба мо нигоҳ мекунад? Пеш буд раҳму шафқат. Мӯйсафед кампирашро ба хона гирифта даромад.

— Ту камакак дам гир. Ман як пиёла чои талх кунам, хур.

Ҳабиба-апа чизе нагуфт. Ӯ ором шуд. Хеле ором, бе ҳарф нишаст. Танҳо ҳар замон –ҳар замон бо панчаҳои дасти чапаш мӯи парешонашро шона мекардагӣ барин ба оқиб мехобонид. Бо нӯги остинаш араќи пешониашро пок кард. Бари домани хоколудашро афшонд. Хаста шудагӣ барин сарашро болои кафаш гузошта як паҳлӯ зад ва дақиқае нагузашта хобаш бурд.

— Намедиҳам, намедихам! Духтарамро намедиҳам! — Модар боз дод гуфта бо чашмони бечо аз чояш хест. Дид, ки дар паҳлӯяш касе нест, ба дашномдиҳӣ даромад:

— Бар падарат лаънат. Духтари худама намедиҳӣ? Монам, ки вайро гирифта равӣ? Гум шав аз назарам. Набошад гӯштатро хом-хом мехӯрам.

Амаки Даврон чой дам карда овард. Хайёлпарешону маъюс буд ӯ. Пирамард боз ба пиёла рафт. Навбати дигар ба дастархону нон овора шуд. Дар сари ҳар қадам фикр мекард. Аз тақдири хеш бештар андеша дошт. Чӣ кор кунад? Додашро ба кӣ гӯяд? Оё худои дард дода боз давояшро медода бошад? Кампири шӯрбахташ, ки дар зиндагӣ бисёр азоб кашид, ҳамин тавр мурда мерафта бошад ё рӯзи некро ҳам медида бошад. Имрӯз тарсидааст. Аз чашмони бечо, ҳар замон, ҳар замон

одамро нашинохта дашномҳои ношаръӣ доданаш маълум. Баъд тез-тез хаёлаш мебуравад.

— Ма, як пиёла хӯр, -пирамард ба кампираш чой дароз кард. — Бо як бурида нон хур, шояд қувват шаваду ба худат биёӣ. Ғам хӯрда, ғам хӯрда натиҷааш чӣ шуд? Охир, як Ҳокимаи ману ту не-ку? Вай барин садҳо ҷавонҳо дар таги хок хоб рафтаанд. Онҳо ҳам падару модар доштанд. Падару модари онҳо ҳам нағз медиданд. Вале аз дасти одамизод ҳеҷ чиз намеояд…

Ҳабиба-апа парвои ин суханҳо надошт. Вай ларзон-ларзон пиёлаи чойро ба лаб бурд. Чанд қатра чаконида-чаконида як-ду қулт нӯшид. Нимсардии чойро ҳис карда якбора бардошта, баъд пиёларо болои дастурхон ҳаво дод. Пиёла фир гашту пурӯ хоб кард. Мӯйсафед вазъияти кампирашро фаҳмида:

— Номатба мурам худоҷон. Раҳмамро хур. Наход ҳамин қадар ғаму қулфат кам бошад, ки боз ба вай ин дардро муносиб бинӣ. Намунаи дӯсту душман намудӣ.

Ва якбора ба сараш зад ки ин хел беморонро одатан «чилёсин» мекунанд. Агар аз тарс бошад, нағз шуда рафтанаш мумкин. Аз ин ҷиҳат номаълум ба кӯча баромада, дарвозаи ҳавлиро аз берун қулф кард то кампираш боз баромада наравад. Худаш назди имоми гузар рафт.

— Шумо ташвиш накашед. Охир, он кас модари мо ҳам, Худо шифо диҳад, ин обрӯи ҳамаамон. Ман худам чор домуллоро ҷамъ карда гирифта мебарам, -ин суханони имоми гузар Салоҳиддин тӯра буд.

Чӣ ҷои дурӯғ гуфтан. «Чилёсин» ба Ҳабиба-апа як қадар кӯмак кард. Мисли пештара нашуда бошад ҳам, шусту шӯ, пухту паз мекард. Аз паи мӯйсафед мешуд. Танҳо як одат ӯро тарк нагуфт: Ин ҳам бошад, ҳар саҳарӣ барвакт хеста то ними рӯз давр зада баромадани чанд идораи шинос. Аз ин ҷиҳат ӯро ҳама мешинохт. Ҳамин, ки кампири миёнақади асо дар даст, лоғар, чодари кабуди рангпарида дар сар дошта, куртаи гулдори сиёҳранг аз болояш яктаки барқад пӯшида намоён шуд, касе пеши роҳи ӯро намегирад. Дар даромадгоҳи идораҳо нигоҳ дошта:

— Модар, куҷо меравед? Назди кӣ меравед? Ба кӣ кор доред, -гуфта намепурсанд. Посбонон ҳам одат кардаанд ба ин модар, роҳбарҳо ҳам.

Аз ин ҷиҳат баробари дидан «омадед-мӣ, дар ҳамин ҷо, дароед» мегӯянд. Ҳолдонҳо нақл мекунанд, ки агар рафту гапи модар ё шасти ӯро гардонанд, феълаш омада, одамро беобрӯй карданаш мумкин будааст. Модар ҳам ба ҳуҷраи ягон кас тақ-тақ карда дарро оҳиста кушода «мумкин»гӯён рухсат пурсида, баъд намедарояд. Барои ӯ фарқаш нест. Ӯ бе пушт-пушт, дарро якбора кушода, асояшро тақ-тақ ба фарш зада, кам-кам лангида-лангида рост назди курсии роҳбари нишаста рафта, бе ягон салому алейк, бо овози баланд-баланд суханашро тахмин ҳамин тавр оғоз мекунад:

— Ӯй, мана бинед, вайро хап медоред ё не? Ба ман кораш чӣ? Шаб ба хонам одам фиристодааст. Шӯ кун мегӯяд. Охир, ман мӯйсафед дорам. Даркор бошад, худаш шӯ кунад.

— Э! Монад ман дар хонам шинам, намонад ягон ҷо кӯчам. Вай чӣ? Директор? Ҳоли номаш чӣ буд? Ҳамон ҳам гаранг кардааст. Колхоза вайрон кард. Бригадир чӣ? Гузара вайрон кард. Тартиб нест. Ҳисобба гиред. Ҳозир телефон кунед. Милиса омада барад. Набошад, боз ба хонаи ман одам мефиристад.

— Кӣ вай? — аз рӯи одат худро ҷиддӣ гирифта мепурсад роҳбар, гарчанде ин гапҳоро даҳҳо маротиба шунавида бошад ҳам.

— Раиси маҳалла фалончӣ? Шуд-мӣ? Директори колхоз фалончӣ? Бригадир!

— Калони занҳо.Муаллимҳо ҳам. — Чандин нафарро ба забон оварда модар илтимос мекунад:

— Ҳозир ба милиса телефон кунед. Омада онҳоро барад. Бурда шинонад. Ҷазояшонро диҳад.

Роҳбар гӯшакро бардошта, бо як даст забончаи аппаратро зер карда истода:

— Ало, ало! Милиса! Ҳамон гуфтагим чӣ шуд? Бурда шинондед? Нағз кардед. Имрӯз боз як-ду нафарашро шинонед. Боб кардан даркор. То кай модарро азоб медиҳанд. — Ва гӯшакро ба ҷояш гузошта:

— Шуд модарҷон, хотирҷамъ. Имрӯз боқимондаашро бурда мешинонанд.

— Раҳмат писарам, аз фарзандҳо бинед. Мансабатон баландтар гардад, -бовар карда, дуои нек намуда баромада меравад модар. Ӯ баъди он ки идораҳои шиносро давр зада баромад, хастагии хешро ҳис намуда ҳавсалаи дилашро паст карда, маҷоли роҳ рафтан, ки намонд, пояшро базӯр кашола намуда ба хона меояду бо як хоб рӯзро бегоҳ мекунад. Бо ин аҳвол амаки Даврон одат кардааст. Медонад, кампирашро ҳама мешиносад. Касе ӯро намеранҷонад. Таъна ҳам намекунад. Баракс, бисёриҳо гиребонашонро гирифта, агар шунавида бошанд, ки модар дар ғами фарзандаш ба ин рӯз гирифтор шудааст, тавба мекунанд. Раҳмашон омада, албатта касе, ки дар дил дарде дорад, ашк мерезанд ба ҳоли модар. Чанд сӯм бароварда, номаълум карда ҳангоми гуселонидан аз ҳуҷраашон ба кисааш меандозанд. Ҳарчанд модар ба гадоӣ нарафтааст. Ва баъди рафтани модар: «Худоҷон, ягон касро ба ин рӯз гирифтор накун. Ягон кас доғи фарзанд набинад ё бачамур нашавад, мегӯянд. Чунин аст қиссаи модари девона.

## МАРО ОДАМ КАРДӢ, СОҲИБА

Додоҷон мисли пештара аз ҳар одами вохӯрда, роҳгузар пул пурсида, хайри мардумро ба як стакан оби ангур сарф мекард. Менӯшиду ба ҳар шахси дилаш пуршуда дарди дил гуфта мегирист: «Ман одам не, ман ахмақ. Маро худо зад. Агар худо намезад, аз занам ҷудо намешудам.

— Ман гуфтанӣ, ки Додоҷон кӯчаҳоба ҳамин тавр гардад, як рӯз не, як рӯз ба мо ҳам айбаш мерасад. Ягон нафарамон роҳбар шавему сарашро ду то кунем. Одам шуда равад, савобаш мерасад.

— Пеш аз ҳама беваро ёфтан даркор, -гуфт мӯйсафеди қадпасти кӯтоҳриш.

— Дар маҳалла беваҳои аз шавҳар ҷудо шуда чорпанҷ нафар-ку?

— Будан қати «ҳа» мегӯянд-мӣ? Ҳамаи онҳо Додоҷонро мешиносанд. Илоҷаш бошад аз маҳаллаҳои ҳамсоя ягон занаки ношиносро ёфтан лозим.

— Не-не, занаки ношиносро чӣ кор мекунӣ. Аз ҳамин ҷо-маҳалламон меёбем. Чӣ гуфтед Аҳмад-полвон?

Аҳмад-полвон, ки то ҳол хомӯш нишаста сӯҳбати пирони як-ду сол аз худаш калону хурдро гӯш мекард, гӯё якбора ба худ омад:

— Дуруст, дуруст, кори савоб мешавад-гӯён тасдиқ кард.

— Гап набошад ҳамин. Ин бегоҳ рафта бо кампирҳои худ маслиҳат мекунем. Фардо дар ҳамин ҷо ба хулосае меоем, -гуфт Саидбой –амак ба дастурхон омин карда.

— Таклифи хуб. Лекин ман ба кампир чӣ мегӯям. Боз ба дилаш гап наояд, ки гӯяд:

— Ҳа, мӯйсафед, духтаратон бева буданба танбахшид карданӣ-чӣ? Ё, поидан ба дилатон зад? Охир, вай ҳар моҳ варақ-варақ пул мегирад-ку?

— Не, кампир ин тавр намегӯяд. Вай фаросат дорад. То ҳол ягон бор ба рӯям надавидааст.

Аҳмад-полвон бо ин андешаҳо чӣ тавр ба хона омаданашро надониста монд. Ба пешвози ӯ аз ҳама аввал Моҳпарӣ, худро аз оғӯши Соҳиба ҷудо намуда давид.

— Бобом омаданд, бобом омаданд, -қанотак зада ба пои мӯйсафед часпид. Аҳмад-полвон Моҳпарирро болои сар бардошта, рӯ ба рӯ кард, бӯсид.

Аз тарафи чап, аз тарафи рости рӯи набера бӯсид, боз рӯ ба рӯ кард. Моҳпарӣ бо ду даст аз риши мошубиринҷи бобо дошта, гӯё шона мекарда бошад, тор-тор ҷудо менамуд.

— Ҳа, мӯйсафед, имшаб дер мондед-ку. Нигоҳ карда, нигоҳ карда хӯрокро кашида хурдем.

— Саидбой ҳамаро ба гап гирифта андармон кард. Ғами Додоҷон ба сари ӯ афтодааст. Мӯйсафедон маслиҳат карда, ӯро одам карданӣ. Нангаш ба маҳалла нарасад мегӯянд

— Бечора Додоҷон, -афсӯс хӯрд кампир, -ҷавони чор кас медидагӣ буду ғам ғариб кард. Лекин мӯйсафед, зани нағз бошад, боз мисли пештарааш шуда рафтанаш мумкин.

— Ҳамаи гап дар ҳамин-дия. Мӯйсафедон ҳайрон, ки аз беваҳои инзамона кадомаш ба вай мерасида бошад. Ҳамааш босавод шудагӣ.

— Чаро намерасида бошад. Боз ёфт мешавад, — гуфт Соҳиба беихтиёр ва якбора сурх шуда рафт.

— Раҳмат, духтарам. Муаллима буданат маълум шуд. Одам бояд дил дошта бошад. Инсона ҳамааш инсон. Фақат тарбия кардан даркор. Тарбия бошад, асосан кори занҳо. Ҳеҷ кас аз маслиҳати зан зарар надидааст.

Аз таърифи падар Соҳиба хавф кашид. Ё худоё, -мегуфт ӯ худ ба худ, — падарам боз дар дил нияте надошта бошанд. Боз…. Беҳуда дирӯз ин қадар дилам ба вай (Додоҷон) насӯхта будааст-дия.

— Занак, — гуфт мӯйсафед ба ҳамсараш мурочиат карда.

— Ҳа, дадош, ба саратон ягон фикр дореду дар гуфтан андеша карда истодагӣ барин.

— Дуруст мегӯӣ. Лекин метарсам, ки ҷанг накунӣ. — Соҳиба андешаи падарро фаҳмид магар, ки Моҳпариро бардошта ба хонаи дигар гузашт.

— Занак, пирӣ дия, як гап мегӯям, нодуруст бошад, ҷанг накун.

— …

— Фикр кунам, Саидбой таклифи хуб кард. Лекин мо, мӯйсафедон, ба даргоҳи кӣ рафта хостгорӣ мекунем. Духтарата ба фалонӣ «те» мегӯем. Ягон каси «онҳо» духтари худатон Соҳиба-чӣ гуфта пурсанд, обамон шова нашавад, мегӯям.

— Рост мӯйсафед. Мардума бедаҳанаш кам не. Ҳар гапро гуфтанашон мумкин. Сонӣ, онҳо ҳам рост мегӯянд-дия. Агар ба гап андохта тавонем, савобгири ҳақиқӣ бошем, Соҳиба-дия. Истед, ки вай навакак худаш гуфт-ку «Ёфт мешавад». Шояд…

— Ту, модар, ба ҳар ҳол фаҳм-чӣ, дили духтарат як бор шикастагӣ. Эҳтиёт кардан даркор, ки наранҷад.

Агар кор пазад, фарзандамон ҳафт нафар нею ҳашт нафар мешавад. Додоҷонро то ба қатор даровардан хонадомод карда, худам ба назорат мегирам.

— Майлаш, модарҷон. Ба хотири Анора «не» намегӯям. Намехоҳам, ки арвоҳи ӯ нотинҷ бошад. Мехоҳам, ки дар қатори шогирдонам боз як нафар одами дигарро тарбия кунам. Он тарафаш, албатта, аз пешониам, аз бахтам. Ба қавле ё месозам, ё месӯзам. Аз роҳаш гардаду дуруст шуда равад, нуран аълонур мешавад…

— Духтаратон розӣ, — гуфт ба Аҳмад-полвон кампираш. Мӯйсафед сар ҷунбонд. Ба назар чунин менамуд, ки ӯ аз ин хабари хуши ҳамсараш на он қадар розӣ. Аҳмад-полвон аз кори кардааш якбора пушаймон шуд. «Кошкӣ кампирро назди духтарам намефиристодам. Кошкӣ Соҳиба «не» мегуфт. Рафту фардо зиндагии духтарам напазад. Додоҷон нӯшида омадан гирад, баъд Соҳиба аз ман домангир мешавад. Сухани шуморо ба замин намондам мегӯяд. Ё, кӣ медонад, шояд Додоҷон ба инсоф ояд» фикр мекард ӯ.

— Ба Додоҷон-пиён зан кардаанд. Додоҷони арақхӯр хонадор шудааст. Боз як муаллимаро гирифтааст. Аз зан бахт доштааст. Кори девонаю арақхӯрро худо ростовар мекунад, мегӯянд, рост будааст. Зани аввалааш ҳам муаллима буд. Нағз шудааст, акнун аз ҳеҷ кас пул намепурсад. Аз моҳонаи занаш арақ хӯрда мегардад. Муаллима ақлашро хӯрдааст чӣ? Ё ба вай ҳам камакак намерасида бошад?

— Не, е, ҳамон муаллимаи мешинохтагиамон бошад, кирои зан гуфтан. Мегӯянд, ки мӯйсафедони маҳалла маҷбур намудаанд. Мӯйсафедон ба таврашон хуб кор кардаанд. Аз девона халос шавем гуфта ҳаёти як ҷавонзанро сӯхтаанд.

Ин хел гапу калочаҳо аз даҳон ба даҳон мегузашт. Рӯзҳои аввал зиёд мешуд, ки кам не…

— Майлаш, имшаб нӯшида омадед, ман чизе намегӯям. — Соҳиба аз таги оринҷи Додоҷон гирифта ӯро ба хона бурду ба болои кат шинонд. Даст ба пешонаи Додоҷон гузошта: «Саратон тафсон, дард мекунад, албатта, ҳозир ман камакак ҷурғот биёрам, -гуфт. Ду-се

чумча ҷурғоти хунук Додоҷонро як ларзонда андаке ба худ овард. Вай гумон кард, ки дасти Анораи меҳрубон дар пешонааш.

— Анора, -гуфт дастони мулоими Соҳибаро аз пешониаш гирифтаю бӯсида. — Маро бубахш. Ман… Ман девона шудам, арақхӯр шудам. Одамхо радди маърака карданд. Донам, ки ту зиндаю меомадӣ… — Додоҷон сахт гирист. Оби дида селвор рӯяшро шуст. Дили бе ҳамин ҳам адошудаи Соҳиба низ ганда шуд. Ӯ ба бахти худ, бахти бади дугонаи фавтидааш ва Додоҷон мегирист.

— Гиря накунед, охир, боз саратон дард мекунад. — Соҳиба оқибат худро ба даст гирифт.

— Гиря накунам. Хуб ана гиря накардам. Анора, ту ҳам ваъда те, ки дигар маро партофта намеравӣ.

— Ваъда медиҳам. Ба шарте, ки дигар нанӯшед.

— Рост?! Наход ҳамин тавр шавад? Не-е, бовариам намеояд. Ту, Анора, фиребгар. Ту маро боз партофта меравӣ.

— Камакак хоб кунед, саратон аз дард мемонад. Ман дар паҳлӯятон мешинам.

— Хоб кун мегӯӣ?

— …

Соҳиба сари Додоҷонро ба китфаш монда болои кат якпаҳлӯ зад. Дақиқае нагузашта Додоҷонро хоб бурд…

Саҳарӣ дасти мулоиму меҳрубон Додоҷонро бедор кард. Ӯ баъди чандин соли ҷудоӣ аз Анора бори нахуст навозишро ҳис мекард.

— Хезед, ҷонакам, вақти кор шуд.

Додоҷон як қад парида аз ҷой хест. Ё худоё, ин овози кӣ буд? Ӯ Соҳибаро дида худро ноҳинҷор ҳис кард. Бо ду даст рӯяшро дошт. Бовариаш намеомад, ки зан-Соҳиба ин тавр меҳрубонона айнан суханҳои Анораро, ки як вақтҳо ҳар пагоҳӣ ҳамин тавр бедор мекард, гуфта бошад.

— Ҳа, ҷонакам, тарсидед-чӣ?

— Не, не, ман гумон кардам… Чашмони Додоҷон ҳоло ҳам чор тарафро меҷуст.

Рӯзҳо гузаштанд. Додоҷон аз рӯи одат чанд бор нӯшида омад, вале ҳар дафъа ӯро Соҳиба навозиш мекард, суханҳои нек мегуфт. Ва пагоҳиҳо ба кор мерафту Додоҷонро дар хона мемонд. Ӯ акнун кам менӯшид ва ё умуман наменӯшид. Вале аз кӯча баромадан шарм мекард, рӯзро ба корҳои майда-чуйдаи ҳавлӣ бегоҳ мекард. Ин, албатта, сабаб дошт.

Зеро бекорӣ ӯро бештар ба туғёни хаёлот мебурд. Фикр мекарду гӯё аз кори кардааш шарм медошт. Баданашро гоҳ араҷи хунук, гоҳ гарм пахш мекард.

— Ман ба рӯи одамҳо, хусусан онҳое, ки як сӯмним сӯм садақа кардаанд, чӣ хел нигоҳ мекунам. Ҳатто бачаҳои роҳгузар маро мешиносанд. Борҳо шунидаам, ки онҳо «ана маст омад, ҳозир меафтад, тамошо мешавад. Консерти бепулро тамошо мекунем». Ё «вай мастро бинед, худ ба худ гап зада механдад» гуфта буданд. Чанд нафарашонро дашном додам, пеш карда то хонаашон бурда мондаам.

— Имрӯз ҳамроҳ ба бозор меравем, -гуфт Соҳиба. — Харид кардан даркор.

— Додоҷон чанд дақиқа фикр карда монду баъд:

— Ба фикрам худат равӣ беҳтар, Соҳиба. То омаданат ман дигар корҳоро ба сар мекунам, -гуфт.

— Ман мехоҳам ҳамроҳи шумо равам.

— Ҳароҳи ман?! Маро ҳама мешиносанд. Онҳо ба ману ту бисёр нигоҳ мекунанд. Ту шарм надорӣ мегӯям, Соҳиба.

— Ба шумо чӣ шудааст, Додоҷон. Ҳа, дарвоқеъ, дирӯз ман ба назди сардори пештараатон рафта будам. Он кас розӣ шуданд. Ҳатто шуморо таъриф карданд. Пагоҳ-фардо бояд ба кор равед. Дидед, ки об ба лаби ҷӯй баробар шудааст.

— Рост?!

— Чаро дурӯғ будааст?

Додоҷон аз хурсандӣ гиря карда фиристод.

— Маро одам кардӣ, Соҳиба, -гуфт бо рӯймол ашки чашмонашро пок карда истода.

# МЕҲРИ АВВАЛ

Се сол аст, ки завҷааш бистарӣ. Фарзанди ягонаи ӯ пас аз як соли хонадорӣ диданашон дар дасти очакалонаш. Ӯ ба тарбияи худ гирифтааст.

«Ҳар зоғеро як доғе, ҳар дилеро як дардест. Одами беғам одам нест ё аз ин олам нест» гуфтаанд. Рафиқе, ки ман аз саргузашташ воқифам, дар дил дарде дорад. Ману Бафо-ако хелест, ки ҳамроҳ кор мекунем.

Дар синну сол ӯ калон асту дар мансаб ман. Хайр, гап дар синну солу мансаб не. Пеш аз ҳама одам будан лозим. То ҳамроҳи мард як пуд намак нахурӣ, чигунагии замирашро намедонӣ, мегӯянд. Лекин намедонам, мо дар тӯли кори якҷоя чанд пуд намак хӯрда бошем. Аз хислатҳои ҳамдигар бохабар. Масалан, Бафо-ако коргари бад не. Ин, албатта, ба назари ман ҳамчун мудир. Вале роҳбарамон чанд бор эрод гирифт. Дар ҷамъомадҳо «рафиқ Холиқов! Ба ҳамааш худи шумо айбдор. Мо аз шумо талаб мекунем. Коргаратонро назорат баред, тарбия кунед, аз роҳаш баргардонед. Ҳар рӯз нӯшидани вай оқибати хуб намеоварад» гуфта сиёсат намуд.

Аҷоиб, дар байни танқидкунандагон ҳамқадаҳҳои Бафо-ако кам набуданд. Ангушти ҳайрат мегазидам. Чаро онҳо дар ҳаққи Бафо-ако тӯҳмат мезананд. Охир, ӯ дар асл ягон хел рафтори ноҷоя накардааст. Хайр, чӣ, менӯшад. Ягона айбаш ҳамин. Баъд чӣ? Баъди кор менӯшаду ба касе арбада накарда, рост ба хонааш меравад. Оилааш ҳам розӣ. Лекин ман худ ба худ мегӯям: «ҳалоли ҷони он кас бод. Раҳмат ба Бафо-ако. Мард будааст. Дар шароити фаровонӣ ҳам ба сари кас ҳар хел ғаму кулфат омаданаш мумкин. Бафо-ако бори вазнин бар дӯш дорад. Вале ба касе дил намекафонад. Танҳо ман аз ин бохабар…

Се сол боз ӯ дари духтурхонаро охурча кардааст. Баъзан рӯзе чандин маротиба. Доруҳои тухми анқоро якеро акою дигареро уко гуфта ёфта омад. Вале аз чӣ бошад, ки ягонтоаш фоида набахшид. Охири охирон:

— Мо дорую дармони аз дастамон меомадагиро кардем. Чандин табибони зӯр омада маслиҳатҳо доданд, -гуфт рӯзе духтур, -албатта шумо мардакед, моро нағз мефаҳмед. Мо ҳаракат мекунем, бемор шифо ёбад. Ин обрӯи мост. Вале ба марг дастамон кӯтоҳӣ мекунад.

Ин маънои «дигар дар беморхона хобидани ҳамсаратон фоида надорад»-ро дошт. Бинобар он ҳангоми бори охир аз беморхона гирифта омадани завҷааш дар маҳалла овозаю дарвоза паҳн шуд: «зани Бафоя ҷавоб додаанд. Дигар одам намешудааст» мегуфт яке. «Духтурҳо, одами мемурдагиро ҷавоб медиҳанд-дия. Хабаратон не ҷӣ? Кадом вақт келини Ҳодибойро ҳам ҷавоб дода буданд. Имрӯз омаду фардошба соф шуд, раҳматӣ. Дарди ин ҳам бедаво будааст-дия», -шунида мешуд аз дигаре.

Ҳатто ду-се рӯзи аввал чанд нафар кампиру мӯйсафедон, хешу таборон ба беморбинӣ омада, ба суханҳои пӯшида «Моҳгулҷон, худо хоҳад нағз мешавӣ. Тани сиҳат бедард не. Нағз шудӣ, ки духтур ҷавоб додаст-дия» мегуфтанду ҳамин ки ягон ҳаракати ноҷоя кард, ё болои ҳам чанд бор сахт-сахт сулфида, рангаш дока барин сафеду чашмонаш аз хастагӣ нимпӯш шуд, дар дилашон «бечорая ҷонсарак карданд, даму нафас, то бегоҳ худо медонад» мегуфтанд.

Мана ҳоло моҳи дуюм аст, ки Моҳгул дар ҳамон аҳвол. Дуруст аст, ки гӯшташ тамоман гурехтагӣ. Аз ҳусни зебо танҳо абрӯвони сиёҳ мондааст. Маҷоли аз ҷояш хестан, ҷунбидан надорад. Ду пояш кор намекунад. Мегӯянд, ки саршавии касалии Моҳгул аз тарс будааст. Даромадани дард осону баромаданаш душвор. Аз ҷои хобаш гӯё тарсида хеста будааст. Аввал ду-се ҳафта таб баровард. Баъд як пояш, сонӣ як дасташ ногиро шуданд…

Мардуми деҳаро медонед-ку. Як беморро панҷ-шаш маротиба диданӣ меоянд, вале на ҳама бо як дил. Рӯзе яке аз кампирҳои деҳа Оиша-оча, ки беморбинӣ омада буд, вақти рафтан ба модари Моҳгул дар рӯи ҳавлӣ гуфт:

— Хоҳарам, худо қурбу қудрат дорад, фарзанд диҳад ё додагиашро лозим шавад баргардонида гирад. Диҳад нағзу гирад ганда-чӣ? Албатта, кӣ мехоҳад фарзанди ҷигарбандашро ба дасти марг супорад. Лекин гуфтам-ку қудрати худаш. Бинобар он ба дилат биёяд ҳам гуфтанӣ, ки Моҳгулҷонро бесаранҷом кардетон, азобба мондетон. Ту аз вай розӣ шав. Гӯй, ки вай ҳам дилашро кашол накунад. Писарчааш рӯзашро мебинад.

— Ман ягон дилкашолӣ надорам, — гуфт Моҳгул ашк резонда, -фақат мехоҳам як бор гапи сахти Бафо-акоро шунаваму дилам хунук шавад.Рости гап дилам ба ҳамон кас кашол.

Барои он ки дили Моҳгул аз шавҳараш монад, чанд бор ба Бафо-ако маслиҳат доданд, ки ақаллан ба чашмони завҷааш боре қавоқ андохта нигоҳ кунад.

— Наметавонам, баробари занат мур гӯетон мемурам, лекин намехоҳам ба болои дардҳои кашидааш боз азият диҳам. Охир, ин дар куҷо гуфта шудааст.

Ҳамин тавр Моҳгул бо дили кашол аз дунё гузашт. Ҳатто мегӯянд, ки то ба об гирифтани покшӯ чашмони ӯ кушода будааст. Баъди ин як алами Бафо-ако сад алам шуд. Вақтҳои аввал хаёлӣ гардид. Кори кардааш, роҳи рафтаашро намедонист. Раҳми кас меомад. Рӯзе мо чанд нафар рафиқон Бафо-акоро миёнагир кардем.

— Бафо-ако, ин хел гаштанатон нағз не. Дар ҳаёт аз қадим мондааст, ки занмурда зан мегираду шӯмурда шӯ мекунад. Кадом зинда аз паси мурда рафтааст.Ду сол шуд, ки сари танҳо мегардед. Ба мардак танҳо гаштан мушкил. Ба писарчаатон саробон лозим, албатта. Агар розӣ бошед…

— Не, не, ҳеҷ… Дар ин бора гап назанед, -мегуфт Бафо-ако бо чашмони ашколуд. — Ман намехоҳам, ки арвоҳи Моҳгул парешон шавад. Вале мо, рафиқони ҳамкор, хешу табори Бафо-ако ба ҷону ҳолаш намонда, оқибат розӣ кунондем. Дафъаи дуюм ҳам бахти Бафо-ако хандид. Ҳамсараш келинчаки ҷавон буд.

Рӯзҳо гузаштанд. Вале дар ин муддат симои Бафо-ако ҳеҷ тағйир намеёфт. Аҷоиб, -мегуфтам худ ба худ. — Охир, ҳамсояҳо мегӯянд, ки Бафо-ако аз зан бахт

доштааст. Гирумон, меҳрубониҳои зани наваш аз Моҳгул монданӣ надорад. Аммо чандест, ки аз лабони ӯ табассум гум шудааст. Чеҳрааш равшан не. Ба идора меояду паси мизи корӣ нишаста, ба хаёл фурӯ меравад. Ман чанд варақро сиёҳ карда оҳиста менигарам. Ҳоло ҳам ӯ чашм ба нуқтае дӯхта менишаст. Чашмонаш гӯё, ки касеро меҷӯяд, интизор аст.

Ҳамкор шудан пас байни ҳамдигар сирри махфӣ намешудааст. Бинобар он рӯзе гап аз гап бароманду пурсидам:

— Бафо-ако, росташро гӯед, шумо аз келини нав розӣ-мӣ? Баъзан мешавад, ки модари ӯгай хоҳ як нафар бошад, хоҳ даҳ нафар, бачаро дида наметавонад. Яъне ӯгаиашро мекунад.

— Раҳмат ба падари калон кардагиаш. Фарзанди одами нек будааст. Аз рӯзи аввали ба хона омаданаш Ҷаҳонгирро мисли модараш навозиш мекунад. Либосашро гард гирондан намемонад, гӯям бовар кунед. Озода будааст. Ҳатто баъзан ба Ҷаҳонгир дӯғу пӯписа кунам, маро насиҳат мекунад, ки «дадош, шумо ҳам дар бачагиатон шӯх будед-дия. Бача бошад, шӯх бошад, гуфтаанд. Бача, ки дар хурдиаш шӯх шуд, калон шавад, қобил мешавад, мегӯянд. Ҷаҳонгирҷона ҷанг накунеда. Вай ду дидаи мани танҳо».

Бафо-ако ин суханҳоро нақл карда истода, оҳи чуқуре кашид. Қатраи ашк рӯяшро шуста фаромад.

— Ҳа, инаш барои чӣ? -гуфтам ҳайрон шуда.

— Не, ҳамин тавр. — Бафо-ако рӯймолчаашро аз киса бароварда, ашки чашмонашро пок кард.

— Лекин, Султонҷон, росташро гӯям, ҳарчанд янгаатон меҳрубон аст, ҷояшро ҷаннат кунад, симои Моҳгули раҳматӣ ҳамеша дар пеши назарам.

## МӮЙСАФЕДОН

Сардори идораи хоҷагии коммуналӣ Додарбеков ҳайрон. Ҳар сол аз маҳаллаи Себи Сурх то ин вақт даҳ-дувоздаҳ ариза мефаромад.Шикоятҳо ҳархела, бо дастони одамони гуногун навишта шудааст. Баъзеаш

босаводона, боадабона, хушхат ва баъзеашон баракс нимтоҷикию нимрусӣ, бо гапҳои пасту баланд, бо дӯғу пӯписа.

Додарбеков бо даст чакаашро дошта, яке аз мактубҳои порсоларо, ки дар поёнаш «Ҷамъ бисту як имзо» нависта шуда буд, пеши назар овард. «Чанд бор нависем. Охир, коргарҳои шумо беҳуда омада кор намекунанд-ку? Мо барои оби гарм, хона, об, гармӣ, газ ҳар моҳ варақ-варақ пул медиҳем. Дар амал бошад, рӯи оби гармро намебинем. Хонаҳо хунук. Кайҳо вақти таъмир расида бошад ҳам, худро ба нодонӣ зада мегардед. Дониста монед. Ин дафъаи охирон. Агар бо тезӣ устоҳоятонро нафиристед, ба рӯзномаҳои дигар менависем». Шикояти одамон дуруст. Модоме, ки вазифаи мо, бояд иҷро кунем. Бале, талабашон ҳаққонист. Додарбеков сигарет дуд карда, гӯгирдро хомӯш намуда, ба хокистардон ҳаво дод ва аз ҷой хеста зери лаб ғурунгос зад:

— Хайр, он сол-ку чанд ариза фаромад, талабашонро қонеъ гардондем, имсол чӣ? Чаро ягон ариза нест? Ё навис-навис ба дилашон зада бошад? «То кай мо хотиррасон мекунем. Вазифаашон бошад, омада бинанддия» гуфта.

Ба ҳар ҳол ин ҷо сирре бояд бошад. Хомӯшии одамҳо ҳам кори хуб нест. Ҳар хомӯшӣ як ҷӯшише дорад, мегӯянд. Шояд зимистонро поида гаштанд, ки хонаҳояшон дуруст гарм нашаваду ҳама баробар аввал ба идораи мо, сонӣ ба ташкилотҳои болоӣ арз кунанд. Арз кунанду ман барин сардорро мисли санги фалахмон гирифта ҳаво диҳанд. «Рав, кори метавонистагиатро карда гард. Нон бошад, нонхур ёфт мешавад. Роҳбарии ин хел идора кори осон нест. Туро барои санҷиш чор сол пеш ин ҷо фиристоданд. Даҳ сол роҳбарии ташкилоти савдо будӣ. Ҳар сол байрақ мегирифтӣ. Шикоят ҳам набуд. Ҳукумати шаҳр хуб пухта-куя. Ҳар роҳбарро ҳамин хел санҷида меистад. Даҳ сол кайф карда, посутуни хонаатро аз тилло кардӣ, акнун як ин корро ҳам карда бин» мегӯяд.

Додарбеков дар идораи хоҷагии коммуналӣ ҳам бад кор накард, албатта. Назар ба солҳои пеш аризаю

шикоятҳо кам шуданд. Ҷомеа назар ба роҳбарҳои пештара ӯро ҳурмат мекард. Аммо имрӯз дили вай ғаш дорад. Беҳтараш сармуҳандисро чеғ занаду якҷоя ба маҳаллаи Себи Сурх раванд. Мардумро ҷамъ карда, арзу шикояташонро гӯш карда, нависта гирад. Албатта, ҳамаашро набошад ҳам, як қисмашро иҷро мекунанд-ку? Бо ин андеша сармуҳандисро наздаш хонд:

— Фикри хуб, ман розӣ. Ҳар қадар, ки бо мардум бештар вохӯрем, ҳамдигарро нағзтар фаҳмида мегирем. Ба фикрам арзу шикоятҳо ҳам нашаванд даркор, -гуфт Хубонов…

Чойхонаи маҳаллаи Себи Сурх баробари дамидани субҳ серодам мешавад. Ин на он сабаб, ки дар ин наздикиҳо дигар чойхонае набошад. Не, баракс. Шаҳри мо сари ҳар қадам чойхонаи зебои пурнақшу нигор дорад. Вале «орди гандум ҳамаҷо, пазанда ҷо-ҷо» гуфтагӣ барин чойхоначиҳо як хел нестанд. Яке серҷоғ, дигаре одами паст, сеюмин ҷои талх намекунад, чаҳорумин ифлос. Чойхоначии гузари мо Ғаниҷон-амак аз онҳо фарқ дорад. Аз дур намоён шудан замон:

— Биёед, марҳамат, -мегӯяд. Ҳамин, ки рафта нишастед, як чойник чою пиёла, лаълию нону қанд ё набот оварда:

— Ош шавад, марҳамат кунед, -гӯён даст сари сина мебарад. Чеҳрааш кушодагӣ, Ҳа, фаромӯш кардам, чойхонаи маҳаллаи мо «Дилкаш» ном дорад. Шояд вақти гузоштани ин ном хеле майна об карданд, ки ин қадар мувофиқ афтодааст.

Ана, дар ҳамин «Дилкаш» аз ҳама барвақт мӯйсафедон, ки файзи ҳар хонадону маҳалаанд, ҳозир мешаванд. Онҳо ба ҷои махсуси худ, ки кӯрпачаҳои атласу бахмал партофта шудааст, гузашта чой менӯшанд, давлати пирӣ меронанд.

Аҷоибанд ин мӯйсафедон. Сӯҳбати онҳо ҳаёт, панду насиҳат аст. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ҳукумат дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ мекунад. Мӯйсафедонро ба вохӯриҳо мебаранд. Як мӯйсафеди хирадманд аз чанд ташвиқотчии маошхӯр авлотар аст.

Он пагоҳӣ сӯҳбати пирони барнодил аҷоиб қӯр гирифт. Шукур-амак гапро аз дур сар кард: аз тинҷии замона, ғамхории давлат. Ҳасан-амак –марди миёнақадди кӯтоҳриши тоқии чоргул пӯшида гапи Шукурамакро қувват дод:

— Рост мегӯед. Шукурбой, Давлатамон хуб ғамхор. Кораш, ки ободӣ, тинҷист, худо хоҳад кам намешавад. Мана бинед, кадом сол кӯпруки соямонро сел бурд. То давлат омада сохта надод, чанд вақт азоб кашида гаштем. Ё роҳамонро гӯед. Васеъ, ҳамвор, тоза. Аммо..Ҳасан-амак чизе гуфтанӣ буд, вале худдорӣ кард.

— Ҳа, Ҳасанбой, давоми гапатонро нагуфтед-ку, -пурсид Шукур-амак.

— Агар Муллоҷон хафа нашаванд, мегӯям.

Мулло-амак гарчанде медонист, ки кори нодурусте накардааст, вале аз худ табъ бурдагӣ барин сурх шуд. Ҳеҷ кас айби худро дида наметавонад, -духӯра карда гуфт ӯ.

— Айби шумо не, албатта.

— Набошад, айби кӣ будааст, фаҳмида ислоҳ кунем?!

— Писаратон Солеҳҷон. Пагоҳӣ гузашта биёям дар болои асфалт хок рехта, лой карда мондааст. Мегӯянд, ки кадом рӯз бе иҷозат кӯчаро кофта, ба хонааш об гузаронидааст. Охир, худатон медонед, ки мо бисёр вақт роҳ вайрон, об нест гуфта ариза менависем. Имрӯз бошад, худамон ба вайронкорӣ роҳ медиҳем. Сонӣ, давлат пули бекора надорад, ки баҳудаю беҳуда сарф кунад. Ё не-мӣ?

— Дуруст мегӯянд, Ҳасанбой, дуруст, -аз чор тараф тасдиқ карданд мӯйсафедон.

Ҳасан-амак аз тарафгирии ҳамнишинонаш қувват гирифта, суханашро давом дод:

— Охир, худи мо, — ӯ мӯйсафедонро дар назар дошт, — бисёр вақт рӯз то бегоҳ бекор-бекор мегардем. Ягон кори савоб намекунем. Албатта, раҳмат ба давлат, ки «ту пир шудӣ, ин пулро гиру хӯрда гард» мегӯяд. Лекин ману шумо бақувват. Масалан, худи ман ҳоло

кӯҳро занам талқон мешавад, хаёлам, ки ҳоло ҳам кори ду-се ҷавонро мекунам.

Мӯйсафедон диданд, ки Ҳасан-амак дарде дар дил доштагӣ барин гапро кашол дод, хостанд ӯро ба сари мақсад оранд:

— Албатта, ҳоло мо, ҳамаамон бақувват. Лекин ягон кори аниқ нест, ки иҷро намоем-дия, Ҳасанбой, - гуфт Шукур-амак.

Ҳасан-амак пиёлаи чойро дам кашида:

— Шукурбой, кас дар ҳақиқат кор мекунам, савоб мегирам гӯяд, ёфт мешавад. Албатта, пулакӣ не.

— Гӯед набошад. Наход барои ободии маҳаллаамон кор накунем, -шунавида шуд овози чанд нафар мӯйсафедони дигар.

— Гап ҳамин, ки пагоҳӣ омада истам, кӯчаи Баҳорро об зер кардааст. Чашма барин аз таги замин об мебарояд. Акнун гӯед шарт-мӣ ҳамонро аз идора омада дуруст карданаш. Ҳамаи мо ду-се сол пеш аз нафақа баромадан ба ин корҳо машғул будем-ку?

— Вай вақтҳо, Ҳасанбой, дигар буд. Ҳозир худатон гуфтед, ки писари Муллобой асфалта беиҷозат канда, ба ҳавлияш об гузаронидааст. Боз мехоҳед, ки мо ҳам ин корро кунему ба бало монем.

— Шумо маро дуруст нафаҳмидед, Шукурбой. Мо барои худамон не, барои ҷамъият, ободии гузар ин корро мекунем. Асфалт бошад, ғам нахӯред. Ман ба писарам таъин мекунам, аз калонаш пурсида ягон мошин оварда мепартояд.

— Хайр, Ҳасанбой, шумо чӣ маслиҳат доданӣ, - пурсид Шукур-амак.

— Ман гуфтанӣ, ки ҳамакаса шуда заминро кобем, Олимбою Рустамбой кӯҳна кранчӣ. Ба хаёлам ҳоло ҳам асбобу анҷомашон бошад, даркор.

Маҳкам кардани ҷои об баромада истода кори онҳо.

— Ба ҳар ҳол фикри хуб, -қувват дод Олим-амаки кранчӣ. — Сонӣ агар аз рӯи таклифи Ҳасанбой амал кунем, рости гап мо-мӯйсафедон, хеле корҳоро анҷом доданамон мумкин. Моро ҳеҷ кас маҷбур намекунад.

Кам-каму ҳар рӯз. Гирем ҳамин клубро. Ҳамаамон шоҳид, ки инро худи халқ бо ҳашар сохтагӣ. Сафедори тарро бурида, бо ароба кашонда овардагиашонро худамон медонем. Ҳозир аҳволашро дида раҳми кас меояд. Анбор карда мондаанд. Кор мекунем гӯем, ёфт мешавад. Ман ба фикри шумо розӣ. Барои ободии маҳалла ҳеҷ гап не. Дар ҳақиқат бинои бо пули бисёр сохтагиро дар ҳамин аҳвол нигоҳ доштан айб аст. Ягон меҳмон омада монаду чашмаш афтад, нағз не. Дар рӯямон набошад ҳам, дар дилаш «худашон одамони тузук барину аҳволи клубашонро бинанд» мегӯяд. Майлаш, то пагоҳ Олимбою Рустамбой асбобу анҷомашонро тайёр кунанд. Мо боз як то-ним то мӯйсафедони набудагиро хабар мекунем.

— Дуруст, дуруст, -тасдиқ карданд аҳли сӯҳбат..

Додарбеков ва Хубонов дар чойхонаи Себи Сурх касеро наёфтанд. Ҳатто чойхоначиро ҳам.

— Охир, ин хел шуданаш мумкин нест. Одам набошад ҳам, дари чойхона ҳамеша кушодагӣ буд. Онҳое, ки тарафи шаб кор мекунанд, рӯзона ин ҷо дам мегиранд. Шоҳмоту шашка мебозанд. Чой менӯшанд. Аҷоиб-ку?! Имрӯз бошад, пашша пар намезанад. Ё ягон тӯй бошад? Додарбеков ба Хубонов:

— Чӣ кор мекунем, ба хонаи чойхоначӣ одам фиристем? — гуфта пурсид.

— Ба фикрам ҳаминаш дуруст будагист.

Хубонов чанд қадам аз Додарбеков дуртар рафта аз бачае, ки тӯрхалтаро бозӣ доронда меомад, пурсид:

— Писарам, хонаи амаки чойхоначиро намедонӣ?

— Амаки чойхоначӣ!? Дар назди мактаби мо, кӯчаи Баҳорба кор мекунанд. Онҳо бисёр, ҳамаи мӯйсафедон.

— Кор карда истодаанд?

— Ҳа, нисфирӯзӣ ман аз дарс омада истода дида будам.

Додарбеков мошинро чанд метр дуртар аз мӯйсафедон доронда, пиёда назди онҳо рафт.

Омадани ғайричашмдошти Додарбеков дили мӯйсафедон, махсусан Ҳасан-амакро ба ҳар кӯча бурд.

— Корро бало зад. Ягон кас хабар додагӣ барин. Ғурбат накунад, дуруст-куя. Баъзан кори савоб мекунам гуфта кас ба бало ҳам мемонад, — аз дил гузаронд Ҳасан-амак.

Вале чеҳраи Додарбеков ва ҳамроҳаш (на ҳама сармуҳандисро мешинохт) кушодагӣ. Онҳо баракс наздик шудан замоно:

— Монда нашаванд. Раҳмат, раҳмат падарон. Расму русуми халқамон — ҳашарро зинда кардед.

Шукур-амак омад-омади Додарбековро аввалин шуда дида буд, дасташро ба ҳам зада, хокашро резонда ба пешвозашон рафта «канӣ, писарам, офият ҳастед» гӯён вохӯрдӣ намуд ва онҳоро ба ҷону ҳолашон намонда, сари дастурхон таклиф кард.

— Хайр, ҳеҷ гап не, як пиёла чой. Сонӣ кори моро мебинед.

Роҳбарҳо гапи Шукур-амакро ду накарданд. Баъди он ки онҳо як пиёлагӣ чой нӯшиданд:

— Канӣ Ҳасанбой, ним коса-ним коса ба раис мастоба кашед, -гуфт.

— Напурсида кор кардем, айб шуд-дия.

— Не-я, баракс, кори савоб амак. Мо, рости гап, хеле хурсанд шудем. Лекин ақаллан як даҳон хабар накардетон, ки зиёфаташ аз мо шавад.

— Э, писарам, халқчигӣ будааст. Корро сар накарда бинем, ки як кас даҳ дона нони гарм оварда истодааст. Як каси дигар харбузаю тарбуз, шӯрбою мастоба, шавла, палав. Кадомашро мехӯрем гӯед-а, писарам. Худоба шукр, замона тинҷӣ, ҳама мехоҳад бо ягон баҳона халқро зиёфат кунад.

— Бай-бай, мастобаи хуб будааст, -таъриф кард Додарбеков баъди косаро холӣ кардан.

— Мастобаи Ҳасан-амакатон-дия. Рости гапро гӯям, писарам, ҳама айб-айби ҳамин кас. Дина пагоҳӣ корро хоб дидагӣ барин дар сари дастурхон ҳамин гапро кушоянд, мешавад-мӣ. Ҳарчанд гӯем, ки «охир, бепурсиш роҳро вайрон кардан мумкин не, ҳеҷ гап не, як мошин асфалт тани ман» гуфта ҳамаро розӣ кунонданд.

— Шукур-амак, ин кас одами дилсӯз-дия. Ғами халқро мехуранд. Об баромада кӯчаро вайрон, хонаҳоро нам накашонад, мегӯянд-дия.

Додарбеков ба дастурхон омин карда аз ҷой хеста ба сармуҳандис фармуд, ки тез рафта як мошин асфалт гирифта орад. Худаш назди мӯйсафедон рафт. Кори онҳо ҳоло ҳам босифат, мисли худашон нуронӣ, -аз дил гузаронд ӯ.

## МЕҲМОНИ НАВ МУБОРАК

Дилором якбора ба ҳавлӣ давида даромад.

— Оча, оча, янгем дар рӯи хонаашон хоб карданд. Ман «янга, ба очам ҷурғот диҳед будааст» гӯям, он кас якбора «вой, вой мемурам» гӯён нолиш карданд, -гуфт.

Тӯтӣ-хола баробари шунидани ин хабар мӯи сап-сафеди ба саршӯӣ кушодаашро зери рӯймол карда, ба сӯи ҳавлии ҳамсояаш шитофт.

— Вой мемурам, вой модарҷон, во…й, -шунида мешуд.

Тӯтӣ-хола тез ба хона даромаду Кифоятро дар ҳолати вазнин дид. Ҳалқаш аз зӯрии дард хушк, рӯи кулчааш кабудча, мӯйҳояш парешон ва чашмонаш ба шифт дӯхта шуда буданд.

Кифоят Тӯтӣ-холаро дида лаб лесид. Зани ҳаётдида фаҳмид, ки об мегӯяд. Об дода:

— Канӣ бачам, як қулт хур чӣ, -гуфт. Кифоят баъди як-ду қулт нӯшидани об андаке худро сабук ҳис кард. Ӯ ба сӯи Тӯтӣ-хола дурусттар нигарист. Хола фаҳмид, ки Кифоятро дард сахт азоб медиҳад. Бинобар он аз бозувони вай гирифта:

— Канӣ, канӣ бачам «ҳо пирам» гуфта аз ҷоят хез чӣ, -гӯён ӯро бардошта оҳиста-оҳиста молид, то ки кӯдаки нав сиҳат-саломат ба дунё ояд…

Бегоҳӣ. Қобилҷон аз кор хеле дер баргашт. Ӯ аз ҳавлиашон овози занҳои деҳаро шунавида ба майнааш фикрҳои гуногун омаданд. «Модарам бозгашт омада бошанд» чунин буд аввалин фикри ба сар задаи ӯ.

Вале ҳамин, ки дарро кушод, ба пешвозаш Тӯтӣ-хола баромад.

— Канӣ, акнун шодиёнаро барор. Ман ба ту ду ҳаётро баргардонидам. Ҳа, тезтар, вақти фикру хаёл не, соҳиби писар шудан осон нест, -гуфта монд.

— Ҳамаи молку мулкам азони шумо, -хандида ҷавоб дод Қобилҷон ва даст ба киса бурда «ин аз нӯги хамир фатир» гӯён ду даҳсӯмаи шараққосиро ба Тӯтӣ-хола дароз кард.

Аз байн чанд рӯз гузашт. Дар ин муддат Тӯтӣ-хола ҳар сари қадам аз ҳоли Кифоят хабар мегирифт. Духтури деҳа бошад, пас аз таваллуд омада аввало Қобилҷонро каме коҳиш намуд, вале чун фаҳмид, ки Кифоят якбора таваллуд кардааст, чизе нагуфта, як-ду хел дору навишта доду рафт.

Кифоят ин бегоҳ худро хуб ҳис кард. Тӯтӣ-хола як коса бемороши гирифта омада аз будани Қобилҷон хеле хурсанд гардид, ки гапи дар дил доштаашро мегӯяд. Кифоят аз хӯроки хола каме тановул карда баъд онро паси болинаш гузошт.

— Қобилҷон, -гуфт Тӯтӣ-хола, — ҳоло ҳам ба назди модарат нарафтӣ-чӣ?

— Чаро ман мерафтам, модарамро ман аз хона нарондаам-ку? Модарам бо ман ҷанг накардаанд. Он кас ба ман вазнинӣ накарда буданд. — Тӯтӣ-хола ба сӯи Кифоят нигарист. Ӯ сархам менишаст. Арақи хунук пахш карда буд. Дарди як ҳафта пештар ҳангоми таваллуд кашидааш ба ёдаш омад.

— Набошад, духтарам, ту меравӣ?

— Бале, модарҷон, ман бояд равам. Чунки он кас аз ман ранҷидагӣ. Ман ба гапи баъзеҳо даромада ба он кас ҷанг кардам. Надонистам, ки ба одам одам даркор будааст.

Кифоят сарашро якбора хам карда, бо овози баланд гиря карда фиристод. Баъд худро ба даст гирифта:

— Меравам, Сӯҳробҷон понздаҳ-бист рӯза шавад, албатта меравам. Рафта худам гирифта меорам, -гуфт.

— Ба ҳар ҳол кори нағз нашудааст. Ту, Қобилҷон, Сороҷонро ба рӯи кафат бардошта гардӣ, ба Ҳаҷ бурда биёрӣ ҳам, кам. Бечора туро гуфта мӯяшро сафед кард.

Як бегоҳӣ, ҳамин ки зану шавҳар танҳо монданд, Кифоят:

— Акнун гаштан мегирем-мӣ? Охир, кай ба назди модаратон меравем. Ё, шумо хуб азобашро кашида, тавба кунад мегӯед, -гуфт.

— Ман ҳеҷ чиз нагуфтам. Ба ин азобкашӣ, ба фикрам худи ту гунаҳкор. Сад бор насиҳат кардам, ки модари ман модари ту, модари ту модари ман. Гӯш накардӣ. Ё маро мегӯӣ, ё модаратро гуфтӣ. Ҳамин тавр шуд ё не?

Кифоят чизе нагуфт. Ӯ фақат ашки пушаймонӣ мерехт…

Чоштгоҳӣ. Ба таги дар мошини «Волга» омада қарор гирифт ва аз даруни он Қобилҷон берун шуд.

— Канӣ, тезтар бош! Сӯҳробҷонро ба ман деҳу худат дастурхонро гир, — мегуфт ӯ ба ҳавлӣ даромада. Онҳо қарибиҳои пешин ба Ҳуснобод расиданд. Сигнали мошинро шунида ба пешвозаш духтараки фатиламӯе баромад. Ӯ Қобилҷону Кифоятро дида:

— Очам намеланд, очам намеланд, шумоён он каса ҷанг кардагӣ, -гуфт. Суханҳои бача зану шавҳарро бе корд кушт. «Ё, тавба, ин духтарча аз куҷо медонад, ки мо барои чӣ омадем» аз дил гузаронд Қобилҷон. Дар ҳавлии тағоиаш онҳоро нағз пешвоз гирифтанд. Бо меҳмони нав табрик карданд. Қобилҷон баъди чою нон ва тановули таом мақсади худро гуфт. Соро-апа бошад, розӣ намешуд.

— Ман аз ҳурдуятон розӣ. Илоҳо тӯю тамошо кунед, ба муродатон расед. Нияти ҳамаи модарон як хел аст. Некӣ ба мардум, ба фарзандон. Вале ман дигар намеравам. Як ризқ бошад, аз ҳамин ҷо мегузарад. Давлатамон кам нашавад, фарзанд партояд ҳам, давлат намепартояд. Нафақаам мерасад.

Гап дар рӯзгузаронӣ не, модарҷон. Шумо аз гуноҳи ман гузаред. Ман… ман бачагӣ кардам, шуморо ранҷондам, -мегуфт Кифоят.

— Не, ҳоло ту, бачам, ба қадри модар намерасӣ. Агар мерасидӣ, маро «беимон, сӯхта-сӯхта мур, аз хона гум шав» намегуфтӣ. Ту аз чӣ камӣ доштӣ? То соатҳои даҳ хоб мекардӣ, чизе намегуфтам. Ман бошам, сирри мардон пӯшида гӯён, об меовардам, хамир мекардам, молу ҳол медидам, ҷомашӯӣ мекардам. Чоятро дам карда, ба наздат оварда мегузоштам.

Кифоят бошад, илтиҷо менамуд:

— Модарҷон, тавба кардам, аз гуноҳи ман гузаред, одамро одам, заминро об вайрон мекардааст. Ба ҳурмати ҳамин як нафар набераи бегуноҳатон.

Баъд ӯ ба Сӯҳробҷон нигариста:

— Охир, ту ҳам «очаҷон, хезед, маро аз дасти модарам гиред, хонаамон равем. Модарам бад кардааст, тавба кардааст. Ман калон шавам шумоя Ҳаҷ бурда мебиёрам. Қусури беодобии модарамро мебарорам» гӯё гуфт.

— Майлаш, ҳурмати ҳамин бегуноҳ меравам, -якбора розӣ шуд модар…

— Тӯтӣ-хола, ҳо, Тӯтӣ-хола, -аз девори пастак чеғ зад Кифоят, -мо омадему чаро даракатон не.

— Сороҷон чӣ?

— Он кас ҳам.

Тӯтӣ-хола дар рӯи ҳавлӣ дугонааш Соро-апаро дид, ки набераи парпечашро рӯи даст медошт.

— Ана, ин гапи дигар, -гуфт ӯ баъди дидорбинӣ. — Хуб кардед, ки омадед, дугона. Гардани шайтон шиканад. Набера ба очааш зебон. Канӣ, акнун набера-меҳмони нав муборак!

— Ба шумо муборак шавад, дугонаҷон, набераи шумо ҳам-дия.

## ПИСАРАМ, КАССИР ШАВ

Падар ҳамеша ғами маро мехӯрад. Ҳамин, ки як ба як танҳо нишастем, насиҳатро аз корубори ояндаам сар карда:

— Писарам, -мегуфт ӯ, -насиб бошад, баъди чор-панҷ моҳ ба нафақа мебароям ту синфи даҳро тамом

мекунӣ. Кадом рӯз бо сардорамон, (дарвоқеъ падарам дар фабрикаи бофандагӣ кор мекард) гапзанон кардам.

— Майлаш, ман розӣ. Ягон одами хушмуомила, дидадаро ёбед, ба кор мегирем, — гуфтанд. Агар «ҳа» гӯӣ туро ба ҷои худам бурда монам. Охир, писарам, касби маро ягонтои шумо давом доданатон даркор-ку?! Акоҳоят «олиму омӯзгор, муҳандис» мешавем гуфта партофта рафтанд. Паноҳашон ба худо, куҷо бошанд, нағз бошанд шуд. Хурсандии падару модар хушбахтии фарзандон, писарам.

— Ба кассирӣ? — ҳайрон шуда пурсидам.

— Ҳа, писарам, ба кассирӣ. Чаро ҳайрон шуда пурсида истодаӣ? Кассирӣ кори нағз. Ту ҳоло намедонӣ. Сонӣ, рафта-рафта, ҳо, баъди гузаштани даҳ-понздаҳ сол, он вақт ман мешавам ё не, худо медонад, раҳмат мегӯӣ.

— Чӣ хел мешавад, падарҷон. Дар ин синну сол кассир шавам. Одамҳо чӣ мегӯянд? Суст будааст, аз дасташ ягон кор намеомадагист, нагӯянд. Баъд дар баъзе корхонаҳо кассир одамони маюбу маслуқ, мӯйсафед.

— Ҳеҷ гап не, писарам. Ман ҳам дар ҳаждаҳсолагиам кассир будам. Камакак кор кардаму ҷанг сар шуд. Сиҳат-саломат рафта омадам, боз кори пешинаамро давом додам. Албатта солҳои ман кор мекардагӣ дигар буд. Он вақтҳо мардум як тинашонро ҳисоб карда мегирифтанд. Ба фикрам ҳамин рафторашон дуруст буд. Охир, шабро шаб нагуфта меҳнат мекарданд, бечораҳо. Пули мегирифтагиашон аз ин моҳ то моҳи дигар базӯр нӯг ба нӯг мешуд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, писарам, як пули кассирӣ қати шумоёнро поида, калон кардам. Акоҳоят ба хондан рафтанд. Дар ду-се моҳ як маротиба понздаҳ-бист сӯм пул фиристодан даркор.

— Ягон каси дигар равад, майлаш, ман розӣ, дада. Ман нияти кассир шудан надорам. Охир, бо ҳамин умед мактабро нағз хондам-чӣ? Акоҳоям барин ба хондам меравам.

— Бачагӣ ҳам ба эбаш-дия, писарам. Одамро ба аспи шайтон савор накун. Ту қаҳри маро медонӣ. Сонӣ, ин гапро ба акоҳоят нагуфта будам. Сабабашро худат

медонӣ. Аввалаш ин ки то нафақаи ман ҳоло якчанд сол буд. Баъд онҳо ту барин дидадаро, мулоимгап не. Олимҷонро медонӣ. Шартакигӯй. Салимҷон бадҷаҳл. Қурбонҷон серчоғ. Ба онҳо ҳамон хонадагиашон беҳтар, писарам. Ту, Акбарҷон, гапи маро буридӣ. Исто, ки ман чӣ гуфта истода будам? — Ӯ андаке хаёл кард.

— Ҳа, ёфтам, кассирӣ кони бетаг. Медонӣ барои чӣ ин тавр? Намедонӣ, ҳа намедонӣ. Ҳозир писарам, замона тинҷ. Албатта, ба ин сад бор шукр кардан даркор. Тинҷӣ бошад, ҳама шоҳона зиндагӣ мекунанд. Дар як фабрикаи мо қариб нисфи коргарон мошиндор. Пулашон ҳам калон шудагӣ.

Ҳамин тавр ба ҷои пир асои пир гуфтагӣ барин, падар ба нафақа рафту ман ҷойгири ӯ шудам. Рӯзҳои аввал кор мушкил буд. Худи кор не, албатта, нигоҳ кардан ба рӯи одамон. Ҳуҷраам, ки дар даромадгоҳи корхона буд, ҳар одами гузашта аз даричаи он сар халонда:

— Кассири нав-ку?

— Бечора ҷавону кассир шудааст, саломатиаш нағз набудагист-дия?

— Хешу табори ягон роҳбарҳо будагист, набошад аз даҳонаш бӯи шир меояду вай чию кассирӣ чӣ, - мегуфтанд. Хусусан духтараконӣ шӯх ба ҷони кас мерасонданд:

— Салом амак, пул кай мешавад?

— Амакҷон, моҳона шавад, пули моро бенавбат медиҳед-а, -гуфта қиқирос хандида, гузашта мерафтанд.

Онҳое, ки маро аллакай мешинохтанд, рафтори коргарон, духтаронро фаҳмида монанд, оҳиста:

— Писари Собир-амак-а, нағз не, фаҳманд, хафа мешаванд, гуфта таъкид менамуданд.

— Ин кор ба ман нашуд, -гуфтам як бегоҳӣ ба хона омада.

— Барои чӣ, писарам?

— Аз ҳар кас як садо. Як нафараш «амакҷон», дигараш «саломатиаш мазааш не», сеюмин «хешу табори калонҳои корхона» мегӯянд.

— Падарам табассум карда, мӯйлабашро бо панҷаҳояш ба ду тараф тоб дода, тоқии чоргули хушдӯхташро болотар пӯшида:

— Кор ин тавр нашудааст, писарам, ҳама кор дар аввал мушкил. Гумон мекунӣ хондан осон? Аз имтиҳон ғалтида биёӣ-ку, боз вазнинтар. Ё коргари фабрика шудан. То як касб, масалан, бофандагиро ёд гирифтан, устодат сад бор, ҳазор бор ҷанг мекунад. Вазнин шавӣ, бурд мекунӣ. Ҳо, мегӯянд-ку, санги вазнинро об набурдааст.

Аз рӯи гуфти падар санги вазнин шуда кор кардам. Рафта- рафта коргарон ҳам одат намуда, ҳазлу шӯхӣ намекардагӣ шуданд.

Моҳҳо дигар мешуданду ман ҳам. Ба маззаи кассирӣ дуруст сарфаҳм мерафтагӣ шудам. Бароям маош зиёдатӣ барин менамуд. Коргарон кам нашаванд. Онҳо тез-тез моҳона гиранд шуд. Дар мобайни чор-панҷ моҳ тамоми сару либосамро дигар кардам. Туфлии чехӣ, пиджаки олмонӣ, чанд куртаи рангаи хориҷӣ. Падарам ҳамаи инро дида рӯзе:

— Писарам, маро ба як нӯл задӣ-ку. Ба ту ҳамаи ин кару фар чӣ лозим? Қобилакак шуда, саратро хам карда, либосҳои оддӣ пӯшида гардӣ, нағз не-мӣ? Одамҳо пухта шудагӣ. Боз нагӯянд, ки касбаш кассирӣ, ҳафтод-ҳаштод сӯм маош мегирад. Аввалҳои омадагиаш гурбаи ошолуд барин буду ҳоло худоро худойдод барин намешиносад. Маро дидӣ, писарам, тамоми умр калӯшу маҳсӣ, ҷома қати кор кардам. Ҳар кӣ кор фармуд «хуб» гуфта иҷро намудам. Чанд бухгалтеру директорро дидам. Қариб ҳамаашон аз ман хурд буданду лекин «чой биёред», «нон биёред», «фалончиро чеғ зада биёред» гуфта супориш диҳанд «не» намегуфтам.

— Э, дада, дада. Охир шумо-шумо, ман-ман. Вай шароит дигар буд. Ман ҳоло ба бист надаромада чӣ хел мӯйсафедон барин ҷома пӯшам.

— Ман намегӯям, ки ҷома пӯш. Не, писарам, пӯшу хоксорона пӯш, аз ҷамъият набароӣ шуд.

Инак, якуми моҳи март. Ман имрӯз гӯё худои фабрикаам. Ба ҳама ризқу рӯзӣ медиҳам. Пул ҳаст.

Ҳама роҳи маро мепояд. Чанд дақиқа дер монда оямку баробари намоён шуданам гунҷишкврор қанотак зада «кассир омад», «кассир омад» мегӯянд. Умуман дар корхонаамон моҳе ду маротиба номи маро ҳама пурра, бо навозиш «Акбарҷон, Акбарҷон-ако, Мулло-Акбарҷон» талаффуз мекунанд. Хайр, худатон гӯед, баъди чунин навозишҳо ман чӣ хел хоксор буда метавонам.

Вале имрӯз аз пагоҳӣ баробари аз хоб хестан чашми ростам мепарад. Худо занад ин чашма. Модарам мегуфтанд, ки паридани чашми рости мардон хосият надорад. Барои ҳамин таги дилам сиёҳӣ пайдо карда истодааст. «Илоҳо ягон кас қати гапам нагурезад, илоҳо ба ягон кас зиёдтар пул дода нафиристам гуфта то корхона омадам. Дар даромадгоҳ чанд кас баъди салому алейк:

— Акбарҷон, имрӯз пул мешудагист, -пурсиданд.

— Пул шудагӣ, марҳамат, омада гиретон. Рӯзи аввал тинҷ гузашт. Мисли дафъаҳои пешин бечораҳо ба навбат истода, ба шаст-ҳафтод тин нигоҳ накарда, маошашонро гирифта мерафтанд. Ман ҳам барои фаҳмидани дили баъзеашон, ки худро ба нодонӣ зада, аз назди дарича дур рафтан намехостанду ба пули майдаашон ҳам даҳонашон намерафт:

— Шаст тин майда надорам, чил тин диҳеду як сӯм гиред, гӯям шахсони дар қафо ба навбат истода ӯро танқид мекарданд:

— Шуд-дия, ҳамин қадар пул гирифтию боз танга гуфта хирагӣ карда истодаӣ.

— Хайрият, -мегуфтам дар дил, — ҳамин хел одамҳои валамат ҳастанд. Чӣ мегӯед, ки рӯзи дигар, намедонам қарибиҳои чоштгоҳӣ буд, ба корам чашми бад расид. Имрӯз назар ба дирӯза дар навбат одам камтар буд. Ҳамин вақт назди дарича як марди чилу панҷ-панҷоҳ сола наздик шуда:

— Ман аз сехи сеюм Баротов, - гуфт. Бинам дар рӯ ба рӯи номаш 112 сӯму 90 тин навишта шудааст.

Баъди он ки ӯ имзо кард «навад тин майда надорам, даҳ тин бошад, марҳамат як сӯм» гуфтам.

— Ман ҳам даҳ тин надорам, -ҷавоб дод ӯ.

— Набошад чӣ кор мекунем? -пурсидам мулоимхунукона бо умеди он ки шояд аз баҳри тангааш барояд.

— Доимо дар касса пули майда намешудаастдия? Ин хел бошад, ба ман як сӯм диҳед, фардо даҳ тин оварда медиҳам.

— Шумо аҷоиб, амак, ин пули одамҳо бошад, ба ҳар кас даҳ тинӣ зиёд дода фиристонам, чӣ мешавад? Баъзе коргарон бе маош мемонанд-ку?

— Ту, писарам, ба ман гап ёд надиҳӣ ҳам мешавад, ту ба фарзанди хурдии ман баробар. Айб писарам. Падарат солҳои зиёд кор карда, мӯяшро сафед намуда як бор надидем, ки ҳаққи касро хӯрда бошад. Майда ҳам ҳамеша ёфт мешуд. Худамон илтимос мекардем, ки даҳпанздаҳ тинро надиҳанд. Не, розӣ намешуд. Ту бошӣ, ба ҳама «майда нест, танга нест» мегӯӣ. Ин чӣ гап? — Ин суханҳоро гуфту тез бо чаҳл монда рафт. Баъди ду рӯз бо фабрика ҳисобӣ кардам. Дурусттараш директор ба ҳуҷрааш чеғ зада гуфт:

— Ман гумон кардам ту писари Собир-амак, лекин хато кардам. Аз як палак чанд ранг ҳарбуза мерӯидаастдия. Нағзаш, ки ҳоло ҳам обрӯи падаратро нарезонда, аз ин ҷо аробаатро каш…

## САДОҚАТ

— Гуфтам-ку, намехоҳам. Гапам якто. Агар аз хона баромада рав гӯй, меравам, лекин розӣ намешавам. Дар деҳаамон ман барин беваҳо лак-лак. Сонӣ, кӣ медонад? Дар ҷанг ҳар кор шуданаш мумкин. Охир, модарҷон, ин гапҳоро худат аз ман нағзтар медонӣ. Шавҳари Бибиҷонро ҳам ҳамин тавр овоза карда буданд. Хатти сиёҳаш омада буд. Ёру дӯстонаш намонда «ту ҳоло ҷавон, сад сол роҳ поӣ ҳам, одами мурда зинда намешавад» гуфта ба шавҳар доданд. Бечора шавҳар кард. Шавҳар карду пушаймон шуд. Камакак нагузашта Бақоҷон-ако даромада омад. Маълум шуд, ки ҷанг танҳо як пояшро ба чӯб иваз карда будааст.

Модарҷон, ту мехоҳӣ, ки маро Бибиҷон барин шарманда кунӣ? Одамон фардо ба рӯям туф кунанд. Гӯянд, ки ба «ҳа» маътал будааст. Интизори шавҳари дигар будааст. Он вақт замин кафаду ман дароям. Айби ин кор ба ту ҳам мерасад. Сонӣ Саидҷони ман ду-сола шуд. Ана-мана нагуфта дидӣ, ки дастгирам шудааст.

— Мефаҳмам духтарам, мефаҳмам. Лекин намехоҳам, ки умри ту ҳамин тавр гузарад. Охир, шумоён ҳамагӣ чор моҳ хонадорӣ кардетон. Ман туро бо ин умед калон накарда будам. Ман мехоҳам ту соябони сари худро дошта бошӣ. Шавҳар сарпӯши зан аст. Ба зани ҷавони бе шавҳар ҳар гапро мебофанд. Ба хатти сиёҳи Хуршедҷон ду сол зиёд шуд. Зинда мебуд, ё ақкалан Бақоҷон барин пояш чӯбин мебуд, кайҳо даромада меомад. Одамгарӣ, духтарам аз ин зиёд намешавад. Як сол боз дар ин ҷо, дар хонаи дадоят. Як сол зиёд дар хонаи шавҳарат нишастӣ. Баъзеҳо чили шавҳарашон нагузашта дилашон…

— Модарҷон, ту ҳам дил дорӣ. Маро нағз мебинӣ. Барои он нағз мебинӣ, ки фарзандат ҳастам. Чӣ хел дилат мешавад. Чӣ хел забонат ба ҳамин гапҳо мегардад? Ту мехоҳӣ, ки ман падару модари Хуршедҷонро зинда ба зинда гӯронам. Падару модари Хуршедҷон ба боям хор халидан намемонданд. Ҷой намеёфтанд, ки шинонанд. Ҳатто як рӯз дилам буғз карду Саидҷонро аз гавҳора кушода ба оби дидаи шашқатор назди очааш бурдам:

— Модарҷон, маро мебахшед, ман келини бехосият, бепою қадам баромадам, - гуфтам. Албатта, он кас ҳам худашонро дошта натавониста хуб гиря карданд. Баъд диданд, ки қатраҳои ашки сӯзони аз рӯям шорида Саидҷонро қад-қад мепарронад, вайро аз дастам гирифта:

— Ту ношукр, духтарам, худо гӯй, ки умри Саидҷонро дароз кунад. Одам ба ҳама гап бовар кардан мегирад-мӣ? Хатро дӯст ҳам, душман ҳам навиштанаш мумкин. Хатро донистаю надониста ҳам менависанд. Оби дида аломати нияти бад. Асло гиря накун-а. Дар

ҷанг ҳама намемиранд-ку? Ман хоб дидам, Хуршедҷон зинда, -гуфта дилдорӣ доданд. Онҳо намехостанд ман хонаашонро тарку холӣ кунам. Борҳо бобоям:

— Духтарам Саодатҷон. Ҳамин хонаю дар азони ту. Дилатро ба ҳар кӯча набар. Як умр бо писарчаат зиндагӣ кунӣ ҳам, ман розӣ. Ту акнун фарзанди мо. Хуршедҷонро гум карда туро ёфтем. Бояд асои мо шавӣ. Лекин модарҷон, ба гапи ту даромадам. Ҳар бор, ки наздам мерафтӣ, ба ҷои насиҳат:

— То кай танҳо-танҳо мешинӣ. Писарчаат рӯзашро мебинад. Одамҳо чӣ мегӯянд. Ба дадоят гап мерасад. Орият гуфтанӣ гап ҳаст. Бедаҳанҳо ҳастанд, ки бо гапашон устухони одамро об мекунанд. Боз нагӯянд, ки духтарашро, замона вазнин буданба, поида натавониста ба гардани мӯйсафедон бор кард. Агар розӣ бошӣ, ман туро гирифта ба хона мебарам. То дилатба задан, хоҳӣ як умр дар ҳамон ҷо поси хотири шавҳаратро нигоҳ дор, -гуфтӣ. Бовар карда, ҷои гармамро хунук кардам. Ёд дорӣ, модарҷон, лаҳзаи бори охирин аз дарвозаи Хуршедҷон-ако баромада омаданамро? Нолаи модари ӯ дили сангро об мекард.

— Хонаамро сел шуст, Хуршедҷон. Умеди охиринам имрӯз баромада рафт, Хуршедҷонам, балом. Мурдагият рост будааст-дия, писарҷонам. Ба падару модари пират раҳмат наомад, писарҷонам. Номи душман гум шавад, писарҷонам. Хуршедҷони расо будӣ, писарҷонам.

Аз он рӯзе, ки аз он даргоҳ омадам, шабҳо як лазҳа хобам намебарад. Чашм пӯшам, пеши назарам Хуршедҷон намоён мешаваду:

— Саодат, ту чӣ кор кардӣ, аҳду паймони мо ин тавр набуд-ку?! Ба ҳоли мӯйсафедон дилат насӯхт? Бин, баъди рафтани ту онҳо шабона гирди сандалӣ нишаста, чӣ хел нола мекунанд. Аз ман ҳам туро дӯст медоштанд. Мебинам, ки дар даст нишони маро дорӣ. Магар ҳамон бас нест. Ҳоло ҳам дер нашудааст. Нагузор, ки вай ба маломати падари ӯгай дучор шавад, -мегӯяд.

— Хайр, писари онҳоро ту накуштӣ-ку. Тақдир, духтарам. Ҳеҷ кас аз сарнавишташ зиёд чизро дида наметавонад. Сонӣ, мо туро ба ҷои бад доданӣ нестем. Фарзанди одами нек. Дар ҳамин солу замона шавҳар ёфт шудагишба шукр кун. Духтарҳои пир шуда бе шавҳар гаштагӣ кам не. Нозу нуз ҳам ҳудуд дорад. Палонҷат ҳам духтари одами камбағал. Апаю хоҳар шаветон, ту кӯчқор барин писарча таваллуд карда диҳӣ, ба ҳардуятон бас.

Саодат дид, ки модараш ба ҷону ҳолаш намемонад, якбора овозашро баланд кард:

— Зорию зӯрӣ фоида надорад. Агар муҷаррад бошад ҳам, ман дигар шавҳар намекунам.

— Ҳоло ҳамин тавр гӯй. Гапи мо гап набудааст-дия. Ё мехоҳӣ, ки…

— Ман ҳеҷ чиз намехоҳам. Барои ман Саидҷон бас. Вай ҳам писарам, ҳам ёру дӯстам.

— Дониста мон, ин фикри танҳо ман не, балки дадоят ҳам. Ғазаби ӯро медонӣ. Аз хона ронданаш мумкин, «оқ» карданаш мумкин.

— Бигузор ронанд…

Овозаи аз хонаи падар баромада рафтани Саодат дар деҳа паҳн шуд. Ҳар кӣ ба ин ҳар хел баҳо медод:

— Фарзанди охирзамон-дия. Гапи падару модар ҳеҷ чиз нашуда монд. Аз падару модар шавҳари набудагиро авлотар донистааст, -мегуфт яке.

— Меҳри аввал-дия. Кирои зан гуфтан. Вафодориашро исбот намуд., -шунида мешуд аз дигаре.

— Мумкин худаш ягон таги чашм карда мондагиаш бошад. Ҳеҷ боварии кас намеояд, ки ҷавонзани бисту як- бисту ду сола як умр бева гардад, — фикри шахси сеюм буд.

Аз бозгашти Саодат чашми падару модари Хуршедҷон гӯё лаққӣ кушода шуд. Охир, ин коре буд, ки дар таърих кам рух медиҳад. Келини рафта бозгашт. Ба назари мӯйсафедон чунин менамуд, ки Хуршедҷон зинда асту Саодат ба ин боварии калон дорад ва писарашон пагоҳ фардо даромада меояд…

# РОЗӢ ШАВ, МОДАР…

Ба наздикӣ дар деҳаи мо модаре аз дунё гузашт. Одамӣ ҳамин хел. Охири охирон бояд равад. Раҳматӣ Умрӣ- апа тамоми умр қариб азоб кашид. Нахӯрд, напӯшид, шабу рӯз гуфта писар калон кард.

Дар сояи давлаташ роҳат диданӣ буд. Вале писараш Саидҷонро ба аскарӣ гирифтанд. Модар баъди ин гӯё савдоӣ шуда монд. Роҳи рафта, рӯзи гузарондаашро намедонист. Ҳатто ба назараш ду нафар духтарҳои қадрасаш наменамуданд. Албатта, ин ҳама беҳуда набуд. Аввал ин ки Саидҷон ҷону ҷигари модар. Сонӣ, вай баъди сари падар марди хонадон гардида буд. Шонздаҳсола бошад ҳам, мисли одамҳои ҳаётдида фикр меронд, модарро тасалло медод.

Саидҷон модару хоҳаронашро зери қаноташ гирифта тинҷ кард. Ду сол дар колхоз ҳисобчӣ, сонӣ иқтисодчӣ шуда кор кард. Лекин ҷанг сар шуд…

Умрӣ-апа ҳангоми гусели ҷигарбандаш мисли дигарҳо нагириста чанд даҳон насиҳат кард:

— Сиҳат саломат рафта расӣ, навис. Ба гапи калонҳо гӯш кун. Дидадаро шавӣ, ба дида ҷо шавӣ, гуфтаанд. Вазнин шав. Ба дӯстонат меҳрубону ба душманонат беамон бош.

Вай Саидҷонро ба оғӯш гирифт. Сарашро хам карда, аз пешонӣ, рӯи писараш то сер шудан бӯсид. Саидҷон бо чашми ашколуд «бас модарҷон, бас. Ман, ки сиҳат саломат баргашта омадам, боз бӯсидан мегиред. Аз рафиқонам дер мемонам. Дидед, ки ҳама саф кашиданд. Ҳозир ароба ба ҳаракат медарояд» гуфт.

Ин лаҳзаҳоро модар то нафаси охирон дар ёд дошт ва борҳо ба наздикони худ нақл карда, ҳавли дилашро паст менамуд. Ҳафтае набуд, ки Умрӣ-апа хоб набинаду фардояш таги дарвоза ва ё кӯчаи лаби об баромада андаке нишаста, хоби дидаашро ба ҳамсояҳо нагӯяд.

— Ба хаёлам Саидҷон зинда-, -мегуфт ӯ, -шаб хоб бинам либосҳои нав пӯшидагию ҳамроҳи ҷӯраҳояш ба ид меравад. Ҳамин қадар ҷомаи беқасаби майдадӯзӣ

карда дӯхтаам зебидааст, ки мондан гиред. Ман аз оқибаш тамошо карда:

— Саидҷон, пештар биё, наздиктар биё, як бор бӯсам. Ту ҳамин қадар вақт боз куҷо будӣ, кӯки чашмамро канда кардӣ, -гӯям, хандида «ҳозир модарҷон, ҳозир меоям» гуфта ғайб зад.

— Гӯр ҳушам шавад, -мегуфт Умрӣ-апа, -аз доманаш сахт дорам намешавад? Бовар кардам. Хезам гиря карда болиштро тар намудам.

— Хоби зан чаппа мегӯянд. Шояд Саидҷон зинда бошаду як рӯз не, як рӯз аз дар даромада «салом модарҷон, мана ман омадам» гӯяд. Аз доманаш дошта натавонистед, албатта, меояд дугонаҷон.

— Кошкӣ, аз забонакатон гардам, ҳамсояҷон. Кошкӣ як бор дар зиндагиам чашм ба чашм меафтодему мурдаамро соҳибӣ мекард.

— Унту нагӯед, ҳамсояҷон, нияти нек кунед. Шумо, худо хоҳад, ба сад медароед. Саидҷон, ки омад, вай шуморо ба сараш бардошта мегардад, ба болои ҳафт қабат кӯрпача мешинонад.

— Аз забонаки ширинатон гардам, ба болои кӯрпача нашинонаду сиҳат-саломат биёяд шуд.

Оҳ умедворӣ, умедворӣ. Чӣ қадар дар ин роҳ модарон мӯи хешро сафед, умри худро кӯтоҳ намуданд. Нонҳои газидаи фарзандҳояшон то ҳол дар сандуқҳо муқаддас нигоҳ дошта мешаванд. Мактубҳои секунҷаи фарсударо намегӯед… Дар ҳафт қабат лата печонида, ҷанг гирондан намемонанд. Ба киҳое нишон намедиҳанд. Ҳар сухани он аз тилло ҳам қиматтар…

Рӯзи дафни собиқ бригадири хоҷагӣ Умрӣ-апа панҷ-шаш дақиқа ҷамъомади мотам барпо гардид. Раиси колхоз Имомназари Худойназар дар бораash ҳарф зад:

— Умрӣ –апа барои мо модар буданд. Он кас то нафаси охирон ҳамдаму ҳамнафаси ҷамъият, ибрати ҷавонон, насиҳатгари хурду калон буданд. Мо имрӯз ба шахси наздиктаринамон алвидо гуфта, бори дигар дар ҳаққи саркардагони ҷанги хонумонсӯз лаънат мехонем. Мо имрӯз васияти модар –Умрӣ –апаро бояд ба ҷо орем.

Он кас чанд дақиқа пеш аз вафоташон ба духтари худ васият кардаанд, ки мактуби писарашон Саидҷонро ба шумо хонда диҳаму дар паҳлӯяшон монда…

Раис мактуби секунҷаи зардшударо кушода хонд. «Модарҷон, ба шири додаатон розӣ шавед. Агар хизмататонро адо карда натавониста бошам, наранҷед. Насиб бошаду зинда монам, як умр дар хизмати шумою халқам. Рафту… ба ҳар ҳол модарҷон, як илтимос. Ҳеҷ гоҳ маро чашми пӯшида гумон накунед. Ашки чашмони шумо, модарҷон, руҳи маро ноором мекунад. Охир, шумо бояд фахр кунед, ки фарзанд дореду Ватанро, шумо барин модаронро ҳифз менамудааст. Ман, модарҷон, аз рӯи насиҳати шумо амал кардам. Ҳар як супориши командир супориши шумо ба ҳисоб мерафт. Агар дар ҷавонӣ андаке шуморо ранҷонда бошам, розӣ шавед, модарҷон, розӣ»…

## НАСИБА

Боре маро ҳамроҳи чор-панҷ нафар фаъолон ба иҷрои супорише фиристоданд. Мебоист барои корхонаи калонтарини шаҳрамон, ки бо коргар таъмин набуд, занону духтаронро ҷалб менамудем.

Сарварамон зани қадбаланди чорпаҳлӯ буд. Рӯи кулча дошт. Лабу даҳон, чашмонаш ба назари бинанда гӯё ҳамеша майли табассум мекард. Фаъолаи шаҳр, ки буд, ба ҳар хона беибо даромадан мегирифт.

Аз паси ӯ се нафар духтарон-вакилони корхона, сипас ман мерафтам. Инак, баъди гаштани хонаҳои бисёр вориди ҳавлии дараш яктабақа гардидем. Ба пешвозамон зани наздик ҳаштодсолае баромад.

— Марҳамат, марҳамат, биёетон. Шумоён чӣ тавр шуда ба ҳавлии мо даромада омадетон, то як пиёла чой нанӯшед, намемонам, ки равед, гуфт.

Гапи ӯро ду накардем. Зан дастурхон густурд, ба лаганд нону қанд, мавизи чиллагӣ гирифта, келинашро фармуд чой дам карда биёрад.

Худаш аз паҳлӯямон нишаст.

— Биёетон, қадамҳоятон нури дида, -боз такрор кард ӯ нонро пора карда истода. Сӯҳбати мо тафсида рафт. Ӯ аз ҳар хусус сухан мекард. Ман пиёлаи чой дар даст ба гапи модар гӯш карда, ба гирди хона назар мекардам. Ногаҳон чашмам ба шифти хона афтод. Дар он ҷо як фатири калоне овехта шуда буд.

— Модарҷон, ин фатир савғои нонпазҳои Самарқанд?!

Аз ин пурсиши ман рангу рӯи модар якбора дигаргун гашт. Ӯ чизеро ба хотир овардагӣ барин шуда:

— Не, насибаи писарам Обидҷон, - гӯён ҷавоб дод.

— Насиба!?

— Ҳа, бачем, насиба. Чилу панҷ сол шуд.

— Ҳамин қадар сол боз истодааст?

— Албатта. То ман зинда ҳастам, меистад. Он тарафаш, аз худо… Э, бачаме, бачаме, ман ба ту чӣ тавр фаҳмонам? — Модар ба фатири дар шифти хона овехта шуда нигариста ба фикр фурӯ рафт. Баъд:

— Соли аввали ҷанг буд, -гӯён нақлашро сар кард. — Ҳамон сол ба Обидҷон повуска доданд. Рӯзи аввал писарам ба ман чизе нагуфт. Ба ҷои ин бисёртар ҳазлу шӯхӣ мекард, ба ҳар кор ёрӣ мерасонд. Намехост дастамро ба оби хунук занам.

Рӯзе ба хона ҷӯраи Обидҷон Рӯзибой омад. Онҳо ҳар ду хӯрок хӯрданд. Ман косаву табақро ғундошта ба даҳлез баровარда, хостам шӯям. Ногоҳ овози Рӯзибойро шунидам:

— Обидҷон, повускаро ба модарат гуфтӣ-мӣ?

— Не, ҳоло нагуфтам.

— Кори хуб накардӣ. Баъди ду-се рӯз моро мебаранд. Баъд модар якумр дар ғами ту… ин рӯз ба сари ҳама баробар омадааст. Модарат ҳама чизро мефаҳманд.

Дар даҳлез гӯшам чеғ зада, ба ҷоям нишаста мондам. Баъд андаке ба худ омада, чойникро баҳона карда ба хона даромадам. Чашмам ба чашми Обидҷон афтод. Ӯ маро дида аз чӣ бошад, сурх шуд.

— Чой бас, модарҷон, -Рӯзибой хоҳиши хестан кард. Баъд онҳо дар паси дарвозаи кӯча чӣ қадар пичир-

пичир карда гап заданд, ҳоло дар ёдам нест. Обидҷон ба хона даромад. Ман сахт пеш омадам.

— Ман ба ту модар ё?.. Чаро ҳамин қадар рӯз боз аз ман руст карда гаштӣ? Мехоҳӣ, ки маро зинда ба зинда ба хок супорӣ? Ба ман ғами падар (падараш ду сол пеш вафот карда буд) бас, -гуфта гиря кардам.

Обидҷон бошад маро оғӯш карда, узр мепурсид. «Ман гунаҳкор. Нахостам шумо чанд рӯз пештар ғам хӯред, обу адо гардед, гуфт.

— Ту маро бача гумон кардӣ-а? Хаёл намудӣ ҳеҷ чизро намефаҳмам. Руст накун. Повустка дошта бошӣ, рӯирост гуфтан гир. Тайёриатро бинам.

Ин суханҳоро, медонед, бачам, барои чӣ гуфтам. Албатта намедонед. Барои он ки фарзанди ман бо дили кашол ба аскарӣ наравад. Набошад, магар забонам ба ин гуна гапҳо мегашт.

Ба Обидҷон тӯшаю талқон кардам. Он пагоҳӣ хонаи мо аз ёру дӯст, ки аксарашон занҳо буданд, пур шуд. Онҳо ба Обидҷон хайрухуш намуда, ба ман дилдорӣ медоданд.

— Фотима –апа, хафа нашавед. Обидҷон худо хоҳад сиҳат-саломат бармегардад.

Вақти рафтанаш ҳамин нони фатири боҷаззаро ба ӯ дароз карда, гуфтам:

— Газ бачем.

Обидҷон табассум карда аз лаби он як луқма газид. Ман насибаро гирифта ба сандуқ мондаму аз паси ӯ равон шудам. Онҳоро ду-се рӯз дар аскарҷой нигоҳ доштанд. Пагоҳи сеюм ба аробаҳо савор карда бурданд. Ҳоло ман наметавонам он манзараро ба шумо тасвир кунам. Сухани охирини дар рӯ ба рӯям истода гуфтаи Обидҷон ин буд:

— Модарҷон, ҳамеша дуои нек кунед. Расулҷон «ҳа» нагуфта дастёр мешавад. Танҳоӣ намекашед.

Модар пиёлаи чойро дам кашида боз нақлашро давом дод:

— Эҳ, писарҷона, писарҷон. Магар модарат ин суханҳои туро намефаҳмид. Ҳамаи он магар барои дилдории модарат набуд?!

Ҳамин тавр Обидҷонро ба аскарӣ гирифтанд. Чанд муддат вай хатҳои сегӯша навишт. Дар онҳо гоҳ мо пеш рафтем, душман гурехта истодааст, гоҳ аз саломатиаш менавишт.

Рафта-рафта ҷанг дар ин ҷо ҳам (модар оқибгоҳро дар назар дошт) аз гиребони мо гирифт. Акнун ҳама чиз ба ҳисоб шуда буд. То бегоҳ кор кунем ҳам, нони сериро намедидем.

— Мо бояд аввал фронтро таъмин кунем, -мегуфтанд. — Халқ пурбардор.

«Майлаш, душман мағлуб шавад, фарзандонамон сиҳат-саломат баргашта биёянд, ба мо гап не» гуфта тоқат мекарданд.

Рӯзе барои насиба шуда Расулҷонро як-ду мушт задам. Воқеа ин тавр рӯй дод:

Гандумпаз буд. Расулҷон аз кӯча ба хок ғилмида омаду «оча нон» гуфт.

— Мана ҳозир. Як дами дигар бозӣ карда биё, саракҳоя кафмол карда, кӯбам, нони дегӣ пухта медиҳам, -фаҳмонданӣ шудам ба ӯ. Расулҷони гурусна ба гапам гӯш накард.

— Чо кунам, — а, а, нон, -боз такрор кард ӯ.

— Нон нест, бачам, дидӣ-ку пагоҳӣ буду шудашро ба чой тар карда хӯрдем.

— Ҳо шифтангӣ чӣ?

— Вай нони акоят, насибааш. Сиҳат саломат биёяд, ҳамроҳ мехуретон.

— Чо кунам, ҳозир мехурам, -гуфту худро ба замин партофт. Партофту ба хок ғел зад.

Бо ҷаҳл аз ҷоям хеста як-ду мушт ба тахтапушташ фаровардам. Баландтар дод гуфта, ба кӯча гурехта рафт.

Бачагӣ-дия. Ба дасташ ҳар чӣ меафтид, ба дару девол ҳаво медод: санг, кулӯх. Аҳволи ӯро дида дилам ганда шуд. Ба ҳавлии ҳамсоя рафтам. Расулҷон ҳиққос зада як бурда нони аз ҳамсоя талабидаамро аз дастам гирифт.

— Ту бача бошӣ, надонӣ. Надонӣ, ки ман чанд рӯз боз аз акоят хат нагирифтаам. Ҳасту нести рӯзгорро надонӣ. Оби дидаатро пок кун.

Расулҷон ба хона даромада, худро болои намад партофта, мисли мардакҳои мусибат дида ҳунг-ҳунг гирист.

— Шуд акнун, нон гуфтӣ, ёфта додам, боз барои чӣ гиря мекунӣ? Пагоҳ-фардо акоят ҳам меояд. Дидӣ, ки об ба лаби ҷӯй баробар шудааст, - тасалло додам ӯро.

Ҷанг ҳам тамом шуд. Аммо аз Обидҷон на хат буд, на хабар. Рафта арз кардам. Аз аскарҷой гуфтанд, ки писаратон зинда, вале номаълум. Боз чанд бори дигар рафтам. Арзи маро гӯш карда, хат навиштанд.

Аммо то ҳол… дунё ба умед, писарам. Шояд ягон рӯз Обидҷон «салом модарҷон» гуфта даромада биёяд…

Ҳикояти модар моро хеле мутаассир намуд. Ба чеҳраи пуроҷангаш, мӯи пахтасои ӯ нигариста, байти шоир ба хотирам расид:

*Модарон то ҳол мепоянд роҳи аскарон,*
*Охирин умеди ин умедворон зинда бод!*

## ШАБОНГАҲИ ДЕҲА

Модар ба рӯи палоси аз болои пахоли ғафс партофта шуда гузашта нишасту воқеаи чанд ҳафта пешро ба хотир овард.

… Вақте босмачиҳо ба деҳа ҳуҷум оварданд, шаб аз нисф гузашта буд. Гирумони бошандагони деҳа ва тараққос зада кушода шудани дарвозаи ҳавлӣ зан ва шавҳари ҷавонро аз хоби роҳат бедор кард. Зан саросема аз ҷой хеста шамъро дар гиронд.

— Кист ин ҷо?! Ҳа, тӯӣ, Ботур? Дар чогаҳи гарми занам хоб кардам гӯй? Маълум мешавад, ки тарафдори аскарони сурх ҳастӣ?

Босмачӣ қамчинро бозӣ доронду бо он ба сари Ботур якто фаровард. Баъд дастаи қамчинро бо дандонҳояш газида, даст ба милтиқ бурд. Ботур ва завҷааш гӯё, ки марги худро интизорӣ мекашида бошанд, дар рӯшноии шамъи хира шах шуда монданд.

— Ҳеҷ гап не, аҷали ту ба дасти ман будааст. Ин оимат бошад, оими мо мешавад.

Ботур баробари шунавидани ин суханҳо гӯё, ки ақлашро гум карда бошад, якбора хез зада босамичро аз болои зин ғалтонд ва то яроқ ба даст гирифтани ӯ модар бо санги панҷ қадоқаи дар токча буда ба сари басмачӣ зад. Зарбаи дуюм ва сеюм босмачиро ба он дунё гусел кард.

… Ду нафар босмачие, ки асп давонда мегузаштанд, «сиёҳӣ»-и аз ҳавлии Ботур баромадаро дида монданд.

— Исто Ориф! Дар ҳавлӣ ягон гап ҳаст. Набошад, асп бесоҳиб намешуд.

— Гапат дуруст-куя, лекин агар онҳо бисёр бошанд чӣ?

— Офарин ба гурдаат. Боз кӣ туро мегӯяд, ки йигити Холбӯтта?

Босмачиҳо аспи худро ба ҳавлии Ботур, рост ба болои суфаи дар пеши хона буда ҳай карданд. Чашми онҳо дар поёни суфа ба босмачии ба хун оғӯшта афтод.

— Ориф, лаҷоми аспро дор, -гӯён Қулӣ Сӯфии муҷунӣ аз зин фаромад. Ӯ «эҳтиёт-ними ҳаёт» гуфтагӣ барин аввало оҳиста аз дари хона ба дарун нигоҳ кард. Дар ҳамин вақт чашмаш ба Ботур афтод, ки барои мурдаи «меҳмон»-и нохонда ҷой тайёр мекард.

Қулӣ Сӯфии муҷунӣ давида ба хона даромаду аз гиребони Ботур дошт:

— Ӯй, йигити беизор, навкори моро ту куштӣ?

— Ман куштам.

— Ҳамроҳат кӣ буд?

— Ҳеҷ кас.

— Росташро гӯй. Мо медонем, ки сад нафар ту барин беизорҳо як худи ӯро кушта наметавонед. Ҳа, тезтар!? — Ӯ аз ғазаб ларзида гулӯи Ботурро сахттар хафа кард.

— Гуфтам-ку, худам.

— Зан надорӣ?

— Не.

— Чогаҳ калон-ку, барои ду кас партофта шудааст. Ана, дурӯғаш фош шуд. Ин гаҳвора чӣ? Дар ин фарзанди ҳаромиам хоб рафтааст, гӯй. — Босмачӣ гулӯи Ботурро

сар доду сари гаҳвора омад. Болопӯши вайро бардошт. Чашмони чуғзмонанди ӯ ба кӯдаки чашм пӯшидаю хоби роҳат рафта афтод.

— Ин ба мо даркор, -гӯён хост кӯдакро кушояд. Дар ҳамин вақт Ориф аз берун:

— Сӯфӣ-ако, вақт танг, пурсида мегардед, -гӯён овоз баровард.

Модар, ки милтиқи босмачиро гирифта барои панаҳ кардан ба юнучқазор рафта буд, ин гуфтушунидро фаҳмида, оҳиста-оҳиста ба таги дарахти зардолу омад ва ба танаи ғафси он чафс шуда, рост истод.

Ӯ эҳтиётан мили милтиқро ба сӯи босмачии дар болои асп нишаста рост карда монд.

— Бигузор гуфтаи ту шавад. — Садои тир ва «воҳ» гуфтани Ботур гӯши модарро қулф занонд. Ӯ қариб буд дод гуфта фиристонад. Аммо чӣ илоҷ? Ин хунҳорҳо ӯро ҳам куштанашон мумкин.

— Ма, ин кӯдакро гир, бурда зиндалай ба ягон ҷо, -гуфтани Қулӣ Сӯфии муҷунӣ модаро ба худ овард. Ӯ худро ба даст гирифта, чашмонашро калонтар кушода сӯи дар нигоҳ кард ва «ту аз дасти ман ҳеҷ куҷо намеравӣ» гӯён мили милтиқро зер карданашро надониста монд. Тир ба Қулӣ Сӯфии муҷунӣ расид. Кӯдак аз дасти ӯ парида ба замин ғалтида «унға, унға» гӯён ба гиря даромад. Ориф босмачӣ лаҷоми аспи Сӯфӣакояшро сар дода роҳи гурезро пеш гирифт.

— Ҳозир, мана гиря накун, ҳозир. — Модар бо дастони ларзон тифлашро ба хона гирифта даромад. Ӯ намедонист чӣ кор кунад? Шавҳарашро бардорад ё ба кӯдакаш малҳамбандӣ намояд. Модар кӯдакро болои палос шинонду латтаеро сӯзонида, хокистарашро ба ҷои захми санг зер кард. Вале хун ист намекард. Ӯ тифлашро ба сари шавҳараш бардошта омад. «Шӯҳратҷон, шӯҳратҷон» гӯён хост ӯро бедор кунад. Вале Ботур хоби якумра рафта буд. Чашмони шахшуда мондаю бенургаштааш гӯё ба ҳамсараш мегуфтанд:

— Интиқоми маро гир. Ту бояд Шӯҳратҷонро эҳтиёт намуда калон кунӣ. Баъд мебинӣ, ки ҳаёт чӣ тавр

механдад. Писарат бошад, дар ҳама кор мададгорат мешавад.

Модар ба рӯи ҷасад якандозеро пӯшида кӯдакашро оғӯш карда ба сӯи бошишгоҳи аскарони сурх давид. Ӯро нағз пешвоз гирифтанд ва кӯдакро, ки захмаш хавфнок буд, ба табобат ба шаҳр фиристоданд. Ҷасади Ботур низ ба хок супорида шуд…

Модар баъди ин фикру ҳаёлҳо якбора ба худ омад. Ӯ аз ҷо хест. Оё медонист, ки дар пеш ӯро чӣ интизор аст? Марг ё ҳаёт? Не, намедонист. Агар рафту медонист, оё вазифаашро иҷро намекард? Соли 1921. Шабонгаҳи деҳаи Ҷӯи Нав, хеле ноором буд. Босмачиҳо аз дараи кӯҳҳои Туркистон фаромада, ба деҳа ҳуҷум мекарданд. Мардуми бечора ба овозҳои «номусулмонон, бачагонамонро асир кардед», «дод аз дасти босмачӣ», «қасос рафиқон, қасос» ҳамаро ба по мехезонданд. Босмачиҳо ҳар чӣ ки ба даст меафтод, ғанимат шумурда бо худ мебурданд. Ба онҳо фарқ надошт: духтар ё писар, модар ё кӯдак, гову гӯсола, бузу бузғола. Даркориашро мегирифтанд, нодаркориашро беҷон мекарданд. Чашми онҳоро хун гирифтааст. Дар дилашон талвоса афтодааст.

Дар ҳамин асно зане аз хона берун баромад. Ӯ як ба гирду атроф гӯш дод ва боз вориди хона гашт. Дари яктабақаи пойгаҳи пешгаҳро пӯшид. Барои он ки шамол накушояд, ба пасаш сангчаеро ҳам гузошт. Ӯ ба пасаш дигар нанигарист. Бале, нигоҳ накард. Ба касе хайру хуш накард. Алвидо нагуфт.

Охир, қаҳрамонии модар аввалин маротиба нест-ку? Ҳамин ёрии ӯ буд, ки якчанд ҳафта пеш аз ин аскарони сурх дастаи Холбӯттаро ҳадафи тири худ карда буданд. Холбӯтта бошад, бо босмачиёни боқимонда ба кӯҳ гурехта рафта буд. Ӯ бо ҳар роҳ ҳаракат мекард, ки одами аз сирри онҳоро бохабар кардаро ёбад. Ҳар кӣ ба Холбӯтта ҳар хел хабар мерасонд. Баъзеҳо «зан», баъзеҳо «мард» будани он шахси номаълумро фаҳмонданӣ мешуданд. Холбӯтта ба навкоронаш фармуд, ки ба кадом роҳ набошад «одами номаълум»-ро ёбанд ва «меҳмон»-и ӯ гардонанд. Модар дар дил орзуҳо

дорад. Ӯ умед дорад, ки боз сиҳат-саломат мисли ҳар дафъа бармегардад, аз райҳони дар рӯи ҳавлиаш буда шохчае канда мебӯяд. Шукуфтани гули ошиқи печонро ҳар саҳарӣ тамошо мекунад. Аз зардолуяш, ки акнун зард шудааст, канда, ба даҳон мепартояд. Кӯдакашро, ки ҳоло қариб беҳтар шудааст, аз дасти духтурони аскари сурх гирифта меораду ба оби зулоли ҷӯйчаи аз мобайни ҳавлиашон ҷорӣ мешудагӣ оббозӣ медорад.

Орзуҳоят чӣ қадар хуб, ширин, гуворо, модар. Медонам, медонам, барои ҳамин ту алвидоъ нагуфтӣ. Вале гулҳои рӯи ҳавлӣ, дару деворат, оби ҷӯй, дарахти зардолу-хулоса онҳо ҳама бо ҳамдигар пичиррос зада аз ту гилагӯӣ карданд.

Модар берун баромад. Ҷомаашро ба сар гирифт. Оё дар ин шаби тор касе ӯро медид!? Не, албатта, намедид. Вале занҳои деҳа одат кардаанд. Роҳи модарро моҳтоб нурпошӣ мекард. Гӯё вай роҳро нишон дода мегуфт:

— Биё, ана ин сӯй биё, аскарони сурх ҳо, дар он ҷо, онҳо туро интизоранд. Модар роҳро миёнабур карда, ба кӯчаи калон рафт. Аз пушти теппачае гузашт. Хонаи сангине дар он ҷост. Азони раҳматии тағоиаш Мирзоқосим. Ҳоло бошад, дар он ҷо ӯро намояндаҳо интизор…

Пайдо шудани «сиёҳи»-е ӯро бесаранҷом намуд.

— Аспакӣ, -аз дил гузаронд ӯ. — Босмачӣ. Саллааш ҳам маълум.

Босмачӣ ӯро надид ва «чуҳ» гӯён асп давонида гузашта рафт. Модар аз паси девор берун омад ва сӯяш дастонашро мушт карда:

— Мебинӣ, ту пирсаг, адабатро надиҳам, -гуфт. Бале, ҳамин қадар гуфт. Аммо суханаш нотамом монд. Қамчини обдоре сарашро хуншор намуд. — Ана, ин ба ту адаб, лаънатӣ! Хуб дар вақташ ба дастам афтодӣ. Худо аз ҷои набудагиаш дод. Қамчини дуюм модарро ба замин ғалтонд. Босмачӣ худро аз болои асп партофта хост модарро ба тагаш гирифта пахш кунад. Натавонист. Модар бо осонӣ таслим намешуд. Ӯ

дастони босмачиро сахт газид. Хун аз раги дастони ӯ ба монанди гӯсфанди сарбурида фавора зад.

— Ох, лаънатӣ, корамро кардӣ, вале инро дониста мон, ки ман туро намекушам. Роҳи азобатро меёбам. Аввал бояд ба ниятам расам. Хоҳ «ҳа» гӯӣ, «хоҳ» не гӯӣ.

Босмачӣ рӯймоли худро аз миён кушода, як пояшро ба рӯи синаи модари бемадор гузошту рост истода, дасти хунрафта истодаашро баст.

— Ана акнун қуввататро месанҷам, -гуфт босмачӣ ғур-ғуркунон. Вай ба нияти ифлосаш расиданӣ буд. Вале якбора ба замин ғалтид. Ин магар ҳамон санге буд, ки ту аз замин хобида ба фарқи сари ӯ задӣ?

Ду нафар ба замин хобидаанд. Яке модар, муборизи роҳи озодӣ, дигаре босмачии хунхор, душмани ашадии ин роҳ. Дақиқаҳои ба шумор аз миён мегузаранд. Ба яке аз онҳо қуввае нест, ки аз ҷой хезанд, босмачӣ аз хунравии бисёр ранги мурдаро мемонд, модар аз часпу талоши бисёр.

Дар ҳамин лаҳза босмачие тез асп давонида омаду аз сари зин парида рафт. Аспи ӯ аз ду часади нимҷон рамида буд.

Босмачии саропо рафта лат хӯрдани пойҳояшро ҳис карда бошад ҳам, аз тарс тез аз ҷояш хест. Ӯ лангида-лангида ба сари яке омаду онро дар хун оғӯшта дид.

— Ё тавбае, ин Ориф нест-гӯён босмачӣ хам шуда дурусттар ба рӯи ӯ нигарист. Гумонаш дуруст, ин Орифи лаънатӣ. Вай кӣ бошад? Зан? Наход?! Чӣ бояд кард?.

— Ҳа, алами дирӯзаро аз ин лаънатӣ мегираму ӯро ба ин ҷӯй мепартоям. Занро бошад, ба асп савор карда ба Холбӯтта тӯҳфа мекунам.

Пурсад мегӯям «худам дастгир кардам». Орифро зан куштааст. Ин асп-аспи ӯст.

Босмачӣ корро бо Ориф бо тезӣ анҷом дода занро ба зини асп баста ба роҳ даромад…

Рӯзи якшанбе. Мардуми деҳаи Панҷшанбе либоси мотам дар бар кардааст. Хуҷуми ногаҳонии Ҷӯра Сӯфии муҷунӣ онҳоро дар ғафлат мононд. Шермардони бисёре аз дасти ҷаллодон дар вақти хариду фурӯш кушта

шуданд. Имрӯзҳо бошад, кори Холбӯтта омад кардааст. Вай бо як ҳуҷум аз дехаи Ҷӯи Нав то панҷшанбе омад. Ана, ба болои ин тӯҳфа. Холбӯтта ба Оталиқ-босмачӣ асперо ҳадя карда фармуд, ки «арӯс»-ро ба хонаи дарун баранд. Бурданд.

Шабонгаҳ. Дараро торикӣ ҳукмфармост. Фақат дар хонаи холбӯтта чароғ месӯзад. Ӯ оҳиста-оҳиста қадам монда ба назди модар омада мепурсад:

— Ту тир парронда метавонӣ?

— Метавонам.

— Пас он навкарони маро ту куштӣ?

— Қасоси шавҳари бегуноҳамро гирифтам.

— Агар ҳоло ба ту милтиқ диҳам, парронида метавонӣ?

— Хоҳӣ туро ҳам «раҳматӣ» мегардонам.

— О-ҳо, ғайратат калон. Магар ба ман дилат мешавад?! Ман аз ҳамин лаҳза шавҳари ту-ку?

— Кӣ гуфт? Номаъқул кардааст гуфтагӣ. Мо, занҳо, аз ин хел шавҳари дарранда ҳазар мекунем. Шумоён хунхор, лаънатӣ… боз чизе гӯям. — Дар ҳамин вақт гулӯи модарро чизе гирифт. Бо овози баланд гап задан ба ӯ зӯр омад, ки дилашро дошт.

Холбӯтта бошад коҳ-коҳ зада хандиду ба сӯи модар омада навозишкорона «хайр бас, бас акнун. Ту ҳоло ром нашудаӣ, барои ҳамин дилат ба ҳар кӯча меравад» гӯён хост бо дастони шахшӯлаш аввал китфони зани ҷавон, сипас ҷойҳои мулоими ӯро даст-даст кунад.

— Дастатро нарасон, ҳайвони ваҳшӣ, — гуфт модар ва бо ҷаҳл косаи пуроби дар наздаш гузоштаро бардошта сӯи босмачӣ ҳаво дод.

— Акнун, ки ба нағзӣ не гӯӣ, тамошо кун. — Холбӯтта якбора сӯи зан ҳамла карда ӯро пахш намуд ва сару рӯяшро лесидан гирифт. Зан бошад, то метавонист худро муҳофизат мекард. Ӯ аз ришу мӯйлаби Холбӯтта гирифта сахт кашид. Холбӯтта аз алам бо мушт якбора ба ишками модар зад. Модар «воҳ» гӯён ба замин нишаста монд.

Аммо ӯ гиря намекард.

— Юсуф, -фарёд кард Холбӯтта.

— Босмачие ҳозир шуд.

— Ин лаънатиро бурда нест кун. Аз авлоди ҳаромҳо будааст. Зани фосиқи номусулмон.

— Хуб ҷанобашон, ба ҷону дил. — Ӯ берун рафта бо имое ду нафари дигарро ҳамроҳаш гирифта овард.

— Канӣ гирифтем. Аввал ҷонашро ба соҳибаш месупорем, баъд аз болои кӯҳ ба сой ҳаво медиҳем.

Чашмони модар ба шифт дӯхта шудааст. Ӯ бо як дасташ дилашро медорад. Модарро дарде азоб медиҳад. Вақте ки ӯро босмачиҳо аз замин бардоштанд, қатраи ашк, ашки алвидо, ашке барои кӯдаки нодидааш ва шавҳари қурбоншудааш, барои умри ҷавонаш аз чашмонаш рехтанд.

Ӯро ба роҳи охирин мебурданд…

## ЧОР ТАНИ БЕСАР

Баробари чеғ задани хурӯси аввал Холбӯтта аз хоб хест. Ӯ паи таҳорати намози бомдод рафта истода, аз навкари дар таги дар буда «ҳоло маълум не-мӣ» гуфта пурсид.

— Ба омаданашон хеле вақт шуд. Нахостам шуморо нороҳат кунам.

— Ноҷинс! — Дандон хоида чашм песонд. — Ман нагуфтам «ҳамин, ки омаданд, агар шер бошанд, хабар деҳ»…

— Шер тақсир, шер. Сари ҳар чораш дар халта.

Холбӯта бо шунидани «хабари хуш» гӯё, ки таҳорат карданро фаромӯш намуда бошад, офтобаро ба рӯи ҳавлӣ гузошту ба хона даромада истода:

— Гӯй, биёянд, гуфт.

— Тақсир, супориш иҷро. Метавонед дами беғам занед. — Азим босмачӣ халтаи хунолудро чаппа кард. Аз даруни он чор сари бетан ба монанди лаблабу болои ҳам ғалтида, баъд ба чор тараф ғелиданд. Ҳашт чашми нопӯшидаи бенури аз зери рӯю мӯи сари хунолуд нигариста истода чашмони гӯсфанди сар буридаро мемонд. Ин чашмҳо ба палидон нигариста гӯё мегуфтанд: «мо дар ғафлат монда, муборизаро то охир давом

дода натавонистем. Шояд хуни мо шуморо гирад. Шояд рӯзе сари шумоён ҳам мо барин бурида гардад. Мешавад! Мешавад! Дер не, имрӯз ё фардо қасоси моро мегиранд».

Саидқул босмачӣ, гӯё ин суханҳоро шунавида бошад, бо нӯги мӯзааш ба сари Мирдодо, ки пеши пояш афтида буд, зада, «мемурдӣ-ку, лекин бо осонӣ ҷон надодӣ»гуфт.

— Сагбаччаҳо, — ғурунгос зад Холбӯта. — Касе бо думи шер бозӣ кунад, ҷазояш ҳамин.

— Ҳа, дарвоқеъ, ҷасади ин ҳаромиҳоро чӣ кор карДед?

— Ба ҷарии Куҳак партофтем. То пагоҳ зери барф монда мераванд. Баъд хӯроки гургҳо мешаванд.

— Кори оқилона, -таъриф кард Холбӯтта. — Ин каллаҳоро ҳам бурда ба ягон ҷарӣ партоед…

Соли 1921. Деҳаи Шаршара. Ҳавлии яке аз саркардаҳои босмачиён Қулӣ Бӯлус. Меҳмонхонаи ҳафтболораи дар таги дар будаи ӯ барои «меҳмонон» ороста шудааст. Қулӣ Бӯлус имшаб аз паи қасосгирӣ афтодааст. Ӯ бояд супориши сардораш Холбӯтаро иҷро кунад. Қулӣ Бӯлус ба хунукии шаби зимистон нигоҳ накарда, тоқати нишастан надорад. Ӯ мехоҳад, ки тезтар, бале, ҳар чӣ тезтар «меҳмонон»-ро ба ҳавлии худ қабул намояд.

— Чаро ин лаънатӣ дер кард? Ё ҳавлии онҳоро дар торикӣ наёфт? Сонӣ агар рафту ба гапи писарам бовар накунанд, кор расво мешавад. Ба Холбӯта чӣ ҷавоб медиҳам? Не, онҳо бояд биёянд. Охир, ба Қобилҷон бовариашон сахт-ку? Ӯро комсомол карданӣ. Э, аҳмақҳо, шири хом хӯрда набошед, бовар кардед, ки писари ман комсомол мешавад. Имшаб ба шумоён комсомол шуданро нишон медиҳам. Баъд як умр дар он дунё ба русҳои кофир хизмат мекунед.

Қӯлӣ Бӯлус ин фикрҳоро аз сар мегузаронд, ки якбора тақар-тақари наъли пои аспҳо шунавида шуд. Қули Бӯлус тез ба хона даромада аз пасаш дарро пӯшид. Ба ҳавлии сароймонанди ӯ панҷ нафар даромада

омаданд. Писари Қулӣ Бӯлус бо роҳи фиреб чор нафар комсомолонро ба «зиёфат» оварда буд.

— Канӣ, марҳаммат, -Қодир як дасташро сари сина гузоштаю дигареро сӯи меҳмонон дароз карда таклиф намуд. Мирзокалон, Рауф, Ҳоҷӣ, Мирдодо паси ҳам ба меҳмонхона даромаданд. Онҳо аз гирди сандалӣ ҷой гирифтанд. Барои ҳурмати соҳибҳавлӣ «қадам расид, бало нарасад» гӯён даст бардошта, омин ҳам карданд.

Ҳамин тавр дар як ҳавлӣ ду зот одамон ҷой гирифтанд: босмачиҳо Қулӣ Бӯлус, Аliқул. Азим дар хонаи дигар-пешгаҳи ҳавлӣ дудамаҳоро тез карда, соати хоббарии ҷавонони роҳи озодиро мепоиданд. Дар меҳмонхона бошад, комсомолони аввалини аз макри душман бехабар. Онҳо ҳар кадоме бист-бисту як сол доштанд.

— Чӣ тавр онҳоро гирифта овардӣ? -пурсид Қулӣ Бӯлус аз писараш ки ба чойдамкунӣ омада буд.

— Ман писари шумо-ку, наход гапро қаҳтӣ зада бошад. Имшаб Холбӯта ба ҳавлии ҳамсояамон Аliқул босмачӣ меомадааст. Албатта ӯ зиёфат хӯрда, саҳар ба роҳ мебарояд. Дар роҳ ӯро зиндалай дастгир мекунем гуфтам, бовар карданд.

— Қариб ту ҳам гург шудӣ, -Қулӣ Бӯлус писарашро таъриф карда монд. — Аммо эҳтиёт кун, модарат аз ниятамон хабардор нашавад. Занҳоро, писарам, худат медонӣ. Ман ҳам ба вай «писарат ҷӯраҳояшро зиёфат мекарда бошад, ман ҳам ҷӯра дорам» гуфта инҳоро гирифта овардам.

Чойники чой тамом шуд. Дере нагузашта косаи шӯрбо ҳам омад.

— Кам-кам барои иштӣ, -гуфт Қодир ба пиёлаҳои калон шароб рехта истода. Аз ангури боғи худамон. Падар тайёр карданду насибашон нагардид. Ҳама чизро партофта рафтанд.

Як пиёлаи аввал чанд пиёлаи дигарро такрор кунонд. Сӯҳбат тафсид. Нақшаи субҳидамро ҳар кӣ ҳар хел мекашиду барои барори кор боз пиёлаҳо холӣ мешуданд.

— Акнун бас, беҳтараш дастурхонро ғундор. Як соат, як соат дам гирем. Ҳар қадар барвақт ба роҳ бароем, ин муваффақияти кори мо. Мумкин Холбӯтта барвақттар равад.

— Мирдодо дуруст мегӯяд. Ҳозир бо ин кала ба кӯча баромада киро ҳам медорем. Баъд эҳтиёт кунед, хоб сахт бурда намонад, - гуфт Мирзокалон.

Қодир «хуб» гӯён рӯи хонаро холӣ кард ва болишту тӯшак гузошт. Чароғро паст кард. Хонаро торикӣ фаро гирифт. Ин торикии шаби зимистон буд ё ҳаёти шаҳидон. Оҳ, марг! Ин магар ту будӣ, ки ҳар замон дарро шириққос мезанондӣ ё шамоли каҳратун. Ё дасти хунхорҳо.Чароғ ҳар замон баланду паст мешуд. Гӯё вай аз чашмони девони сиёҳӣ ташнахун, аз сурати онҳо, ки паси дар меистоданд, чизеро пай бурда, ба ларза меомад. Ё чароғ ба онҳо мурочиат карда «нахобед, шуморо дар берун ҷаллодҳо интизоранд. Ба нағзиҳои гургбача Қодир фирефта нашавед. Кадом гургбача гург нашудааст, кадом гург хун нахӯрдааст» мегуфт. Афсӯс, сад афсӯс, ки чароғ забон надошт. Вагарна раҳми ӯ меомаду раҳми Қулӣ Бӯлус, Алиқул, Азим босмачӣ не. Онҳо ин чор танро дар хобашон гӯсфандвор сар заданд…

Модар, ки аз ҷунбиши рӯзона хаста гашта, дар хонаи дигар менишаст, аз рафту омади бисёри се нафар босмачӣ ба дилаш талвоса афтод. Ӯ дарро нимроғ намуда, сар ба берун бароварда чашмонаш ба ду-се нафар одамони дар таги дарвоза буда афтод. Онҳо чизеро аз меҳмонхона кашола карда мебароварданд. Модар кафшашро пӯшида берун рафт. Наздиктар омада, ба чашмонаш бовар накарда якбора дод гуфта фиристод.

— Вай рӯзам сиёҳ шуд, ин чӣ ваҳшигарӣ?! Сангдилони хунхор! Наход шумо ҳам фарзанд надошта бошед, ки… Не!

Модар хост боз ким-чиҳои дигар гӯяд, аммо як шартакии шавҳараш Қули Бӯлус даҳону биниашро хуншор гардонид. Ӯ ба кафи даст даҳонашро дошта, нимғурӯба-нимғурӯба писарашро дуо мекард:

— Илоҳим ҷувонимарг шав ту барин ҷӯрабоз. Додою бача мемурдед, ин қадар намесӯхтам…

Ҷарии Кӯҳак. Вай қариб сию панҷ метр баландӣ дорад. Дар назди он чор нафар истодаанд. Се нафар намояндаи ревком ва писари Қулӣ Бӯлус Қодир. Ӯ баъди пурсишҳои зиёд ба гуноҳаш иқрор шудааст. Панҷ-шаш метр дуртар аз онҳо аробаи дуаспа меистод. Барфи калон-калон борида истодаи нисфирӯзӣ аз мулоимии ҳаво об мешуд.

— Кӣ ба сой мефурояд? - пурсид Рижков, ки роҳбари сенафара буд.

— Ман, -ҷавоб дод марди миёнақади ришрасида Ҳоҷиев.

— Не, ту намефароӣ, худаш мефарояд. — Ба Қодир ишора намуд. — Худаш бояд фарояд. Вай ҷояшро нағзтар медонад…

Ҳоҷиев як нӯги ресмонро ба миёни Қодир баст. — Канӣ пеш-пеш шав, — гуфта ӯро лаби ҷар оварданд. Қодир тарсида-тарсида ба сой фаромад. Сои Кӯҳак дар рӯзҳои боронгарии аввали баҳор рӯи обро мебинад. Ҳоло бошад, онҷоро барфи аз баландиҳо рӯфта омадаи шамол пӯшидааст.

Қодир то зону ба барф ғӯтид. Дили ӯро ваҳм зер кард. Супориш мушкил. Чор танро ёфта, ба ресмон баста, ба боло додан даркор. Аммо ҷасадҳо номаълум. Оё Қодир ҷои дишабаро дуруст нишон дод? Ҷасадҳоро магар ба ҳамин ҷо партофта буданд?

— Ба хаёлам дуруст барин. Аз дарахти дӯлона поёнтар буд. — Қодир гиреҳи ресмонро аз миёнаш кушода поёну боло рафта омад. Чашмонашро пӯшидаю кушода дурусттар ба замин нигарист. Нохост ӯ чизеро ҳис кард. Қодир ҳашт-даҳ метр дуртар ҳар ҷо-ҳар ҷо барфтӯдаҳоро дид.

— Дар таги ҳаминҳо будагист, -аз дил гузаронд ӯ ва дудаста ба кофтан сар кард. Барфтӯдаи аввалро каме накофта, нӯги панҷааш ба латае расида дилаш шуввӣ карда монд. Баданаш аз салавоти ҷасад шип-шилта арақ кард. Қодир ҷасадҳоро аз таги барф кофта ёфт. Хуни гардан ист карда, сип-сиёҳ гашта буд. Дасту по, тан ҳама чӯб барин шах шудааст. Қодир ҳам аз тарс ва ҳам аз хунукӣ дарақ-дарақ меларзид.

— Тезтар, -шунавида шуд аз боло овози Рижков.

— Агар донам, ки ту лаънатии кофир маро ин қадар азоб медиҳӣ, асло дар хонаамон намеистодам, -гуфт Қодир дар дилаш. — Ҳамроҳи падару навкарони Холбӯтта мерафтам.

Қодир ресмонро аз пой ва тани ҷасади Мирдодо, ки ӯро танҳо аз қади дарозу харобаш шинохтан мумкин буд, баста:

— Ҳа, -гуфт.

— Оҳиста-оҳиста, баробар ҳар ду тарафро кашед, — маслиҳат медод Рижков. Ҳамин тавр чор ҷасади бесар ба болои ҷарӣ баромад. Чор тан. Тани чор ҷавоне, ки аз сад гул як гулашон нашукуфтааст.

— Эй, фарзанди инсон! Дар дунё раҳму шафқат ҳаст ё не? Ин чӣ бедодгарӣ! Наход инсонро гӯсфандвор сар зананд!? Як нафар не, балки… чор нафар. Даҳшат. Ин рафтори ташнахунҳоро на танҳо авлоди одам, балки худо ҳам намебахшад…

Се нафар намояндаи ревком ашк аз дида рехта, онҳоро болои ароба гузоштанд. Дуртар аз онҳо Қодир мисли рӯбоҳи аз шикор маҳрумгашта истода, бо қираи чашмаш ба рафтори ин се нафар менигарист ва худ ба худ «азобатонро кашед, шумоён ҳам рӯзе аз инҳо бадтар мешавед» мегуфт.

Дар ҳамин асно садои тир баланд шуд ва Қодир сари синаашро дошта ба замин афтид. Тир аз камони Ҳоҷиев баромада буд.

— Аҳмақ, -гуфт Рижков сӯи Ҳоҷиев таҳдид карда, -чаро паррондӣ? Вай ҳоло ба мо бисёр даркор мешуд.

— Тоқат карда натавонистам, бовар кунед, тоқат…

Ароба ба ҳаракат даромад.Ғич-ғичи чархҳои он гӯё шаҳидонро алла мегуфт, ки бароҳат «хоб» карда буданд. Ё марсияи модарон буд, ки се нафар намояндаи ревком ашки мотам мерехтанд…

# М У Н Д А Р И Ҷ А

## *ҚИССАҲО*

Зиндаятим ............................................................ 3
Зани аскар. ...........................................................29
Хонаи умед .........................................................101

## *ҲИКОЯҲО*

Падарзада ...........................................................180
Қиссаи модари девона .......................................188
Маро одам кардӣ, Соҳиба ...............................208
Меҳри аввал.......................................................214
Мӯйсафедон.......................................................218
Меҳмони нав муборак .......................................224
Писарам, кассир шав.........................................228
Садоқат ..............................................................232
Розӣ шав, модар ................................................236
Насиба................................................................238
Шабонгаҳи деҳа ................................................242
Чор тани бесар ..................................................249

***Неъмат Бобоҷон***

# ЗИНДАЯТИМ

*(Қисса ва ҳикояҳо)*


| | |
|---|---|
| Муҳаррири ороиш | ***А. Муҳаммадиев*** |
| Муҳаррири саҳифабанд | ***М. Саидова*** |
| Мусаҳҳеҳ | ***Ш. Сангинмуродов*** |
| Муҳаррири техникӣ | ***А. Мираҳмадов*** |
| Тарроҳ | ***Ф. Раҳимов*** |

Ба матбаа 12.04.2005 супорида шуд. Ба чопаш 26.05.2005 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 84x108$^{1}/_{32}$. Ҷузъи чопии шартӣ 8,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 8,0. Адади нашр 500 нусха. Супориши №38/05.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «ЭҶОД» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejodfir@mail.ru.